Аб. 0510



Радий Фиш

# Ҷалолиддини Румӣ

РӮЗГОРИ ОДАМОНИ НАҶИБ

**Радий ФИШ**

# ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ

***РОМАН***

***Тарҷумаи Назрулло Икром ва Ҷӯеи Самарқандӣ***

**ДУШАНБЕ**
**"АДИБ"**
**2007**

ББК - 84 русӣ 7 - 4
Ф - 22

*Ин китоб бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба табъ расидааст*

Муҳаррирон *Ю. Аҳмадзода ва Ш. Ҷумъаев*
Мусаввир *У. Ашӯров*

Ф - 22 **Радий Фиш.** Ҷалолиддини Румӣ, (роман).
"Адиб", Душанбе, 2007. 272 саҳ.

Мутафаккири бузург Ҷалолиддини Румӣ, ки дар рушди фарҳанги ҷаҳон мақоми барҷаста дорад, рӯзгори басо ибратангезеро аз сар гузаронидааст. Адиби номдор Радий Фиш саргузашти ин шоири оламгир, фикру андеша, набарду талошҳои маънавӣ ва орзую ормонҳои ботинии ӯро бағоят ҷолиб ба қалам додааст.

Китоб ба ифтихори 800-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ба табъ мерасад.

ISBN 978-99947-32-66-1

Государственная респуб. б-ка Тад.ССР им. А. Фирдоуси

© Радий Фиш, 2007

## БОБИ I

## НАҶОТ

***Ба ҳузури ман бо ниятатон биёед,***
***на бо аъмолатон.***

Ибни Таймия

## БАЧАИ РӮИ БОМ

Дар дашту ҳомун, гирду атрофи шаҳри Балх қариби ғуруб хуршеди арғувонии зимистон ба муқобили боди сард қиём менамуд.

Ҷалолиддин болои боми хокпӯш дастонашро ба остини фараҷи васеъ ва то буҷулаки пой дарозаш андохта, ду оринҷашро бо ду кафаш дошта, ба қофилаи одамон, ки мӯрчаосо, ба қавли доноён, ду ҳазор сол ҳамчунин омадшуд доштаанд, назора менамуд. Шаҳри Балх борҳо бо дасти ғосибон ба хок яксон шуда, аз бун барканда гаштааст, вале ҳоло чуноне буд, ҳамон тавр пуршӯр, гуногунзабон ва боҳашамат қомат афрохтааст.

Ҳиндувон – кохи амир аз пушти бомҳои хокпӯш, гармобаҳо, мадорису хонақоҳҳо, гумбазҳои мусалсал, ки чорсуҳо бурида мегузаштанд, боло, аммо манораи масҷиди ҷомеъ аз он низ болотар сар ба фалак кашида.

Корезҳо, ки аз наҳри Балхоб ғизоъ мегирифтанд, оби ғализи мисранг доштанд ва миёни бӯстонҳои сершоху барг даромада нопадид мегаштанду дубора дар назди бораи шаҳр пайдо шуда, дар ҷӯйборҳо нағмахонон равон, замини

сурххоки рустоҳои атрофро шодоб месохтанд.

Ҷуфти гузарҳои муҷовир то бораи шаҳр ба чашм аён буд. Дӯкондорон дӯконҳояшонро мебастанд. Мӯҳтасиб, ки ӯра асас мурофиқат менамуд, аз растае ба дигараш гузашта, муроқиба мекард, ки тиҷорат мувофиқи фармуди пайғамбар ҳаст, ё на. Дар кӯраи камонсозон оташ аланга мезад, дар растаҳои мисгарон, заргарон танини маъдан фурӯ менишаст, дар маҳаллоти аробаю гаҳвораю сандуқсозон гурсгурси путкҳо хомӯш мегашт. Аз кӯчаи дурдаст ва камодам садои суми аспони сипоҳиёни турк, ки посбонони ҳафт дарвозаи шаҳрро иваз мекарданд, ба гӯш мерасид.

Бача дар болои бом аз сармо ба худ печид ва пушт ба бод гардонд. Бурҷи аз хишти хом бардоштаи дарвозаи Навбаҳор дар шафақи офтоби мағриб гулханосо медурахшид: чуноне имрӯз падари ӯ дар масҷиди ҷомеъ башорат дод, мебоист ҳамин дарвозаҳо зарбаи нахустро дучор мегаштанд.

Ҳафтаҳое, аз бозе ки манзили падар ва боғу токзорони маҳри модар ба байъ монда шуд, мудом издиҳом ба ҳавлӣ даробаро мекарданд. Насибахонум, дояи падар, дар ҳавлии дарун, азбаски қиблагоҳ наҳвагариро қатъан манъ намуд, сиришкашро хомӯшона фурӯ хӯрда, гилему бурёҳо, болишту саҷҷодаҳоро рахт мебаст, лаълиҳои биринҷӣ, тос, кӯза ва шамъдонҳоро сомон менамуд. Толибилмон ва муридони падар бо бозоргонон харидуфурӯш менамуданд, сорбонону қофилаҳоро киро мекарданд. Авзоъ пурташвиш буд – таку дави зиёд ва дар ҳамчунин вақт фаши сайидон, ки худро аз авлоди пайғамбар метарошанд, боли чӯҷабаракввор сабз ҷило медоданд. Сайидбурҳониддин, халифаи падар, марди аспрӯй, болобаланд ва лоғар, ки барҳақ ба паррандаи лошахӯре монанд буд, вақте кутуби осмониро қироат мекард, ё худ оёт тиловат менамуд, андарзи падарашро мешунид, ё фарзандонашро таълим медод, - ҳамаи ин корҳоро бо ҷидду ҷаҳди тамом ба сомон мерасонд.

Қиблагоҳ худ китобҳоро сара мекард: маҷмӯи ҳадисҳо аз

сират ва кирдори пайғамбар, муҷалладоти осори фуқаҳо, девони Мутанаббӣ, Саноӣ, Аттор ва расоили алломаҳо Ғазолию ал-Хоразмӣ, ки бо хати настаълиқ, бо дасти хаттотони Балх – уммулмадоини Хуросон, Ҳирот, Хоразм, Самарқанду Нишопур, Табрезу Димишқ Наҷаф, алқисса дар кулли оламиi тамаддуни муслимин тансих гаштаанд. Фарҳанги дар ҷилдҳои чарму чӯб ва заринмуқоваҳо фароҳам омада, ки ба чандин насли воизон ва уламои Балх тааллуқ доштанд ва аз авлод ба авлоде ирс мондааст, аз рафидаи кафи дасти дорчинранги ӯ мегузашт.

Сайидбурҳониддин рафи китобҳоро бо эъзоз бағал зада, ба ҳавлича мебурду андаруни сардоба, дар рӯи намади густурда мегузошт.

Аввал зери маҷнунбеди лаби сардоба китобҳоро ба пӯсти хом мепечонданд, ки аз селобаҳои кӯҳсор, агар пеш оянд, гузаштан аз рутубат ва ё гармсери биёбонҳо авроқаш осеб набинад. Бӯғчаҳои чоргӯшаи китобҳои ба сони дарзаҳои пахта, вале чор баробар аз он сангинтар, даҳ уштурро бор буд, бо вуҷуди ин падар китоб сара мекард.

Ҷалолиддин бо бародар аз дунболи Сайид меомаданд ва диданд, ки дар пеши падар китобе боз ва он китоб ба лавҳ гузоштаю бузургвор мар онро гӯё мусҳаф бошад, саҷда овардааст, варақҳоро бо эҳтирому навозишкорона сафҳа мезанад, лабонаш оҳиста меҷунбанд, ҳамчунон сарашро алвонҷ медиҳаду чашмонаш ба девор дӯхта шуда.

Сайидбурҳониддин бидуни калом пирашро идрок менамуд, ё ки ҳамаи суханон замоне гуфта шуда буданд, чунки дер боз дар ҳуҷраи ӯ лӯлакоғази мӯҳрзада – иҷоза маҳфуз буд. Иҷоза гувоҳӣ буд, ки худовандаш ҷамеъи талқиноти устодашро азбар намуда ва аз ин оин ба ҳар кор тавоност, равост ҳақиқатро ба дигарон тафсир намояд. Вай аз дур, аз рӯи хати комилҳусни настаълиқ, ки бо давоти қатрон ва дар таги баъзе калимот марҷонвор нуқот гузошта, яъне он калимот маънои воло доранд, ва мардонро эҳтироми хоса

зоҳир гардад, китобро шинохт. Он тафсири оёти пурэъҷози Қуръон буд, ки ба хомаи Наҷмиддини Кубро, мулаққаб ба Шайхи Валитарош тааллуқ дошт.

Замоне ин пирамарди боҳашамат, ки кунун дар ҳузури лавҳ саҷда задааст, Наҷмиддини Куброро дар Хоразм зиёрат намуд, хоки остонашро бӯсид ва ӯро мурид гашта дер напоид, ки ба лӯлакоғазе, ки худ ба Сайид тақдим намудааст, мушарраф гардад. Ҳоли ӯ аз пираш садҳо фарсах дур буд ва пеши суханони вай рӯи ниёз оварда, ғойибона бо ӯ падруд мегуфт, зоҳиран маъзарат мепурсид, чунки медонист, чуноне ӯ кунун иқдом кардааст, ки зодгоҳашро тарк кунад, ин амалро шайх ҳаргиз нахоҳад кард.

Дили Сайид ба устодаш Баҳовадди Валади пир аз тараҳҳум заъф зад.

Ҷалолиддин дар овони охир ҳолати сурури музтариболудаp аз сар мегузаронд, ки ба риҳлати дурудароз мебарояд, мамолики ноошно, шаҳр ва салтанатҳоро мебинад, аз ҳамин хотир саҷдаи падар, ки ба ҷуз ба парвардигор, ба касею чизе сар фуруд намеовард, ба дилаш коргар нашуд.

Ҳанӯз писари дувоздаҳсола талхии ғурбатро начашида буд.

Алҳол танҳо дар болои боми падар истода шаҳри ба шафақи мағриб гулханосо ғарқро медид ва дар дилаш андӯҳи сӯзони ноошное нуфуз менамуд.

Аз манори масҷиди ҷомеъ боз садои азони падарро, ки аз ғазаб ғулғула меандохт, шунид:

- Ё аюҳалқозии Вахш, эй осиён, ки аз асари Фахриддини Розӣ гумроҳ шудаед! Аё Хоразмшоҳ Муҳаммад! Ба самъатон расад, ки шуморо ҷаҳолати ин олами фонӣ ба ғафлат андохтааст. Равони худкомӣ шуморо ба доми бепарвоию носипосӣ мубтало гардондааст. Ғафлат мабдаи аъмоли шарр аст. Бубин, сарчашмаи ҷаҳолат, ки хирадҳоро тира гардондааст, сароб аст ва ҳавою ҳаваси сӯфиён дар куҷо! Шумо бехирадед ва аз ҳамин иллат дар мулки шумо худкомӣ

мутлақ шудааст. Овардаанд, ки андар мулки худкомҳо шайтони раҷим маъво гирифтааст.

Падар дар аснои салоти одина чунин ваъид дод. Издиҳом аз таҳдиди фақеҳи шаҳр ба даҳшат омада, сар фуруд овард ва ёрои чашм бардоштан надошт. Қозии шаҳрро, ки аз номи шариат амру наҳӣ мекунад, ҳамчунин Розиро бидъаткор хондан! Гузашта аз он худи Хоразмшоҳро, ки пуриқтидортарин шоҳи мусулмонон ба ҳисоб мерафт, бо онҳо дар як радиф гузоштан. На ҳар як фарде ба чунин амр икдом менамояд!

## ХОРАЗМШОҲ, УЛАМО ВА СӮФИЁН

Ҳама медонистанд, ки киноя аз «рӯҳи худбини» Баҳоваддин Валад чист. Хоразмшоҳ Муҳаммад беэҳтиёт ва худписанд буд. Вай хештанро ҳомии мӯъминони рӯи Замин хонда, Балхро он сон зери боҷу хироҷ гузошт, ки бо боҷу хироҷи гузашта сабқат надошт. Пайваста ҳарб менамуд, салотинро яке паси дигар маҳв месохт, вале балвою қиёмҳои дохил ва тафриқа андар мулкро сомон намуда наметавонист.

Балх дар чорсӯи олами тиҷорат воқеъ буд. Бо ин ҷода корвонҳо аз Чину Мочин ба Шому Маккаи мукаррама ва Миср, аз Ҳиндустон ба Тибету кишвари сардсери русҳо, аз Бухорою Самарқанд ба мамолики қайсари кофирн лаини Рум ва фарангиён мурур менамуданд. Ҷангу талошҳо ва роҳзаниҳо, инчунин куфрони неъмати аҳли дарбор ду шӯъба-ҳирфа ва тиҷоратро, ки муттакои рафоҳияти Балх буд, аз миён бурд. Замоне буд, ки ихвонуссафо дар маҳофилашон, ки дар корвонсароҳо баргузор мешуд ва андар он аҳли ҳунар гирд меомаданд, ҳуккомро таънаю дашном мехонданд.

Риҷоли дин низ нороҳат буданд. Рӯзмарра ҳазорон дарвеш дар растаю бозорҳо, матъаму масҷидҳо ва корвонсароҳо кашкӯл дар даст мегаштанд, вале ба нудрат

дирҳаме дар он занг мезад. Масдари ризқи мударрисони мадорис, ки илоҳиёт ва шариат ба толибилмон меомӯхтанд, хушк гашт. Мардуми саховатманд, ки василаи ризқи хонақоҳу дарвешон ва шайхони он буданд, муфлис гаштанд.

Зимнан, уламоро махраҷе буд – эшон ба хидмати шоҳ камар бастанд, ки ба мансаби сердаромади қозӣ ё муфтӣ ноил гарданд, бо ҳукму фатво аъмоли шоҳро солеҳ шуморанд. Лекин ҳама мисли қозии Вахш ва Фахриддини Розӣ равони поки худро ба ивази музд фурӯхта, ба зарари мӯъминон ҳукм содир наменамуд, абулҳавасиҳои султонро мисли Розӣ мубоҳ намешумурд. Уламо мебояд на ба хидмати салотин, ки тахташон буду шуд лаҳзаест, бал ба хидмати эзиди яздон ва яккаю ягонаи ҷовидон камар банданд, ки калимаи шаҳодатро ба коми онҳо гузоштааст. Аслан Баҳоваддин инро аз таҷрибааш медонист, ки барояш ваҳйи осмонӣ нозил шуда буд.

Моҳи муҳаррами рамазон буд. Баъд аз риёзати тӯлонӣ, таъзиби рӯҳи хеш ӯ ганаб рафт. Ҳамон шаб хоб дид. Дар рӯъё дид, ки худи Муҳаммад пайғамбар амри маъруф донист, ки минбаъд ӯро Султонулуламо хонанд... ӯ китоби «Маориф», ҳосили умрашро бо тахаллуси мазкур тасниф намуд.

Қозии Вахш ва Зайниддин Форозӣ ба ин амр розӣ нашуданд. Рақибон исрор менамуданд, ки ин ному тахаллус аз таълифоти Баҳоваддин Валад сутурда гардад. Шайх Марвазӣ инсони бошараф буд, бо савганд шаҳодат дод, ки вай низ дар хоб дид, ки нури муҷаллои ҳақтаоло дар руъёяш падид омад ва фармуд, ки Баҳоваддин Валадро бо ҳамон лақаб хитоб намоянд. Албатта вай фақеҳи маъруф буд, вале дар Хуросон уламое аз ӯ мӯътабартар ҳастанд. Илова бар он нури ақли вай мисли нигоҳи аспи ҷувоз кӯтоҳ-зоҳирбин, ба ботини ҳақиқат ғӯта намехӯрад, ашхоси мӯътабарро ба ҷурми беимонӣ гунаҳкор ҳукм менамояд, натиҷаҳои илму фарҳангро ба ақидаҳои куҳан омезиш дода чунон суханоне мегӯяд, ки гӯши даҳр нашунидааст.

«Аз гайб ба як бор ду ишора меояд, вале эшон амин нестанд? Магар ин куфр нест, қабоҳат нест? Ин нонрезачинони фалсафаи Юнон, ин навҷӯёни навбаромад саъй доранд, ки ҳақиқатеро, ки бо қудрати ҳақтаоло ошкор мешавад, ба кӯмаки ақлу тафаккур банданд! Мавҷудияти парвардигорро мантиқан бо далелҳо исбот мекунанд. Ҷамеъи ин кирдукор ва фалсафафурӯшӣ баҳри он аст, ки аъмоли Муҳаммад Хоразмшоҳро, ки нони ҳароми ӯро хӯрдаанд, раво донанд».

Баҳоваддин Валад ба солеҳ будани худ муътакид буд ва чунин мепиндошт.

Эҳтимол хонандаи мӯҳтарам пас аз ҳафтсаду панҷоҳ сол тамасхур занад, ки «бубин, боиси баҳс чӣ будааст?» ва Баҳоваддин Валадро амсоли як мактаббачаи имрӯза мутаассиб шуморад. Бале, Баҳоваддин дар эътиқоди хеш мутаассиб буд. Шахсе ки ҳама гуна илму фарҳанги асри хеш нуҷум, кимиё, ҳандасаю шариат, таъриху сарфу наҳвро аз бар карда, аз «Ал-Қонун»-и Бӯалӣ ва ғояти Афлотун, назарияи сӯфиёни даҳрӣ огоҳ дар радифи аксари уламои аҳди хеш мӯътакид будааст, ки ақл муҳимтарин муаммоҳоро ҳал карда наметавонад. Зеро ақлу хиради он замон дар ҳалли машокили мазкур оҷиз буд. Уламои рақиби ӯ андаке тарзи дигар муҳокима меронданд. Онҳо аз фалсафаи Арасту ва асҳоби вай бархурдор гашта, ба далелҳои мантиқ рӯй оварда буданд, ақоиди кӯҳнаро бо замони хеш мутобиқ месохтанд. Шояд ин иқдом дар ниҳояти амр аз занҷирбанд озод сохтани тафаккур хидмат менамуд. Бале, дар ниҳояти амр. Аммо он озодии ночизе, ки онҳо ноил шуданд, филфавр дар тасбити зулм ва ба авҷи аъло расондани истибдод кӯмак кард.

Ба фармуди Фридрих Энгелс аглаби омма воҷиботи хешро дар малобиси илоҳиёт баён доштаанд. Вале аз самараи афкори толибони ҳурият қабл аз ҳама золимон комрон шудаанд.

Ба вижа Хоразмшоҳ Муҳаммад, ки аз фарти ғурур хештанро сояи парвардигор дар рӯи замин тарошид ва

фармон дод, ки ин оятро дар дили мӯҳри шоҳаншоҳӣ сикка зананд, дар дил муқаррар намуд, ки шуюхро дарси ибрат хоҳад дод, онон аз нуфузашон ба аҳли савод истифода намуда, бо онҳо ҳамдаст гашта ҳокимияти ӯро заиф мекунанд. Шоҳ хашму ғазабашро ба сари сӯфию шоири шаҳир шайх Маҷдиддини Бағдодӣ фурӯ рехт.

Баҳоваддин ва Бағдодӣ беш аз ихвонуссафо қаробат доштанд. Онҳо дар хонақо аз шайх Наҷмиддин Кубро муштарак сабақ омӯхта буданд. Шайх, ҳарчи ҳаёт дар сафҳаи замири ин ду навишта буд, билкул зудуда, андар он иродати хешро фарз намуд. Ва замоне рӯҳн эшон ранги баёзи Самарқандро гирифт, шайх навиштаҷоти худро ворид сохт, ки дигару дубора ҳеҷ чиз онҳоро аз ҷодаи Ҳақиқат бурун наорад, мар равони эшонро бо риёзат ва ҷасорати худгудозӣ обу тоб дод. Ҳардувон дар муддати ночизе ба иҷоза - дастури муршид дар ин тариқат сазовор гаштанд.

Шайх дар сиришти он ду тафовути афзунро дарёфт ва бад-ин сурат онҳоро бо маслакҳои гуногун ҳидоят кард. Ситези Баҳоваддин ва қасоваташ мавзун меомад. Ин сират ва фарҳанги фарохно имконпазир буд, ки вай на танҳо шайхурраиси сӯфия, бал орифи шариат ва дар масоили амру наҳй мӯътабар гардад.

Аммо Бағдодӣ ба гояте бехудона ба ботини худ ғарқ буд, ба гояте, саҳеҳтараш, аз ҳади эътидол беш ҷазба дошт ва ӯ тариқати шоирони сӯфиро пеш гирифт.

Ба ривояте саромади сӯфиёни Хуросон муҳоҷири араб Иброҳим ибни Аҳмад будааст, ки чаҳорсад сол қабл аз Хоразмшоҳ Муҳаммад, зимоми ҳукми Балхро дар ӯҳда доштааст:

«Ибтидои ҳоли ӯ чунин буд, - омадааст дар ривоят, - ки ӯ подшоҳи Балх буд... Саросема дар саҳро мегашт. Дар он саросемагӣ... оҳуе падид омад. Хештанро машғул бад-он кард. Оҳу бад-ӯ ба сухан омад, ки «Туро аз барои ин кор офаридаанд, ки мекунӣ?» Парешон ба қаср барғашт. Ними

шаб сақфи хона бичунбид, чунонки касе бар бом меравад. Овоз дод, ки Кист?» Гуфт: «Ошност. Уштуре гум кардаам. Бар ин бом талаб мекунам». Гуфт: «Эй ҷоҳил, уштур бар бом меҷӯӣ?» Гуфт: «Эй ғофил, ту Худойро дар ҷомаи атлас хуфта бар тахти зарин металабӣ?»

Аз ин сухан ҳайбате бар дили ӯ омад ва пинҳон либосашро ба хирқа табдил намуд, рӯзи дигар аз кох ғайб зад, дарвеши саргардон шуд, тақворо пеш гирифт, шабу рӯз бо тоату ибодат машғул мешуд. Андар биёбон хор мечид ва ҳар рӯз онро бозор оварда мефурӯхту қути лоямут менамуд.

Бо ҳамин васила гӯё шоҳ Иброҳим, баъдан шайхи аъзам Иброҳими Балхӣ тариқатеро мусаммо ба тасаввуф поя гузошт.

Мо бо далолат воқиф нестем, ки барҳақ Иброҳими Адҳам султони Балх буд, ё на. Дар таърих ҳамчунин шахсе зистааст, низ маҷҳул. Вале илм собит намуд, ки тариқати тасаввуф дар аҳди дини Ислом зуҳур намудааст, бо такя ба эътирози аҳли саводи шаҳрҳо алайҳи ҳаёти ҷорӣ, зулми иқтоӣ, табақот ва давлат ба маҳрумиятҳо дучор сохтани шахсро баён медорад. Ин эътироз мабнӣ бар тазодди ақоиди оини Ислом буд, ки мӯъминро бародари мӯъмин мехонад ва дар айни ҳол аз номи ҳамин дин ҳокимон фароизи риҷоли динро дастак намуда, зулмро раво медоранд. Дар афсонаи Иброҳими Балхӣ низ он садо медиҳад: садои ҳайвонот дар ин афсона ва низ сӯҳбати ашбоҳ садои бесамари рӯҳи инсон аст.

Зоҳидони мӯъмин дар муҳит нерӯеро надиданд, ки қазоро мувофиқи қонуни адолат дигар намояд, хирқаи пашмини дурушт (калимаи суфи тозӣ ба порсӣ пашм аст) дар бар намуда, худро ба саҳро заданд, дар хонақоҳҳо узлат баргузиданд, сар ба ҷайби тафаккур фурӯ бурданд, ки кайфияти ниҳоди инсон ва парвардигорро дарёбанд. Зуҳҳоди пашминапӯш таълимоти ахлоқии худро аз мафҳуми ҳарому ҳалоли қуръонӣ бурун кашидаанд. Ҳар неъмате, ки аз султон восил мешуд, азбас беранҷ ва ё худ бо таҷовуз ба каф омадааст,

мутлақо ҳаром шумурда мешуд. Марди бомурувvате ҳатто мурғеро, ки аз боми ҳамсоя ва он ҳамсоя сипоҳии амир буд, дона чидааст, ҳаром хонд. Бархе аз сӯфиёни мутаққи-хайру садақаро нораво шумориданд, зеро бо ранҷу заҳмати дигарон ноил шудааст. Хори биёбону оби сарчашма гапи дигар. Ҳарду ҳақи кас нест. Ва танҳо пас аз ҷамъ намудану овардан арзиш пайдо мекунад. Дар айни ҳол шахси дигарро фиреб накардаӣ.

Сӯфиён ҳадиси маъруфи «ҳар кас худро шиносад, Худоро шиносад»-ро тафсири хосса дода, ҳаёти маънавие, ки баҳри сарфароз шудан ба «саодат» лузум дошт, таъсис намуданд. Ишқи илоҳиро василаи кашфи асрор хонда, низоми фалсафаи мураккабе ба миён ғузоштанд, ки таҷрибаи худро исбот созанд. Билохира эшон тағаззул - шеъри орифона, ки дар ривоҷи адаби олам таъсири босазо расондаасту минбаъд низ кора хоҳад шуд, офариданд.

Тариқати тасаввуф то аҳди Султонулуламо марҳилаи чандинасраро тай намуд ва неруи муназзаме касб кард. Сӯфиён бераҳмона аркони динро фош мегуфтанд, муқобили тасарруфи ҳаёти маънавии фард андар тахтабасти қавонини дақиқи давлат ва урфу одоти бегонагон қиём карданд, минҷумла фармуданд, ки пайванди инсон ва парвардигор иродати ҳар фард асту бас.

Агар зоҳири эътирозӣ тасаввуф мусоидат кард, ки дохили низоми иқтоиро такмил диҳад, баҳри тавлиди тасаввуф замина фароҳам оварад, бо мурури замон рӯҳи инсонро тасхир намуда, дубора манфиати табақаи ҳуккомро бардошт.

Собиқан парҳезгорон лоақал пораи нонеро аз ҳокимон намепазируфтанд. Аммо маслиҳату машварати ононро яке аз фарзияҳои худ қарор доданд. Маҷдиддини Багдодӣ дар пайравии ин зумра ният дошт Хоразмшоҳ Муҳаммадро панд гӯяд ва ин иқдом сарашро ба фано бурд.

Ягона нерӯе, ки ба муқобили иродати Хоразмшоҳ меистод, лашкари турконаи ӯ буд. Модари Хоразмшоҳ Турконхотун зани фозила ва матин, духтари сарвари қабилаи

кӯчиён, раёсати ҳизберо ба ӯҳда дошт ва мекӯшид зимоми ҳукми шоҳро ба манфиати туркзодагони доро маҳдуд намояд. Дар муддати сафарҳои шоҳ модар Хоразмро идора мекард ва шунида буд, ки шайх Маҷдиддин Бағдодӣ мӯътабар аст ва аввомуннос мар ӯро басо мӯҳтарам медоранд, ба дарбораш хонд. Ӯ аз ҷозиба ва хиради шеъри Маҷдиддин ба ваҷд омад, шоирро мурид гашт ва ҳатто дар маҷлисе, ки дар хонақо ороста мешуд, ширкат меварзид.

Маҷдиддин ҳам худ дар дарбор пайдо гашт. Вай бо хонуми туркзода дар хусуси тавҳид бо Худованд мусоҳиба орост. Агар ба дигарон зулм нанамоӣ, ба ишқи илоҳӣ ноил мегардӣ, таъкид менамуд ӯ ва: «макунед корҳое зиштро, ки дар назди Худои барҳақ, ки мудом нозир аст, дар хиҷолат монед». Хулоса, вай маликаро ба роҳи тақво мебурд ва ният дошт, ки бо ҳамин васила ба писараш низ таъсир намояд.

Пас аз яке мусоҳибаҳои парҳезгорона ҷосусе, (дарбор аз ҷосус пур буд), ба самъи шоҳ расонд, ки аслан ишқе, ки шайх тараннум мекунад, ишқи осмонӣ не, балки заминӣ аст, ҳол он ки Туркохотун абера дошт.

Муҳаммад Хоразмшоҳ фармуд, ки шайхро эъдом намоянд. Сари Маҷдиддини Бағдодиро буриданд ва танашро ба оби Ому афканданд.

Шоҳ риҷоли динро дарси ибрат дода, пиндошт, ки кунун фурсати гуворое даст додааст ба худи амирулмӯъминин, ки худро аз насли расул, халифаи пайғамбар ва сарвари кулли мусулмонон мехонад, ҳамла оварад. Ӯ ба Бағдод расул фиристода дархост, ки на танҳо дар Балху Нишобуру Марви шоҳи Ҷаҳон ва шаҳрҳои дигари Хуросон, балки дар масоҷиди Бағдод ҳам хутба - савганди садоқат ба исми Хоразмшоҳ тиловат шавад, на ба номи Носир. Мувофиқи талаби мазкур мебоист Носир аз хилофат даст мекашид, онро ба Хоразмшоҳ, ки амсоли салотини дигари хилофат мар ӯро байъат овардааст, арзонӣ медошт. Халифа чунин дархостро рад намуд. Муҳаммад аз фуқаҳои маъруф тақозо кард ба

амирулмӯъминин фатвои шаръӣ дода шавад, ки ҷиҳод оғоз намуда дар ин ғазавот ҷон фидо сохта, халифаро аз тахт нозил созад, чунки номбурда қасди ҳалоки ӯ дорад. Парҳезгорон сабақи Бағдодиро ба зеҳн оварда, бо дили садреш ичборан фатво доданд. Ва шоҳ имкон пайдо кард, ки муқобили халифа лашкар кашад.

Тобистони соли дигар бар шаҳри Утрор, ки дар ҷузъи ховари салтанати Хоразмшоҳ буд, корвони бозаргонони Чингизхон омад. Ҳайати тиҷоратро чаҳор савдогари муғул ва чаҳорсаду панҷоҳ мусулмон ташкил мекард. Қофила мӯҳтавии панҷсад уштур буд ва матоаш мушк, пӯсти санҷоб, самур, садаф, ҳаҷари нефрит, пораҳои яшм, инчунин тилло, нуқра, шоҳӣ-аз ғаниматҳои футуҳоти анқариб дар Чин ба даст овардаи Чингизхон. Корвони бозаргонӣ, ки баъд аз қудуми расулон расид ва аз номи Чингизхон Хоразмшоҳро таклифи сулҳ ва тиҷорати минбаъда намуд, шояд оғози мубодилаи дутарафа муфиди байни давлатҳо мегашт.

Аммо Муҳаммад, ки даъвои бузургманишӣ дошт, амр дод, ки тоҷиронро ба расми ҷосусон боздошт кунанд. Шабона он чаҳорсаду панҷоҳ бозаргонро сар бурид, волии Утрор колои корвонро ба ҳазрати шоҳ фиристод, шоҳ онро ба тоҷирони Самарқанду Бухоро фурӯхт ва пулро худ соҳибӣ намуд. Аз қофиласолорон танҳо нафаре солим монду бас. Ва ӯ ин пайғоми шумро ба Чингизхон бурд.

Султони муғул бо андешаи он ки одатан ҳукком абӯҷаҳланд, дубора ба ҳазрати Хоразмшоҳ расул фиристод. Мар ӯро дар қасоват накӯҳиш кард, талаб намуд, ки волии Утрорро хунбаҳо ба ӯ ирсол дорад. Шоҳ амр дод, ки сарвари расулонро эъдом намуда, ду нафарро риш бурида, бозпас фиристанд.

Куфрони секарата – эъдоми шайх, лашкар кашидан муқобили халифа ва охируламр, ҳалоки туҷҷори мусулмон табақоти гуногуни мамлакат – уламо, сипоҳиён, бозаргонон ва ҳунарваронро ба шӯр овард. Аз дили уламо ва шуюх алами қатли Маҷдиддин ва фатвои бардурӯғ алорағми халифа

нарафта буд ва онон фоли шум заданд, ки иншооллоҳ ин золим ба ғазаби парвардигор мубтало хоҳад гашт.

Хоразмшоҳ дар ҳама макон ҷосус, гапчин, нозир ва қосид дошт. Вале пирони хонақо аз шоҳ афзалтар аз ҳаводис муталлеъ буданд. Дари хонақоҳҳо мудом ба рӯи худоҷӯён ва ҳазорҳо дарвеш, ки дар рӯи замин дар талаби ҳақиқат ва талоши рӯзӣ мегаштанд, боз буд. Ахӣ ва бозаргонон сарнахуст ин хабарро ба хароботи пири хонақо мерасонданд.

Хиёнат дар Утрор ва ҳалоки расулон ваъиди ҷангро дошт. Дар ин муҳориба бо галаи мӯру малахосои лашкари муғул, ки Чингизхон иродаашонро обу тоб дода, чанде қабл Чинро тасхир намуд ва қувваи то кунун гӯшношунидe дошт, тақдири Хоразмшоҳ ҳал мешуд.

## БАШОРАТ

Бачае, ки зимистони соли 1219 аз сармои бод худро печонда, аз болои боми падар ба дарвозаи Навбаҳори Балх - уммулмадоини Хуросон менигарист, эҳтимол аз ин ҳаводис бехабар буд. Вале дар гӯшаш садои мудҳиши падар, олиму фақеҳ Баҳоваддин Валад аз манораи масҷиди ҷомеъ ҳамчун овозе аз ғайб ба гумбазҳо аксандоз шуда, ғулғула мекард:

- Ман меравам, - мегуфт вай, - Вале огоҳ бошед, ки пас аз ман бар саратон лашкари муғул амсоли мӯр, ки замину осмонро мепӯшад, хоҳад рехт. Худо дар ҳадиси муборакe хабар додааст: «Ман онҳоро аз хашму ғазаб офаридаам!». Ин лашкари хашму газаб замини Хуросонро забт менамояд, ба саратон ҳазор-ҳазор офату бало меоварад, мардумро зақуми марг меошомонад. Шоҳ овораи ватан хоҳад гашт ва дар ҳиҷрон бекасу танҳо хоҳад мурд».

Ҷисми сустиродаи Ҷалолиддини дувоздаҳсоларо раъша гирифт. «Ман онҳоро аз ғазаб ва хашм сириштаам!», «Зақуми маргро меошомонад!».

Вай бори дигар наҳвагарии издиҳоми занонро, ки намоз мегузоштанду хутбаи падарро шунида ба ваҳшат афтода буданд, шунид, ашки аз рухсораҳои пирамардон равон ва дарвешони аз башорати нобаҳангоми Султонулуламо бешӯр рӯи гилем афтодаро бидид.

Гарчанд дар ақли барнои ӯ намеғунчид, ки ин ҳама ашёи аз таваллуд то имрӯз ошно ва девори посхаи мисли олам ҷовиду пойдори аз санг сахт, масҷид, растаҳои бозор, иморатҳо, Насибахонум, бачагони ҳамёри бозиаш, ҳазорон, даҳҳо ҳазор одамони ошноюю ноошно, ки акнун омодаи хуфтан ва ё гирифтори моҷарои зиндагиянд, мушти устухон, ё хокистар хоҳанд шуд, бо вуҷуди ин зарае шубҳа надошт, ки суханони падар ноҳақанд.

Вай падаршро азиз медошт, дар дилаш меҳру ихлоси бепоён меварзид, вале дар замираш чизи дигаре, мисли афъие бедор ҷунбид. Агар ӯ мисли ҳозир ба чизҳои беном ном гузошта метавонист ва ашёи бенишонро медид, мефаҳмид, ки он мор мори хатар будааст. Вай морро зуд аз хотир, мисли ҳамаи бачаҳо, дафъ намуд.

Вай он замон аз куҷо медонист, ки агар хирад ба соне фарох бошаду вале дар қалб меҳре ба мардум нест, бесуд ва ҳатто манфур аст. Агар ин дониш ҳар андоза зиёд бошад, ҳамон мартабае махуф. Дар ҳама даврy замон бани одам таманно дорад, ки ба паси пардаи гайб чашм андозад ва онро башорат диҳад. Дунёро ҳар андоза кам шиносад, зиёдтар мӯҳтоҷи ақлу хиради дигарон шуда, онро мӯътабар мешуморад.

Баъд аз солею чизе зиёдтар башорати Баҳоваддин Валад ҷомаи амал пӯшид ва мо тасаввур менамоем, ки одамон онро чи тавр кароматн парвардигор донисга, дар таҳайюр монданд. Вале Султонулуламо амсоли аглаби фарзонагони муосираш хештанро авлиё натарошид.

Ӯ зодаи аҳди хеш буд ва дар мизони тафаккури даври худ андеша меронд. Ба ақидаи он давр ҳар кӣ бад мекард, бад

медид, мукофоти ҷиноят ҷазо буд. Фоли шумро башорат додан ба инсоне доно ва аз вақоеъ огоҳ мисли Баҳоваддини Валад кори муҳол набуд.

Соли ҳазору ду саду нуздаҳ, моҳи ҷумодиюлахир, дар лаҳзаҳое, ки Султонулуламо аз минбари масҷиди ҷомеъ хутба мехонд, лашкари савораи муғул дар Утрори бахтбаргашта дар тохтутоз буд. Онҳо таҳти амри писари Чингизхон ба саночҳо савор шуда, аз оби Ҷайҳун убур намуданд ва дар тан ҷавшани пӯсти говмеш пӯшида буданд. Чингиз худ бо нерӯи раисӣ биёбони сардсерро тай намуда, дар сари роҳ шаҳрҳоро шикаста ба Бухоро ворид шуд. Мардумон ин ҳамлаи ваҳшиёнаро шунида ба даҳшат афтода, гурӯҳ-гурӯҳ дар мағриби Олами Ислом саргардон мегаштанд. Агар Султонулуламо возеҳ намедонист, ки лашкари ҳайвонсиришти Чингиз, ки ба қонуни суннати бутпарастӣ мегаравиданд, фақат ба сарлашкарашон итоат мекарданду халос, ба шаҳрҳои тасхир намудаашон чи кирдор мекунанд, пас аз рӯи ҳадиси бозаргонон, ки Чинро пас аз ғазви ӯ зиёрат намуда буданд, метавонист тасаввур намояд. Боди ин гапҳо ба гӯши писарони Султонулуламо низ расида буд.

Одатан, муғул шаҳрро ишғол мекард, амр медод, ки агар аҳолияш муқобилият кунад, шаҳрро аз батни Замин рӯфта, ҳунарпешагон ва дӯшизагонро ба ғуломӣ баранд. Боқиро мекушт, саф мекашонд аз як сар ва бо гурзи сангини синондор ба сарашон зада.

Тоҷирони мусулмон нақл менамуданд замине, ки Чингиз ҳамчун офати осмонӣ қадами номуборакаш расидааст, аз он ду маротиба баланд гаштааст. Гил аз пеҳи одамизод лой гаштааст ва бӯю тафи маслуқ нафасро мегардонидааст. Онҳо дар дами дарвозаи Пекин кӯҳи устухонро дидаанд. Дар зарфи забти шаҳр шаст ҳазор чинидухт хешро аз бораҳо партофта ҳалок намудаанд, ки ба дасти палиди он ғосибон наафтанд.

Наход ба сари занҳои Балх низ чунин офат нозил шавад? Баҳри чӣ? Чаро онҳо мукофоти ҷазои шоҳ ва уламои

мунофиқашро, ки рӯяшон надидаанд, бикашанд? Агар ҳар ки модом бад кунаду бад бинад, пас ҳамшираи боиффату меҳрубони ӯ Фотимабону, ки чанде қабл издивоҷ намуд, дар вақти ҷилои ватан обистан шуду бо онҳо тарки диёр намуда натавонист, чӣ ҷурме дорад? Ё худ ҳамсоядухтари кулчарӯи моҳчеҳраи муриди падараш Гавҳар?

Ҷалолиддини дувоздаҳсола ба саволҳои хеш посух намеёфт ва дар замираш ғазаб ғулғула меандохт. Муқобили кӣ? Бар алайҳи шоҳ ё сарнавишт, ё худ зидди падар, ки марги мардуми бегуноҳро пешгӯӣ намуд?

Писари фақеҳи Балх бо ҳоли музтариб рӯй ба Каъба овард ва зону зада нишасту чуноне устодаш Сайидбурҳониддин ба додарон омӯзонда буд, ки агар дар дилатон тарс зоҳир шавад, се раъкат намози тавба баргузоред, Худованд бахшоянда аст, онро аз дилатон берун хоҳад намуд. Вале фараҷ набуд, рӯҳи музтарибро рӯъёи махуф тарк намегуфт.

Дар асной чунин андешаҳо дар ойинаи тасаввури ӯ андоми Гавҳар дурахшид, дубора ба худ омад. Падари Гавҳар бозаргони самарқандӣ Шарофиддин Лоло ба хотири шайхи худ Султонулуламо ба Балх кӯчида омад ва чанде пеш изҳор дошт, ки агар пираш ба ақсои олам биравад ҳам, ӯ аз канораш дур нахоҳад рафт.

Хулоса Гавҳар низ ҳамсафари онҳост. Андешаи мазкур то андозае ӯро таскин дод. Биайне худ бо дастони худ ганҷи бебаҳоеро, ки агар маҳв гардад дубора андар ин олам зоҳир нахоҳад гашт, наҷот дод.

Вай сари по хест.

Гавҳарро ба шумор дида буд ӯ, ҷамъулҷамъ се калима сухан гуфтааст. Чаро дар ин соати мудҳиш дар ойинаи тасаввури Ҷалолиддин бо чунин ғояти вузуҳ чеҳраи моҳандом, чашмони гирдаю сиёҳ, ки рост ба қалбаш теғ меандохт, зоҳир шуд? Кай он чеҳра дар замираш ҳамчун нақше бар санг сабт шуда?

Ба хотир оварду сурх шуд.

## ҶАҲИШ

Ду сол қабл рӯзи одинаи муборак буд. Он рӯз аз сарфу наҳви араб, тафсири Қуръон ва ғайра сабақҳо, ки Сайидбурҳониддин баваю бародараш таълим медод, фориғ буд. Ҳарчанд омӯзиш ба Ҷалолиддин ба саҳулат муяссар мегашт, бо вуҷуди ин афзал медонист, ки девони ашъорро дар сояи саропардаи болои боми қиблагоҳ мутолиа намояд. Анқариби шом ба болои бом одатан ҳамсолонаш – фарзандони муридону ҳамсояҳои падараш пайдо мешуданд, ӯ бо бародар меҳмононро бо эҳтиром, чуноне воҷиби мизбон аст, истиқбол намуда, ба рӯи болинҳо менишонд, пас писари Нассоҷ Синонро баргузида ба паси парда мебурд, ки шатранҷ бозад, ба диғарон имконият пайдо мешуд роҳгузаронро назора намоянд, доварӣ кунанд, нард бозанд, гӯштӣ гиранд.

Онҳо ҳанӯз сангҳои шатранҷро нооросга, аз кӯча садои даф ба самъ расид. Бачаҳо лаби бом ғун шуданд.

Дастаи сарбозони гуногунасп ба сӯи дарвозаи аз оташи ғуруб фурӯзон қофилавор мерафтанд. Туркони пешсаф савори аспи бодом буданд. Аз паси онон пиёданизомиёни қабояшонро барзада ва дар камар шамшерҳои ғафс, ханҷардошта, тоҷикон, қипчоқҳо, хоразмиҳо ва ҳиротиҳои пиру ҷавон мерафтанд. Дастаро мингбошӣ, савори аспи сиёҳ мушкин, дар сар салаи тегдор, ки фӯтаяш аз бари гӯши чапаш овезон ва бод риши ӯро рӯи хилъати қимматбаҳре парешон мекард, мерафт.

Бачаҳо аз падарон шунида доштанд, ки ин даста бояд ба ҳамон ҳарби куфрона, ки Хоразмшоҳ муқобили халифа ангехт, бипайвандад, вале беихтиёр диққаташонро найзаҳое, ки дар офтоб медурахшиданд, дастаҳои дурахшони шамшерҳои мингбошӣ, дастаи мурассаъи ханҷари ӯ, ки дар камарбандаш ҳамоил буд, инчунин галаи аспи резачорпо дуздид.

Садои даф чун дар паси бораи шаҳр хомӯш гашт,

роҳгузарон, ки аснои мурури сипоҳиён худро ба деворҳои хонаҳо ҷафс карда буданд, ба ғавго даромаданд. Писари фақеҳ Масъуд аз мулоқоти Хоразмшоҳ бо шайхи бузург Сӯҳравардӣ қисса намуд. Шайх расули халифа аз Бағдод буда, гӯё ҳамин мулоқот иллати лашкаркашӣ шудааст.

Шоҳ муддати мадид шайхро дар саҳни дарбор мунтазир нашуд ва ҳине вай бор овард, ташрифи ҷулус нафармуд, ки таҳқире ба мартаба ва нигоҳи камбинонае ба шахсияти шайх ба ҳисоб мерафт. Шайх Сӯҳравардӣ рухсат хост, ки ҳадиси набиро орад. Хоразмшоҳ писандид ва ҳамчун таомул ба замин фаромада зону зада баҳри самъи он нишаст. Яъне набӣ дар ҳадис мутафикконро надомат менамуд, ки ба хонадони оли Аббос, ки Наср аз он шаҷара буд, осебе расонанд.

Муҳаммадшоҳ аз саҷда бархост ва газаби худро ифшо нанамуд. «Ман туркам ва тозиро хуб намефаҳмам, - посух дод ӯ, - аммо ҳадиси ту фармударо фаҳмидам. Дар кирдор ва рафтори ман зидди оли Аббос бадхоҳие набуд. Баръакс, ба банда аён аст, ки амируль мӯминин аз он зумра афродро дар зиндонҳо махфӣ медорад, ки онҳо афзун мегарданд. аз ин ваҷҳ кори савоб аст, ки ту ин ҳадисро пас аз бозгашт ба мурсили он бихонӣ. Посух аз нукта холӣ набуд, чунки халифа Носир ҳам Муҳаммад Хоразмшоҳро мемонд. Ӯ низ сиёҳро аз сафед тамйиз намекард ва доиёни халифатро дар маҳбасҳо нигоҳ медошт.

Бачаҳо ба тақлиди уламои муйсафед бо ҳарорат баҳс намуданд, ки халифа оё ҳақ дорад, ки баҳри манфиати ҷамъият мусулмонеро, хосса аз дудмони оли Аббос, ба зиндон андозад. Мунокиша тӯл кашид, чунки онон ҳама суханонро аз забони калонсолон шунида, худ дар бисот чизе надоштанд.

Ҷалолиддин дар мунокиша ширкат намеварзид, чунки мустақилиятро зиёда қадр менамуд, бозӣ кардан намехост.

- Ниқоши беҳуда чӣ лозим! – Ниҳоят каломи ононро бурид Синони писари бофанда. – Эй пури фақеҳ, биё гарав кунем: кӣ ана ба он бом меҷаҳад! – Вай ба боми бозургони

самарқандӣ Лоло ишора намуд ва аз остинаш даструймоли мунаққаши бухороидухтро баровард. – Мукофот!

Бачаҳо лаби бом омада ба зер нигаристанд: буттазори анбуҳе хонаҳоро ҷудо менамуд, миёни хонаҳо аз панҷ аршин беш набуд.

Пури фақеҳ ва бофанда гӯё дар бозор бошанд, каф заданд. Синон ақиб рафт, бари ҷамаашро ба фӯта халонда тоқияшро ба даст гирифт. Бо шаст давиду парандавор ба боми ҳамсоя ҷаҳид. Ҳамин минвол бозпас ҷаст.

Шигифтовар буд, ки на танҳо писари Масъуди фақеҳ, балки ҷамъи бачагони боқимонда ҷасорат пайдо намуда, ҳилаи Синонро такрор сохтанд. Ҳама ба Ҷалолиддин нигаристанд, вай охирин буд.

Наход писари Султонулуламо охирин бошад? Табиатан ӯ наҳиф, каммуошират, хаёли давутоз ва бозиҳои серғавғоро наменисандид. Шояд вай низ ин панҷ аршин масофаи шумро ҷаста мегузарад? Ҳамин он бадбахтона модараш Мӯъминабону ба бом баромад, ки бачаҳоро ба зер даъват намояд. Вақте дид писараш сӯи ҷаҳаннам метозад, чашмонаш нимпӯш шуданд.

— Ҷалол!

Ҳама ба ҷониби овоз, ки пеш аз фироқи абадӣ мудҳиш садо медод, нигаристанд. Вай аллакай дар лаби бом буд, хост тавaққуф намояд, вале худро доштан натавонист, бозувонашро болвор кушода ғайб зад...

Одатан модарон ва занҳо ҷону ҷисми фонии фарзандони маҳбубашонро аз парвозҳои ба олами номаръӣ боз медоранд, садди такомули рӯҳи норасидаи эшон мегарданд, зеро муҳаббати ин зумра аз нури ақл бегона аст. Онҳо мебояд кӯмак расонанд, ки рӯҳи норасидаи фарзандонашон ба парвоз ояд, тамоми оламро фаро гирад, чунки марон рӯҳ санги осиёест бар гардан овехта, мудом онҳоро ба жарфнои худкомӣ ва сифлагӣ ваза мекашад, дар натиҷа он рӯҳ аз асрори азими ваҳдати Офоқу Анфус ғофил мемонад.

Фиғони ҷонкоҳи модар дар майнаи Ҷалолиддин ғулғула андохт. Рипи юзбошӣ, ки аз даруни бутазори сербарг асп медавонд, дар шамол парешон мешуд, найзаю хӯди сарбозоне, ки ба тарафи бурҷи бора мерафтанд, дар назараш зеру забар гашт...

Ҷалолиддин аз чашми дар бомбудагон ғайб хӯрд. На дар маконе буду на дар ҳавлии ҳамсоя. Онҳо бо фиғон ба лаби бом омаданд – буттаҳо ноҷунбон буданд.

Чун вай ба худ омад, нахуст чашмони сиёҳи аз ҳайрат доирашудаи духтари фариштасимою кулчарӯйро дид. Ҳамон чеҳрае, ки кунун бори вопасин, шоми охирин болои боми падар дар назараш ҷилвагар гашт, чеҳраи Гавҳарбону – духти тоҷири самарқандӣ Лоло.

Ҷалолиддинро ранг мурдавор канда буд. Рӯяш хунолуд. Чун нимхез гашт, бидид, ки ҳамсолон ва модару момои Насиба ба сӯяш медаванд.

Лоақл дар андоми онҳо нисбат ба худ тамасхурро медид, дарди бахайр буд. Вале аз чеҳраи онҳо шафқат ба шахси маҷрӯҳ ва тараҳҳум ба аҷзи ӯ падидор. Ғурури мардӣ бедор гашт.

Вай бархост. Рӯъёеро, ки лаҳзаҳои охирин дар пеши чашмонаш ҷилвагар буд, бо ибороти падар, бешуурона ба тавсиф даромад:

- Навкарон андар либоси сабз маро ба осмонҳо бурданд. Ман дар осмони ҳафтум, дар арши аъло гаштугузор доштам. Вале онҳо доду фиғони шуморо шунида, дубора маро ба замин оварданд...

Баъди ин калом дар чашмони бачагон шафқат ва аҷз ба эҳтиром бадал шуд: танҳо писари Султонулуламо метавонад ба чунин рӯъё мушарраф гардад. Дар чашмони қиргуни Гавҳар таҳайюр ҳувайдо буду бас. Ба он чашмон нигариста илова кард:

- Аз бом гурбаю санҷоб меҷаҳад. Аммо дар диёри рӯҳ фақат шахсе, ки эҳтироси лониҳоя дорад, риҳлат хоҳад намуд, вассалом!

Кунун дувоздаҳсола аст, ки ба хонадони падар падруд мегӯяд ва аз он иборот изо мекашад. Саҳеҳтар, аз иборот не, бал аз лаҳни гуфтор, аз ғуруре, ки ӯро тақозо намуд ибороти мустаор гӯяд.

Аслан, он гоҳ вай хато нанамуд. Бигузор ҷаҳиши нахуст ҷаҳиши нобасомон буд, вале оғози сайри ӯ ба сӯи зурвати дурахшони рӯҳ гардид.

## КОРВОН

- Ҷалол, Ҷалол, - аз зер садо дардод модар.

Дарзамон, гӯё посухи нидояш бошад, аз ҳамаи масҷидҳои ҷомеи шаҳри Балх садои азон – садоҳои мухталиф, яке пурэҳтирос, дигарӣ махуф, савум боэҳтиром ва охирӣ муҳаққар аз дуру наздик баланд гашт:

- Оллоҳу акбар! Оллоҳу акбар!

Ғуруби хуршед буд. Ҷалолиддин бо дили нохоҳам деворро даст – даст намуда, дар торикӣ ба зер фаромад.

Дар хона шамъдонҳо фурӯзон буданд. Забонаҳои нур дар тани деворҳои урён мерақсид.

Падар ва бародар дар рӯи саҷҷодаҳо ба ниёиш нишаста буданд.

Вопасин ниёиши падар андар диёр тӯлонӣ ва пурэҳтирос буд. Бародар мураттаб нафас мекашид, вале Ҷалолиддини дувоздаҳсоларо хоб намебурд, аз паҳлу ба паҳлу мегашту нолиш мекард.

Ба саҳни ҳавлӣ баромад. Дар канори сардобаи таги чинор таваққуф намуд.

Шамол монд. Ситорагон парешон гашта дар осмони фирӯзагун метофтанд. Аспон дар оғил сум зада фух-фух мекарданд. Аз қарибӣ- нафаскашии ноқаҳо, ки пагоҳ субҳ онҳоро ба роҳи дуру номаълум мебарад, шунида мешуд.

Вай сарашро бардошт. Аз хирмани ситораҳо нуқтаи базӯр

тобонеро пайдо кард, - чанде қабл вай бо яке аз муридони падар ситораи худро шинохта буд. Ба ситора чашм дӯхта саъй менамуд дарёбад, ки ӯро баъди ҳафтае, соле, даҳ сол дар ин роҳи тӯлонӣ ва мисли абадият ломунтаҳо чӣ пеш меояд.

Онҳоро торикӣ бедор карданд. Дар саҳни ҳавлӣ уштурҳоро кацова мезаданд: дар ҳар кацова ду дарзина китоб андохтанд, ки ҳар кадом ҳашт мани Самарқанд вазн дошт. Наъраи уштурҳо бо ҳингоси аспону садои корвонсолорон омезиш меёфт. Сайидбурҳониддин гоҳе бо сорбоне ботамкинона дар боиси коре сӯҳбат менамуд, лаҳзаи дигар аз цои нишасташ парида мехест, ки бо ҳаммолон борро ба уштури чукка нишаста бор намояд. Аммо Сайид онҳоро як манзил гусел намуд ва бозпас баргашта, ба диёри хеш Тирмиз сафар кард.

Падар дар аснои ин ҳама такудав ва сару савдо хомӯшона менишаст. Вай дар сар дастори калон, дар бар хилъати сабуке дошт. Аспи нофармонеро пешаш кашиданд. Сайид аз лацом дошт ва падар бо вуцуди умраш аз шаст тацовуз кардан, гӯё умре саворӣ карда бошад, сабук ба асп савор гашт ва ҳамон тавр бовиқор аз саҳн берун рафт.

Кӯча тирбанд буд. Ноқаҳои пурбор аз маҳорҳояшон яке паси дигар турнавор силсилабандӣ шуда. Он аз зебу зинат ва шукӯҳ орӣ – дар цои маҳорҳои музайян, саццодаҳои мунаққаш цули яккати якранг, канав ва чарб буду бас. Дарҳол аён мегашт, ки худованди корвон молу ғанои ин олами фониро не, бал давлати бисоташ - ҳақиқати мудом талх ва мисли андӯҳи дил сангинро ба худ мебарад. Дар болои кӯҳаи ноқаҳо чодари сафед зада буданд, ки кацова ва аҳлу аёлу нотавононро аз офтоби сӯзон, реги равон ва чашми бад эмин дорад. Модар ба эътирози Цалолиддин нанигариста, ицборан ӯро дар яке аз чунин чодарҳо савор намуд.

Падар андар миёни муридон маъво гирифт. Дар дасти росташ Сайидбурҳониддин, аз дунболи ӯ шайх Хӯцагӣ, аз дасти чап шайх Наццоци Ҳаццоцӣ, инчунин фақеҳ Аҳмаду бозаргони самарқандӣ Лоло.

Сорбон даст бардошта фотиҳа дод. Харҳои қофиласолорон, аспи падар ва муридон ба роҳ даромад.

Қофиласолор нахустмаҳорро такон дод ва нӯги дар даст доштаашро дар таги ронаш мустаҳкам кард. Аз гардани уштури охирин садои ҷарас баланд гашт.

Солиёни зиёде сипарӣ гаштанд ва бачаи балхӣ, ки минбаъд Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ном мегирад, шоиру фарзонаи якто мегардад, башар аз ӯ ифтихор дорад, ин садои зангӯлаи муназзамро фаромӯш накардааст, зеро ин ҷарас бурҳони ломунтаҳии олам ва ноқиссии одаму умри ӯ буд.

## БОБИ II

## ИНТИҲО ВА ИБТИДО

*Мардони раҳат, ки сирри маънӣ донанд,*
*Аз дидаи кӯтаҳназарон пинҳонанд.*
*Ин турфатар, он ки ҳарки ҳақро бишнохт*
*Мӯъмин шуду халқ кофараш мехонанд.*

Ҷалолиддини Румӣ

## СӮҲБАТИ ШОМГОҲ

Боз рӯз омад, ҳазорҳо фарсах дур, дар гӯшаи дигар, пас аз даҳҳо сол, ки аз боми падар бори вопасин ба Балх нигариста буд. Даҳҳо чӣ бошад! Умре гузашт.

Умре, ки ба се сухан мегунҷид: «Хом будам. Пухтам. Сӯхтам».

Дар миёни дӯстон ва толибилмон, ки кунун нимдавра чорзону зада аз ӯ сабақ меомӯхтанд, аз ошноёни бачаи замоне дувоздаҳсола касе набуд. Чӣ судо, ки ӯ симои нуронии зиёдеро, ки кайҳо фано шудаанд, андар замир ҷовид медорад?

Имрӯз низ дар паси панҷара они ғуруб аст. Кошикоринҳо дар деворҳо сабз метофтанд, мусичаҳо дар кодокҳо «ку-ку»-гӯён нишасту хез намуда, омодаи хоби шаб мегаштанд.

Пеши назараш симои басо ошное ҳувайдо гашт. Вай бо меҳр ба андоми Ҳисомиддини Чалабӣ нигарист. Анқариб даҳ сол ки андар ӯ мисле дар ойина акси беолоиши хештанро

мебинад. На дастор, на риши сафед ва на бинии тегдор ва на чашмони бодом – ҳамаи ин фаношаванда ҳастанд – бал дар ин чизҳо хештани хешро мебинад.

Як пои Ҳисомиддин ба лаби гӯр. Вале ӯ навқирон омада буд. Зеҳнаш тез, ақлаш мавзун, ҷонфидо – ҳама сифоташ муназзам, нақусиришт, вале бебарг. Ҳунарпешае, ки бо меҳнати дасташ нон хӯрдааст.

Ҷалолиддин аз ихвонулкосибин аз он васила мувозибат дошт, ки ӯро дар шаҳр пӯст накананд, чуноне дар Бағдод як замоне дар бозор Ҳаллоҷро баҳри ашъори даҳриёнааш сангсор намуданд, бархилоф самъ андохтанду тақдир карданд. Вале аз Ҳисомиддини Чалабӣ аз ҷиҳати китоби охиринаш «Маснавӣ», мувозибат дорад – он шоҳасаре, ки дар он, аҷал амон диҳад, на танҳо ҳадиси умр – он аслан дар мисрае мегунҷад, балки дарку андешаҳояш дар роҳи пурмашаққат ба самти ҳақиқат ва марраҳи ноил шудан бар он ҳама ашёе, ки фаҳмид, ҳар чизе ки шуд ва он чизе, ки баъди сари ӯ боқӣ хоҳад монд, сабт хоҳад шуд.

Ҳисомиддин умрро сарфи ин китоб намуд ва боре дар мудати падид аз малолат нишоне зоҳир накард, чуноне барно буду бо сурур ҷамеъи мероси падар, пири ихвонро дар айёми нурмурувввати умри устодаш нисор кард, ки ӯ аз пой дарнаафтад, буду шуди вуҷудашро фидои ин амр сохт.

Солиёнест Ҷалолиддин дар ин воҳид ҳарф мезанад, ба худу ботини худ бетафовут менигарад ва дар айни ҳол роҷеъ ба ашёи мухталиф андеша меронад. Вай сабақ медод ва ҳамоно хаёле табассум намуд, ба ҳушаш меомад, ки чи тавр Ҳисомиддин бо макри лутфомезе фурсати муносиберо дарёфт ва фикри хешро иброз намуд, аз қазо медонист, ки фурсати гуворо абрест – чун даргузашт, бебозгашт меравад. Шомҳангомеро баргузид, даме онҳо танҳо монданд, чашмонашро ба замин дӯхта калимоти зайлро тиловат намуд: «Аз ғазалиёти шумо даҳҳо девон тадвин гашта. Нури асрори он Шарқу Ғарбро мунаввар сохта. Кунун ба ушшоқ ва

ҳамдилон китобе баргузоред, ки ҳаммонанди осори Саноӣ ва Аттор бошад ва муридон мудом васфи шуморо мушарраф бошанд». Бо калом афкори маҳрамонаи ӯро баён дошт. Фикреро дар зеҳни худаш замоне пухта, буд вале то алҳол андар хеш пинҳон медошт! Ба ин амр фақат инсоне қодир аст, ки бо шахси дигар хулул карда бошад.

Он шомҳангом Ҷалолиддин аз печи саллаяш баёзи чорқатеро баровард. Дар он сафҳа бо хомаи худи Ҷалолиддин нахустин ҳаждаҳ мисрае, ки бо матлаъи «Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад.

Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад» – шурӯъ мешуд, китобат ёфта. Варақро ба Ҳисомиддин таслим дошт. «Бале, Чалабӣ, ман тиловат мекунам, ту таҳрир бикун».

Солиёни пушти сар шуда фақат мазҳари тавҳиди рӯҳи онҳо буд. Аз он рӯз баъд Ҳисомиддин аз хомаю давот, ки андаруни қаламдони мис буд, обчини регӣ, ки дар миёнаш мебаст ва дастаи баёзи даруни остинаш ҷудоӣ наварзидааст. Сипас, дар ҳама макон онҳо ҳамҷоя буданд. Дар кӯча, дар гармоба, дар маҷлис ё дар базми самоъу тараб, дар бозор, дар бӯстон, дар масҷид, дар ҳар куҷо илҳом ҳаст медод, Ҳисомиддин филфавр шеъри ӯро сабт мекард.

Шояд Ҷалолиддин (кунун ӯро Мавлоно меноманд) аз ин хотир ба мурид ва ворисӣ бузургаш бо меҳр менигарад ки ӯ ишқи вопасинаш, он ситораест, ки ҳодии мусофир дар шаби зулмонӣ мебошад, роҳи дароз ва шоққаро тай менамояд, субҳи содиқ ба манзили охиринаш мерасад. Дар Ҳисомиддин, ҳама чизеро, ки ба эътиқоди Ҷалолиддин инсонро ба мартабаи боло мерасонад, дурусттараш онҷуноне Ҷалолиддин сахт мӯътақид буд, ки ҳамагуна такомули инсон ба сӯи ҳақиқати таоло ёфтани хештан, аз аслу моҳияти хеш воқиф будан аст; ва ҳам шири модараш Мӯъминабону, матонати падар Султонулуламо, мусоҳамати устодаш Бурҳониддин ва нури хуршеди оламтоби шоҳи дарвешон Шамси Табрезӣ, талъати маҳзун ва мисли нури моҳ марҳами заргар Салоҳиддин, назокати пурлатофат ва

муаттари Гавҳарбону, ки баҳраш ҷуфти писар тақдим намуд. Он Балхдухт, ки дар радифи гузаштагон дар зери хок фано ёфт ва ҳолӣ ҳамроҳи Ҳисомиддини Чалабӣ чун одат дар сафи пеш сарупо ҳушу ёд нишаста, ҳар як фикр, ҳар суханашро дар рӯи баёз менависад... Айни Ҷалолиддин, ки замоне устоди хешро самъу тоат меовард.

«Ай Ҳисомиддин, ресмонеро ба гардани хештан бастаӣ ва «Маснавӣ»-ро аз думболи хеш кашола мекунӣ, ба шарофати ту китоб пеш меравад, ҷилд болои ҷилд меафзояд. Вале барои ҷоҳилони кӯтоҳназар, ки чашмонашон ёвуи ҷувозкашвор чашмбанд дорад, ҳамтои чашмаи офтоб, ки гулҳои тобонро мунаввар месозад, падидор нестӣ. Зотан, бидуни нури наҳор на гул ҳасту на ранг. Ту оғозӣ, ту нури ҳаққӣ, Ҳисомиддин!»

Дар садри синааш амвоҷи меҳр туғён бардошт, ҷисмашро гармӣ бахшид. Ва ҳамоно таманно намуд, ки ҳар чизе, ки дар синааш талотум зад, дар ҳамин макон ба шогирдонаш бигӯяд, ҳамчун ибрат ва ҳамчун сипос. Вале худдорӣ кард. Таманно сифоти шароб дорад: баҳри он ки мардафкан бошад, таҳаммул мебояд.

Дар зери гунбади ҳуҷра садои ҳамвор ва маҳзуни Ҷалолиддин: «ҳама чизро ба ҷуз чаро ту аз модар зодӣ ва худро арзонбаҳо мафурӯш, вагарна баҳои ту баланд аст, метавонӣ аз хотир бизудоӣ», - танин андохт.

Ӯ ба Аловиддини Сирёнус, ки дар дасти чап нишаста буд ва гӯё дар рӯи устодаш моҳ дида бошад, аз ӯ чашм намеканд, нигарист.

Боре, субҳгоҳон бо дӯстон ба зиёрати мақбараи падар мерафт. Чун аз бозори асп даргузар шуд, дар қурби дарвозаи шаҳр анбӯҳи одамонро дид. Дастаи барноён ба пешвози ӯ медавиданд. «Ба номи Худо, бигузор Мавлоно аз ӯ дифоъ намоянд – Чӣ гапест дар он ҷо? - Юнониеро, ки аз пушташ бӯи гаҳвора меояд, ба қатл мерасонанд! - Чӣ ҷурме содир намуд ӯ?».

Сирёнус бардае буд. Пас аз вафоти хоҷа ба васият ҳурият ёфт. Гуруснагӣ мекашид. Вақте аҳволаш танг шуд, дуздиро аз дубора ба ғуломӣ уфтодан афзал донист. Он субҳ ҳаббозе

ӯро аснои сирқати курси ноне даст гирифт. Сирёнус саъй менамуд халос ёфта бигурезад ва мушт бизаду ҳаббозро бикушт...

... Ҷалолиддин ришашро қабза кард, мисле мехост хотироти зиштро дафъ намояд. Лекин манзари онсубҳина бо тафсил аз пеши назар мегузашт...

Вай муноҷоти дифоъро шунида, бо гомҳои қатъӣ ба қатлгоҳ шитофт. Анбӯҳ дударон мешуд. Дар ҳузури ҷаллоди пӯстини мӯйҳояш чаппапӯшида, дар иҳотаи посбонон ҷавони маҳкум ба қатл, ки дастонаш ба пушт баста буд, сари як зону меистод. Мӯи сараш зарду муҷаъъад буд.

Ҷалолиддин аз тан фараҷашро барканду ба тарафи ҷавон андохт. Ва лом нагуфта бозпас гашту ба шаҳр рафт.

- Шояд ту бигӯӣ, ки ман бо аъмоли мутаолӣ машғулам, - он вақт баланд шуд садои ӯ. – Шариат, ҳайат, илми нуҷум ва табииётро меомӯзонам. Аммо кулли он баҳри худи туст, на баҳри ҳастӣ. Ту шариатро баҳри он меомӯзӣ, ки туро ғорат накунанд, шармсор ва ҳалок нагардонанд. Илми нуҷумро аз он хотир, ки аз рӯи ситораҳо арзон гаштани замин ё қиммат гаштани онро ва колоро башорат диҳӣ, рӯзеро аён намоӣ, ки бидуни тардид биноро оғоз намоянд. Тиб баҳри он аст, ки ҷисми хешро парвариш намоӣ. Охир ту танҳо ҷисм нестӣ! Ҷисм барзанесту ту савора. Одами бохирад баҳри он охурдорӣ мекунад, ки асп савор шавад, на баҳри он ки худ дар охур бихобад ва алафи асп низ таоми савора нест. Ту ҷаки аспро муайян намегардонӣ, ки асп куҷое хоҳад, туро бубарад...

Ҷаллод ва посбонон мутараддид гаштанд: Малобиси инсони муқаддасро, дар шаҳр шоирро ҳамин тавр тақдир мекарданд, баркандан ё бибуридан. Шахсеро, ки худи ворисултахт Муиниддини Парвона аз ӯ сабақ гирифтааст, олимартабатарин шахс дар давлат, хирадманд, ки худи султон ӯро бор додааст – он касе ба чунин амр иқдом менамуд, ки на худоро тарсаду на султонро...

- Ту як олам арзиш дорӣ. Дарего, чӣ тадбир бояд вақте ту худ қадри хешро намешиносӣ?!

Ба султон ҳомӣ шудани Мавлоноро хабар доданд ва султон амр дод, бардаро раҳо кунед. «Юнониe чӣ арзиш дорад? Охир Мавлоно дар ҳузури парвардигор ҷамеъи гуноҳҳои моро кафорат металабад».

Ҷавон хешро дубора аз модар зода ёфт. Азбас наҷотбахш мӯъмин буд, вай имон овард ва муридаш шуд. Аловиддин исломро пазируфт ва чуноне аз мардуми дилсоф содир мегардад, ӯ мазҳари муҳаббати хеш Ҷалолиддинро ба манзалати парвардигор мепарастид. Ва чӣ боке, бори дигар дар ин тариқат сар мебохт.

Уламои камбин нисбат ба шоир, ки дар дарбор шӯҳрат ва таъсир дошт, ҳасад мебурданд, мудом дар суроғи айбе буданд, ки ақаллан агар ӯро маҳв накунанд ҳам, ниқор гиранд. Ва воқеан онҳо ба қозӣ Сироҷиддин дасиса бурданд, ки гӯё муриди навмусулмони Мавлоно ӯро на хоҷа, балки парвардигор хитоб мекунад.

Посбонон боз Сирёнусро дасттир карданд. Боз ӯ дар қозихона. Ин карат ба туфайли ҳозирҷавобии хеш солим монд, боз наҷоташро ба ҳамон фараҷи лолагун, ки аз ҳамон субҳ аз тан ҷудо намекард, нисбат медод...

Сирёнус ҳанӯз он кӯҳнафараҷи гозаш рафтаро, ки бо саъйи афзун сад васла задааст, аз тан намекашад, - ба худ меандешид Ҷалолиддин. На, на фараҷи китфи ӯ, на пероҳани танаш, на ангуштпонаи дасташ ва на тасбеҳ метавонад аломати муҳаббати шоир ба Ҳисомиддин бошад. – Гузашти айём онҳоро фано месозад. Танҳо армуғони рӯҳонист, ки дар худ хотираи шоири азиз Аттор, сипосгузорӣ ба Сайидбурҳониддин ва ба шахси Ҷалолиддинро мегунҷонад.

Вай хаёле сокит монд. Ва кунун бо овози паст, вале на маҳзуну мисли собиқ бо эҳтиром, балки ҳамтои шамшери дар кӯра аз оташи шаҳвати ниҳонӣ гудохта дар хусуси устод шайх Саид ва писари шоҳ, ки раммолиро меомӯхт, қисса кардааст, он армуғони имрӯза ба Ҳисомиддин, шогирди муҳиббаш буд.

- Шахсе ба Сайидбурҳониддин гуфт, ки «Шунидам фалонӣ туро сано мегӯяд!». Бурҳониддин пурсид: «Худи ӯ кист, ки маро сано мегӯяд? Маро аз куҷо медонад? Агар аз рӯи суханони ман, пас маро намешиносад, зеро сухан, савт ва даҳону лабони ман рамзесту бас. Агар аз кирдорам, он низ чизи дуюммартаба ва гузарон аст. Агар ӯ танҳо маро аз рӯи ҳастиям шиносад, ман эътироф менамоям, ки ӯ қодир аст маро сано бигӯяд ва санояш на ба калом ва кирдори ман, балки ба худи ман тааллуқ дорад».

Шояд ба шумо возеҳ шуд, ки Бурҳониддин миёни ҳастӣ ва рамзҳо тафриқа гузошта, чиро дар мадди назар дошт. Акнун гӯши ҳуш фаро доред, то тамсили шоҳзода, ки илми рамл меомӯхт, бишунавед:

«Дар як замон шоҳе мезист, ки писари ягонааш аблаҳнамо буд. Падар наметавонист ӯро шоҳзода эълон кунад, пас ба раммоле дод, то ӯро илми рамл биомӯзонад.

Баъд аз чанд сол муаллим шогирдро ба назди шоҳ оварда, арз кард: «Писарат заҳмати зиёд кашид ва ҷамеъи қоидаву қонунҳои илми рамлро аз худ намуд. Дигар ба дониши ӯ чизе афзудан аз дасти мо намеояд».

Шоҳ дар кафи дасташ ангуштарашро пинҳон карда пурсид: «Бигӯ, писарам, дар дасти ман чист?». Писар дар рӯи рег шаклҳои гуногун кашида, баъд аз муддате андешидан ҷавоб дод: «Дар дастат чизе дарунсӯрох аст». Шоҳ қаноатманд гуфт: «Аломатҳои онро дуруст ёфтӣ. акнун номашро бигӯ!».

Шоҳзода ба фикр фурӯ рафт. Лаҳзае пас гуфт: «Санги осиё!».

«Тибқи илми омӯхтаат нишонаҳои зиёдро аниқ гуфтӣ. Вале ба он ки санги осиё дар кафи даст намегунҷад, фаросатат нарасид!» - ба шӯр омад шоҳ.

Ин тамсилро Ҷалолиддин набофтааст, Фаридаддини Аттор онро дар китоби «Мантиқуттайр» овардааст. Ва Аттор низ онро аз шайхи хеш Маҷиддини Бағдодӣ, ки аз ӯ табииёт

ва қарободин (дорушиносӣ) омӯхта, он шайхе, ки бо Султонулуламо сабақ омӯхта ва аз дасти Хоразмшоҳи бешараф қатл гашт, шунида. Бори нахуст чун ҳикоятро мешунавӣ интизор мегардӣ, ки филфавр минбаъд чӣ хоҳад рух дод, вале аз хотир мебарорӣ, ки тамсиле дошт. Аммо баҳри Ҷалолиддин мудом санъат мақоми хосе дошт.

- Ҳамин минвол уламои даврони мо, - сабақашро хотима дод ӯ, - хар тори мӯйро ба чиҳил қисмат мекунанд, ҳама чизе, ки ба худи онон тааллуқ надорад, то зарраи охирин маърифат мекунанд. Аммо он чизе, ки ба худи онҳо қарину муҳимаст - мавҷудияти хештан, худии худро намешиносанд. Фуқаҳо ва уламо ҳама ашёи оламро ба ҳарому ҳалол ва поку нопок тафрика кардаанд, лекин намебинанд, ки худ поканд, намебинанд, ки худи онҳо чунонеянд, ки...

Шогирдон рафтанд. Ҳисомиддин аз ҳама охир бо обчинак оби рангро хушк кард ва гӯё аз бими он, ки сурури дар вуҷудаш пайдошуда аз тӯҳфаи устодаш пош мехӯрда бошад, ба ӯ таъзим намуд ва нӯг-нӯги пой бадар рафт.

Ҳаво сард шуд. Лаҳзаяке аз остона, нилгунии осмонро панаҳ карда сиёҳие зоҳир шуд ва нопадид гашт. Воқеан, писараш Валид омад, вале нахост ба падар халалгор бошад.

Ӯ ҳоло ҳам дастони хушку сардашро ба даруни остини ҷома андохта менишаст, бо ангуштонаш донаҳои тасбеҳро мегардонд – тасбеҳи дарози сарбаста ба фарши санг бархӯрда садо мебаровард.

Ва андешаҳои ӯ, амсоли кулли пирамардони олам, ба он равон буданд, ки чӣ чизҳо ҳолӣ вуҷуд надорад ва оламро чӣ чунин сириштаст, чӣ тавр ҳасту хоҳад буд.

Вай дар синни дувоздаҳ аз сӯҳбати падар ва пирамарде, ки дар бар ҷомаи ҳулидаю пилтаҳояш баромада дошту ришаш муҷаъад, нимоқилу мадҳуш, дидагонаш нобино буд, чӣ мефаҳмид? Ҷалолиддини худбовар, писари Султонулуламо Қуръонро комилан ҳифз медонист, ҳадис ва шариатро

меомӯхт, сарфу наҳви тозӣ медонист ва арӯз, таълифоти шуарои бузургро қироат мекард, вале доир ба худ чӣ медонист? Ба вай аён буд, пирамарде, ки падараш ба наздаш бурд ӯро, шоири бузург Аттор буд. Ӯ абёте аз ашъори Аттор азёд медонист, вале он умқи бетаги рӯҳе, ки зери пардаи сухан нуҳуфта, оё дарк мекард? Вай аз куҷо медонист, ки аҳли шӯҳратманди илм чаро он хирадмандро ба он гӯшаи билкулл зулмонӣ табъид кардаанд, ҳол он ки аз номи ӯ тамоми Бағдод бояд бифахрад.

Пирамард ӯро айнан дар пеши назараш медид. Кунун Ҷалолиддин, ки худ мӯйсафед аст, инро накӯ медонист.

## АСРОРНОМА

То кунун онҳо ба ғамзаи бенизоми ситораҳои болои сар, ба гашти мавзуни ноқаҳо, ба суруди маҳзуни қофиласолор, убур аз дараю дарёҳо, дар зери дандон регро гичирос хойданҳо, ки онро забони бодҳои вилгард аз куҷоҳое меовард, омӯхт шуданд. Рӯзонаҳо дар чордеворӣи работҳои похсаи саҳроҳо, ки сарбозони танҳо посбонӣ менамуданд ва гӯё шамоили онҳоро аз пӯсти яргоқи ошнодода офарида бошанд, шабонаҳо дар корвонсароҳое рӯи бурёи болои коҳ густурда ва мушти кайк, таҳти садои фух-фух ва сумкӯбии аспони дар огилҳо буда мехуфтанд. Дар шаҳрҳои сернуфуси сари роҳҳо омадшуди Султонулуламоро шунида машоих, фуқаҳо, вузаро ва дарвешон пешвоз мебаромаданд. Фурсат намеёфти, - ки манозил ва ашхосро зеҳннишин намоӣ, ҷараёни мусаммо ба роҳ одамро ба дур мебурд. Баъди зӯҳр аз дур бораҳои шаҳре ки дар олами Ислом аз Балх овозадортар аст, андар фарохнои дашти шудгор шуда падидор шуд, гӯё ду моҳ не, балки умре дароз эшон бо корвон дар рӯи замин такопӯй доранд ва шаҳри Балхро мисли туфулият ва хонаи падар дар хоб мебинанд.

Кӯчаҳои Нишобур - пойтахти Хуросон пас аз борони

шадид лой ва ҳанӯз нахушкида буд.

Бо эҳтирому такбор фақеҳи шӯҳратмандро дар мадрасаи Собунӣ маъво доданд. Вақто чокарон бори уштуронро мефаровардаңд ва пойҳои пурлойи аспонро бо латтаҳои тар аз гил пок менамуданд, калонсолон дар ҳуҷраҳо, ки дар соҳати дарун буд, чой гирифтанд. Падар бо чеҳраи босалобату виқор бо мударриси мадраса – марди ҳарифе, ки риши чени кафи даст ва устухони филвори зард дошт, муколама менамуд. Бача гарди роҳро зуд дур намуда, тасмим гирифт тафсири маъруферо, ки дусад сол қабл уламо аз акнофу атрофи булдони исломӣ гирд омада тасниф намуданд ва шояд он шаҳиртарин тафсир дар олам бошад, бубинад. Он тафсире, ки ба қавли Ул-Утиба бо фармони султон ва маблаги гӯшношунид-ба харҷи бист ҳазор динор таълиф ёфтааст.

Чуноне дар тазкираҳо омадааст, дар хазина кутуби бисёр буд, вале онҳо фароги миёни фаршу сақфро пур намекарданд ва инчунин тафсири маъруф низ набуд. Толибилме ба онҳо фаҳмонд, ки ҳафтод сол қабл, замоне ки оғузҳои саҳрогард шаҳрро горат намуданд, тафсир маҳв гашт. Деворҳои гафси мадраса лайсу намнок буда, бо мурури замон ва саҷдаи толибилмон сайқал ёфта буд ва даст рӯи санг ҳамчун рӯи ойина мелагжид. Ин шаҳр на бо кару фар, на бо ҳокимияти босалобат ва лашкаркашони ҷаҳонситон дар тайи асрҳо, балки дар натиҷаи зафари рӯҳ машҳур гашта аст.

Дар замонаш дар Нишобур мазҳаби маломатия зуҳур намуд. Эшон аз нифоқи машоих ва аз муқаддасотро сӯйиистеъмол намудани он зумра мутанаффир буданд. Ҳуккоми ҷамеъи шаҳрҳои мӯъминон бо тақозои аҳкоми салтанат аз обрӯй ва эътибори риҷоли дин бо нияти манфиат онҳоро ба дарбор ҷалб менамуданд, ҳадоёи афзун ба харҷ медоданд. Аз ин хотир тасаввуф пешае гашт, ки минбаъд на манфиати осмонӣ, балки манфиати афзуни заминӣ меовард. Он замон маломатгарон таълимоте тартиб намуданд, ки вифқи он нахзат ба ҷониби таҳорати афкор ва эҳсосот шуғли

фард аст, сирри ҳар шахсест, набояд онро каси бегона донад. Иловатан, агар шуморо гунаҳгор хонанд, ба боди истеҳзо кашанд, нуран ало нур, - ҳувайдост, ки шумо дар тариқати саҳеҳ ҳастед, зеро авлиё ва анбиё мудом хору зор будаанд.

Зоҳиран маломатиён аз савод набояд тамйизу тафриқа дошта бошанд. Ва онҳо пашмина намепӯшиданд, инчунин либоси чанда ҳам. Ҳарчанд малобиси низомиён инсонро аз луқмаи ҳалол амдан маҳрум менамояд, либоси лашкариён ба бар доштанд. Агар асҳоби маломатия саъй менамуданд, ки қути лоямути хешро ба роҳи дарюзагарӣ касб намоянд, бо вуҷуди ин бо садақадиҳандагон дуруштӣ менамуданд ва ҳатто таҳқирро раво медонистанд, ки мабодо тараҳҳуми оммаро нисбат ба худ бедор созанд, фаҳруфоқаи худро ба пеша бадал намоянд. Минбаъд равияи маломатияро сӯфиёни Хуросон ривоҷ доданд.

Дусад сол қабл Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки иртиботи истибдод ва тоқатпазирии мазҳабиро накӯ медонист, Абӯбакри Кировӣ ном пешвои мазҳаби ҳуруфияро, ки мутаасиб буд, раис хонд. Ӯ дар ҳар бобат, муқобили ҳар кӯшише бо силоҳи мазҳабӣ мубориза менамуд.

Абӯбакри Кировӣ дасти рости султон гашт, муқобили равшанфикрон қазоват ва қатли ом барпо намуд. Аз мусодираи амвол ғанӣ мегашт, аз шахсоне, ки ба «мулҳидӣ» номзад буданд, ришва меситонд ва тақвогарии хешро ба масдари манфиатбардорӣ бадал кард. Вале эътирози омми нишопуриён сабаби иҷтинобы Кировӣ шуд ва расман шариати машоих ва соликони тариқатро бо ҳукми давлат мухолиф ва ҷидду ҷаҳди баҳри манфиатро тазод ҳисобиданд.

Дар яке аз хонақоҳи дарвешон яке аз шуюхи овозадори Нишопур Абӯсаиди Майхонӣ баҳри аҳли савод маҷлисе орост. Ва дар ин маҳфил муҳаббат ба кулли мавҷудот дар тантана буд. Дар он амдан ба бадали Қуръон ва аҳодиси набӣ мардумро баҳри тасдиқи афкори хеш тарона мехонданд ва

ҷонҳоро ба ҳаяҷон меоварданд. Бозургонон шайхро бо ҳадоё сарафроз менамуданд ва шайх онро сарфи самоъ менамуд, ки хилофи шариату орои фуқаҳои мутаассиби давр буд. Аммо таъйиди шаҳриён имкон намедод Абӯсаидро ба муҳокима кашанд. Ӯ чанде намекӯшид ва мӯътақид буд, ки инсон кори хешро дар либоси фохир ва ҳам дар либоси ҷанда анҷом медиҳад. Назофати афкор ва риояти суннатҳо муқаддастаранд.

Абӯсаид бо Абӯалӣ ибни Сино, пизишки ҳозиқ, фозили бузург, соҳиби асари доиратулмаорифи «Китобулшифо» ва муҷалладоти «Ал-Қонун», ки саромадагони шариат ҳамчун тарафдори маъқулият бадаш медиданд, мулоқот варзид. Ва шайху фозил аз ҳам бо мамнуният ҷудо шуданд. Абӯалӣ ба шогирдонаш гуфт, ки «ҳарчи ман медонам, Абӯсаид мебинад. Ва шайх эътироф намуд, ки «Ҳарчӣ ман мебинам, Абӯалӣ медонад». Ду тан марди бузург бори нахуст ақидаи таносуби ду навъи дарки ақлию мантиқӣ ва ҳиссию тимсолиро поя гузоштанд.

Ҳакими Хайём, марди риёзидон, мунаҷҷим, ки тақвими дақиқи хуршедиро тартиб кард, аз пешаварони Нишобур буда, андар он мадфун аст. Ӯ молики рубоиётест, ки дар аҳди истибдод ҳурияти рӯҳро тараннум сохтааст. Кошки тавоно мебуд, ки аз тоати парвардигор сар мепечид. Билохира, дар кучое аз Нишобур - пойтахти Хуросон боз як султоне, ки ба ҳақ ноил шудааст, Султонулсиддиқин ва шоир Фаридаддини Аттор мебошад.

Устод Саидбурҳониддин асмо ва ривоятҳои мазкурро ба фарзандони фуқаҳо нақл менамуд ва акнун дар арафаи тохти муғул ба зодгоҳаш ба Тирмиз рафтааст. Онҳо дар кӯчаҳои пурлою гили Нишобур сайр менамуданд, дар лойи лағжон аз хонақоҳу масҷид дидан карда, ба ғавғою байъу шарои бозор ғӯш медоданд, рамлу ҷодугарии музахрафро тамошо менамуданд.

Шаҳр аз ғурба пур шуд. Хайли ғурбаҳо дар ангорҳо мехуфтанд, дар вайронаҳо рӯи хокистар ғалт зада офтоб мехӯрданд, дар саҳни дӯкони каллафурӯшӣ давра мегирифтанд ва бо ҳирсу диққат чашмони гирдашонро ба ҳаракатҳои дасти қассоб медӯхтанд.

Ба ногоҳ бародар остини Ҷалолиддинро кашид. Вай ба ишораи додараш мултафит гашт ва дид, ки чи тавр гурбаи сап-сафеди барфосо,вале басо лоғар бо эҳтиёт қадам гузошта, ҳамтои худ, гурбачаи сафедеро дар даҳон мебарад. Боке, Ҷалолиддин эҳтиётро аз даст медод ва аз дунболи гурба медавид. – Хело дилаш мекашид, ки чунин гурбаи сафед ва майдаякеро дар даст дорад, вале гурба бо хезе худро аз девори бӯстоне дарун ҳаво дод. Вай шах шуд. Во аҷабо, аз такон хӯрдани хеш нашармидааст! Вай дар навдаи олу, ки аз болои похса овезон буд, забонаҳои сабзи ботаровати баргҳои навро дид. Нафаси амиқе кашида бӯи баҳорро, ки аз мағриб ба замину боғоти Хуросон мевазид, бараъло дарк намуд. Нигоҳи ӯ дар ин олами пурсару садо, дар, ин шаҳри бегона ба гурба, ба гили сурхи зери пой, ба муғчаҳои навзоди дарахтон, ба боди сабо, ки домани фараҷашро алвонҷ медод, ба кулли шаҳрҳои тайзадааш, ба фарохнои замини беканор омезиш ёфт. Биайни ҷисми ӯ ҳаду ҳудуд надошт ва ашёи атроф такомули худи ӯ буд. Муддати мадид ӯ мадҳуш дар кӯчаҳо аз дунболи додараш сайр менамуд, - намеёрист лаб кушода сукунатро халалдор намояд. Ниҳоят нури сафеди садаф макони ин эҳсосотро пур намуд. Ӯ Гавҳарро ба хотир овард. Ҳафтаест чанд ӯ Гавҳарро надидааст. Ва ба сӯи мадрасаи Собунӣ баргашт.

Бо вуҷуде Султонулуламои Балх савганд ёд намуд, ки то шоҳ Муҳаммад дар ҳаёт аст, пои ӯ хоки қаламрави ӯро пахш нахоҳад намуд, ба қароре омад, ки рӯзе чанд дар Нишобур тавaққуф намояд: ҳайвонот ва одамон мебоист меосуданд. Дар пеш биёбони азими Дашти Кабир буд. Вале қабл аз он ки

абадан диёрашро тарк гӯяд, дар дил таманно дошт ба худованди «Мантиқуттайр» мулоқот намояд. Аттор аз ӯ понздаҳ сол бузург буд. Бо дасти бародархонд ва ҳамсабақи ӯ Шайх Маҷиддини Багдодӣ ғусли тавба кард ва хирқа пӯшид. Шайх Маҷиддин бо дасти шоҳи бадкеш Муҳаммад қатл гашт.

Баъдтар огоҳ ёфт, ки шоир низ маҳкуми эъдом ва дар бадали ҳукм молу мулкаш мусодира ва худаш аз шаҳр бадарға шуда. Ба қавле дар ҳамин наздикиҳо маскун буда, таҷридро ихтиёр намудааст. Султонулуламо дарк кард, ки чаро Фаридиддини Аттор бар хилофи расми «Агар яксола ояд, садсола дидан меравад», ба зиёрати ӯ наомад.

Вақте Султонулуламо қасди зиёрати шоирро дар узлат намуд, мударриси пир дарвеши лоғареро роҳбалад гирифт. Роҳбар ба харе савор буд. Онҳо токистонро пушти сар намуда, аз деҳа убур намуданд, ҳанӯз чинорҳо урёну бебарг, ҷой-ҷой дар шоххои печидааш баргҳои порина маҳфуз. Баъд аз се соат онҳо ба кӯи аз офтоб сӯхтаю ҳамвор расиданд. Падар таъҷил дошт ва бо гомҳои танг тарафи қуллаи истеғ ба самти даҳони ғори сиёҳ мешитофт. Дарвеш ба расми бузургдошт ё худ эҳтиёт дар назди аспҳо истод. Ҷалолиддин ду қадам пас аз падар бо бародар аз дунболи ӯ мешитофт. Шояд Аттор аз вусули онҳо огоҳ бошад, бо вуҷуд дар саҳни ғор касе наменамуд. Танҳо замоне ки қиблагоҳ ба хокистартӯда наздик омад, - бадеҳист, ғорнишинон дар ин макон оташ афрӯхтаанд – пирамарди нотавон, чобук, қабои рангпарида дар бар ва тоҷи баланди намад бар сар пешвоз баромад. Дар ҳаракати ӯ, бидуни ташвиш як ҷидду ҷаҳде ҳувайдо буд. Мисле ӯ бо амри басо муҳиме андармон буд ва ногоҳ аз қудуми меҳмони мукаррам воқиф гашт. Ҳамчунон, гӯё ба садди номаръе дакка хӯрда бошад, бозистод ва ба расми таҳният саҷда овард ва онҳо се бор саҷдаи мутақобила намуданд. Баъд дар болои сангҳо, дар ду оташдони мудаввар нишастанд. Фақеҳ баландболо, қосиюлваҷҳ дар сар дастори сабз ва шоир, ки мурури айём пушташро дуто карда буд, дар сар тоҷи намади дарвешон.

Онҳо дергоҳ сокит ба чеҳраҳои ҳамдигар нигаристанд.

Дар чӣ хусус фикр менамуданд? Оид ба парвардигор? Дар бораи шайх Бағдодӣ? Ё худ умри гузаштаю тақдири сарнагун? На. Онҳо ба ҳамдигар чашм медӯхтанд, ба ҳастии ҳамдигар нуфуз менамуданд, ки ба ҳоли ягона оянд. Дар айни ҳол сухан ба кор намеомад.

Сукут тӯл кашид. Ҳароина ба назари Ҷалолиддин чунин тофт. Вай ба расми фарзанде, ки одоби ҳамида гирифтааст, дастҳо пеши бар зада, дар паси падар меистод.

Ин шоир ҳафтоду панҷ, ё худ сад соли қулф умр дорад? Ин шахс, инсоне, ки дар ҳузури ту истодааст, ҳама олами мусулмониро аз Миср то Ҳинд тай задааст, ҳама чиз дидааст, ҳама чизро, ки ба забони соликон, он соликоне, ки пайрави ӯ буданд, тариқат ва такомули нафс меварзиданд, шунидааст ва дар китоби «Мантиқуттайр» таҷассум намудааст, дар хотир дорад. Вай даҳҳо манзума ва таълифот дорад, исмаш офоқгир мебошад, вале маротибае ҳам мидоди хешро ба санои тавонгарон ба наҷосат наолудааст.

Наход ҳамин пирамарди хафифи муҷаъадриш, ки дар тан хирқаи ҷанда дорад, офаридагор бошад? Чаро ӯ аз ҳаёти серу пури атториаш, ки аз падар мерос мондааст, сар печид, онро пушти пой зад? Ба ҷои ӯ ғайре мешуд, чӣ роҳате менамуд. Чӣ ӯро ба ин роҳ андохт?

Бачаи дувоздаҳсолаи дар сарроҳи ҷодаи ду олам – дунёи зоҳир ва дунёи дарунӣ буда аз куҷо медонист. Бача ба шахсе чашм меандохт, ки ин тарикатро аз оғоз то анҷом паймуда буд.

Вале Аттор худ ба ин пурсиш дар китоби «Маниткуттайр» посух додааст. Филсабили мисол ривоятеро оварда буд, ки шоире муноҷот менамудааст рӯзи растохез Худованд ӯро ба соне азимҷусса бисозад, ки дар дӯзах баҳри дигарон муҷриме нагунҷад!

Ҷалолиддин достони «Мантиқуттайр»-ро бо устодаш қироат намуд. Ӯ алорағми дигар шогирдон, ки мехонданд,

то фикр накунанд баҳри он мутолиа мекард, ки зимни хондааш табаҳҳур намояд. Аз рӯи масали ба оқил як ишора рафтор менамуд. Соликони ҳақиқат ва Атторро меҳру муҳаббати оташин ба дигарон буд. Агар Ҷалолиддини дувоздаҳсоларо ақл идрок накунад, дил гувоҳӣ медод. Вақте ӯ ҷуръат намуда чашм бардошт, Аттор низ чашмони мадҳушашро ба ӯ дӯхта буд. Ва дар ҳамин он шоир ба расми кибор, гӯё ба саволи беҳарфи Султонулуламо посух медод, сукунатро шикаст:

«Аз ҷаҳони асрор чун паранда ба инҷо фуруд омадам то қуте ба даст орам, таассуф, ки ҳамдаме пайдо нашуд ва умр барҳадар гузашт».

Нобаҳангом шарори чашмони шоир хомӯш гашт, ду гӯшаи лабонаш овезон шуд ва Ҷалолиддин дид, ки ӯ ҳафиф гашта, ба хокистари даҳонаи ғори мисоли гӯр торик табдил ёфтааст.

- Ман туро бо чашми рӯҳ меҷустам, шайх Фаридаддин, - он гоҳ гуфта буд падар, - ба марҳамати эзиди додгор ба дидорат мушарраф гаштам.

Ба самъи Ҷалолиддин дигар ҳарфе надаромад. Қалбаш аз тараҳҳум доғ ғашт. Олам анқариб аз пирамарде, ки дар сар тоҷи намад дошт, маҳрум хоҳад гашт. Бача ба ҳадде возеҳ аз каломи ӯ дарёфт, ки ӯ бо зиндагӣ ҳисобашро баробар намудааст ва кунун танҳо ниҳоятро мунтазир аст.

Аттор дер мунтазир нашуд. Як сол пас, даҳуми апрели соли 1221 урдуи муғул Нишобурро забт намуд. Ба муҷарради он ки яке аз сарлашкари муғул дар хориҷи бораи Нишобур қатл ёфт, талаби амон аз ҷониби ваҳшиён рад гашт, мардуми шаҳр, ба ҷуз чаҳорсад тан ҳунарманд, қатли ом шуданд, бунёди шаҳр ба хок яксон ва заминаш шудгор гашт. Илова бар он дар харобот боз хайли муғулро гузоштанд, ки аз куштор боқӣ мондагонро сар бурад.

Муғуле шунид, ки дар ихтиёри сарбозе пирамардест асир, ки мӯъминон ӯро авлиёвор мӯҳтарам мешуморанд, аз соҳиби

асир ба ивази ҳазор дирҳам шарои пирамардро дархост намуд.

- Маро арзон фурӯш! – гуфт шоир ва сарбози аз чунин нархи гӯшношунид ба васваса афтодаро аз раъй гардонд. – Ту маро чандин маротиба қиммат хоҳӣ фурӯхт!

Сарбоз аз байъ инод намуд. Муштарӣ даст афшонду асп тозонд.

Аттор имкон дошт, ки ҷонашро наҷот диҳад, вале чӣ лозимаш буд он!

Минбаъд ҳеҷ кас бандии пиру нотавонро ба дирҳаме харидор нашуд. Муғули дигаре ба ҳаммаслаку хеш ба расми истеҳзо талаб пеш овард: - Ба ивази ин ҳамдунаи пир як ҷувол коҳ медиҳам!

Лаҳзаи муносиб фаро расид, ки шоир мунтазираш буд.

- Зуд бифурӯшам! – тақвият дод шоир каломи муштариро. – Аз ин қиммат беш касе маро нахоҳад харид!

Муғули ваҳшӣ шамшер кашид. Ҳамин минвол орзуи деринаи шоир ҷомаи амал пӯшид ва ӯ ин дунёи дунро падруд хонд.

Кунун пас аз панҷоҳ сол Ҷалолиддин мудом он воқеаро ба хотир меорад, мисли собиқ дафъае ки дар ҳазрати Фаридаддини Аттор меистод, нигоҳи номаръи ӯро дида буд, ба ин дунёи сифла тараҳҳум меварзид.

Шоир баланд шуд, ба писарон, ки дар паси падар меистоданд, назар афканд, ба ғор даромад ва бо китобе баргашт.

- Баъди замоне дар замири эшон қалби олам фурӯзон хоҳад гашт! Ахгари он дар рӯҳҳои ташнаи Ҳақ шӯъла хоҳад афрӯхт, - ба бачаҳо ишора намуд ӯ.

Шайх Аттор китобро ба падар тақдим намуд. Во аҷабо, алорағми одоби давр, падарро аз назар соқит намуда ба чеҳраи Ҷалолиддин нигарист. Аз ин нигоҳ дар дили бача тараҳҳум маҳв ва ба андӯҳи сабуке бадал шуд.

Кунун дар айёми пирӣ он асрор ба худи Ҷалолиддин маъруф гашт. Он амр ҳеҷ аҷобате надошт. Орифи рӯҳи инсон

Аттор ба андак саъй қодир буд аз ваҷоҳати ҳамчун китоби мафтуҳ эҳсосоти бачаро дарк кунад – андар он хайрхоҳии сӯзонро дарёфт, ки аз туфулият иртиботи ӯро бо олам саъб гардонд. Дӯзахи бегонагон, ҳамчун Аттор ба ӯ низ дӯзахи худӣ буд.

Ҷалолиддин дар ҳуш надорад, ки чи тавр онҳо ба шаҳр баргаштанд. Танҳо дар хотир дорад, ки эҳтирому ҳозири хидмат будани нишопуриён адаби хушкесту бас, эҳтиромашон манфиатҷӯӣ ва изтиробашон буздилист. Вақте шунид, падараш хитобан ба шайх Хоҷагӣ ва саисҳо мефармояд:

- Сабоҳ ба роҳ мебароем, - нафаси роҳат кашид.

## ШАМЪИ НАХУСТ

Вай ба шарфаи пой мултафит нашуд: замоне буд, ки мадраса ғарқи зулмот гашт, чашм меандохтӣ чизеро намедидӣ.

Вале ин шарфаро, ки нарм, дуздона ва боодобона буд, шинохт – садои пои писари калонаш Валад.

Сояи даст дар паси нури шамъ дар тани девор сиёҳии муши паронро мемонд, ки шину хез менамуд. Ғӯлаи риш ҳар маротибаи қадампартоӣ зери сақф медамиду мисли калоба ба замин мезад. Мо сояем андар рӯи замин. Оре, чун соя маҳв шуд, адамем. Танҳо шӯълае, ки мо андар худ дорем, ҷовид аст ва онро ба ҳамдигар ҳаюло менамоем, айнан мисли шӯълаи ин шамъе, ки ҳоло писар сокит хам шуда дар ҳазрати падар мегузорад. Он шамъ аз паси девор аз шамъи дигаре фурӯзон гаштааст. Ба андозае, ки шӯъла фурӯзон бошад, моро сӯзонад, фурӯғаш кашад, ҳамон андоза мо ба Ҳақиқат қарибем, ё мисли шарбати навдаҳои дарахт тавъамем.

Мо ҳамагон, хонандаи мӯҳтарам, ҳақиқатро дарки қонунияти ҳастӣ медонем. Ҷалолиддин онро Худо номидааст.

Ӯ фарзанди аҳди хеш буд. Лекин мурғе, ки дар сари инсони фарзона менишинад ва нисбат ба ӯ дуриҳоро мебинад, на аз он сабаб ки оқил ё дурбин аст, танҳо аз он боис, ки дар макони олӣ мебошад.

Худованди яккаю ягона, қодир, ҳозиру нозир, дар муқорина бо санампарастӣ мӯъҷизаи муҳимест дар тафаккури инсон, вагарна дар ин рамз, бигузор аз назари инсон ғоиб, алҳосил дарки олам ягона ва таманно дар бораи қудрат, ҳамабинӣ ва тавҳиди бани башар таҷаллост. Бояд мӯътақид буд, ки таърих на маҷмӯи хатоҳо, балки занҷираи саъю кӯшишҳост. Дар он аҳд зуҳури оини Худои яккаю ягона саъй дар ҷодаи ҳалли мушкил, тазодҳои азиятовар байни ҷисму рӯҳ, миёни ҷисму тафаккур, миёни шахс ва ҳастӣ буд.

Ҷалолиддини мутахаллис ба Румӣ, ки бештари умрашро дар Рум, чуноне дар он аҳд миёни мусулмонон ба истилоҳ Осиёи Сағирро чунин меномиданд, ба сар бурд, фарзанди аҳди хеш буд ва андешаҳояшро дар қабои илоҳиёт пинҳон менамуд.

Ҷалолиддин, бидуни шаку шубҳа, чун ба умқи рӯҳи инсон ғӯтавар гашта, имрӯз маъруф, ки тафаккур инъикос объективии олами ҳастист, мӯътақид буд, ки «олам муҳорибаи тазодҳост ва як маротиба ва якмаром сиришта нашудааст, балки ҳар лаҳза аз нав зода мешавад».

Ҷалолиддин танзими диалектикиро, ки аслафонаш, уламои мутафаккири, Рум, Юнон, Арабистон, Ҳиндустон ва Чин поя гузошта буданд, ба системаи ягона табдил дод.

Чуноне Ҳегел эътироф менамояд, Ҷалолиддини Балхӣ мусоидат намуд вай низоми диалектикии хешро, ки минбаъд бо шакли дигар ба ҳайати ломутаҷазои тафаккури пешоҳанги Олам ворид гаштааст, иқтибос намояд.

Вале Ҷалолиддин бар хилофи Ҳегел афкори хешро на ба таври категорияи мафҳуми мантиқӣ, балки дар тимсолҳои пурэҳтироси шоирона адо кардааст.

Дар аҳди мӯру малахвор рехтани муғул дар Шарқ ва ҳаракати ваҳшиёнаи аҳли солиб дар Ғарб, замони ҷангҳои

мазҳабӣ ва таассуб ӯ башарро ба сабру диранг бархонд: ҳама адёни ваҳдонӣ ба назари ӯ яксон буданд. Ва дар даврони зулм, таҷовуз, ғуломдорӣ ӯ мусовоти ҳама гуна инсонро, новобаста ба доройӣ, нажод, ойин, пайдоиш, мартаба дархост дошт. Аз дили ӯ одамон танҳо аз лиҳозе тафриқа доштанд, ки чи андоза бо Инсони Комил ба қадри ҳиммат ва заҳмати хеш қаробат меёфт.

Ӯ ба ташнагони ҳақиқат хитобан дар ғазали машҳураш мегӯяд:

*Онон, ки талабгори Худоед, Худоед,*
*Берун зи шумо нест, шумоед, шумоед.*

Ҳамин минвол ӯ дар шеъри хеш ҳастии воқеии рамзи парвардигорро кушодааст.

Дар маҷрои таърих зиндагӣ ва марг, тафаккур ва ҳастӣ, инсон ва инсоният, фазо ва замон асмои мухталиф гирифта бо тариқатҳои гуногун шарҳ ёфтаанд. Ва то даме инсоният ҳаст, ин истилоҳот муқаррар дар мазҳари ғайр пайдо мегарданд ва саъю кӯшише, ки баҳри ҳалли он ба харҷ меравад, мисли мозӣ фақат ҷидду ҷаҳди тақарруб ба Ҳақиқат мебошад.

Хонандагони гиромӣ, лутфан, мо дубора ҳафт қарн пас ба яке аз шабҳои торики соли 1268, ба шаҳри Қуния, ки дар Осиёи Сағир воқеъ ва дар он шаҳр дар мадрасае назди шамъи танҳо Ҷалолиддини Балхӣ менишинад, бармегардем. Ӯ дар тафаккур ва гузашти умр табаҳҳур намудааст. Мо низ ҳаёти ӯро думболагирӣ менамоем. Ва аз истеъмоли калимоти куҳан, тарзи андешаронӣ ва ғайриодат сарфи назар менамоем, ки битавонем маънои дар паси он ниҳонро, яке аз бузургтарин кӯшишҳоро дар таърих, дарк намоем. Шояд ба мо муяссар мегардад, ки шӯълаи оташи зинда, ки шахсро месӯзонд ва пардаи замонро бардарид, бифаҳмем. «Сухан қабо. Маънои зери он нуҳуфта асрор», - мегуфт Ҷалолиддин.

Валад шамъро ниҳод ва аз зер ба падар пурсишнигоҳи хиҷолатмандонае андохт. Падар бо як чашм сипос гузорид ва Валад, ҳамчунон сухани дилашро ба забон наоварда, нарм по гузошта ақиб баргузашту рафт. Вале саволи нопурсидаи ӯ, ки мисли чизи номафҳуме ба ҷараёни фикр халал овард, гӯшзаде буд аз мушкилие. Ҷалолиддин ҷаҳд намуд онро дур афканад ва ногаҳ боз як сабаб, шояд яке аз асбоби шайх Атторо ба таҳрик оварда, ки «Асрорнома»-ро бахшояд, ифшо гашт: орзуе, тасаллое, васвасае, умеде, сухане буд, ки ту дар орзуи шунидани он ҳастӣ, туро ба гӯр мебарад. Таманное, ки писарон он амреро, ки падар аз ӯҳдаяш набаромадааст, такомулу анҷом хоҳанд дод – аз мо беҳтар... чи неку хубу ҳакимона. Агар мо худ натавонистем аз будамон беҳу бохирад бошем, чӣ ҷои гила? На, на, ҳаргиз худро гӯл мазан, ба васвасаи орзую омол гирифтор маой, то раге дар танат меҷунбад, заҳмат каш, ки пас аз сарат чизе арзандатар, чизе аз худ бузургтар вогузорӣ. Шояд он вақт писарон он амре, ки мо аз ӯҳдаяш набаромадем, анҷом хоҳанд дод. Шояд...

Аттор ба худ тараҳҳум нанамуд. Аммо писари тоқаи ӯ дар ҳафтодсолагияш ба дунё омад ва қабл аз худаш, дар ҳаждаҳсолагӣ аз олам даргузашт. Акнун Ҷалолиддин тақрибан пас аз панҷоҳ сол он нигоҳи пиршоирро, ки дар мадхали ғори гӯросо ба тарафаш андохт, рамуз гирифт.

Ҷалолиддин дар бораи писаронаш, ки балхидухт Гавҳар дар нимроҳаи Ларанда таваллуд кард, ба андеша рафт. Сарнахусташро ба шарафи падар Валад номид. Ҷалолиддин шабонаҳо Валадро дар болои бозувон алвонҷ медод, чунки писари нозпарвард ба тарики дигар намехуфт. Худо ба Валад саховат намуда - оқил, доно, боадаб. Миёни писару падар фарқе нест: ақида ва рафтори падарро накӯ мефаҳмад. Аммо аз ӯ мегузаронида бошад ё не?

Ҷалолиддин суст шуд. Валад писари маҳбуб: адолатро бояд дар мизони заргарӣ вазн намуд, на дар тарозуи чӯб.

Шояд вай беш аз ҳад маҳбуб ва аз ҳамин иллат ба худаш мушкил, дар остонаи чиҳил қадам ниҳодааст, ришаш мошубиринҷ, исту бисти падар, аз пайроҳаи ӯ намебарояд. Оре, Валад падарро басо накӯ мефаҳмад, муфассир ва муҳофизи мероси падар аз ӯ беҳтар касе нест. Вале ҳама чизе ки Валад медонад, ҳосил не, ба ирс омадаасту бас. Чизи меросӣ он арзишро надорад. Охир ӯ тамоми умр зар наҷустааст, мулки бегона ба даст наовардааст, боғ сабз нанамудааст, ки посбонаш бошӣ? Сухан низ мисли мавҷудоти ин олам миранда аст. Он ҳамтои кӯза аз истеъмол бедошт мешавад ва низ гоҳ-гоҳ мисли кӯза маъниро ҳамчун об нахоҳад дошт. Ҳақиқат мудом зинда аст, ҳар онаке аз нав таваллуд мешавад ва ҳар маротиба зарфи нав лозим, ки ақаллан як зарра аз он маҳфуз дорӣ. Сухани нав шояд бо сухани кӯҳна ихтилоф дорад, ҳамчуноне ки ҳам нав ва ҳам кӯҳна як давр ҳақиқат доранд. Агар туро оташ кушад, пас кори ту ба шакли кӯза чист?

Оё қудрат ва футуввати Валад кифоят менамояд, ки ӯ ба ворис ва ҳофизи мероси падар тамаллуқ намояд? Аслан, ҳифзи ҳақиқат дар ба даст овардани он аст, вагарна боз як мазҳаби нав ба миён меояд ва шумори мазҳабҳо меафзояд. Мазҳабе мутааллиқ ба исми ӯ... Хулосаи умдаи ӯ дар ин бобат он аст, ки тафриқаи миёни одамон ба мазҳабҳо, нажодҳо, адён муҳаққар; фарзанди инсон аъзои якдигаранд.

Ҷалолиддин як қад парид. Дар айни замон Валад ба назари падараш басо камҷуръат ва камирода тофт – қудрати пойдорӣ надорад, Гирдрӯй, рухсорааш арғувонӣ – ҳатто ришаш гунаҳои арғувонии ӯро панаҳ намедорад. Замоне Сайидбурҳониддин дар қайди ҳаёт буд, муриде аз муридон аз ӯ бипурсид: «Чаро Мавлоно заъфарон ва ворисй ӯ Валад гулгунрух»? Сайид фавран посух гуфт: «Ҷалолиддин, аз бозе ҳолдон аст, ошиқ аст, чашмони ошиқон мудом дармегирад, вале рухонашон заъфаронӣ. Валад туфулият маҳбубу дилбар аст.

Он замон Ҷалолиддин ришханде зад. Воқеан, устоди шодравон ҳақ буд. Ошиқи ҳақиқат ва маҳбуби он – буду шуди фарқ дар ҳамин... Писар ҳар амале кунад, ҷамеъаш саҳеҳу дуруст – ҳам вазъаш ва ҳам шеъраш. Ҳамааш накӯ ва қолабӣ. Ва шеъраш низ ба шеъри падар муташобеҳ. Мисли муқоринаи рӯю даруни саҷҷода тароваташ ҳам дигар, банду басташ низ. Ҷалолиддин бо вуҷуд мехост худро гӯл занад, вале гӯл намехӯрд.

Дар ниҳоди Валад назокат, нармӣ, эҳтиёт, ниҳон ва нуре, ки ӯ мебарад, нури моҳ аст. Хокистар нашудааст, меҳрубон, тасаллобахш. Басо мекӯшад, ки ба падар монанд бошад, аммо дар ниҳодаш модараш зинда. Гавҳар зинда. Шояд аз ҳамин лиҳоз падар ӯро аз дигар писарон бештар дӯст медорад?

Беҳуда ӯ шеър баст. Беҳуда. Беҳтар буд роҳи хешро меҷуст, дар коре шак меовард, исён мебардошт!. Ту худ, Ҷалолиддин, магар то даме падар барҳаёт буд, меҷустӣ, шак меовардӣ, исён мекардӣ? Танҳо аз паси ӯ мерафтӣ. Албатта, аҳёне шак меовардӣ...

Дар Макка ҳамроҳи падар бо анбӯҳи ҳоҷиён омезиш ёфта тавофи Каъба менамуданд. Садои намоз нимовоз баланд мешуд, бо бархӯрди шадиди амвоҷ дар соҳил ва бонгашон мисли шалапоси об буд. Издиҳом мегиристу оби чашм менамуд, кадомин ба замин меафтод – онҳо чизи маҳҷуле, мӯъҷизаеро мунтазир буданд, - лаҳзае аз худ бегона мегаштанд, бо ҳам омезиш меёфтанд ин ҳазорҳо, ки аз чор канори олам расидаанд. Бояд мӯъҷизае ин ҳамаро зеру забар месохт. Ин мардум, ки хешро дар тавҳид, дар тазомуни бародарона меёфтанд, бори дигар аз онҳо шарр, хасисӣ ва ғурур зоҳир мешуда?

Ҷалолиддин айни ҳамон рӯз дид, ки дарвешон рӯи маротиби тақво пархош намуданд, муштҳо бардоштанд, халачӯбҳо намоён мегаштанд, аз рухсораҳо ашк не, балки хун мерафт, аз чашмон оташ ва аз даҳонҳо дашном меборид.

Дар роҳи Макка ба Мадина марди сиёҳрӯи арабе, ки

рокиби аспи тозӣ буд, аз корвони онҳо даргузар шуд. Ӯ дар бар ҷомаи олӣ ва дар сар дастори ҳоҷӣ дошт. Дар рикоби ӯ ғуломон, ки ба пои урён кафшҳои чӯб пӯшида буданд, метохтанд ва ангуштони пояшон ғарқоби хун буд. Ҷалолиддини дувоздаҳсола дар шамоили ин араби ҳоҷӣ шахси зиндагии серу пур муяссаргаштаро дид. Ӯ чунин нигоҳҳоро дар чашмони бисёриҳо дидааст. Ва ба хулосае омад, ки ин зумра фарзи ҳаҷро танҳо барои он ба ҷой овардаанд, ки ба мартабаи хоҷагӣ ноил гашта, дар ватан бо дили пур аъмоли зишту нораворо идомату анҷом бидиҳанд.

Бале, мӯъҷизае ба вуқӯъ наомад. Ҳаяҷоне Ҷалолиддинро ва кулли ҳоҷиёнро фаро гирифт. Инсонҳоро тағйири ҳол нанамуд, зиндагӣ ва кирдорашонро дигар насохт. Андаруни ӯ фикре ба ҷунбиш омад, ки чи тавр фарзи ҳаҷро ба ҷой меорӣ, вале худ осӣ мемонӣ, ё худ дар кунҷи манзили хеш нишаста низ парҳезгор хоҷӣ буд – вай аз худ ор кашид. Ҳамин ҳин фармудаи падар ба хотираш зад. «Мардум оинаи туянд, гуноҳи онҳо инъикоси гуноҳи туянд».

Ва сухани ҳақ пас аз солҳо илқо шуд:

*Эй қавми ба ҳаҷрафта, куҷоед, куҷоед*
*Маъшуқ ҳаминҷост, биёед, биёед.*
*Маъшуқи ту ҳамсояи девор ба девор,*
*Дар бодия саргашта шумо дар чи ҳавоед.*
*Гар сурати бесурати маъшуқ бубинед,*
*Ҳам хоҷаву ҳам хонаву ҳам Каъба шумоед.*
*Даҳ бор аз он роҳ бад-он хона бирафтед,*
*Як бор аз ин хона бар ин бом бароед.*
*Он хона латиф аст, нишонҳош бигуфтед,*
*Аз хоҷаи он хона нишоне бинамоед.*
*Як дастаи гул ку, агар он боғ бидидед,*
*Як гавҳари ҷон ку, агар аз баҳри Худоед.*
*Бо ин ҳама он ранҷи шумо ганҷи шумо бод,*
*Афсӯс, ки бар ганҷи шумо парда шумоед.*

Оид ба исён ҳоҷати гап нест. Замоне падар дар қайди ҳаёт буд, ба ботин шаку шубҳа нофиз мешуд, вале эътиқод ботил намегашт. Барабас нагуфтаанд, ки писар танҳо пас аз вафоти падар мард мегардад.

Панҷоҳ сол боз ӯ бепадар аст. Ҷалолиддин нав бистусесола буд, ӯ даргузашт. Писари сарнахусти ӯ Валад нуздаҳ сол аз ӯ хурд асту бас. Ва аллакай дар хонаи чиҳил.

Аз лаҳзае, ки ӯ пеши худ калимаи «исёнро» ба забон овард, эҳсос намуд, ки ҳамин замон қиёфае пеши дидагонаш ҳамтои магас пайдо гашт. Натавонист дафъаш кунад, зоҳир гашт...

Писари дуюм ба дунё омад ва Ҷалолиддин намехост ҳатто дар дилаш номи ӯро ёдзад кунад. Оре, ӯ исён бардошт. На баҳри он ки роҳи падар ба ӯ зайиқ, баракс, басо фавқулодда ва махуф буд. Мехост падарро танҳо баҳри хеш маҳфуз бидорад, мисли гарикe ба ӯ чангол зад ва аз паси худ ба жарфно мебурд. ... На ту исён кардӣ, балки дарандаи рашк ва худписандӣ андар ту хурӯҷ намуд, тақозо кард, ки хирад ва шарафро фаромӯш созӣ. Ба кӣ даст бардошт, охируламр? Накӯ гуфтаанд, ки: «Ҳарки шахсеро зинда гардонад, бетафовут ҳамаро зинда гардондааст». Касе ақаллан як шахсро бикушад, бетафовут ҳамаро хоҳад кушт.

Ҷалолиддин беистиҳола ба эҳсосоти тақрибан аз миён рафтааш, ки дубора эҳё мешуд, истимоъ фармуд. Аз афташ ғазаб. Вай мепиндошт, ки замонест ин эҳсосот маҳв гаштааст, он эҳсосе ки собиқ сахт азияташ медод, кунун ба тараҳҳум ва андӯҳ табдил ёфта.

Худшиносии худ ва молик будан ба рӯҳи хеш, дарвоқеъ, аз ғасбу дар қабз маҳфуз доштани бару бум, ки Искандар дошт, басо муҳолтар аст. Вале минбаъд, вақте ориф мешавӣ, ҳама чизро медонӣ, мефаҳмӣ, ки ин дунё сифла аст ва ту қазоро тағйир карда наметавонӣ! Ана ин азоби азим.

Ҷалолиддин дарк кард, ки адуви куҳанаш дорад эҳё мешавад ва ҳамин замон қаҳру ғазабаш хоҳад таркид, филфавр бо ин созиш намуд. Ақаллан дар рӯяш раге наҷунбид.

Ҳанӯз низ дар рӯи лавҳи фарш тасбеҳ муназзам уфтода буд.

Ва масдари ин тазодро медонист: ирси падар. Султонулуламо, шахси қасиюлқалб, собитқадам аҳёнан ба ғазаб меомад, вале чун ба хашм ояд, мисли раъд бадвоҳима буд.

Ҷалолиддин бори нахуст хашми ӯро аснои намози панҷгона дар масҷиди ҷомеъи Балх дид. Он вақт ақаллан сабаби казоӣ буд. Аммо дар ағба, дар роҳи Бағдод...

## ДОРУССАЛАМ

Бародарон тани нахлро, ки шабеҳи пои фил буд, муттако намуда панирро ба лочураи нафис печонда тановул мекарданд.

Тан аз хастагӣ нолиш менамуд: Дашти Кабир ва ағбаи Курдистон паси сар монд. Охирин сафари шабона беистисно, аз ҷумла падарро, ки баъд аз Нишобур уштурсавор мерафт, сахт хаста намуд. Вале падар шитоб менамуд ва имкони истод намедод.

Қофиласолорон уштуронро дар сояи тунуки дарахтон мебастанд ва одамони дигар ба корвонсаро баҳри таҳорат рафтанд.

Додарон ба таматтӯъ нон хойда ба роҳи кӯҳан, ки дар замонаш шоҳони Рум сайр менамуданд ва ба тоҷироне, ки рост аз болои харонашон панир, нон, хурмо – бебаҳо буд хурмо дар ин сарзамин, - мефурӯхтанд, инчунин ба дуди кабоб менигаристанд.

Субҳи бармаҳал. Вале роҳ серрафтуой, гувоҳ медод, ки пойтахти хилофат қариб. Пайке савори уштури хокистарранги балуҷистонӣ бо шитоб даргузар шуд, ба қавле ин зот ноқа, аз тулӯи офтоб то мағриб сӣ фарсах роҳ тай менамояд. Мардон пероҳани дароз ва ёқабаланд доштанд, аз болояш хилъати сабуки сафед пӯшида буданд, чӯриҳо дар сар

сабад, малобисашон сурхи гулдор буд, ҳавлиҳо дарвозахонаҳои васеъ доштанд, дар ин шаҳр ҳама чиз наву ғариб метофт.

Бародар ба бозаргонон гӯш дода бо оринҷ Ҷалолиддинро тела дода: Бубин, дар ин макон ҳама ба арабӣ ҳарф мезананд, магар зарур буд умреро рӯи сарфу наҳв харҷ додем?

Ҷалолиддин хандид, вале рӯй наовард. Дар роҳ корвон пайдо шуд. Ин қофила аз ҷиҳате ба ӯ ошно метофт, вале аз кадом ҷиҳат, возеҳ набуд. Фақат замоне корвон наздик омад, Ҷалолиддин барҷасту ба пешвози қофиласолор давид. Онҳо, бидуни шак, ҳамватанон, балхиҳо буданд.

Овоза шуд, ки дар ин ҷой Султонулуламо бо муридонашу ҳамроҳи ӯ Шарофиддин Лоло, яке аз сарони бозаргонони Балх тавaққуф намуданд, тоҷирони Балх низ ба таҳайюр омада дар ҳамин ҷо манзил гузиданд.

Аз диёр хабари тозае надоштанд онҳо, чунки замоне буд бо роҳи гирдогирде баромада буданд, матои нозуки онҳо рутубати биёбонро таҳаммул намекард. Савдогарон бо нияти ҳақи нону намак кардани ҳамшаҳриҳояшон бӯғчаеро кушоданд. Андар он харбузае балхӣ буд, ки фақат дар Балх ба ин назокат мехушконанд.

Ҷалолиддин аз илми харбузаро хушконидан ва санъати он воқиф буд – ононе ки харбузаро мехушконданд, пӯсти онро бисёр нозук ва устокорона мегирифтанд.

Вай сар ба тасмаҳои шаҳдосои харбузаи балхӣ фурӯ бурда аз бӯи ватан баҳравар мегашт. Охирин армуғони ватан буд он. Мулоқоти ҳамватанон ба Султонулуламо таъсире нанамуд: зоҳиран, дигар ҳеҷ чиз ӯро бо зодгоҳ марбут намедошт.

Баъди тановули таом ду сорбон ба ҳузури ӯ омаданд.

- Уштурҳо хаста шудаанд. Имрӯз дигар ба роҳ намебароем.

- Фурсати истироҳат нест!

Падар бо онҳо басо «машварат» намуд, вале якзайл

посухи ягона «уштурҳо хаста» мешунид. Ва ногаҳон дар ҳаво остини хилъати ӯ алвонҷ хӯрд, кафи бузургу хушки ӯ ба рӯи сорбон фуруд омад. Сангин буд дастони Султонулуламо – бо як зарб ҳардуро ба замин афканд, ки ҳатто касе дар хотир надорад.

- Ба назди уштурҳо равед, гарбачаҳо!

Дар ҳақиқат уштурҳо хаста шуда буданд. Вале ғараз аз сарпечии сорбонҳо муддаои табъ аз дидори ҳамшаҳриҳо сер шудан буд. Магар ин дурӯғ он сон бузург буд, ки даст ба заифон бардошт? Ва ӯ ба куҷо шитоб дошт?

Кунун Ҷалолиддин дарк кард, ки он макри ночизи сорбонон охирин қатра буд, ки косаи лабрези ғазаби падарро пур намуд. Дар Бағдод боз сири дигаре ошкор гашт, ки чаро Султонулуламо шитоб мезад. Вале он замон хашм, аз он бадтар, дашномаш бачаҳоро қади марг тарсонд.

То пойтахти хилофат дусоата роҳ буд, онҳоро боздоштанд. Замона бад ва дар роҳҳо монеаҳо гузошта буданд. Корвонро посбонони араб иҳота намуданд.

- Аз куҷо ба куҷо?

- Миналлоҳу ва алайҳи роҷиъин! – гуфт падар андак саропардаро бардошта ва ақаллан рӯяшро нишон надод. – Ба ҷуз ҳукми худованд дигар ҳукме нест дар олам. Мо аз ҳеҷ куҷо меоем ва ба ҳеҷ куҷо меравем.

Посбонон саросема гаштанд. Одатан аъроб истимои каломи пайғамбарро тақрим менамоянд. Тарзи сухан ва талаффузи ин калом аз забони ин мусофири ғариб ҳаросангез буд. Ҷанговарон дудила шуданд на қофиларо раҳо карданд ва на ба ҳоли худ гузоштанд. Сорбонеро ба шайхулшуюхи Бағдод Сӯҳравардӣ расул намуда, худ қофиларо гирд гирифта, ба сӯи шаҳр равон гаштанд.

Сорбон вақте Сӯҳравардиро таблиғ сохт, ки қофилае муталлиф аз уламо ва дарвеш, эҳтимоли кулл меравад, ки аз Хуросон ба Доруссалам, дар он рӯзгор пойтахти хилофатро ҳамин тавр меномиданд, меоянд. Шайх Сӯҳравардӣ дар посух

сухани шигифтоваре гуфт: - Он шахс ба ҷуз Баҳоваддини Валад, фақеҳи Балх касе нест, вагарна дар ин рӯзгори музтариб ғайр аз ӯ шахсе чунин лафзро ба забон нахоҳад бурд.

Сӯҳравардӣ шайхе аз машоихи овозадори Бағдод буд, ки бо нияти пешгирӣ намудани ғазви Хоразмшоҳ Муҳаммад аз тарафи дорулхилофат ба расми сафир ба Хоразм рафт, кулли машоих ва сӯфиҳои машҳурро медонист. Ва низ аз он чи миёни Султонулуламо ва уламои дарбори хоразмшоҳ ҳодис шуд, низ ҳолдон буд. Агар машоих ва воизон ба баҳонае қаламрави хоразмшоҳро тарк намуданд, бигузор ба чи иллате бошад, дастаки оли Аббос мешавад. Лозим, ки мусофиронро истиқболи арзанда кунанд. Чунки кулли таъминоти муттақӣ эҳтироми амирулмӯъмининро нисбат ба риҷоли дин, ононе, ки хоразмшоҳи бидъат тард кардааст, бо нияти густариши дасти тасарруфи муқаддаси хилофат дар Бағдод некӯ пазирой менамуданд.

Деворҳои пойтахти хилофат падидор гашт. Аз дарвозаи шаҳр ҷамъияте бо сарварии шайх Сӯҳравардӣ, ки савори хачири сафед буд, ба истиқболи корвон меомаданд. Шайхулшуюхи Бағдод аз дур саропардаро шинохта аз хачир фаромад. Сӯҳравардӣ чанд қадам аз пеш бо шитоб омад, бари домони Султонулуламо тақарруб намуд ва онро бибӯсид. Султонулуламо таклифи дар ҳавлии ӯ манзил гузиданро лутфу илтифот дониста, қатъан рад намуд. Уламо диғар дар мадрасаҳо намехуфтанд, ғайр аз ин нияти дар Доруссалом дер истодан надоштанд, аллакай худро бо эҳромҳо печонда, агар аҷал амон диҳад, иншоллоҳ, бидуни истиҳола ба сӯи Макка равон хоҳанд гашт. Онҳо аз пули Наҳованд, ки аз болои наҳри тез ва гилолуди Даҷла мегузашт, ба шаҳр даромаданд.

Падар мисли собиқ сукут меварзид. Вале чашмонаш барқ мезаданд- дар заминаи шӯълаҳои лолагуни ғазаб шарораҳои торики ғурур медурахшиданд.

Ин сир ба Ҷалолиддин баъд аз солиёни зиёд ошкор гашт. Дар замонаш ӯ роҷеъ ба падар намеёрист чунин фикрро ҳатто

дар хотир роҳ диҳад. Ва он замон медонист, ки ғурур аз ғазаб ғизо мегирад, худ, мисле ки лахча сӯзад, шӯъла таваллуд мекунаду билохира ба ангишту хокистар бадал мегардад. Ҷалолиддин, агар қодир буд, ки таркиши ғазабро хомӯш намояд, пас сабабаш он аст, ки ғазабро аз ғизояш, аз ғурури фаронагирандааш маҳрум сохт. Аммо ин аз ҷониби дигар Ҷалолиддинро мутеъ нанамуд: хунасоҳои рӯҳонӣ барабас ӯро мутаассиби густох намехонанд. Чӣ ҷои гила, хунасоҳо мудом саъю кӯширо густохӣ меноманд.

Оре, Ҷалолиддин аз Баҳоваддини Валад сабоқат варзид ва яке аз асбоби раисӣ дар ин амр чирагии ӯ бар алайҳи ғурури падар буд, ки пеши чашмонашро бо ғазаби тоқатфарсо мепӯшонад...

Онҳо дар кӯчаҳои Бағдод оҳиста ҳаракат менамуданд. Рӯз майли ғуруб дошт. Аз тирезаҳо аён буд, ки ҷой-ҷой шамъ афрӯхтаанд. Вале ба болои коххо, бурҷҳо, манораҳо ва иморатҳо осмони бағоят софи Бағдод ҳанӯз ҳам нури равшан мепошид, гӯё дар худ ҳашамати ин шаҳрро, ки ба зулмот ғӯтавар мешуд, айнан инъикос мекард.

Ҳасби таомули риҷоли дин, шайх Сӯҳравардӣ, ходими бовафои хонадони аббосиён, ба Султонулуламо таваҷҷӯҳи хос зоҳир намуд, ки подоши хидматҳои мазҳабии меҳмон ба эътибор мерафт: худ вайро то мадраса гуселонд, ба беҳтарин ҳуҷра ҷой дод, бо дасти худ мӯзаҳои соқбаланди чанголуди ӯро кашид. Падар ҳамаи инро маъмул медонист.

Баъди намози аср раддаҳои худдом ва бардаҳо, ҳомилони нону намаки амирулмӯъминин Абдулаббос Аҳмаддиддин Носириндиллоҳ ба мадраса ташриф оварданд. Онҳо дар лаълиҳо, ки сарпӯши гирдаи мис доштанд, анвои нозу неъмат, яқин аз матбахи дорулхилофат – меваҷот, найшакари ямонӣ, илова бар он динорҳои тиллои Миср оварданд ва боз ғурури Султонулуламо аз нав бедор гашт.

- Мо каму кост надорем. Ба одами доро ва тансиҳат

дарюза бахшанд, гуноҳ.

Ҳамин минвол ӯ ҳадоёи амирулмӯъминиро рад намуд. Бифармуд суфраи алвонро ба хайрия қисмат ва нақдинаҳоро ба хонақоҳҳо бахшиш кунанд.

Шайх Сӯҳравардӣ фаҳмид, ки меҳмон эътиқоди худро нашикаст ва пешкаши халифаро ҳаром бишумурд. Ва биранҷиду бирафт.

Ғалат накарда буд ӯ. Султонулуламо лозим донист, ки ба пурсишнигоҳҳои муридонаш кирдори худро шарҳ диҳад, ба ҳар ҳол халифа фақат ҳоким набуд?

- Агар банда бахшиши халифаро, ки ба ҷои ғамхорӣ ба умма бархилофи фармудаҳои пайғамбар ба самоъу наво ва майгусорӣ машғул аст, бипазирам, он гоҳ ғазаби парвардигор аз сари ӯ рафъ мешуд.

Султонулуламо хешро на каму на зиёд ноиби худо дар рӯи замин меҳисобид.

Писарони фақеҳи Балх кару фар, лаъбу дилхушиҳои дорулхилофатро, ки ба шаъни амирулмӯъминин намезебид, шунида буданд. Дар Бағдод ба ҳадиси пайғамбар иснод меоварданд: «Фариштагон ба се чиз шариканд – яке тағи асп, дигарӣ камонварӣ ва сеюм ишқи зану мард». Аввал, ин иснодро уламои ҳаниф саҳеҳ намедонистанд. Дуюм хурӯсҷанг, кабкҷанг ва гӯсфандҷанг, ки дар ҷашнҳо дар пойтахт ба шакли умум баргузор мешуд, дар базмҳои майгусорӣ, ки андар он ба расми дуруд ба ҳамдигар гул меафшонданд, ғанои канизаконро гоҳе аз паси пардаю аҳён бидуни он, самоъ мекарданд, иснодӣ мазбур ибром намекард.

Ривоят мекунанд, ки қуззот, ки дар базмҳо шаробро шаръӣ кардаанд, дар маҳфилҳо малобиси аблақ мепӯшидаанд ва аз фарти мастӣ ришашонро майполо менамуданд. Ҷалолиддин ба ҳуш овард, ки падараш бадкирдориҳои амирулмӯъмининро бо чи кароҳате гӯш медод.

Кунун агар ӯ барҳаёт мебуд ва медонист, ки писари худаш

таомули дар маҷолис ромиши най ва рубобро раво донистааст, дар маҳофил ашъори хешро месарояд, дар ҳавои наво арғушт меравад, салоҳ медонад, ки занҳо дар маҷлис ширкат варзанд ва ӯро гулборон намоянд, чӣ мегуфт?

## РУБОБ

Оваҳ, нағмаи дилангез дорад рубоб! Эҳтимол қавитарин дилбастагияш дар гетӣ навои рубоб буд. Аз ҳамин ғоят ӯ шеър эҷод менамуд, ки маъниро комилтар ифшо намояд, чунки сухани мансур ҳаргиз маъноро пурра намеғунҷонад. Ҳеҷ чиз ба ҷуз ромишу арғушт дар олам нерӯи дар рӯҳи инсон ниҳонро озодӣ нахоҳад бахшид, ӯро аз ҷузъиёти рӯзгор, аз ташвишҳои рӯзмарра барканор нахоҳад дошт, одамро ба олами ботини хеш мутаваҷҷеҳ нахоҳад дошт. Ӯ мудом ба толибилмонаш гӯшзад мекард, ки «мунокишаи уламо аглаб миёни мардум тафриқа бор меорад, вале арғушт ва навозиш чизи беҳамтост дар дунё, ки тавҳиди бани одамро тавзеҳ менамояд».

*Ҳеҷ медонӣ, чӣ мегӯяд рубоб?*
*З-ашки чашму в-аз ҷигарҳои кабоб.*
*Турку румию араб гар ошиқ аст,*
*Ҳамзабони ӯст ин бонги савоб.*

Басо гариб аст, ки сӯфии фақеҳ Султонулуламо бо хашму ғазаб муқобили ромиш қиём мекард? Сад сол қабл аз ӯ шайхи мукаррам Абӯсаид ва бисёр дигарон дар Нишобур самоъ - лотиниён «аудиция беатифика», яъне истимои гуворое аз мусиқа ва овозхонӣ гӯянд - на танҳо аз сураҳои Қуръон, балки аз ғазал барпо мекарданд.

Аҳли тасаввуф амалан ва назаран дар таълимоти тариқат, дар бобати такомули рӯҳ ва ба ҳақ восил шудан баъзе ҳолоти

собит офариданд, ки аз натичаи чиду чахди солик муяссар мегардад. Онон ин маслакро мақомот исм ниҳоданд. Эшон накӯ медонистанд, ки ҳангоми самоъ баробари ҳолоти собити рӯҳонӣ, ба солик авзои лаҳзагие мисли вазиши бод ваҳй мешавад. Ин вазъиятро онон ҳол ва юнониён экстаз меномиданд, ки имрӯз мо илҳом меномем. Ҳол дар тафовут аз мақомот, ки атоест бар бадали фидокориҳои мадиду шоққа, илова бар он ба саъю кӯшиш ё иродати солик новобаста аст, ҳамчунон ба илҳом низ иртиботе надорад, бо вучуди он ба касе муяссар мегардад, ки афкору андешаяш ба сӯи ҳадафи воҳид мутаваччеҳ бошад. Доноёни олии рӯҳи бани Одам, машоихи шаҳир мӯътақид буданд, ки тақрибан ромиш василаи танҳоест, ки инсон ба ҳол тақоруб пайдо намояд.

Мусиқа ва рубоби дилангез ба Чалолиддин кӯмак менамуданд, ки на бо хирад, бал бо кулли ҳастӣ, бо мардумон ва олам бипайвандад, хештанро соҳибқудрат дарёбад, инсонро комил ва ҳамтои парвардигор тачассум созад. Афроде, ки ба тафриқаи одамон, аз қисмати дунё моҳияти ҳодисаҳоро таҳриф мекарданд, бо ғазаби лабрез мехостанд аз дасти ӯ ин силоҳи ягонаро биситонанд.

Вай аз мочарои рубоб ба чи тӯҳмату бадгӯиҳое рӯбарӯ шуд ва бо чи хатарҳои азим гирифтор омад!

Он сабоҳ, баъд аз шаби бедорӣ, ки ҳамроҳи Ҳисомиддин сипарӣ намуд, дилаш дар хона тангӣ кард. Сақф ба рӯяш фурӯ мерафт, аз ошхона садои зарфҳо бадашро меовард, овозҳои хафа, ҳамон сару садои зиндагӣ, ки аз девор нуфуз менамуд - таомхӯрӣ намебарояд, касею чизе лозимаш нест, - мустамир ба ӯ ташвиш меовард, ӯро хаста намуд. Басо рағбат дошт танҳои танҳо, худ бо худ бошад.

Чалолиддин оҳиста аз дарвозаи ақиб нияти ба токистон, аз шаҳр берун рафтан дошт. Субҳи босафо буд, барге намечунбид, ки гувоҳи рӯзи гарм ва кӯфтакунандаро дошт,

аз бари бораи шаҳр мерафт, аҳён-аҳён роҳгузарон таъзимаш мекарданд ва нобаҳангом ӯ хилвати сари ҷарии қурби дарвозаи султонро ба хотир овард.

Зери чинори куҳан, ки аз се ҷиҳаташ духчӯб иҳота карда, хайли занбӯр ғунгос мезад, нишаст ва девони ашъори Саноиро бикушод. Доду фиғони посбонон, садои сумҳо дар сангфарш, ғиҷироси рӯзмарра буд, ки якмаром мерафт.

Ба қироат ғарқ шуд ӯ.

Сафҳаеро боз ғардонд ва парешон сар бардошт. Панҷ қадам дур фақеҳи турки майдаяки тангчашме дастон пеши бар меистод. Мӯи занахаш басо тунук, аз ҳарос меларзид, вале дар чашмони тангаш макри тамаллуқкоронае мастур буд... «Ниҳоят пайдо кард! Аз афташ замоне дар ҳамин вазъ меистод, бок дорад, ки пеш ояду сукунатро халалдор кунад».

Нигоҳи онҳо бархӯрд, фақеҳ чашмонашро гурезонд ва гӯё ҳар лаҳза замин дар таги пояш фурӯ мерафт, пойварчин пеш меомад. Саҷдаи заминбӯсе дод ва аз остин рисолаеро бароварда ба ӯ дароз кард.

Яке аз бемаърифаттарин, хиратарин, беқариҳатарин фуқаҳои Қуния буд ин пирамард, ки мудом дар хушомади ҳамоинони муваффақи хеш такопӯй менамояд: таманно дорад, ки лоақал охири умр ба мансаби мутаваллие дар пасттарин мадрасае, ё худ ноиби қозӣ дар шаҳре таъин гардад. Вай ба орзуи хеш сарфароз намегашт. Дар назди уламо муҳаққар ва манфур буд, мудом ҳар маротиба кори носозе пеш ояд, ӯро ҳамчун балогардон истифода менамуданд.

Аз ваҷҳи ҳароси он фақеҳ, яқин буд, ки ин карат низ ӯро ба кори хуше нафиристодаанд, дили Ҷалолиддин гувоҳ дод, ки боз сухан рӯи мусиқа меравад, чунки шунида буд уламо ба самъи қозикалони Қуния Сироҷиддин иғвои нав расониданд.

«Эй сарвари уламо, муршиди хирад, маснади шариат ва ворисн набиино саллаллоҳу алайҳи васаллам. Чаро дар рӯи замин чунин илҳод мусаммо ба мусиқаю наво, ки садои азони масҷидҳоро пахш мекунад, танинандоз шуда? Мӯътақидем,

ки орзуи мо ҷомаи амал мепӯшад ва ин расм бархам мехӯрад, ё худ аз бунёд барканда мегардад».

Ҷалолиддин когази лӯларо аз дасти пирамард бигирифт ва бидуни ранҷише бипурсид:

- Аз қозӣ?

- Бале, аз қозиюлқузот Сироҷиддин, - посух дод фақеҳ, ки дар ҳамин фурсат ба макони собиқи хеш баргашта буд.

Ҷалолиддин лӯларо кушод. Андар он бо хатти нозуки мирзоӣ суолоте доир ба шариат, мантиқ, фалсафа, илми бадеъ, нуҷум ва кимиё, тафсири Қуръону тиб ва илоҳиёт сабт буд. Маҷмӯи ин суолот найранг ба эътибор мерафт. Аглабаш адамулҳал буданд. Ба ҳар оин одамоне, ки ин чунин пурсишҳоро менамуданд, Ҷалолиддин онҳоро мешинохт, эҳтимол ба он посух медоданд. Фарҳанг мисли нон аст. Даҳ ман нонро бурдан осон бувад, вале хӯрдан нашояд. Ба ин ҳаммолон аз куҷо маълум, ки нони илм чист ва онро чӣ тавр тановул мекунанд?!

Оҳ, Сироҷиддини айёр! Худ муқобил нест, ки фатво диҳад, маҷолиси самоъ мамнӯъ – он ба риҷоли дин халалгор меояд, чунки он вақт онҳое, ки ризқашон аз ҳисоби ҳадоёст, аз қути лоямут маҳрум мегарданд. Аммо чӣ чора, ки аҳли савод дар Қуния ромиш ва шеърро дӯст доранд. Агар Муиниддини Парвона, ҳокими муқтадири султон бо нияти ҷалби меҳри мардум баҳри Ҷалолиддин самоъ барпо менамояд ва дар он аркони ҳукми завҷаи султонӣ ширкат меварзанд, чӣ бок.

Агар ин уламои каллакаду ба ин кор дахолат намеварзиданд, чи хуш буд. Азбаски игво восил шудааст, хоҳу ноҳоҳ онро тафтиш бояд намуд. Боке нест, чоҳкан зери чоҳ.

- Бузро аз пои худ ва гӯсфандро аз пои худ меовезанд – ҳамин тавр посух медод қозӣ Сироҷиддин ба уламо. Азбаски ин мард нерӯи худодод дорад, баҳс бо ӯ қобили қабул нест. Он дар илми яқин ва гайб ҳамто надорад.

Шукр, қозӣ Сироҷиддин ҳаммолонро аз хӯрандагон тамйиз мекард. Ӯ ба ҳукми хидмат борҳо ашъори

Ҷалолиддинро шунидааст, ки ӯ ба тааллуми зоҳирӣ на аз ҷаҳолат беэътиноӣ мекунад, - худи ӯ даҳчанди уламо беш хӯрдааст ва метавонад бештар ба ганҷинаи хирад саҳм гузорад. – Бал аз он хотир, ки дар базми дониш ба нони обгурехта қаноат натавон кард.

*Он яке наҳвӣ ба киштӣ дарнишаст,*
*Рӯ ба киштибон ниҳод он худпараст.*
*Гуфт: «Ҳеҷ аз наҳв хондӣ?» Гуфт: «Ло»,*
*Гуфт: «Ними умри ту шуд дар фано».*
*Дилшикаста гашт киштибон зи тоб,*
*Лек он дам кард хомӯш аз ҷавоб.*
*Бод киштиро ба гирдобе фиканд,*
*Гуфт киштибон бад-он наҳвӣ баланд:*
*«Ҳеҷ донӣ ошино кардан? Бигӯ»,*
*Гуфт: «Не, эй хушҷавоби хубрӯ!».*
*Гуфт: «Кулли умрат, эй навҳӣ, фаност,*
*З-он ки киштӣ гарқи ин гирдобҳост».*

Ҷалолиддин ба саволҳо чашм давонд. Уламо бидуни таҳаммул қарор доданд, ки ба тавассути каломи қозӣ дониши ӯро ихтибор намоянд.

- Мидоду давот! – ба фақеҳ фармон дод, ки якин оҳанги «ҳамин лаҳза ман миси шуморо мебарорам»-ро дошт.

Бидуни таъҷил ба ҳар савол посух дод, мисли аттори ботаҷриба, ки аз маҷмӯи гиёҳҳо ҳаббе месиришт, ба ҳам овард, ба ҳам омехт, зеро иқтидор дошт аз маҷмӯи ҳаводис ҳадафи воҳидро бубинад.

Ӯ ҷавобҳоро навишт, андаке таҳаммул намуд, пеши худ тасаввур кард, ки чи сон эшон рӯйҳояшон дароз шуда ин ҳаббро фурӯ мебаранд, ки пирамард ба онҳо тақдим менамояд. Ва пас дар рӯи дигари нома суханонеро навишт, ҳарчанд тибқи қавоид буд, вале дар зимн ошкоро тамасхур дошт.

«Мардони оқили олам! Ба самъи мубораки шумо расад, ки ман муддаъии мансабеву минбаре нестам, ба неъматҳои шумо – фаровонатон бод ва ба худатон насиб кунад – низ чашми тамаъ надӯхтаам.

Мо гӯшаи узлат гирифтаем ва аз шӯҳрат рӯй тофтем. Ва ҳатто рубоберо, ки шумо ҳаромаш мешуморед, агар лузуматон бошад, бароятон тақдим хоҳем кард. Ва ҳам аз танҳоии рубоб буд, ки мо онро сари даст гирифтем, чароки дастгирии мустамандон васияте ба мардони ҳақ аз ҷониби пайғамбар аст».

Таъхир кардед, эй тақводорон! Агар собиқан муяссар нашуд, имрӯз ҳеҷ кас қодир нест, ки рубобро аз ӯ биситонад. Ногузир шумо ин ҳаббро, ҳарчанд басо талх аст, фурӯ баред...

Чанд рӯз баъд он пири фақеҳ ки мудом гаправ буд, ба уламои дигар тақлид мекард, дар кӯи заргарон Аловуддин Сирёнусро мулоқот кард ва бидуни худдорӣ ба вай гуфт:

- Бачам, дар ҳақиқат асли гап ҳамон. Аммо ман чунон зиёд китоб хондаам, ки хар намекашад. Вале дар ҳеҷ ҷое чашмам нахӯрд, ки рубоби шумо мубоҳ бошад!

Сирёнуш аз кулли муридон бештар бар ҷуббаи сиёҳ пирӯз омада будӣ – ин қабои дарози зангӯладорро ҳама риҷоли дин дар ин макон мепӯшиданд. Вале ӯ бар хилофи устодаш маҷбур набуд, ки афкори хешро дар қабои эҳтироми олимона печонад ва аз маврид басо хуб истифода намуд:

- Чи чора, бузургворам, вақте ту онро харвор хондаӣ. Аз ҳамин боис чизе нафаҳмидаӣ!

*Гар ту бетақлид аз ин воқиф шавӣ,*
*Бенишон аз лутф чун ҳотиф шавӣ.*
*Бишнав ин қисса (й) пайи таҳдидро,*
*То бидонӣ офати тақлидро:*
*Сӯфие дар хонақаҳ аз раҳ расид,*
*Маркаби худ бурду дар охур кашид.*

*Обакаш доду алаф аз дасти хеш,*
*На чун он сӯфӣ, ки мо гуфтем пеш.*
*Эҳтиёташ кард аз саҳву хубот,*
*Чун қазо ояд, чи суд аст эҳтиёт?*
*Сӯфиён тақсир буданду фақир*
*«Кона фақрун аняъӣ куфран юбир»*
*Эй тавонгар, ки ту серӣ, ҳин маханд,*
*Бар кажии он фақири дардманд.*
*Аз сари тақсири он сӯфӣ рама,*
*Харфурӯшӣ даргирифтанд он ҳама.*
*К-аз зарурат ҳаст мурдоре мубоҳ,*
*Бар фасоде, к-аз зарурат шуд салоҳ.*
*Ҳам дар он дам он харак бифрӯхтанд,*
*Лут оварданду шамъ афрӯхтанд.*
*Валвала афтод андар хонақаҳ,*
*К-имшабон луту самоъ асту шараҳ:*
*«Чанд аз ин сабру аз ин серӯза? Чанд?*
*Чанд аз ин занбилу ин дарюза? Чанд?*
*Мо ҳам аз халқему ҷон дорем мо,*
*Давлат имшаб меҳмон дорем мо».*
*Тухми ботилро аз он мекоштанд,*
*К-он ки он ҷон нест, ҷон пиндоштанд.*
*В-он мусофир низ аз роҳи дароз*
*Хаста буду дид он иқболу ноз.*
*Сӯфиёнаш як ба як бинвохтанд,*
*Нарди хидматҳои хуш мебохтанд.*
*Гуфт, чун медид майлоншон ба вай:*
*«Гар тараб имшаб нахоҳам кард, кай?»*
*Лут хӯрдханду самоъ огоз кард*
*Хонақаҳ то сақф шуд падруд гард.*
*Дуди матбах, гарди он, по кӯфтан,*
*З-иштиёқу ваҷд ҷон ошуфтан.*
*Гоҳ дастафшон қадам мекӯфтанд,*
*Гаҳ ба саҷда суффаро мерӯфтанд.*

*Дер ёбад сӯфӣ оз аз рӯзгор,*
*З-он сабаб сӯфӣ бувад бисёрхор.*
*Ҷуз магар он сӯфие, к-аз нури ҳақ*
*Сер хӯрд, ӯ фориғ аст аз нанги дақ.*
*Аз ҳазорон андаке з-ин сӯфианд,*
*Боқиён дар давлати ӯ мезиянд.*
*Чун самоъ омад зи аввал то карон*
*Мутриб оғозид як зарби гарон:*
*«Хар бирафту хар бирафт» оғоз кард,*
*З-ин ҳарора ҷумларо анбоз кард.*
*З-ин ҳарора пойкӯбон то саҳар*
*Кафзанон: «Хар рафту хар рафт, эй писар».*
*Аз раҳи тақлид он сӯфӣ ҳамин*
*«Хар бирафт» оғоз кард андар ҳанин.*
*Чун гузашт он нӯшу ҷӯшу он самоъ,*
*Рӯз гашту ҷумла гуфтанд: «Алвадоъ».*
*Хонақаҳ холӣ шуду сӯфӣ бимонд,*
*Гард аз рахт он мусофир мениишонд.*
*Рахт аз ҳуҷра бурун овард ӯ,*
*То ба хар барбандад он ҳамроҳҷӯ.*
*То расад бар ҳамраҳон, ӯ мешитофт,*
*Рафт дар охур, хари худро наёфт.*
*Гуфт: «Он ходим ба обаш бурдааст,*
*З-он ки хар дӯш об камтар хӯрдааст».*
*Ходим омад. Гуфт сӯфӣ: «Хар куҷост?»*
*Гуфт ходим: «Риш бин». Ҷанге бихост.*
*Гуфт: «Ман харро ба ту биспурдаам,*
*Ман туро бар хар муваккал кардаам.*
*Аз ту хоҳам, он чӣ ман додам ба ту,*
*Боздеҳ, он чӣ фиристодам ба ту.*
*Баҳс бо тавҷеҳ кун, ҳуҷҷат маёр,*
*Он чӣ ман биспурдамат, вопас супор.*
*Гуфт пайғамбар, ки дастат ҳарчи бурд,*
*Боядаш дар оқибат вопас супурд.*

*В-ар найӣ аз саркашӣ розӣ бад-ин,*
*Нак ману ту, хонаи қозии дин».*
*Гуфт: «Ман мағлуб будам, сӯфиён*
*Ҳамла овардандү будам бими ҷон.*
*Ту ҷигарбанде миёни гурбагон,*
*Андар андозиву ҷӯйӣ з-он нишон.*
*Дар миёни сад гурусна гирдаӣ,*
*Пеши сад саг гурбаи пажмурдаӣ»*
*Гуфт: «Гирам к-аз ту зулман бистаданд,*
*Қосиди хуни мани мискин шуданд.*
*Ту наёиву нагӯӣ мар маро,*
*Ки харатро мебаранд, эй бенаво.*
*То хар аз ҳар ки бувад ман вохарам*
*В-арна тавзеъе кунанд эшон зарам.*
*Сад тадорук буд, чун ҳозир буданд,*
*Ин замон ҳар як ба иқлиме шуданд.*
*Ман киро гирам? Киро қозӣ барам?*
*Ин қазо худ аз ту омад бар сарам.*
*Чун наёиву нагӯйӣ, эй ғариб!*
*Пеш омад ин чунин зулме маҳиб?».*
*Гуфт: «Валлаҳ, омадам ман борҳо,*
*То туро воқиф кунам з-ин корҳо.*
*Ту ҳамегуфтӣ, ки: «Хар рафт, эй писар»*
*Аз ҳама гӯяндагон бозавқтар.*
*Боз мегаштам, ки ӯ худ воқиф аст,*
*З-ин қазо розист, марде ориф аст.*
*Гуфт: «Онро ҷумла мегуфтанд х (в) аш,*
*Мар маро ҳам завқ омад гуфтанаш.*
*Мар маро тақлидашон барбод дод,*
*Ки дусад лаънат бар он тақлид бод...»*

## НИҲОЯТИ ШАМЪИ НАХУСТ

Дар чеҳраи Ҷалолиддин лабханде равшаной намуд. Ва як баст. Рӯъёе буд? Навои хафаи рубоб аз кучое ба гӯш мерасид. Пилтаи шамъ чарс-чарс кард ва фурӯғи чароғ ларзид. Ҷалолиддин дарк намуд, ки дар паси пардаҳои зулмонӣ дар умқи қалбаш илҳом ангеза мекунад, даст ба миқроз, ки таги шамъдон буд, бурд ва гарди сӯхтаи шамъро бардошт.

Дубора торҳои рубоб садо доданд. Наход писараш Валад аз нияти дили ӯ рамуз бурдааст? Вай накӯ бовар дошт, ки мусиқа ба падар сахт коргар мешавад, шояд аз ҳамин ғараз чараёни афкори ӯро дигар намудан мехоҳад? Дар рӯзгори охир Валад ошкоро аз шабонаҳо комилан хилват гузидани падар ва дурудароз ба хаёл ғӯтавар гаштанаш ба даҳшат омада буд. Гумон аст Валад, ошиқи ҳақиқат дилтанг гашта бошад: падар бедор, аз хуфтан шарм медорад ва рубоб ба даст гирифтаасту мепиндорад, ки падар намешунавад.

Ин фикр дар дили Ҷалолиддин шӯълаи шодиро хомӯш гардонд, афкорашро ба мачрои куҳан, ба он шоми дур, ки дар мадрасаи Багдод буду сухани падарро аз боиси дидаю дониста бар хилофи шариат ба аъмоли мамнӯъ шуғл варзидани амирулмӯъминин мерафт, равон сохт.

Ромиш ҳамтои зан аст. Инсон онро ҳамчун амирулмӯъмини Носирлиддиналлоҳ метавонад ҳамхоба баргузинад ва дар замираш инсонро дафн намояду ҳайвонро тасалло диҳад.

Алорағми ин метавон бар он меҳр баст, бо он ваҳдат ёфт ва баҳри ангезаи ҳақиқати вуҷуди инсон қиём намуд.

Самоъ анҷумани бесафост ва ҷазба аст. Он аз дилхушиҳои халифа ба андозаи ишқ аз ҳавою ҳавас мутамайид аст.

Ӯ то кунун гапи падарро дар хотир дорад. Султонулуламо самоъро хуб медонист. Агар ӯ зидди мусиқа икдом намуд, асбоби хосса дошт.

Ангеза аст самоъ. Вале маҳбус дар зиндон ангезаро

нашояд: ромиш бори диғар асорати ӯро хотирнишон менамояд. Агар шахсе дар бӯстон бихобад, бигузор кобус бубинад, бо сурур бармехезад. Наво баҳри шодию сурур аст, на баҳри мотам.

«Кулли сӯфиён, ҳатто шоирони бузург Саноию Аттор аз фироқ бештар нолидаанд. Мо аз висол ҳарф мезанем. Фарқаш дар ҳамин».

Султонулуламо ба аҳди гиряву нола тааллуқ дошт. Писараш Ҷалолиддин чизи навро башорат дод.

Шукри эзид, ки дар Қуния мардум шеър ва мусиқаро дӯст медоштанд. Ҷалолиддин дар панҷоҳ соли зисташ дар ин шаҳр навои най ва рубоби муғанниёнро, бидуни шакку шубҳа, аз азони муаззинҳо бештар шунидааст. Замоне фардеро аз шогирдони ӯ аспи чӯбинсавор мебаранд, пеш-пеши тобуташ ҳофизону қориёни Қуръону имомҳо не, ромишгарон ва муридон арғуштравону шеъри устодро замзамакунон мерафтанд, чунки дар наъш на танҳо мусулмон, балки ошиқ хуфтааст. Ошиқи абадзинда. «На аз фироқ, бал аз висол аст сухани мо!»

Ва чун аз висол ҳарф задӣ, бибоядат ҳама мароҳили фироқро тай намоӣ, бидонӣ, чуноне харбузакор кулли анвои харбузаро чашидаю шинохтааст, чуноне хаттот ашколи абҷадро китобат мекунад ва мунаҷҷим хати сайри истораҳоро назора мекунад.

Сарнахусти онҳо – фироқи ватан, ки аз Бағдод оғоз гирифта буд.

## КАЙФАРИ НОБАВУҚӮЪ

Шайх Сӯҳравардӣ дархост намуд, ки Султонулуламо дар масҷиди ҷомеъи Багдод ваъз гӯяд. Қабат-қабат гилемҳои бошукӯҳи дар фарш густурда, қандили боҳашамати дар сақф овеза, ки андар шамъдонҳои булӯраш шамъҳои кофурии беадад дошту булӯрҳо як нурро сад нур мегардонданд,

издиҳоми ниёишгарон, риши нуқраосои уламо дар зеҳнаш нақш бастааст, аммо аз вазъи пайғамбаронаю пурдаҳшати падар чизе боқӣ намонда буд.

Акнун, баъд аз панҷоҳ сол Ҷалолиддин чун чашм бар ҳам занад, хурдтарин ҷузъиёт, доғҳои devори гиландоваи ҳуҷраи масҷиди ҷомеъи Бағдод, ки як шаб андар он бедорхобӣ кашидааст, ҳамчун нуқуши мӯъҷази рӯи пӯсти хиёр падидор мегардад. Андар он девор нақши мудҳиши абадӣ сабт буд...

Онҳо тараддуди аз масҷид бозгашт доштанд. Дар шаҳр овоза афтод, ки урдуи Чингиз аглаби шаҳрҳои Хуросонро ғасб ва Балхро ба хок яксон намуд.

Шаби дароз Султонулуламо, писарон ва муридонаш намоз гузоштанд. Падар дар намоз чӣ ниёиш менамуд, писар намедонист. Лабонаш беовоз меҷунбиданд, фақат аҳёнан «шукри Худои меҳрубону тавоно» шунида мешуд.

Аз қазо, шояд падар шукрона мехонд, ки Худованд уламои мулҳидро маҷозот дод, ё сипос мегузошт, парвардигор аз гайб дар дили ӯ роҳи наҷотро андохт ва ӯ Хуросонро тарк намуд? Худо медонад. Ҷалолиддин бо саъю кӯшиши тамом, бо ашки равон, бо андӯҳ ва бо умеди вопасин ба ҳақи дояаш Насиба, ба ҳамшираи хеш Фотима ва фарзанди нозоди ӯ, ба Синон ва кулли дӯстону ҳамбозон, ҳамсабақонаш, ба ҳама ошнoю ноошно, ки дар шаҳри Балх буданд, ба даргоҳи Худо муноҷот намуд. «Парвардигоро, пӯшидагӣ бидеҳ, балогардон бош!».

Илтиҷои ӯ мустаҷоб нагашт. Чингиз шаҳрро тасхир намуд; ва ба хунбаҳои набераи маҳбубаш Мутуған, ки дар муҳорибаи паси бораи Балх кушта шуд, амр дод ҳамаро ҳалок созанд.

Мисле, ки Баҳовиддин Валад башорат медод, шоҳ Муҳаммад бешарафона фирор намуд ва дар ҷазирае дар регистони канори дарёи Хазар мурд.

Ваъиди пайғамбаронаи Султонулуламо ба вуқӯъ пайваст. Вале ҷазои қоим гуфтаи ӯ набаромад. Дар Бағдод

амирулмӯъминин Носир -лидиниллоҳро ба бало гирифтор мешавӣ гуфт. Вале ӯ дар зиндагӣ ба ҳаром ғӯтавар шуда, айшу ишрат варзида, ба аҷали хеш бимурд. Баъд аз сию ҳафт сол, вақте муғул Бағдодро забт намуд, он гоҳ дар маснади Носир халифа Ал-Мӯътасимбиллоҳ ҷулус мекард, ки бо собиқ амир гӯшту нохун буд – ӯро ба ҷувол андохтанд, лат карданд, зада куштанд, ки билкул сазовори чунин марг буд.

Вале ҳақиқатуламр кайфар буд ё на? Чунки амирулмӯъминин дар замин ҳамчун сояи Худо зист ва бо марги худ бимурд. Магар муғул «хашму ғазаби худо» набуд, магар ӯ ҷазои сазовор бидид дар подоши ҷумла азобҳои раво доштааш? Дар ин айёми бад чӣ ҷурму инқирозро ба сари мардум оварданд. Онҳо садҳо мусулмонро дар олам айни замон ба ҷазои ноҳақ, азоби бебунёду уфтодагӣ гирифтор намуданд.

Таҳаммули шар, бигузор ноҳақ бошад, вале хосса бидонӣ, ки туро ба ивази гунаҳҳо, бигузор кирдорӣ ту набошад, хунбаҳо баранд, воқеан ҳазорҳо кас хок гардад, вале иллаташро намедонад, - сабабаш он будааст, ки дар сари роҳи аспи касе истодан кайфар нест, бахти баргашта шоистаи қурбонии тариқати сӯфиёнаи Ҳаллоҷ аст. Ӯ сесад сол қабл аз ғазви муғул дар соҳати Бағдод ваъз мегуфт, ки «Аналҳақ! «Ман Худоям!» Дар иваз дарраяш заданд, чормехаш карданд, сар буриданд ва дар айни маконе, ки «Аналҳақ» гуфта буд, ҷасадашро сӯхтанд. Магар ин сазои одилонаи хешро пайваста истинтоқ намудан, азоби азимро бурдборӣ кардан набуд? Сухани ӯ «инсон-ҳақ» минбаъд нерӯи ҳақиқатро ноил гашт.

Беш аз дусад ҳазор балхиён дар радифи уламо, қориёни Қуръон ва маҷалладоти кутуби муқаддас шаҳид гаштанд. Онҳоро ба хок яксон карданд, бидуни тамйиз ба коми нестӣ супориданд: худотарсон, мулҳидон, ҳирадмандону коно, муҷриму пок яксон. Афроде ки дар қатори ҳазорҳо мемирад, медонад, ки марг маҷмаъи муқаррабон, кулли шаҳр, кулли халқро фаро гирифтааст, ҳаргиз миналмӯҳтамал ба тақдир

имон оварад.

Марги ҳар балхӣ марги Ҷалолиддин буд. Аз ин лиҳоз дар Бағдод фироқи абадӣ, фироқи ватан расид, ки гоми нахусти фироқ ба имон, ки инсон мутеи сарнавишт аст, гоми нахуст ба сӯи таҳрири иродаи инсон дар маслаки такомул буд...

Рӯзи савум корвони онҳо аз дарвозаи ғарбии пойтахти хилофат бо роҳи кӯфа ба сӯи Макка равон гардид.

Ҷалолиддин, чун дар зери чодар рухсораи гирди духтаронаро дид, амвоҷи сипоси ногаҳонӣ вуҷудашро фаро гирифт.

Гавҳархотун ҳамсафари онҳо буд.

# БОБИ III

## ГАВҲАР

***Ишқ устурлоби асрори Худост.***

Ҷалолиддини Румӣ

## ЛАШКАР

Шаҳрҳои мукаррама ва бозаргонӣ Маккаю Мадина, Димишқу Ҳалаб ва Эрзинҷон дар ҷодаи таковарон ҳамтои фарсангчӯбҳо аз пеши назар мегузаштанд. Султонулуламо дар ҳеҷ куҷо бидуни таваққуфи мадид танҳо ба сӯи шимол, ба тарафи сарзамини Руми салҷуқ корвон мекашид.

Дар тӯли роҳ бо як маром аз Димишқ то Эрзинҷон ба сӯи шимол анбӯҳи одамон дарёвор равон буданд. Собиқ тавонгарони Хоразм, ки тарки замину диёр намудаанд, бо даҳшати тамом ривоят мекарданд, ки чӣ тавр Гурганҷ— «шаҳри ҳукмрони олам» сукут кард. Муғул моҳе чанд Гурганҷро дар ҳисор нигоҳ дошт ва шаҳрро забт намуда, сокинонашро маҳалла ба маҳалла қатли ом намуд, сипас ба болои шаҳр оби дарёи Омуро гардонда, ғарқ сохт.

Ҳеҷ чиз, на шуҷоат, на ҳиллаю макр ва на илми ҳарб садди роҳи урдуи муғул шуда наметавонист. Писари шоҳ Муҳаммад бо ҷиҳоди бемисолу маҷнунвор урдуи яке аз сарлашкарони муғулро ҳазимат дод, вале аз дасти дигараш шикаст хӯрд.

Ӯ сайдвор, ки гирифтори таъқиби сайёд шудааст, хастаю кӯфта лойлоҷу ночор ба сарзамини Ҳинд ақиб нишаст,

модар, зан ва маҳбубашро дар наҳри Ҳинд гарқ намуд, ки ба тасарруфи ваҳшиён наафтанд ва худ аспсавор наҳрро убур карда, ҷонашро наҷот бахшид.

Замоне ровиён номи муғулро ба забон меоварданд, мисле ба назарашон Даҷҷоли дӯзах намуда бошад, чашмонашон гирд мегашт. Воқеан, ҳоли собиқ тавонгарон ҳокӣ аз авзоъи онҳо буд – сарупои дарида, ҷонашон пурҳарос бо зану ҷӯраҳояшон, бо ҷулу ҷаббаашон дар аробаҳои дучархаи кишоварзон кашолумол мерафтанд. Навкарон ва мулозимони боқии парешони лашкари Хоразмшоҳ бо ҳарчи ба даст афтода аз қабили шоф, дос ва шоха мусаллаҳ буданд.

Аз Хуросон, Марв ва Афғонистони ғасбшуда дарвешон дар сар тоҷи нӯктез, дар даст асоҳои найзаосо ва дар миён нимпаллаи кашкул баста, бо қадамҳои сангин мерафтанд. Аз Сурия соликони тариқати ғариби мусаммо ба «ҷавлақ», яъне урён ва воқеан ҳам то миён бараҳна, сару ришашон тарошида сайр мекарданд. Дарвешоне низ зиёд буданд, ки хешро ғозӣ меномиданд. Эшон замоне дар ҳудуди мағриби хилофати мусулмонон, таҳти тасарруфи салҷуқи Рум муттаҳид гашта буданд, то муқобили ҳуҷуми фарангиёни кофир, ки ду қарн боз аз Византи пайваста нуфуз мекарданд, истодагарӣ намоянд.

Ба фарангиён муяссар гашт, ки бо баҳонаи тармими мақбараи Исо дар Сурияю Фаластин ин кишварҳоро ба ихтиёр дароранд ва горат созанд, андар он тартиботи ваҳшиёнаи худро ҷорӣ кунанд, мамлакатҳои мустақилро ба бардагӣ, бал аз он гузашта ба ҳайвон мубаддал созанд, ки хоҷааш ба гардан ҳалқа зада аз дунбол мебарад.

Танҳо салотини салҷуқи Рум гоҳе мағлуб гашта ва ғоҳе пирӯз шуда муқобили адӯ истодагарӣ меварзиданд, ки дар натиҷа мусулмонони Осиёи Сағир муддати дароз босубот монданд.

Дарвешони ғозӣ, ки бо табарзин, жӯпин, шоф мусаллаҳ ва думбулак дар миён баста буданд, нақора задаю такбиргӯён сайр мекарданд. Аз ранги пеш аз ҳарб ба чеҳра мемолиданд

ва илова бар он баҳри тарсондани хасм пари уқоб ва шохи ғавазн меовехтанд.

Қофилаи туҷҷор ба сӯи шаҳри салтанати — Қуния ва аз Қуния ба самти шимол, ба Трапезунд, ба мағриб, ба сӯи мустамликаҳои Генуэя дар Антол ва Олой шитоб доштанд. Генуэягиҳо, русҳо, арманҳо, ки камарбанди сиёҳ доштанд, ҳиндувон, ки дар ҷабинашон холҳои сабзу мунаққаш кӯфтаанд, зардуштиён дар маҳалли зуннор риштаи оддӣ баста, дар корвонсарои яҳудиён такупӯй доштанд, асп, уштур, хар меҷустанд, онҳоро хариду фурӯш мекарданд, аммо чун муқаррар миёни онҳо ниқош набуд, эшонро фикри ягона, ҳарчи сареътар молу ҷонашонро аз балои қоим дуртар кашидан ҳамдарду ҳамфикр карда буд. Ағлаби дакокини бозор баста буд. Дӯкондорон дорой ва дудмони хешро ба амокини хилват, ба русто ва боғот пинҳон карда, мудом аспи базин нигоҳ медоштанд ва тозиёнаҳояшон дар соқи пояшон буд.

Роҳҳо, махсусан ағбаҳо басо махуф буданд. Лашкари парокандаю гуруснаи Хоразмшоҳ ба роҳгузарон ҳамлавар мешуданд, инчунин курдҳои мутеънопазир низ ба бозаргонон мезаданду онҳоро ғорат мекарданд. Салотини салҷуқи — аз сарзамини бегона кӯчиёни огузро даъват намуда буданд ва онҳо низ бесариҳо мекарданд. Зимистон фаро мерасид, оғузҳо бо чорвояшон аз айлоқҳояшон ба ҳамворӣ фаромада, ба мусофирон боҷ меандохтанд, ки ҳам худашон ва ҳам султон нафъ мебардошт.

То Малтай ду манзил роҳ монд. Саворони бо камон ва зиреҳи сабуки аз тасмаи говмеш ва сипари аз ҳасиру риштаи абрешим бофта мусаллаҳ онҳоро нигоҳ доштанд. Корвониён онҳоро муғул пиндоштанд ва қариб буд бо ҷон видоъ мекарданд. Аммо онҳо туркҳои мусулмон будаанд.

Камондорон, зотан талиъати лашкар буд, фармон доданд, ки то даме сипоҳиён нагузаранд, корвон аз як фарсах роҳ наздик наояд. Аспони чорнаъли онҳо дар санглох

тақаросзанон зуд гузашта рафтанд.

Ба зудӣ аз паси дара, садои баланди зангӯлаи қофила, ки овози турғайро ба хотир меовард, пахш намуд. Най, нақора, тор, таблак аз тақарруби нерӯи асосӣ навид медод. Сорбонон наъракашон уштурҳоро ба боло, ба доманаи кӯҳ мекашиданд. Талиъа такопӯй менамуд. Қофиласолор ва муридони аспсавор бизоат ва зану бачаҳоро иҳота мекарданд, ки гӯё воқеан онҳоро аз назари бади лашкариён наҷот медода бошанд.

Мусиқаи баланди ғариб наздик мешуд. Шайх Хӯҷагӣ, ки собиқан пеш аз муриди Султонулуламо шудан, дар Рум бо габрҳо ҷангида буд, мусиқаро шинохт. «Санҷарӣ» ном дошт он. Ба номи вопасин султони муқтадири Салҷуқ.

Дусад сол қабл, дар биёбони Осиёи Марказӣ қабоили туркмони кӯчӣ зуҳур намуд, ислом овард ва давлати азим барпо кард, ки аз Чин то Рум ва аз Гурҷистон то Ироқро фаро мегирифт. Салотини салҷуқи Рум, ки дар Осиёи Сағир зимоми ҳукм доштаанд ва одамон аз Самарқанд, Марв, Табриз ночор ба он тараф рӯи ниёз овардаанд, ягона пораи солиме аз ин давлати замоне пуриқтидор буд.

Мусофирон нафаси роҳат кашиданд. Навои «санҷарӣ» гувоҳ буд ба пешвози онҳо лашкари султони салҷуқ Алоуиддини Кайқубоди якум, ки пойтахташ Қуния аст ва он ба имдоди амирулмӯъминини аз ҳарос ба ларза даромада, ба Бағдод меравад.

Аз каҷгашти дара сарнахуст найзадорони аспсавор пайдо шуданд. Роҳе ки аз ағба мефаромад, онро шаххҳои осмонбӯси кӯҳҳои Тӯои Арман иҳота карда буд (се асп паҳлу ба паҳлу базӯр мегузашт), аз ҷониби дигар санглох бошад ҳам, билкул беғубор буд. Аз ҳамин хотир Ҷалолиддин ва бародараш, ки дар чодар пинҳон буданд, аз рӯи уштур, аз шикофи чодар метавонистанд салҷуқиёнро тамошо кунанд.

Аз дунболи найзадорон кӯҳнавардон ва баҳодурон мерафтанд, ки мутаҳиддан меҷангиданд, одатан тақдири ҷангро ҳамин пилтанон ҳал мекарданд. Онҳо дар аспҳои

саманд ва сиёҳмушкини таковари тозинажод, ки гарданҳои борики камон, ёлҳои дароз, пештанаи васеъ, тани кӯтоҳ, кафали гирда доштанд, савор буданд. Аспҳо басо бетоқат буданд, саворон имкон намедоданд, ки онҳо лӯка гиранд, сумҳои калон-калони сиёҳашонро якто-якто бардошта, гӯш алвонҷдода, чашмонашонро бо хашм печонда ба сӯи кураҳои балхӣ талош мекарданд. Дар гардани баъзе аспҳо думи хасгови муайян ки дар бадали ҷасорат ва қалъакушоиҳо инъом шуда, ҳамоил буд. Ҷалолиддин дар гардани аспи сарвари баҳодурон чаҳор думи музайянро бидид: арғувонӣ, ҷуфте сиёҳ ва охирин зард.

Ҷавони азамати сарупой андаруни чороина дар камар шамшери догистонӣ дошт. Аз дунболаш гурзи ӯро силоҳбардорон мебурд. Қобили таваҷҷӯҳ аст,ки силоҳбардорон чавушҳо буданд ва се-чор, чор-чор аз ақиби баҳодурон мерафтанд.

Пас аз алпҳо. ки дар ҳаросати посбонон буда, дар миён ханҷар ва ҷавшани сабук доштанд, ливобардор парчами сиёҳи сезилъа, ки рамзи аббосиён буд ва дар қалбаш сурати уқоби сурх дошт – инаш рамзи қабоили салҷуқ, — мебурд.

Мусиқорон савори уштурҳои балуҷистонӣ нақораю дафзанон гузаро шуданд, баъд сипоҳи пиёданизомиён намудор гашт, ҳар фавҷ ба худ ливо дошт ва дар таҳти тасарруфи сипаҳсолор, ки ҳаккокии рикобу лаҷом, зинпӯшҳои зардӯзии туркмониашон фарқ мекард. Аспҳои гуногунранг буданд – саманд, пешонасафед, сиёҳмушки тозӣ, покӯтоҳ ва думбурида.

Аммо аз ҳама беш балхиён аз се фавҷи бунабардорон дар ҳайрат афтоданд. Муқаррибоне, ки саропой дар аспҳои сербор савор буданд, дар сар зиреххӯд доштанд. Дар куртаю эзори зиреҳ дар бар, шофҳои дудама, найзаҳои дароз, шамшерҳои нӯгашон дирафшосо тез - гоҳе шабеҳи эрониён ва гоҳе мушобеҳи русҳои малламӯй буданд. Муридони падар медиданд, ки онҳо дар хӯдҳо, шофҳо, рӯйпӯшҳо, ки зиреҳро

панаҳ менамуд, хочҳои григорӣ ва православӣ задаанд ва дар ҳайрат мемонданд. Чи тавр куффор метавонад мусулмонро ҳимоя кунад?

Чуноне минбаъд ошкор гашт, салҷуқиён, ки дар миёни қабоили афзуни Осиёи Сағир мезистанд, на танҳо ба онҳо кароҳат намепарвариданд, балки бархилоф вассалҳои лашкари юнон ва арманро, илова бар он туркҳо, боз гурҷиҳо, франкҳо ва ҳатто норманҳоро низ мақбул донистанд.

Шояд аз ҳамин ваҷҳ, дар миёни қабоил тафриқа нагузоштан сабаб гашт, ки асрҳои дароз аз ҳуҷуми салибдорон аз мағриб ва қайсарҳои Византсолим монанд.

Қофилаи афзуни аспони ёбу, уштурҳо, ки ҳамлашон муаддот, силоҳ ва захира буд, тӯл мекашид. Ба назар чунин менамуд, ки лашкари салҷуқ баҳри соле захира бардошта, нияти ба макони дур рафтан дорад ва дар он макон гуруснагию қаҳт ҳукмрон аст. Ва ба хотири Ҷалолиддин зад! Ӯ бо бародараш китоби вазири бузурги салҷуқ Низомулмулк оид ба умури давлат «Сиёсатнома»-ро қироат карда буд, ки аз он китоб андарзе ба ёдаш омад: «бояд захираи солиёнаи лашкарро андӯхт, ки дар замони ҳарб лашкар ба раият назанад!» Салҷуқиён бар хилофи Хоразмшоҳи бехирад андарзҳои фарзонагонро мепазируфтанд ва арзиши тайиди раиятро мешинохтанд. Дар тайи мусофирати тӯлонӣ, ки моҳҳои дароз идома ёфт, ҳодисае ягона чизи фароҳзо буд: лашкари матин, бохирадона ва муқтадир. Наход мугул ин лашкарро низ амсоли рамаи гӯсфанд пароканда парешон намояд?

Лашкаре, ки онҳо дар ағбаи Тӯри Арман диданд, шикаст нахӯрда солим ба диёр баргашт, чунки бо урдуи мугул рӯйбарӯ нашуд – мугул ба Бағдод не, балки ба шимол, ба сӯи Қавкоз рафт, ба дарёи Хазар фишор оварда ба сӯи Волга, ба Рус ҷиҳод намуд. Ин ҳодиса дар асл як танаффуси муваққат буду халос.

Танҳо пас аз ғайб задани фавҷи камонварон, ки аз дунболи фавҷи бунакашон мерафтанд ва ҳамчунон

диққатангез буданд, сорбонон қофиларо ба роҳ андохтанд.

Қофила баъди зӯҳр ба аґба баромад. Дар пеши назар ҳомуни фарохе падидор шуд. Барфи қуллаҳои кӯҳ таҳти ашиаи офтоб медурахшид. Дар зери пои онҳо камони Рустам пулвор мегузашт, оби гудохтаю зулоли наҳри Фурот ҷорӣ мешуд, дар девлохи васеъ тоқа-тоқа кулбаҳо менамуданд, айлоқ, деҳот ва шаҳри мубораки Малтай, ки дар дили ҳомун воқеъ буд, дида мешуд. Онҳо бо дили осуда пас аз тайи роҳи чандмоҳа саҷҷодаро паҳн намуда намози аср гузориданд. Пас аз мурури мамолик, шаҳрҳо, қабоили мухталиф ба назар чунин мерасид, ки ба ҳадаф наздик омадаанд.

Биёбонҳо ва силсилакӯҳҳо паси сар монданд. Дар пеш заминҳои фарохно, ки дар паноҳи салотини Салҷуқ буд, густариш меёфт.

Султонулуламо дар Малтай низ қарор нагирифт. Ӯ мардони роҳро ба шимол бурд. Танҳо дар Эрзинҷон ба самти ҷанубу ґарб тоб хӯрданд.

## ГУЛХАН

Вақте онҳо ба шаҳраке мусаммо ба Ларанда ворид шуданд ва сокинонаш юнониёну арманҳо буданду таҳти тасарруфи салҷуқ, Султонулуламо қарор гирифт. Тахмин задан муҳол буд, ки Султонулуламо дар ин шаҳр дер мепояд ё зуд рахти сафар бармебандад... Аммо нафаси сарди зимистон рӯйро мелесид. Онҳо тасмим гирифтанд, ки зимистонро дар ҳамин макон гузаронанд. Гумоштаи Султон амир Мӯсо як турки содалавҳ, ростқавл, содадил, бесаводу бетакаллуф, вале ба аркони давлат содиқ, шаҳрро начандон бо нишондоди шариат, балки бо анъанаи бадавиёни оґуз идора менамуд. Ӯ ба риҷоли дин эътиқоди зиёд дошт. Ва аз ҳамин сабаб алломаҳои Балхро муносиби шаъну шӯҳрат пазируфт. Тасмими дар шаҳр иқомат варзидани Султонулуламо ҷоҳҷӯии

ӯро боло гиронд. Ҳар як волӣ дар тақлиди султон Кайқубод, ки фарзонагон, машоих, уламоро дар дарбор гирд меовард, машварат менамуд, насиҳат мегирифт, аз меҳрубонии онҳо сарфароз мешуд, он турк низ қарзи раиятпарварии худ дониста, мехост одамони шӯҳратвар ва содиқро дар перомуни хеш гирд орад.

Аммо мусибат дар он буд, ки фақеҳи балхӣ ба ҳеҷ ваҷҳ намехост, ба ҷуз дар ҳуҷраҳои масҷид сарпаноҳ барад.

Султон ҳамагӣ панҷ сол қабл ин шаҳрро аз шоҳи арман Левони Сонӣ ситонда буд, ки вилояти серкалисою сердайр буд ва андар он ягон масҷиде ёфт намешуд.

Амир қарори қатъӣ дод: ҳарчи бодо, шайхро дар шаҳр бояд нигоҳ дошт. Ва қавл дод, ки то зимистон даромадан мадрасае бино хоҳад намуд.

Ӯ ба суханаш вафо намуд. Баъд аз моҳе Султонулуламо ба масҷид кӯчид. Албатта, он мадрасаро ба мадориси Димишқ, Ҳалаб ва Нишобур набояд муқорина намуд, ки садҳо ҳуҷра дошт ва фарқ аз замин то осмон буд. Бо вуҷуд ба қадри кифоя васеъ, баҳри мударрис бо дудмонаш, муридон ва даҳҳо шогирдон кифоя мекард.

Ҳамин минвол ҷоҳталабӣ ва содалавҳии волии султон онҳоро на як зимистон, балки ҳафт сол нигоҳдорӣ намуд.

Дар ин шаҳр, ки аз пойтахти салтанат ҳабдаҳ фарсах дур буд, мафкураи нозуки Ҷалолиддин сайқал ёфт, дар ҳамин ҷой кулли улуми дунявӣ, ки тамаддуни онрӯза иҳота мекард, фаро гирифт. Вай дар ҳамин шаҳр, дар воҳаҳои сарсабз, ки кӯҳҳои шомиху вулқонзо гирдашро печонда буд, дар шаҳре, ки роҳибон аз шах як силсила шаҳрҳо бурида буданд, дар миёни юнониён ва пешварони арман, муҳорибаи огуз ва парҳезгарони насоро ба воя расид. Ӯ айнан дар Ларанда ҳаловати баҳори нахустро чашид, нахустин андӯҳро мутаҳаммал гашт ва саодати аввалинро дарёфт. Вай дар беша ва токистонҳо таҷаввул менамуд, ба қуллаи кӯҳҳо мебаромад,

ба оҳанги оби чашмасорон гӯш медод, ки аз зери ях мегузаштанд ва бори нахуст суруди лабрези сипос ба табиати воло, ба табиати мутаҳарраикро офарид.

Табиат ӯро аз туфулият ба ҳаяҷон меовард. Аммо дар Лоранда фақат дар арафаи баҳори шонздаҳум ин фараҳ фидокории пурҳаяҷоне гирифт. Ва минбаъд ӯ ҳар маротиба чун доир ба ломунтаҳоӣ, ки дар рӯҳи инсон мавҷуд ҳаст, фикр мекард, айнан ҳамин ҳаяҷон ӯро зеру забар месохт.

Баъдтар тавонист ин илҳомро бо ҷамеғи эҳсосот ва ҳолатҳо тасаллут кунад, вале онро муҳофизат карда наметавонист, балки фақат тавҷеҳ ба самте равон мекард – кӯчактарин таконе кифоя буд, ки селвор садҳо канда шаванду ҳарчи дар роҳ бошад, шуста бибарад.

Аммо ӯ он нерӯро, ки фаввораосо он шеърро берун партофт, айнан дар Лоранда дарёфт. Худ бедарак, шеър эҷод намуд ва саҳеҳтараш худи шеър эҷод ғашт. Он шеър амсоли харбузаҳои хом буд. Аз нидоҳои ғарибу берабт, рӯъёи пароканда иборат. Ба ҳар ҳол гоҳе мисрае таваллуд мегашт. Ӯ бархе аз ғазалиёти аҳди шубобашро нусхабардорӣ менамуд, дар хотимааш тахаллуси Хомӯш мегузошт ва ҳатто дар аснои ваъз баъзе аз абётро меовард.

Ҷавониё, о ҷавонӣ! Ҳанӯз ба сӯхтан напардохта мепиндошт, ки зиндагипарварда шудааст, маргу ҳаётро чашидааст, сӯхтаасту хирадманд гаштааст. Вале ҷамеъи ин баъдтар дар Қуния рух дод. Баҳори умри ӯ аз таҷаввул саршор аст. Офтоб дар сари ёл ғуруб менамуд, барфҳои зурвати кӯҳи Қаратоғ ба хун оғушта мегашт. Андар дили ӯ як андӯҳ, андӯҳи бебунёде нуҳуфта буд. Ҷисми хастааш ӯ мисли барфи баҳорон об мегашт, ба абри нилгун омехта мешуд. На танҳо дар саҳни бурҷи дарвозаи шаҳр, балки дар гирди шаҳр шабонаҳо оташ афрӯхта мешуд. Бораҳои шаҳр боҳашамат метофт. Омилон бетанаффус шабу рӯз кор мекарданд. Соате ё ду дар сари кор, то фаро расидани навбат ба кӯрпаи ҷул ё пӯстаки кӯҳнае бадбӯй печида мехобиданд. Ва дар ҳамин макон онҳо таомеро,

ки аз хонаҳояшон меомад, мехӯрданд, ё худашон дар оташ қути лоямут мепухтанду тановул мекарданд.

Ҷалолиддин дар лаби оташ истода муддати мадид ба кор менигарист. Албатта устоҳо ё юнонӣ ва ё арман буданд. Тахмин заҳмат, айши нимгурусна ва муроқибаи нозирон, ки дар даст асоҳои борику дароз, мудом так-таки деворҳо мегаштанд, безор гардонда хотирашонро ба дуриҳо мебурд. Ҷалолиддин чунин лоқайдиро, ки дар андоми меъморон дида буд, танҳо дар симои падар ва муридони ӯ дар аснои намоз медид. Ин чеҳраҳо, сарҳои луч, мӯйҳои бо тасма баста, ки ба пеш нафарояду ба кор халал нарасонад, ришҳои муҷаъад, чашмон—чи сиёҳу чи сабзи фурӯзон-боиси кунҷковии омехта бо эҳтиром дар вуҷуди ӯ гашта буданд.

Онҳо ба лаб мӯҳри хомӯшӣ зада, чолокона сангҳои кафондаро, ки ноҳамвор, парраҳои тезу буранда дорад, ҷафс мекарданд.

Алвоҳи мармари бутпарастони қадим дар иморат ба кор мерафт. Болинҳои гирдаи мармариро аз зовия мегузоштанд. Ва аз болои ҳамааш гили хуросониро мерехтанд, ки ба зудӣ мегирифт ва қиросо меҷӯшид. Ба назар чунин мерасид, дар дунё қуввае вуҷуд надорад, ки ин деворҳоро мисли теғаҳои кӯҳи Қаратоғ аз ҷой ҷунбонад. Меъморони асил буданд онҳо.

Баъдан, Ҷамолиддин чизҳои дар аҳди шубоб дидаашро ба ёд оварда мегӯяд: «Агар нияти иморат кардан дорӣ, юнониёнро садо кун ва агар нияти хароб кардан дорӣ – турконро. Юнониёну арманиён бинокоранду туркон ҷанговар. Туркҳо ҳам бунёдкорӣ мекунанд, вале сохтмони онҳо ноайён, дурудароз тӯл мекашад, онҳо давлат месозанд.

Дар он айём перомуни Ларанда шабҳо гулханҳо фурӯзон буданд, мардум замин меканданд, сангҳоро сайқалу ороиш медоданд, масоҷид, кӯшкҳо, мадорис, хонақоҳҳо, ҳаммомҳо ва пеш аз ҳама корвонсарову пулҳову бораҳо қомат меафрохтанд».

Салиқаи сангтарошони арман, анъанаи меъморони

Хуросон, нақшу нигори рассомони туркман, таҷрибаи сураттарону устодони Юнон, ҳамагон дар як ҷой амсоли фулузоти мухталиф дар шӯълаи оташ дар ташти кимиёгарон гудохта мешуд.

Корҳо басо бошитоб анҷом меёфт... Гӯё дили султон, ки дар Қуния менишаст, мулукуттавоифи ӯ ва ҳатто меъморон гувоҳ медод, ки дар ҳамин қарибиҳо, ба тақдири бад, ба сарашон фалокате меояд. Фосилае ки баъди дафъи салибдорон ба миён омад, бардавом нест, аз машриқ ба мулк аз он бадтар балое хоҳад рехт. Ва пас аз он фалокат касе боқӣ намемонад он чизеро, ки оғоз ёфт, хотима диҳад, пас аз онҳо дар рӯи замин  на санг мемонаду на хотира.

Воқеан, дар зарфи сӣ-чил сол дар давлати салҷуқ он сон иморат сохтанд, ки дусад сол қабл ва дусад сол пас сохта нашуд. Дар рӯзгори баъди муғул ва туркони усмонӣ ҳам баъзе иморат эмин монданд, чун ёди он рӯзгор, ки дар шӯълаи оташ гудохта гаштааст ва бо гузашти зиёда аз ҳафту ним аср ҳанӯз дар хотираҳо зинда аст.

Ҷалолиддин бо китфҳои ларзон ба оташ наздик шуд. Аз кӯҳсор нафаси сарди барф меомад, аз замин туман мехест, ҳанӯз шабонаҳо сард буд. Шогирдони юнониён, аз афташ афроди зиёд буданд, дар деги калоне қути лоямут мепухтанд. Таббох Ҷалолиддини муллолибосро дида аз ҷой баланд гашт, ҷиддӣ, бидуни табассум таъзим овард ва чизе гуфт. Ҷалолиддин дар посух сар такон доду бас,— намефаҳмам. Муроқиб, ки дар лаби оташ асояшро ба пушташ мутакко намуда меистод ва дар сараш кулоҳи пӯсти меш буду аз зери мӯйҳояш ду чашмаш амсоли чашмони гург медурахшид, ришашро ба қабз гирифт ва хандаи қаҳқаҳ зад, дандонҳои белшакли тунукаш падидор гашт.

— Кофирҳои нобурид, ба забони мург харф мезананд! Даҳон кушоеду бубинед! Чун чашмро хато кунанд, тамом – корро бало зад.

Ҷалолиддин хомӯш буд. Вай танҳо ба шӯълаҳои оташ чашм медӯхт. Онҳо аз истибдоду зулм басо дур гурехтанд, фарз кун, ки аз як гӯшаи дунё ба гӯшаи дигараш. Дар ҳама гӯшаю канори дунё асои ғазаб болои хираду хирадмандон, тавоноию маҳорат ҳамоил буд. Вай дар тӯли роҳ мушоҳида намуд, ки дар баъзе ҷойҳо доноён, агар илмашон манфиате орад, ба эҳтиром мушарраф мегарданд. Наход дар ҳама макон хурӯс як навъ бонг занад? Ва то растохез чунин боқӣ мемонад? Инсон танҳо ба туфайли ақл ва рӯҳ инсон аст, дигар ҳама чиз, гӯшту устухони ӯ дар хайвон низ ҳаст.

Ҳамон баҳор Ҷалолиддин таманно кард, ки ногузир забони меъморони Лорандаро меомӯзад. Вале мабдаи ин рағбатро намедонист – кароҳат ба ҷаҳолат, ё худ муҳаббат ба хирад?

Табъи ӯ аз аҳди шубоб одат карда буд, ки ҳарчӣ қарор дод, ногузир иҷро хоҳад кард. Ва баъд аз як сол ӯ ба забони юнонӣ озод ҳарф мезад. Минбаъд таълифоти Афлотунро мутолиа мекард, бо афлотуниёни дайре, ки дар наздикии Қуния мавҷуд буд, мунозираву муколама менамуд. Ва ҳатто ба юнонӣ шеър менавишт.

Алоуддини додараш ҳам дар андеша ва ҳам дар таҷаввулоти ӯ ширкат намеварзид. Аслан онҳо ду шахси мухталиф буданд ва илова бар он дар баҳори нахусти дар Ларанда будан Алоуддин бемори бистарӣ гашт. Шояд роҳи дуру тӯлонӣ ба ӯ таъсири бад кард, ё худ иқлими ноомухт нафоридаш, вай дар шабонарӯз шаш-ҳафт соат сабақ мегирифт, ҳуҷраяш нимторик буд, шабонаҳо бехобӣ мекашид ва ниҳоят риштаи умри ӯ қатъ гашт. Ҳеҷ чиз, на оби дамандохта, ки модараш ба ҷону ҳолаш нагузошта медод ва на бахшибозиҳо суд кард. Вай басо хотираи муқтадир дошт, асмои ровиёни ҳадисҳоро, ки ағлаб аз чил то шаст асмо мусалсал меомад ва то замони зуҳури пайғамбар мерасид, дар хотир медошт. Падар худ пизишки нағз буд, аттореро аз Ҳалаб

даъват намуд. Он аттор малҳаме сиришт ва фармуд, ки се маротиба, шому субҳ бимоланд ва гиёҳобе пухту амр дод ҳар бегоҳ бинӯшад.

Бо вуҷуд тирамоҳ аҳволи Алоуддин боз бад шуд. Садри синааш фурӯ рафт, лоғар гашт, чун месурфид, тамоми аъзои баданаш меларзид. Дар иҳотаи болинҳо мехуфт, тақрибан ба дарсҳо намерафт ва беш аз пеш ба парастории модар мӯҳтоҷ мешуд. Ҳар рӯз аз Ҷалолиддин гусастаю ба замони мозӣ нопадид мегашт.

## ГАВҲАР

Рӯзе аз рӯзҳои баҳор Ҷалолиддин дар саҳни ҳавлӣ меистод ва ба гӯшаш сурфаҳои канда-кандаи бародараш расид. Ӯ бо тараҳҳум ва ҳаё фикр мекард, ки ана ӯ, аз туфулият бачаи заифу орзупараст ва нозук солим аст, имрӯз аз гармое, ки баҳорон сангро тасфонда аз сандали пояш мегузарад, аз боди сабои баҳорон, аз бӯи олудаи ғарқи гул нашъа мебардорад, вале ба бародараш — бачаи зиндадил, ки ғавғоро дӯст медошт, метавонист ба ҳаёт нағзтар мутобиқ гардад, зиндагӣ шафқат нанамуд. Ниҳоят аз пушташ садои духтареро шунид.

— Падарам ба бародари шумо шарбати қизил фиристод. Худовандо, дарди ӯро басанда мекард.

Ҷалолиддин ба пас мултафит гашт. дар пеши ӯ духтари муриди падараш Шарофиддин Лоло кӯзаеро дароз менамуд.

Чӣ сон калону кадрас шудааст! Шинохтан намешавад! Моҳрӯй ва дар рухсораш занахдоне. Вале мисли калонсолон бо гӯшаи рӯймол даҳонашро пӯшидааст. Аз зери лозимаи шоҳияш нӯки чуккаи мӯкияш намудор. Акнун чашмони гирдааш мисли собиқ ба ӯ рост наменигаранд., гоҳе баланд мешаванду боз поин мефароянд.

Ҷалолиддин дарҳол сарфаҳм нарафт, ки аз дасташ кӯзаро ситонад:

— Лутфан, иҷозат фармоед.

Ӯ намедонист чӣ гӯяд. Хомӯш хумро ситонд. Вале дар ҷои исташ шах шуд. Духтар бори дигар ба ӯ нигарист ва боз нигоҳашро ба замин фурӯ бурд. Таъзим оварду ҳамвор ва хиромон ба сӯи дарвоза равон гашт. Ҷалолиддин ба худ омад.

Андӯҳи онбаҳораи ӯ бо номи Гавҳар марбут буд. Садои ҷунбиши рустаниҳо, пичирроси барги дарахтон, садои суми асп ва ғичирроси ароба симои Гавҳарро таҷассум менамуд. Вай ба болафшонии парандаҳо менигаристу гӯё бори дигар ба назари Гавҳар афтода бошад, аз хиҷолат сурх мешуд. Гавҳар оби ҳар чашмаро мунаввар менамуд. Дар илми фиқҳ кулли афкори бикрро гавҳар меноманд.

Се моҳи тобистон бисёр саъй мекард, ки бо манзили ӯ қариб бошад. Бетоқатона мунтазир мешуд, кай Гавҳар ба сарчашма ба об меравад, то ӯро мулоқот намояд. Аммо аҳёнан ин лаҳзаҳои саъид муяссар мегашт. Ангуштшумор буд он бомдодоне, ки Гавҳар кӯзаро дар китф рост ниҳода, мисли оби равон ҳамвору хиромон ба сарчашма равад. Ҷалолиддин дунёро ба фаромӯшӣ дода, бо нигоҳ ӯро гусел менамуд. Ҳамин андӯҳи ниҳон ва латофати ӯ буд, ки Ҷалолиддин ба пешвози мӯйсафеди мӯътабар, турушрӯй медавид, зуд бахри нишасташ болишт медод. Бо шарбат ва мос зиёфаташ менамуд, аз ӯ чашм намеканд, аз ҷӯяҳои оҷинги гандумгуни падар чеҳраи Гавҳарро меҷуст.

Ҷамеъи ин аз назари бузургсолор пинҳон намонд.

Тирамоҳ, замоне дарахтон аз бор хам оварда буданд, баргҳои хазон рехтаю бӯи туруши онҳо ба машом мерасид ва мужда медод, ки айёми борон ва тӯю сур қариб меояд, падар ӯро ба ҳузураш хонд.

— Ба балоғат расидӣ, бачем! Агар иродат шавад, мо сари туро ҷуфт мекунем. Бароят арӯс баргузидаем, вале хостем бо худат машварат намоем: шояд ягон хушдоре дорӣ?

Ҷалолиддин зону зад. Наёрист, ки ба падар нигарад, вале бо овози базӯр шунаво гуфт:

— Агар ризоияти шумо шавад, Гавҳарбонуро... духтари Шарофиддини муриди худатонро...

Султонулуламо аз табассум худдорӣ карда натавонист.

— Бархез! Баргузидаи мо низ ӯ буд!

Ҷалолиддин ба дастони хушк, пурожанг, вале даҳшатангез – ӯ воқеаи ҳаволии Бағдодро аз ҳуш набароварда буд, — дарафтод.

*Бодо муборак дар ҷаҳон суру арӯсиҳои мо,*
*Суру арӯсиро Худо бибрид бар болои мо.*
*Зӯҳра қарин шуд бо қамар, тӯтӣ қарин шуд бо шакар,*
*Ҳар шаб арӯсии дигар аз шоҳи хушсимои мо.*
*Бисмиллаҳ, имшаб бар навӣ, сӯи арӯсе меравӣ,*
*Домоди хубон мешавӣ, эй хуби шаҳророи мо.*
*Хуш меравӣ дар кӯи мо, хуш мехиромӣ сӯи мо,*
*Хуш меҷаҳӣ дар ҷӯи мо, эй ҷӯю в-эй ҷӯёи мо.*
*Хуш меравӣ бар рои мо, хуш мегушоӣ пои мо,*
*Хуш мебарӣ кафҳои мо, эй Юсуфи зебои мо.*
*Аз ту ҷафо кардан раво в-аз мо вафо ҷустан хато,*
*Пои тасарруфро бинеҳ бар ҷони хунполои мо.*
*Эй ҷони ҷон, ҷонро бикаш то ҳазрати ҷонони мо,*
*В-ин устухонро ҳам бикаш ҳадя бари анқои мо.*
*Рақсе кунед, эй орифон, чархе занед, эй мунсифон,*
*Дар давлати шоҳи ҷаҳон, он шоҳи ҷонафзои мо.*
*Дар гардан афканда дуҳул, дар гирдаки насрину гул,*
*К-имшаб бувад даффу дуҳул некӯтарин колои мо.*
*Валлоҳ, ки ин дам сӯфиён бастанд аз шодӣ миён,*
*Дар ғайб пеши ғайбдон аз шавқи истисқои мо.*
*Қавме чу дарё кафзанон, чун мавҷҳо саҷдакунон,*
*Қавме мубориз чун синон, хунхор чун аҷзои мо.*
*Хомӯш, к-имшаб матбахӣ шоҳест аз фаррухрухӣ,*
*Ин нодира, ки мепазад ҳалвои мо, ҳалвои мо.*

## ШАМЪИ ДУЮМ

Одатан Ҷалолиддин шеърро бо овози баланд мегуфт. Оҳанги шеър ба ӯ ҷазбаи осмонӣ мебахшид. Вай дарҳол таслим намегашт. Сарашро ба болои китфи рост моил менамуд, гӯш медод, сипас, ботаҳайюнӣ, гӯё монеаҳоро бартараф мекарда бошад, баланд мешуд. Хилъаташро бар мезад, як қадам мепартофт ва дасти чапашро мебардошту дар ҳаво муаллақ дошта, гирди худ давр мезад.

Дар пеши назари рӯҳаш чархи гардун бо ҳама ҳастияш зуҳур менамуд: сайёраҳо дар гирди Хуршед ва ҳафт осмон дар гирди Замин гардон аст. Ин гардиши мавзун вуҷуди ӯро саропо фаро мегирифт.

Он замон вай дасти росташро мебардошт ва арғуштравон чарх мезад. Дар бидоят оҳиста, баъдан сареъу пайваста, сареътар. Маст мешуд, худ ба оҳанг ҳаюло меёфт, он оҳанге, ки коинотро фаро гирифтааст ва шеъри ӯву садои рубоб сояи хираи ҳамин оҳанг мебошад.

Ҳолӣ низ вай мисраи «Бодо муборак дар ҷаҳон суру арӯсиҳои мо»-ро замзамакунон аз замин бархост, дар рӯи алвоҳи санги фарш қадаме партофт, оҳиста дар гирди шамъи танҳое, ки дар оғӯши мадрасаи ғарқи хоб буд, чарх зад. Баногоҳ тори рубоб садо баровард, ба овози ӯ ҷӯр гашт. Дастҳо ба бол бадал ёфтанду дар девор сояҳо ба рақс даромаданд.

Рубоб шодиёна мегуфт, ки мӯъҷиза рух дод ва ошиқу маъшуқ висол ёфтанд. Ин шодиёна андӯҳолуд буд, андӯҳе, ки ошиқу маъшуқ бо ҳам ҳаюло ёбанд, чунон ҳаюло ёбанд, ки якеро аз дигаре тамйиз натавон кард ва фарқ миёни ману ту боқӣ намонад. Армони бартараф намудани тафовути тарафайн, ба як дилу як ҷон табдил ёфтани он ду дилдода беш аз пеш бо нақароти оҳангдор ба сурати алами фоҷиавие даромада садо медод.

Пири ришсафед ҳамчунон мадҳушу бехуд арғушт мерафт, боре боди бари хилъаташ шамъро хомӯш мегардонд...

Хонандаи гиромӣ, лутфан мо боз шоирро дар ҳамин ҳоли босаодат масту бехуд танҳо мегузорем, мадрасаи Қунияро низ тарк мекунем, то бибинем, ки ишқе Ҷалолиддин тараннум мекунад, чӣ будааст.

Шоир ишқро василаи ваҳиди дарки ҳақиқат шинохтааст. Заргар ба ҳунараш дил мебандад ва ҳақиқати маъодинро кашф менамояд,— изҳори ақида дорад Ҷалолиддин.—Ба таъбири аҳди ӯ, ба асрори ниҳони модда сарфаҳм меравад, бинобар усул ва воситаи истифодаи онро низ дархоҳад ёфт.

Зотан, заргар дар ҷараёне, ки асрори ниҳони моддаро дарк кунад, дар айни замон хештанро низ хоҳад шинохт. Касби маҳорати заргарӣ ҳаюлои ҳақиқати мутлақ ва ҷисмро тақозо дорад.

Аммо ба таъбири Ҷалолиддин, ҳақиқат «маҷмӯи каму беши» — дунёст ва ҳаюлое он сон ноимкон аст, пас дарки ҳақиқати ягона, мутлақ ҳам нисбӣ мебошад, олами мутлақро ду орзу, ба ибораи он рӯз оламулваҳдат ба ҳам мепайвандад.

Моҳияти диалектикии шеъри Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар он аст, ки вай саъй мекунад тазодҳои садди роҳи ҳақиқати мутлақро бартараф намояд, вале муяссар гаштани онро аз имкон берун медонад. Бар хилофи орои Ҷалолиддин, аҳли тасаввуфи анъанавӣ ақида доштанд, ки ба ҳақиқати мутлақ ноил гаштан имконпазир аст. Фарқи ӯ аз аслоф дар ҳамин ҷост.

Бо вуҷуд, эҳёи табиат, яксон гаштани он ва инъикосаш дар осори шифоҳии мардум яке аз навъҳои тафаккури мармуз ва бадеъ мебошад.

Агар саъю кӯшиши таоруфи системаи тафаккури мармузро ҳасби қонуниятҳои объективии олами ҳастӣ бидонем, аглаб натиҷаҳои фавқулоддаи тахайюлӣ мегирифтем (сӯфиён ғалтидани санг ба замин ва даврони коинот дар даври Хуршедро ҳамин тавр шарҳ медоданд) пас набояд тасаввур намуд, ки тафаккури метафорӣ билкул аз ғояти воқеӣ орӣ аст, ё худ дар аҳди тафаккури мантиқӣ дигар

аҳамияте надорад.

Ҳатто аз муҳити асосии тафаккури метафорӣ, ки санъат аст, дур равем, бояд қайд намуд, ки дар миёнаи асри бист, дар аҳди иштиҳори тафаккури илмӣ, илме мавсум ба синектика ба миён меояд. Ин илм айнан низоми дар ҳалли масоили басо мушкили фаннӣ, ки бо василаи тафаккури мантиқӣ ҳал намеёбанд ва ҷавҳари ин масоил ҳам яксоншавӣ аст, тафаккури метафориро ба кор мебарад. Ба синетика баҳри ҳалли ҳандасаи бинои сафинаҳо сураткашон, шоирон, ромишгарон, яъне ашхосе ки пеша ва тафаккурашон метафорӣ мебошад, муроҷиат менамояд ва тақозо доранд, ки ин афрод хештанро дар маҳалли ягон чизе ё ҳодисае тасаввур намуда, натиҷаи андешаҳояшонро бигӯянд.

Агар тарафдори ақидаи файласуфони ваҳдат, яъне ягонагии коинотро мӯътариф бошем, дар асоси ҳамин ақида, ки ба идеализм мебарад ва тасаввуф низ аз он зумра аст, зоҳиран ҳодисоте, ки дар табиат ва ҷамъият, инчунин айнан дар ҳаёти рӯҳонӣ ва ҳиссии фардӣ ба вуқӯъ меояд, ба қонунияти умумии диалектикӣ мутобиқ аст.

Тасаввуф айнан ба таоруфи ҳаёти рӯҳонӣ, яъне худшиносӣ, худро ҳамчун «Анфус» шинохтан машғул буд, ки ғоят аз он таоруфи олами кулл, яъне Офоқро донистан аст.

Ана аз ҳамин сабаб Ҷалолиддин вақте мепурсанд, ки олами Ҳақ дар куҷост, ҷавоб мегӯяд, ки «Андар дили шумо!» Табиист, ки ишқ, муҳаббати зану мард қабл аз ҳама дар фалсафаи тасаввуф мақоми воло ишғол менамуд. Чунин муносибати зану мард аз як тараф муносибати одам бо одам ва аз ҷиҳати дигар Одам бо Табиат мебошад. Ё худ ба қавли Маркс, дар ишқ бидуни ягон василае, ки чи андоза мавҷудияти ҷинсии одам ба мавҷудияти табиии инсон ворид шудааст, яъне то чи андоза одам одам гаштааст, таҷассум меёбад.

Диалектикаи Ҷалолиддини Румӣ дар заминаи муҳаббат, ҷазбаи он баҳри яксон гаштан, андар якдигар васл ёфтан ва

дар айни ҳол имконнопазир будани ин висол бунёд ёфтааст, ки аз диалектикаи Гегел бартарӣ дорад.

Муҳаррики Ҷалолиддин талоши бо Олам ҳамоҳанг шудан буд. Ӯ инро дар асоси мантиқи схоластикии ҳамон давр ҷуста, андар догматикаи ночизе он сон гармония ёфтааст, ки аз шер то хар аст.

Ҷалолиддини Румӣ дилро аз ақл муқаддам гузоштааст. Мо онро имрӯз психологияи экспериментали меномем, ки сулолаҳои сӯфиёни дарвеш дар асоси муроқибаи худ асос гузоштаанд.

Дарки қалб табиитар аст. Ва боз равшан аст, ки натиҷаи он паралогик ном гирифта, майли он ба маҷозу рамз беш аст. Румуз иқлими ҳунар аст.

Тасаввуф аз оғози пайдоиш ҳамчун ҷараёни идеологӣ аз шеър ҷудоногузир буд.

Дар оғоз дар маҷолис танҳо шеъри ошиқонаи мардумиро месуруданд. Маъруф, ки шайхи нишобурӣ Абӯсаиди Майҳонӣ чунин мекард ва ӯро ба куфру иштибоҳ мутаҳҳам намуданд. Сипас, аҳли тасаввуф баҳри маҳофил худ рубоӣ ва ғазал меофариданд. Дар ашъори мазкур «толиби ҳақиқат» замзама мегашт ва бадеҳист ба сомеон завқи хосса мебахшид, ҳолати рӯҳии онҳоро акс мекунонд. Фаъолияти хитоба ва ваъз дархост менамуд, ки ин ё он ғояи сӯфиёна возеҳтар баён ёбад. Дар ҳамин поя достонҳои маҷозию панду ҳикматомези Ансорӣ, Саноӣ, Аттор пайдо гаштанд.

Тафаккури фалсафӣ дар ҷараёни мавҷудияти худ категорияи ба умум мақбул офарид, ҳамчунон шеъри тасаввуф, ташбеҳу истиора анъана гашт.

Ҷалолиддини Румӣ дар зурвати ин анъана меистод. Ашъори ӯ бо ибороти маҳбуби ойина, тасвир ва соя мӯътабар гашта. Ӯ ойинаро ҳақиқати объективӣ медонад, инъикоси олами ғайрро, олами идеалиро ҳақиқати якто мегӯяд, ки мо ҳаргиз набояд фаромӯш намоем.

Вале дар ойина баракс. Бидуни ойина мо худро нахоҳем

дид. Агар мо идеализми Ҷалолиддини Румиро сарфи назар накунем, ташбеҳҳои ӯро такмил диҳем, маълум мешавад, ки инсоният дар зарфи ҳафт қарн худро дар ойинаи мусаффои шеъри ӯ менигарад, андар он олами рӯҳонии инсон, хатти сайри онро амиқу возеҳ мебинад. Дар ин ойина ба як бор қонунияти инкишофи олами ҳақиқатро дармеёбад.

Бархе аз уламо мӯътақиданд, ки калимаи сӯфӣ аз суфи арабӣ набуда, балки аз калимаи софоси юнонӣ, яъне хирад иқтибос шуда.

Аммо соликони мазҳаби Ҷалолиддини Румӣ хешро сӯфӣ на, балки ошиқ мехонанд. На мантиқ, балки ишқ роҳбари онҳо ба сӯи маърифат буд.

Муҳаббати Ҷалолиддини Румӣ муҳаррики ҳама мавҷудот аст. Дон, набот ва ҳайвонот низ ишқ доранд, ки бо қишру ҷисм меҳр меварзанд. Танҳо инсон тавоно аст, ки бо тан, бо ақлу хирад, бо хаёл ва зеҳн ишқ варзад.

Мавлоно ба сӯи мутлақ талош дорад ва ишқи олиро Ҳақиқат мехонад. Ӯ ҳамтои зоҳидони даври хеш ба ишқи ҷисмонӣ, заминӣ ё худ ба таъбири хеш, ишқи фонии инсон мутанаффир нест.

Ҳар тоифа муҳаббат, чи ишқи ҳунар, чи замину меҳан ӯро ҳодӣ ба сӯи ишқи ҳақиқат, ишқи хайрманшаъ аст.

Вай ишқро ба анвори хуршед ташбеҳ намудааст. Мефармояд, ки касони худпараст, ки хешро дар зиндони торики ҷисми худ маҳбус кардаанд, ба мартабаи кӯронанд.

Вай ба ишқи зан қоил аст, чунки муҳаббат ба ҳамҷинси худ василаест баҳри худшиносии банӣ инсон. Инсон моҳияти инсонро накӯтар дарк менамояд.

Пирамарди сафедриш, ки дар оғӯши мадраса пардаи зулмотро даронда мадҳушона мерақсид, висоли ошиқу маъшуқро тараннум менамуд, аз арғушту самоъ не, балки аз ишқ маст ва бо олами кулл ҳулул ёфта буд.

Вай аз рақс бозистод. Нафасаш якка шуда буд. Ба атроф

чашм давонд ва пайваста ба худ меомад.

Шамъ сӯхта адо гашт. Дар паси девор шаби торик. Собиқан мадҳушона то субҳ арғушт мерафт, баъд нафас рост мекарду боз ба рақс медаромад то зӯҳр ва аз он гузашта то шом.

Ӯ ҳаргиз дар ҳаёташ аз чизе изо накашидааст. Вале ҳоло аз ҷисми худ ор мекашид.

Савореро мемонад, ки аспашро бешвақт тозиёна зада ба ҳадафаш расидааст ва кунун он аспи ларзон ва тозиёнахӯрда, дили кас ба ҳолаш месӯзад, дар ҳузураш истода.

Фалаҳ набуд дар пойҳояш, базӯр қадаме партофт. Соқҳояш меларзиданд. Валад аз соя баромад ва аз зери бағали падар бо эҳтиром дошт. Валад будааст, ки каломи ҳаяҷонангези падарро шунида, рубоб дар даст ба истиқболи ӯ ба хонаи нимторик даромада будааст.

Падар ӯро нашинохт ва дар ҳайрат афтод. Воқеан тасаввур намудан душвор буд, ки марде дар сар намадкулоҳ ва дасторро гирди он чанд печ додааст, дар бар қабои пашминаи кӯтоҳе дорад, дар ду бари гиребонаш ҷуфти кабӯтар, ё худ ҷуфти сарве, ки ба осмон сар афрохтааст, хайётӣ шуда, оёти муқаддас мудом аз вирди забонаш канда не, ин марди алориш, ки дар бағал рубоб дорад, бо эъзоз онро ба канор гирифтааст, Валад, писари ӯ мебошад, ки шабе дар Ларанда ҳасби одат аз тахтапушташ тела дода таги чодари Гавҳар даровcovаранд, бо ӯ никоҳ карданд, обистан шудааст.

Аз он шаб қариб ним аср, он ним асре, ки кунун дар як чашм пӯшида кушодан аз пеши назар гузашт ва пур аз сурур буд, на ҳоҷате ба шеър, на ба ҳақиқат ва ҳатто на муҳаббат. Бехотир таҳорат намуд, баробари Гавҳар ҳама калимотеро, ки одатан шаби зифоф тиловат менамоянд, такрор кард, сипас ҳамчун найи соҳил, ки тӯфони Нӯҳ сарашро ба замин расонидааст, хам шуд.

Рӯи кулча ва амсоли қурси навбаромад пуртароват, гардани нозуки латиф, ки ҷозибаи оҷизона ва мусаллат дошт,

аз тахти малобиси шаффоф ҷуфти пистонҳои булӯросо сафед, ки ғуҷумакҳояш барҷаста буданд ва андар оғӯши боз, ки неруи эзидӣ ниҳон аст, дар аҷзои баданаш неруи фавқулодда гарибе, як қуввати заифе барқ мезад. Ҳиссе сӯзонтар аз оташ, сад бор сӯзандатар вуҷудашро фаро гирифта буд, мадҳушона сарашро гирд мегардонд. Саҳари интизор ҳаво сарди гуворо буд, заработи мадду ҷазр ба авҷи аъло расид, талотум мекард, аз ҷазира дамида селвор ба пешвозаш баромад, ӯро ба оғӯш бигирифт ва дар як он дар оғӯшаш ғарқ намуд.

Чиҳил сол муқаддам аз он оташи мастона Валад обистан шуд, навиди ишқи мадҳушонае ба гетӣ дардод, ӯро саропо гудохт, ба шеъраш табдил гардонд, ки садҳо сол пас аз сараш ҷовид хоҳад буд. Вай ин чизро он шаб дар Лоранда ва на хеле баъд, то даме ки бо Шамс, хуршеди тобони ҳаёташ рӯ ба рӯ шуд, идрок накард.

Ҷалолиддин ин шеърро на дар рӯзи арӯсии худаш, ки ҳоло ба туфайли ёдзади Гавҳар дар зеҳнаш ҷилвагар шуд, балки дар рӯзи издивоҷи писараш Валад офарид. Бо нияте ки дар умри писар умри худро бубинад. Аммо Валад аз он шӯру исёне, ки дар аҳди шубоб ӯро тазъиқ меовард, орӣ аст.

Валад тимсоли ӯ ба духтари муриди падар акди никоҳ баст. Ба духтар ба шарафи бинтулнабӣ Фотима исм гузошта буданд. Ҷалолиддин дар ин ном маънои нуҳуфтаро дармеёфт. Падари арӯс Фаридун Салоҳиддин, ки сарвари саррофон буд, илму маърифат надошт, ягон мадрасаро хатм накардааст, лекин он сон аз доду додгустарӣ воқиф буд, ки ягон мадраса ато карда наметавонист. Ҷалолиддин ӯро «нури ҳақиқат ва қубатулқалб» хонд. Вай бо андешаи он ки мардак дар пирӣ бешугле намонад, ӯро шайхи шогирдон ва муриди худ баргузид.

Ҷалолиддин духтари ӯро аз ҷон беш дӯст медошт. Аз хурдӣ вайро дар тарбияти хеш даровард. Худ муршид гашт, илму маърифат омӯзонд, одаму оламиёнро шиносонд, — ба

соне аз баҳри ӯ қувват ба ҳарҷ медод, ки муқаррибон дар таҳайюр буданд.

Ба муҷарради побанд намудани писар шоир бо нияти такмили «Маснавӣ» ба боғоти қариби шаҳр – Филобод кӯчид ва аз он макон ба писараш рисолае навишт. Андар рисола дархост намуд, ки мазмуни онро ниҳон дорад – касе ки маърифатро маҳфуз медорад, асрори ниҳон ошкораш хоҳад гашт. Дар паси суханони падар ҷавҳари дониши қалби ӯ нуҳуфта буд.

«Имрӯз, дар арафаи арӯсият ман Фотимабону, нури рӯзгорам ва фурӯғи чашмонамро ба ту мебахшам, ту бояд онро ҳамтои мардумаки чашм нигоҳ дорӣ, чунки вай василаи озмуни туст. Умед дорам, ки пайваста ба ӯ дар мақоми адолат менигарӣ, дар сояи ҳимматат сарфароз мегардонӣ. Ту бояд ному номуси падар, худ ва ниёгонро мудом мусаффо дорӣ, илоҳо ҳар рӯзат, ки бо ҳамсарат мегузаронӣ, босурур ва шабат шаби зифоф бодо. Саъй бинамо, ки мар доим дар тасаллути неруи қалб бошадат, ҳаргиз ӯро дар доми асорат нигоҳ надорӣ. Чунки дому дона ақидаи мардуми сабукбори соҳилҳост ва ақидаашон низ рӯякӣ».

Валад падарро аз зери бағал мебурд. Бағоят боэҳтиёт ба курсӣ нишонд. Шамъи нав овард ва онро дардоду гарди сӯхтаашро тоза кард. Ва ба шамъдон ниҳод.

Падар писарро ба ишора рухсат дод. Ва хомӯшона ба нигоҳ наззора кард, ки чи тавр Валад, ки тарбияи накӯ гирифтааст хиромон ба ҳуҷраи худ рафт, чунки бозгашти ӯро Фотимабону интизор буд.

Моҳи шашуми обистани зани Валад буд ва шабонаҳо ӯро даҳшат фаро мегирифт. Ба шавҳараш вай дувоздаҳ фарзанд таваллуд кард ва ҳамаи онҳо мурданд: яке сари хишт рафт, дигарӣ баъди шаш моҳ, даҳ моҳ ва соле. Он зани шӯрбахт дар аснои ғазаб тавба кард, ки дигар коми носерами Заминро аз ҷигаргӯшаҳояш пур намекунад – чун вазнин шуд, ҳамвора

кори ношоям мекард, ки аз ҳам раҳо ёбад, дар маҳофили занон то рӯз бо шиддат мераксид, давоҳои музир мехӯрд. Аммо ку суде?

Ҷалолиддин аз авзоъ бохабар буд. Баъд аз се моҳи обистан зани писарашро нигоҳ дошт – мӯътакид буд, ки он зан ба ӯ имон дорад ва имон қудратест, ки ҷисмро бедор мекунаду ҷисм ноогоҳ мемонад.

Ба воситаи шайх Тоторӣ ба ӯ расонд, ки тифлро минбаъд эҳтиёт намояд, аз ғайб мар ӯро ваҳӣ расид, ки кӯдак чун ба дунё ояд, умри дароз хоҳад дид ва Ҷалолиддин ташнаи дидори набера аст.

Фотимабону ба падарарӯсу пири худ муҳаббати босазо дошт, амин буд, ки ӯ назаркарда ва ба бебаргон садақа медоду базми гӯсфандкушон барпо менамуд. Бо бурдборию меҳри афзун мунтазир буд. Вале шабонаҳо, ҳарчанд саъй кунад, худро аз банди хавф наҷот дода наметавонист.

Валад ҳам дар мотами атфолаш андӯҳ мехӯрд, вале на мисли Фотимабону. Ӯ инро аз тақдир надониста, ғазабашро ба сари занаш фурӯ мерехт.

Ҷалолиддин баъд аз вафоти Гавҳар бо бевае сарашро ҷуфт намуду то охири умр бо ӯ бизист, вале дар ташвишу изтироб буд, ки писараш низ дар замираш нияти дубора издивоҷ намудан ва лоақал сиға гирифтан дорад. Раъяш мухолифи шариат нест. Дар шариат чаҳор зан ва сиғаҳои бешумор равост. Вале писар ва ворисн ӯ набояд ба суннате, ки ба ҳамаи мӯъминон фарз шудааст, риоя намояд. Балки ӯ ба ёди ишқи Ҳақ аст – ушшоқ бояд ба шариати муқаддаси дил гӯш диҳанд.

Валад оромона аз ҳуҷра мебаромаду падар фикр мекард, ки иродати заиф бошарафтар аст аз исёну саркашиҳо. Бори дигар умедаш шикаст, ки писарро ворис мехонад. Агар ӯ зани хешро идрок нанамояд, ба сари он гӯрбахт азоби алим фурӯ резад, пас чи ҷои дарки худи ӯст? Ӯро набояд танҳо бо хирад, балки бо тамоми ҳастӣ фаҳмид. На зоҳири суханони ӯро,

балки моҳияташро?!

Дар айни ҳол Фотимабону аз писараш ба ӯ наздиктар метофт, ки боиси исёни ӯро ирс гирифтани Фотима буд. Магар Фотимабону амсоли ӯ, ки вақте Шамс – Офтоби умрашро аз даст доду муқобили кулли олам қиём намуд, алорагми сарнавишт исён набардоштааст?

Ҷалолиддин аз эҳсосот худдорӣ намуд ва чашм пӯшид. Ҳамчунон ночунбон, шояд онаке ва шояд абадият нишаст, то замоне ки ба худ омад ва боз афкораш ба маҷрои собиқ оромона ва мунтазам равон гашт.

Агар Валад аз баҳри сӯхтан шодоб гаштаю аз ғаври он маҳрум монда бошад, чӣ ҷурме дорад? Во дареғо, магар нафармудаанд, ки «Мо гуноҳи ашхосеро, ки нисбат ба эшон бетафовут бошем, маъзур медорем, вале ҳамон андоза ҷурми афроди ба худ қаринро нахоҳем бахшид».

Зан на танҳо ҳабиба аст. Офарида асту офаридагор. Ва касоне, ки моҳияти офариниширо мефаҳманд, зиёданд? Магар мардумоне, ки занро идрок мекунанд, кам нестанд?

Ононе, ки ба зулмот хӯ гирифтаанд, нури хуршед кушандаашон аст. Фуқаҳое, ки кирми китобанд, фатво додаанд, ки занро андар ниқоб доред, дар ҳарамҳо гирд оред, каломи эшонро савоб нашуморед ва ҳатто асомии ононро дар лавҳи мақбара ҳаккокӣ накунед. Агар ин уламо ба фарти зулмот гӯтавор набуданд, он замон аз шӯълаи оташи дили зан огоҳ мебуданд. Сураи Қурбон «Мардон аз занҳо волотаранд» мусаннади онон будааст. Такрори суханони дигарон на он маъноро дорад, ки аз ғавраш низ воқифед. Дар аҳди Муҳаммад пайғамбар занон чодар намегирифтанд ва аъмолу кирдори қобили таҳсин содир намудаанд. Мард мардина таваллуд намешавад, балки мард ба воя мерасад. Дар кароматy фазилат басо занҳо буданд, ки аз мардон шараф доштаанд.

Валад таъми муҳаббати занро чашида андар он заъфи

худро дарёфт, мебоист ба нотавонии қалб падруд гуфта, забони онро меомӯхт, мисли тутӣ, ки дар назди ойина суханони одамиро такрор мекунаду дар бадал шакар металабад.

## ЗАН ЧИСТ?

Дар Лоранда замоне бародари Ҷалолиддин нотоб гашт, Мӯъминахонум аз кучое парандаи булаҷаберо пайдо намуд: пару болаш сабзи дурахшон, минқораш сурх, чашмонаш мудаввари сиёҳ, ки аз ин олам набуд. Дар шаҳрҳои Хуросон, ба вижа Балх, ин зайл тӯтиро аҳли ҳарамсароҳо ва бачагон мавриди дилхушӣ қарор медиҳанд. Тӯтӣ ноомӯхт буд. Муҳимаш маронро мебоист забони одамӣ ёд медоданд, ки сабаби дилхушии бемор гардад. Тӯтӣ сарашро ба як тараф моил намуда ба инсон ва кулли мавҷудот мӯшикофона менигарист, овоз медод ва зодгоҳу лонаро ба хотир меовард, ки андаке алами беморро таскин мебахшид.Ойинаи оҳан пайдо намуданд, онро дар паси қафас гузоштанд ва дар паси ойина истода мустамир чизеро такрор мекарданд. Тӯтӣ ба тимсоли хеш менигарист ва меангорид, ки ҳамҷинси худаш аст, ба ҷаҳд саъй менамуд бо он ҳамдам бошад, ба тақлид суханони шунидаро такрор мекард. Ва дар подош шакар инъом мегирифт. Он инъоми ширин тӯтиро дархост мекард, ки ойинаро аз хотир рабуда, худ шакар талабад.

Бачаҳо чунин мекарданд. Тахмин тӯтӣ гӯл набуд ва ё худ басо доно, ки ҳаргиз ойинаро манзур намекард.

Ҳавсалаи бачаҳо пир шуд, қариб аз баҳри он мегузаштанд ва боре он дар дасти модар шакарро дида, «шакар деҳ» гӯён овоз баровард.

Алоуддин аз ханда галт зад.

Минбаъд, чун ба тӯтӣ шакар ва об медоданд, «ташаккур» мегуфт, агар шарфаро шунавад, «дар он ҷо кист?» мепурсид. Ва ҳатто замоне болои қафасаш рӯпӯши карбоси сабзро

мегустурданд, «бихоб!» гӯён амр медод, ки гӯё забони порсиро медонад.

Зимистон даромад. Алоуддинро ҳол беҳ нашуд. Тӯтӣ маҳбуби умум гашт, акнун бо он унс гирифта буданд, сарфи машғулӣ менамуданд. Аз қазо, тӯтӣ ҳарчи мешунид, дар каллааш ҷой мекард.

Боре аз дур садои пойро шунида «кист?» гуфт.

Падар ба хона даромад. Тӯтӣ ба изтироб афтод, бол меафшонду фиғон мекашид:

— Ғархоҳар!Ғархоҳар!

Ҳама аз ҳарос шах шуданд. Султонулуламоро ғархоҳар мегӯяд? Падар пиндошт, ки мурғро ба хосса таълим додаанд. Падар аз сухани мурғ гӯё панд гирифта бошад, сар алвонҷ дод.

Тӯтиро филфавр ба сангтароши юнонӣ, дӯсти падар ҳадя фармуданд, ки дар он хонадон забони порсиро намедонистанд. Вале тӯтӣ ин дашномро аз куҷо омӯхт, то кунун номаълум. Ва он ягона дашноме буд, ки падар ҳар гоҳ ба хашм ояд, ба забон меовард.

Тӯтӣ қодир аст, ки сухан гӯяд, вале ба ғаври он инсон, он ҳам бошад ҳама яксон не, сарфаҳм меравад.

Ишқи Гавҳар дар овони ҳабдаҳсолагӣ рӯҳи Ҷалолиддинро шифо бахшид ва бо забони дил сухан гуфтанро талқин кард. Ин чунин маъно надорад, ки вай ба ғавру моҳияти сухан комилан ориф гашт. Мебоист дар забонаҳои оташи исён обу тоб меёфт ва деви худкомиро дафъ мекард.

Вале ҳар бозёфт маҳрумият ва ҳар маҳрумият бозёфт аст. Вай дар ин набард Гавҳарро аз даст дод.

Валад васияти падарро ба ҷо наовард, озмуни ишқро таҳаммул наварзид ва аз ин ойин он сирре, ки дар нома гӯшзад мешуд, ҳамчунон сирри худи Ҷалолиддин, дар замираш мисли «гавҳар» боқӣ монд.

Баҳори соли шашсаду бисту шашуми ҳиҷрати набӣ,

мутобиқ ба як ҳазору дусаду бисту шаши мавлуди Мӯсо, чашми Гавҳарбону сиҳату саломат равшан шуд, писар таваллуд кард ӯ.

Ҷалолиддин меҳмони навро бори нахуст дар болои кӯрпачаи сабз, ки ҳосили ишқи Гавҳарбону ва худаш буд, дид. Модари барно, понздаҳсола буду бас, аз ғурур ва хиҷолат лолагун гашта, аз писар чашм бардошта ба ӯ нигарист. Ҷалолиддин дар ҳайрат афтод, ки чи тавр дар чунин муддати кӯтоҳ дар бадали чанд соати азобу азият дар умқи чашмони вай чунин торикии амиқ пайдо шуда.

Мӯъминахонум дар рӯбарӯи Гавҳар менишаст ва дирҳами тиллоро ба парпечи набера медӯхт. Он заринадирҳам насл ба насл ба онҳо гузаштааст ва имрӯз низ Султонулуламо онро ба фоли нек ба завҷаи писараш тақдим намуд.

Мӯъминахонум риштаро ба дандон канда ва ҳанӯз миёни онро нигоҳ дошта тифлро лӯлак кард ва ба модараш дод.

Тавқи гардани Гавҳарбону садои гуворое дардод. Вай пистонҳои аз шир дамида ва гуҷумакҳои сиёҳгаштаро баровард ва ба коми сурху бедандони тифл гузошт. Тифл ҳарисона чапос зада мавзун ба макидан даромад. Дар они ҷуръакашиҳо тани модар андак меларзид. Ҷалолиддин саропо муроқиба гашт ва рӯҳан ҳавои ларзиши ҷисми модарро назора мекард, дар ниҳонхонаи замираш таронае замзама мешуд.

Ӯ дар ҳузураш на танҳо Гавҳар, балки Зӯҳра, рамзи табиати зоёнро медид. Айнан дар аржангҳои Монӣ: малобиси зард пӯшида, бо тавқу бозубандҳои ҳамоилу дар банди пой халхол. Ҳамчунон дар сурат дар пешаш зане нишаста. Вале дар бағалаш дар ҷои қобуз тифлро канор гирифта, мар онро ба соне доштааст, гӯё аз он кулли навоҳои оламро дарёфт карда бошад.

Зӯҳро, он ситораи ғаммоз, ки эрониён Аноҳид хонанду румиён Венера, аз он ҷиҳат дар хотири Ҷалолиддин муҷалло гашт, ки вай дар Лоранда ба асрори илми танҷим шавқи фузун дошт.

Ӯ дар умри кӯтоҳаки хеш басо таназзули шоҳон, марги лак-лак мардумро шоҳид шуд. Мунаҷҷимон таъкид мекарданд, ки аз ситорагон, ҳатти сайри онҳо тақдири мардум ва шоҳонро дарёфтан мумкин. Ва ӯ мехост ин қавонину асбоби онро донад.

Писари вай бегоҳи чоршанбе обистан шуд ва рӯзи одина чашм ба олами равшан кушод. Ин рӯзҳо ҳасби тақвими нуҷум хосси ситораи Зӯҳро буданд. Толеи касе, ки андар он таваллуд мешуд, овози хуш, ахлоқи ҳамида, чеҳраи зеборо молик буда, додгустар мешуд. Сиришти Гавҳар мутобиқи ин толеъ буд. Ва ӯ навҷавони ошиқ, тифли худро низ ҳамон тавр диданро таманно дошт.

Агар ӯ аз сарнавишт умед медошт, мебоист ба писараш эҳтирос ва иродат металабид. Он чизе табиат ба зан арзонӣ дошта, мард бояд бо набард сазовораш гардад. Вале навҷавоне, ки дар сароғози роҳ буд, ҳанӯз таҷрибаи пирон надошт, аз куҷо медонист?

Ба қиёс, он саодате ки мусаффо дар Лоранда аз он комрон шуд ва муршиду ҳодии тариқаташ буд ба сӯи маърифат, бори дигар начашид. Олам барояш дубора макшуф мегашт, нуре буд шебу фарозӣ ва жарфноҳоро мунаввар месохт.

Овозаи рехтани дарёҳои хун, марги издиҳом, хокистар гаштани шаҳрҳоро Ҷалолиддин дар ҳомуни сарсабзу муҳит бо зурватҳои шомихи барфпӯши кӯҳҳо мешунид, ба хаёлаш хоби мудҳишу кобус метофт. Ҷамеъи ашхосе, ки ӯ дӯсташон медошт, дар бараш ҳанӯз зинда буданд. Рӯзгори тағофулу босаботе буд он айём.

Тобистони соли дигар Гавҳар тифли дуюмашро таваллуд кард. Бархилофи башорати мунаҷҷимон зод басо пурмашаққат омад. Падар ва муридон се шабонарӯз пайваста намоз гузоштанд. Ва дар бадали ин се лайлунанаҳори бехобу хӯр вай лоақал боре нолиши ӯро нашунид. Ба қавли Мӯъминабону, он берӯзӣ мудом болинҳоро бо дандон пора

мекардааст, ки анинашро шавҳараш нашунавад.

Се моҳ қабл аз зодрӯз вай дар дилаш қарор дод,ки агар духтар ояд, исми модар ва гар писар, номи додарро мегузорад – аҳволи бародар бад буду ӯ ҳеҷ ба худ намеомад. Зиндаи бадтар аз мурда, бигузор ақаллан номаш барҳаёт монад.

Гавҳар писари солиму бақувват таваллуд кард. Кошки он тифл ба дунёи равшан намеомаду падарро аз дидагон ва шамъи ҳақиқат маҳрум намесохт! Шояд аз он ҷиҳат писар ба дунё омад, ки Ҷалолиддин рӯи дигари ҳастии худро дар ойина бубинад? Беҳуда дар ҳама забонҳои дунё як хислати одам ду ном нагирифтааст: сангдилу аблаҳ, қосиру золим, нарму беирода... Гап дар он аст, ки ин эҳсосот ба кадом мақсад нигарон шудаанд.

Гавҳар пас аз таваллуд ба худ наомад. Вай намехост, ки ташвиши сарзиёдатии шавҳар шавад, ки бо моҷарои таваллуди рӯҳи худ саргардон аст, бо амри дил пайваста худро канора мегирифт, вале Ҷалолиддин таги гапро насанҷида, ин фидокориро дарҳол бо суҳулат бипазируфт.

Чаро идрок нанамуд? Ҳис накард ва нафаҳмид? Маврид тақозо мекард, ки то лаҳзаи вопасин дасти ба тадриҷ мустамир сардшавандаи ӯро аз каф раҳо накунад, то они охирин ба чашмони вай менигарист, даҳшати ҷонканиро ба назари ӯ осон мегардонд. Агар дони гиёҳ дар таги хок расад, албатта майса мезанад, пас нисбат ба муҳаббате, ки дар замири инсон мепазад, тарзи дигар фикр намудан мумкин буд?

Ба ҷуз ҳақиқати дил, дар олам илми дигаре набуд, ки тавонад ин чизро таълим диҳад, тасаллояш бахшад. Аммо дар аҳди шубоб ӯ нав амсоли тӯтии шакархор суханони қалбро такрор менамуду бас.

Инак, чӣ сире нуҳуфта будааст дар паси сатрҳои мактуби падар ба писар – таҷрибаи талхи рӯзгори худ. Роҷеъ ба ин кулфати талх дар рисола возеҳ чизе гуфта нашуда ва минбаъд низ то қиёмат гуфта нахоҳад шуд. Валад мисли падар озмуни

ишқро таҳаммул наварзид. Аммо вай дар чилсолагӣ, он чизе ки Валад айнан дар ҳамон синну сол нафаҳмид, дарк карда буд. Ва Валад замонест хонаи чилро пур кардааст.

Во дареғо, ки ҳама чизи оламро ба қадри ҳол мефаҳмӣ, ба шару шӯри он назар меафканӣ, вале қодир нестӣ, ки дар ислоҳи он мусоидат намоӣ! Ба мартабае, ки солхӯрдатар мешуд, беш мефаҳмид, ки ҳеҷ касро тарбият намудан суде надорад. Танҳо метавон роҳ нишон дод, бигузор ҳар шахс бо он роҳ биравад.

Дар солҳои охири ҳаёташ дар Ломанда, гӯё подоши он айши тамом бошад, бадбахтӣ шикаст андар шикаст ба сарашон фӯру рехт.

Аз баҳорон бародар аз бистар нахест. Гоҳо модар ва ходимаҳо ӯро аз зери бағал дошта ба боғ мебаровардан. Алоуддин дар бар ҷомаи ғафс ва лӯлаҳо нишаста, такя бар тани дарахти зардолу зада дуру дароз, то даме сармо хӯрдани танаш – воқеан он тобистон сахт гармо омад, — чашмони ҳамтои дидагони гӯсфанди сарбурида маҳзунро ба абрҳо, ки сабук шино карда аз қуллаҳои барфпӯш мегузаштанд, медӯхт. На бо чашм, балки дидагони рӯҳаш, ки мисли ин абрҳои сабукшино гӯё ӯро ба осонӣ тарк мегуфта бошанд, назора менамуд.

Ба сахтиҳо ҷон дод ӯ. Ногоҳ аз даҳонаш хун омад, ғарғараи хун гулӯяшро маҳкам намуд. Модар ӯро сари дил гирифта буд, ба назар чунин мерасид, ки ҳаргиз аз оғӯшаш ҷудо кардан намехоҳад. Дастон, пероҳан, лозимияш аз хун арғувонӣ гашт.

Намози хуфтан фаро расид, мунодӣ аз марги мусулмоне навид дод.

Дар посух аз манора садои муаззин мӯяи занҳоро пахш карда танинандоз гашт:

— Оллоҳу Акбар! Оллоҳу Акбар!

Ҷалолиддин кундаосо ба рӯи саҷҷода ғалтид, даст ба азон

бурда ба ниёиш пардохт. Оёти намоз худ метаровид, танҳо ақл воқиф, ки чӣ рух дод, аммо ҳанӯз қалб ҳодисаро напазируфта буд.

«Оё ту бемори нотавонеро, ки ғарқи захм асту дар бистар печу тоб мезанад, дидаӣ? – пурсидааст ҳакими ҳинду, — Боз ту пирони ҳафиферо низ дидаӣ? Охируламр ту мурдаашонро ҳам дидаӣ? Наход ҳамаи ин дар бораи худи ту ба ту ҳарфе нагуфта бошад?»

Азони муаззин руъбангез буд, аммо андар он тақозои ба тақдир тан додан не, балки ғазаб ва умед, умеди инсони ояндаву раванда , ва мудом ҷовидро мешунид. Вай аз матонату мардонагии банӣ одам ба таҳайюр омад, ҳис кард, ки аз бари рӯяш қатраҳои ашк ҷорӣ мегардад.

Дар ҳақиқат ин олам, ки инсон дар он чашм мекушояд, абадию ҷовид аст. Вале умри одам аз онаке беш нест. Бародари ӯ дар бадали нуздаҳ соли умр чӣ дид, чӣ фаҳмид ва чӣ кард? Чаро омад ва чаро рафт? Ҷавоб чист?

Мӯъминахотун баъди сари писар дер назист. Хуне, ки дастони ӯро арғувонӣ кард, дубора раҳояш нанамуд. Аз баҳри ҳама кори манзил гузашту ба дуою ибодат пардохт. Насиҳати навбатии Султонулуламо, ки «бо мурдагон намемиранд, ба ғазаби Худованд гирифтор мешавад ҳарки дар ғами мурдагон сӯзад», суд накард. Алоуддин ҷузъи худи ӯ буд.

Боре дар асnои намоз, гӯё ба овози ғайб гӯш меандохта бошад, рост шуд ва бо дасташ синаашро дошт ва афтоду бимурд. Чеҳрааш аз зӯри дард каҷу килеб шуд ва дар лабонаш табассуме мағрурона ях баст, шукри Худо.

Ҷалолиддин аз паси тобут қадам мезад, садои марғуладори ҳофизонро, ки Қуръон мехонданд, мешунид, ба талҳои хокистарранги Лоранда, ки аз паси бародар модарро панаҳ мекунад, менигаристу дигар намегирист.

Ҷалолиддин аз ҷону хуни Мӯъминахотун шуда буд ва

худ дар бораи модар чӣ медонад? Модар мудом андармони кору бори хона буд, фармудаҳои Султонулуламоро бе чуну чаро ба ҷо меовард, ҳаргиз пеш аз падар, чуноне фарзи зани мӯъмин, ҳарфе намегуфт. Фақат ба пурсишҳои ӯ посух медоду бас.

Модар умри зоҳидона ба сар мебурд, ки ба зани Султонулуламо будан мушарраф бошад ва ҳатто фарзандонашро аҳёнан навозиш мекард, чунки аз қасовати шавҳараш метарсид. Султонулуламо аз ҳама беш нозпарвардагию беиродагии атфолро, ки асосан навозиши зан ба он боис меґардонад, чашми дидан надошт.

Оре, модар шабу рӯз дар ғами он буд, ки оё бачагонаш солиманд, серанд ва либосҳояшон тоза ҳаст ё на. Ғамхориҳо дар бораи тани бача, ки баробари обу ҳаво табиист ва чуноне обу ҳаворо бачагони олам эҳсос намекунанд, ин ғамхориро низ дарк нахоҳанд кард.

Бубин, вай момои Насибаро аз модараш бештар дар хотир дорад. Чунки вай афсонаи девҳо ва мурғи булачаби Симург мегуфт. Ва боз насиҳатҳои падарро, ки бо тору пуди ривоятҳои мардум омехта буд.

Боре вай ва Алоуддин, Худо гувоҳ, дар чи хусусе пархош карданд. Ва падар ба онҳо масали форс, турк, араб ва юнониро овард:

*Чор касро дод марде як дирам,*
*Он яке гуфт: «Ин ба ангуре диҳам!»*
*Он яки дигар араб буд, гуфт: «Ло,*
*Ман инаб хоҳам, на ангур, эй даго!»*
*Он яке турке буду гуфт: «Ин банум,*
*Ман намехоҳам инаб, хоҳам узум!»*
*Он яке румӣ бигуфт: «Ин қилро*
*Тарк кун, хоҳем истофилро!»*
*Дар танозуъ он нафар ҷангӣ шуданд,*
*Ки зи сирри номҳо гофил буданд.*

*Мушт барҳам мезаданд аз аблаҳӣ,*
*Пур буданд аз ҷаҳлу аз дониш тиҳӣ.*
*Соҳиби сирре, азизе садзабон*
*Гар будӣ онҷо, бидодӣ сулҳашон.*
*Пас бигуфтӣ ӯ: «Ки ман з-ин як дирам*
*Орзуи ҷумлатонро медиҳам.*
*Чунки биспоред дилро бедагал,*
*Ин дирамтон мекунад чандин амал.*

*Як дирамтон мешавад чор алмурод,*
*Чор душман мешавад як з-иттиҳод».*

Тан ва рӯҳ ҳамтои аспу савори он, ки пайғоми хуш мебаранд ҷудоногузиранд. Аммо ғизои асп дигару ғизои савор дигар. Ҳар кадоми онҳо ғизои махсус дорад. Агар савор иродати худро ба асп фарз накунад, асп ӯро ба манзили дилхоҳ нахоҳад овард, балки ба оғил мебарад.

Онест вуҷуди тани инсон. Аз умри асп андаке фарозтар.

Агар ҷисми инсон ҳариф нашавад, ба амрат тобеъ бошад, амраш диҳӣ, на халааш занӣ, метавонад муждаи хуши рӯҳи инсонро ба ононе ки нигаронанд, расонад ва андар порую туроб беасар нагардад.

Вале Ҷалолиддини навҷавон аз куҷо медонист, ки дар пиронсолӣ аз тани худ, ки дар вақташ эҳтиёт накард, хиҷолат мекашад?

Вай фиғони модарро дар болои боми Балх ба ёд овард. Ӯ мехост писарро, бигузор иқдоми ноҷизе бошад, аз аввалин ҷасорат нигоҳ дорад, ки танаш лат нахӯрад. Он фиғон қариб ҷон аз тани писар ҷудо мекард. Вай аз тараҳҳум ва даҳшат меларзид. Тараҳҳум ба модар, ба ҳамаи онҳо, ки наметавонанд андар худ шӯълаи рӯҳро фурӯзон доранд, аз даҳшате аз тақдири зан...

«Ғояти зан чист? Биайни гардун. Гӯё, нагӯӣ, ҳамон ки буд, ҳамон хоҳад монд, кирдори хешро тарк намекунад.

Фазлфурӯшии ту ба зиёни худат. Филмасал, курси нонеро бигир ва андар бағалат пинҳон намо, бигӯй, ки «намедиҳам ва нахоҳед дид!» Ҳамон андозае ту бухл намоӣ, ҳамон андоза рағбати мардуми аз нон маҳрум ба он меафзояд. Эшон туро муноҷот мекунанд, таъқиб менамоянд ва дашном хоҳанд гуфт. Айнан, шабеҳи зане, ки ту истинтоқ мекунӣ, ки ниқоб пӯшад, вале рогибони зани ниқобпӯш фаровон аст ва ӯ низ рағбати беш дорад, ки худро намоиш диҳад, чунки мамнӯъ маргуб аст. Ва ту ки худ оташро, шаҳватро барафрӯхта будӣ, осуда менишинӣ, худро тасалло мегӯӣ.Агар дар ниҳоди ӯ хайр бошад, қатъи назар аз насиҳатҳои ту бо роҳи ҳодӣ хоҳад рафт. Беҳуда ҷон макан. Агар андар равони ӯ шарр лона монда бошад, ба ҳар оин ӯ кирдори хешро мекунад ва ҳилавгириҳои ту бас нақше бар об аст. Ту шабу рӯз бо вай байтбарак мекунӣ ва ният дорӣ ба салоҳаш оварӣ. Ту бо дасти худ гуноҳи ӯро пок менамоӣ. Аммо ҳақиқати амр бараке аст, зан барои он ба ту ато шудааст, ки ба воситаи он гуноҳи худро пок созӣ. Дашномҳои ӯро бипазир, ӯро бифаҳм ва орояш бидеҳ. Агар мард рашк мебарад, бо вуҷуд ту ӯро нахоҳӣ шинохт. Дар Қуръон омадааст, ки «Мардҳо аз занҳо волотаранд». Ҳаққо, ки ҷоҳилон аз занҳо боло меистанд, чунки онон нотарошидаю бешафқатанд, онон тараҳҳум, меҳру вафо, ҳиммату накӯкорӣ надоранд. Табиати эшонро ҳукми ҳайвонӣ мусаллат гашта, зеро меҳру мурувват хосси инсон аст ва ҷаҳлу шаҳват хосси ҳайвон. Заноне, ки ақлу қалб доранд, аз ин зумра мардон боло мебошанд».

Ҷалолиддини Румӣ дар ниҳояти умр бо Қуръону пайғамбар мунозира мекард, ба пурсишҳои шогирдон ҷавоб мегуфт. Дар ин аҳд занро мисли асираҳо дар асорат нигоҳ медоштанд, замоне ки суханони онон на ба Худо хуш меомаду на ба қозӣ, вақте онҳо наметавонистанд, ки бо чеҳраи кушод дар ҳузури мардум пайдо гарданд, вақте даҳҳо зан ва садҳо сиғаҳо дар ҳарамҳо буданду нодорон илоҷи издивоҷ надоштанд, чунки маҳрро адо карда наметавонистанд, хулоса,

дар замоне ки зан на танҳо дар кишвари мӯъминон, бал дар мамолики насорои Ғарб низ инсон ба эътибор намерафт».

«Котибони асрор» суханони Ҷалолиддинро дар асари «Фиҳӣ мофиҳӣ»-и ӯ навиштаанд.

Вай дар Ларанда, дар сари қабри нав кандаи модар ва дар Қуния дар болои сағонаи садафи дилу ҷонаш Гавҳарбону таваққуф намуда, ҳанӯз ин ғапҳоро намедонист.

Аммо ин аз мурдагони азиз, вай ононро дар тӯли умр, дар сари роҳаш дар рӯи олам мисли дони гандум коштааст, сабабгори нашвунамои ин афкор шуданд, ки солиёне бисёр пас шогирдонаш аз ақоиди даҳриёнаи ӯ ҳаросида, бо дастони ларзон дар баёзи самарқанд навиштаанд.

## ДАСИСА

Гумоштаи султони аъзам Амир Мӯсо дар маросими дафни Мӯъминахотун дар Ларанда саҳми босазое гузошт. Вай айёме чанд сабр намуд, таомули азодориро ба ҷо овард, сипас бо муқаррабон ба назди Султонулуламо ташриф овард, лутф намуд, ки агар он ҳазрат ризоият доранд, болои мақбараи марҳум сағонае пӯшонем. Албатта, завҷаи каримаи Султонулуламо дар билоди Ислом аз он беш сазовор аст, мо он корро ба қадри қиммат ва бизоати хазина анҷом медиҳем.

Ҷалолиддин гумон бурд, ки падараш ин таклифро рад мекунад, чунки мудом лутфу марҳамати ағониёнро ҳаром мехонд. Ғалат будааст пиндошти ӯ: падар ризо дод. Зотан, марги писар ва ҳамсар ӯро нарм-нарм гардонида буд.

Амир Мӯсо ифтихор дошт, ки фақеҳ ва олими олиҷаноб дар ҳавзаи салтанати ӯ мезияд, бедарег хазинаро дар ин кори хайр сарф намуд. «Акнун,—дар дил меандешид он, — Султонулуламо ҳаргиз мақбараҳои азизашро тарк карда, ба макони дигаре намеравад». Аммо ҳодиса тарзи дигар сурат гирифт.

Дар ҳар дарбор, бигузор он кӯчаку маҳаққар бошад, ғояти асосии зиндагии онро фитнаю дасиса ташкил мекунад. Ҳарчанд сипоҳии турки бесавод Амир Мӯсо нисбат ба фитнагарону дасисагарон нафрати зиёд дошт, бо вуҷуди ин дарбораш мустасно набуд. Зимнан, волии султон на танҳо ҳоким, инчунин сиёсатмадор ҳам ба эътибор мерафт. Ба тақозои мартаба рӯзмарра бе чуну чаро борҳо заҳру зақумро меошомид. Албатта, дар дарбор аз ӯ чолоктаринҳое ҳам буданд, ки зақум чӣ бал, ба балою батарро фурӯ бурдан низ омода буданд, ки пайгири амир шаванд.

Сағонаи мақбараи Мӯъминабону, ки дар Лоранда то имрӯз барпой буда, дар иморати он аз нисф зиёди маблағи хазинаи Амир Мӯсо сарф шудааст, дастаки хубе гашт баҳри дасиса ба ҳазрати султон. Дасиса дар ғояти бесаводӣ китобат шуда бошад ҳам, вале хело парҳезгорона мураттаб гашта буд.

«Ба сӯи Рум аз шаҳри Балх Султонулуламо Баҳоваддини Валад бо нияти бо нури шарофаташ мунаввар гардонидани он сарвар қадам ранҷа намуд. Вале Султони Даврон аз ин амр бехабар монд, чунки гуломи ҳақири эшон мар Султонулуламоро иҷборан дар Лоранда боздошт, барояш мадраса андохт ва чун оне анқариб завҷаи он шариф вафот намуд, болои мақбараи он аҷуза сағонаи боҳашамат бардошт. Аз ин кирдукори навкари аълоҳазрат бармеояд, ки ӯ аз ғазаби шоҳаншоҳ боке надорад».

Алоуддин Кайқубоди якум одатан сабоҳон даставвал нома ва дасисаҳоро баррасӣ менамуд, ба ғазаб омад ва агар вазираш таскин намедод, намегуфт, ки «аввал бояд моҳияти амалро фаҳмид, магар дасисаест», аниқ сари Амир Мӯсоро металабид.

Баъди ҳафтае пайки султон ба ҳазрати Амир Мӯсо расид, ки дар даст ғилофи чармин ва андаруни он рисолаи сарбамӯҳри аълоҳазрат ниҳон буд. Амир номаро тоҷи сар кард, ба чашм молиду бӯсид ва таъҷилан қозиро ҳозир намуда,

онро қироат фармуд. Қозӣ мактубро чашм давонду ранги рӯяш парид, нигоҳи даҳшатолуде ба амир дӯхт,— гӯё дар ҳузураш одами ҷондор не, балки нақши девор нишаста бошад.

«Чӣ тавр ту ҷуръат намудӣ, ки қадами муборaки авлиёе ба мулки мо расиду, ту моро огоҳ нанамудӣ? Ин гуна бепарвоию парешонхотириро парвардигор намебахшад!»

Мӯсо лаб накушод. Ҳувайдо буд, ки ҳаёту мамоташ рӯи мӯе истодааст.

Дар майдони набардҳо Амир Мӯсо борҳо аз марг ҷастааст. Вале шуҷоат дар ҷанг ва ҷасорати истодагарӣ дар ҳузури ҳазрати султон ду чизи мухталиф будааст. Ба расми салотини салҷуқи турк мулозимон ва аркони давлат баръакси кишоварзони озод, ғуломи ӯ маҳсуб мешуданд, молу мулк ва ҳаёту мамоташон ба ӯ тааллуқ дошт.

Амир Мӯсо бо нияти фотиҳа гирифтан ба назди Султонулуламо, ки худ сабабгори бадбахтияш буд, даромад. Мӯсо чанд карат иқдом намуда буд, ки аз вусули ӯ ба Лоранда ба султон хабар диҳад, вале Султонулуламо «чӣ ҳоҷат ба он ки султони ин олами фонӣ дар бораи бандаи худо, ки ба олами дигар тааллуқ дорад, хабаре дошта бошад?» гӯён ӯро аз нияташ гардонда буд.

Султонулуламо дар дасти Амир Мӯсо номаро дида зуд пай бурд, ки хабари хуш нест. Бо таанӣ номаро мутолиа намуд, ҳамчунон дар ғилоф гузошт ва ба фикр фурӯ рафт.

Мусалламан, салотини салҷуқ машоих ва фақеҳонро мӯҳтарам медоштанд, чунки хокашон бо мамолики муслимин пайваста буд, онҳо мебоист бо риҷоли дин муносибати арзанда медоштанд, ки тавонанд бо асҳоби салиб муқовимат кунанд ва кишварҳои Византро ҷузъ-ҷузъ тасарруф намоянд. Аз ин хотир, султон мебоист мусулмонзода буда чунки салтанат аз Худост, бояд Қуръону ҳадисро донад, уламои бузургворро, ки зикри хайри парвардигор аз даҳонашон канда нест ва онҳо забони парвардигори ҳаждаҳ ҳазори оламро дороянд, мӯътабар шуморад.

Султонулуламо ду маротиба ришашро қабза зад, пас ба амир, ки сарашро хам намуда мунтазири ҳукм менишаст, нигарист:

— Бирав! Нотарсона ба назди султон бирав! Ва аз бидоят то ниҳоят ҳарчи буд, нақлаш намо!

Ҳамон рӯз Амир Мӯсо таъҷилан бақои хазинаро гирд овард, дар бадали ҷавоби нома бо худи қосид ва се ҷондор ба сӯи Қуния асп тозонд.

Султонулуламо Алоуддин Кайқубоди якум, ки бекон ва ҳокимон аз Яман то Гурҷистону Абхаз, аз хоки Рус то ҳудуди Тарсус, Анатолия, ки дар соҳили Баҳрулаъзам ҷой гирифтааст то Дашти Қипчоқу Судак, мулки Византия, фарангу арманҳо, то Китесифон кашида дар тасарруфаш буд, Амир Мӯсо, гумоштаи худро бор дод. Мӯсо саҷда овард, се маротиба пайи тахти гилемпечро, ки султон андар он чаҳорзону нишаста буд, бӯса дод. Ишора омад, ки вай бархезад. Ӯ мутеъона дастҳо сари сина бархост, мунтазир гашт, ки султон, ё худ яке аз уламои ҷуббаи сиёҳпӯш, амире ё шарифе, ки хилъати боҷалол дошт, иҷозати сухан диҳад.

— Гап зан! — вазир, ки дар дасти чапи тахт менишаст, амр дод. Мӯсо боз ду маротиба саҷда овард, айбро аз худ соқит намуд, ҳарчи буду шуд, бигуфт, ки шайхи бузургвор ва Султонулуламо, ки ҳамду санои аълоҳазрат вирди забонаш аст, бо иноятти парвардигор ба хоки Салҷуқ ранҷа намуд, аз ғуломи хоксори ҳазрати олиҷаноб дархости дар Ларанда иқомат варзидан кард, ки аз қаламрави султон аст.

Алоуддин Кайқубоди, муҷаъъадриш, марди сию панҷсола, ки нав аз муҳорибаи Трапезунд бо зафар баргашта , боз ба алқобаш лақаби –«султони аъзами соҳилҳоро» зам намуд ва амин буд, ки пас аз шикасти Хоразм аз дасти муғул амирал мӯъминини кулли мусулмонон гашт, дар хусуси ба чунин ҳокимият расидан ва малики дунё шудан дар дил орзу мепарварид. Аз ин ғоят Султонулуламо ба Султонулумарои

шуда буданд. Муиниддини Парвона солиёни дарозе зимоми ҳукми мамлакатро дар ихтиёр дошт, ҳолӣ бо расми васии шоҳзодаи ҷавон, соҳиби ягонаи давлат буд. Ин марди табиатан ботамкин гоҳ ба хаёл мерафт, гоҳи дигар чеҳрааш мегирифт, ришашро қабза менамуд, нигоҳашро ба дуриҳо, ё худ ба андаруни хеш равон менамуд, аён, ки дар дил дарде дошт.

Вай аз гуфтор ва ашъори Ҷалолиддин тасалло, қатъият ва мутакко меҷуст, ки онро аз қудрати ҳомиёнаш — госибони фотеҳи муғул, аз рақибонаш – бекҳои вилоятҳо ва амалдорони дарбор, ки айёрона миёни онҳо тафриқа андохта маҳвашон месохт, аз аҳдномаи махфӣ, ки бо султони Миср муқобили муғулҳо баста буд, ё худ аз сиёсати ҳаросе, ки ба дили раъият ҷой карда буд, аз ғанои беҳадду ҳисоб, аз бунёди масоҷиду мадорис ва хонақою корвонсароҳо, ки сар то сари мамлакат сохта буд, намеёфт.

Парвона шахси ботадбиру асилзода, чунки падараш аз наздикони султон буд, худ низ бо хонадони подшоҳ қаробат варзида, хираду фарҳанг андӯхта, дар умури дарбор ва девор гурги борондида гашта буд.

Боре солҳои қаҳтӣ, ки мамлакатро пас аз тохти муқаррарии лашкари мӯру малахосои муғул фаро гирифт, Парвона ба мадрасаи Ҷалолиддин баҳри пурсидани амри маъруф ташриф овард. Мавлоно хашмгин буд: ғалла дар анборҳои Парвона лаб мезаду мардум аз гуруснагӣ дар кӯчаҳо ҷон медоданд.

Ӯ меҳмони оликадрро рост истода пазируфт, лутфи ҷулус низ накард ва дар ҳузури аҳли рикоб аз ӯ пурсид:

— Рост аст, ки ба кавле Қуръонро ҳифз кардаӣ ва аз шайх Садриддин ҳадис меомӯзӣ?

— Бале, ҳазрат.

— Пас амри маъруфи мо чунин аст: каси беинсоф золим аст. Агар гуфтаи пайғамбарро напазируфта бошӣ, пас сухани

ман ба ту чӣ тавр асар мекунад?

Парвона бо лабу лунҷи овезон баргашт. Ба ҳар ҳол аз рӯи маслиҳати Мавлоно амал намуда, ду анбор ғалларо ба фуқаро тақсим кард ва аз ошӯби гуруснагон эмин гашт. Лекин ҳамагонро чӣ тавр сер мекунӣ, агар мамлакат тороҷ шудааст?

Парвона дар базм имшаб гӯш ба гуфтор ва ашъори Мавлоно дода, то субҳ андешаеро дар қалби хеш пазонд, ки худ аз забон таровид:

—Ба ҳар ҳол ҳазратам, аввал аъмол!

Ин баҳси деринаи онҳо буд. Мунозираи амир бо шоир ва сиёсатмадор бо хирадманд, соҳиби аъмол бо соҳиби сухан. Далелҳо дигаргун мешаванд, воқеаҳо сипарӣ, — ҳам вазъият ва ҳам далоил гузаронанд, — моҳияти баҳс ҳамеша, аз афташ, то даме ки ҳарф аз амалу амал аз ҳарф ҷудост, ҳамон хоҳад буд.

Парвона ба қудрат такя мезаду Ҷалолиддин ба сухан. Вале баҳс барои ҳардувон, ки рақибони ҳамсанг ба шумор мерафтанд, муҳим буд.

Парвона чашмони аз май дурахшонашро нимкоф карда як даст ба камар, дасти дигар ба зону мунтазир буд, ки Мавлоно ин дафъа чӣ мегӯяд. Аммо Мавлоно кирдорҳои ӯро ба хотир оварда, аз посух сар печид.

Падари Парвона боре бидуни тарсу ҳарос ба қароргоҳи сарлашкари муғул рафт. Ин биступанҷ сол муқаддам, пас аз таслими нахуст, ки сипоҳи султон дар муҳорибаи назди Қиёсдоғ сахт шикаст хӯрд, ба вуқӯъ пайваста буд. Он вақт ӯ аҳди сулҳ-сулҳи муҳаққар баст. Баъди ин воқеа султони салҷуқ вассали муғул гашт. Ҳарчи ҳам бошад пойтахт ва сокинонашро аз марг наҷот дод.

Минбаъд писари ӯ бо ҳимояи муғулҳо зина ба зина сабзид. Дар аввал бо кӯмаки онҳо амири Эрзинҷонро маъзул карда, ба ҷояш нишаст. Баъдан, ба ҳузури элхони муғул Хулагу Табрез рафт ва муяссар гашт, ки дар як сол Иззатуддин ва

Рукниддинро валии аҳд намояд. Чун ҷангҳои бародаркушӣ ба авҷ расид, тарафи Рукниддинро гирифт, Синопро забт ва онро маҳри худ гардонд. Бо таъйиди муғул ҳомии худ Рукниддинро ба тахт нишонд, рақибонашро нобуд сохт ва баъд худи Рукниддинро низ аз миён бардошта, аз номи султони хурдсол мамлакатро идора мекард. Қатли аъёну ашроф, иштирок дар ҷангҳои бародаркушӣ, ки дар талоши тахту тоҷ буданд, танҳо василаи ба мансабҳои олӣ сарфароз шудан набуд. Ӯ аз раъият ба муғул хироҷ меситонд, нияти чанаю давлат гирд овардан ҳам надошт. Парвонаро доройӣ гумроҳ намекард, ӯ ҳамаи василаро ба кор мебурд, ки давлатро аз инқирози ниҳоӣ нигоҳ дорад. «Магар ӯ дар ин амр соҳиби сухан нест?» такрор ба такрор аз худ пурсон шуд Ҷалолиддин, ки мо имрӯз онро «оё асоси ғоявӣ дошт?»— таъбир менамоем.

Парвона обро дида мӯза мекашид. Қодир буд бо ҳар василa балои рӯзе ё ду дафъа омадаро рафъ созад, ё лоақал пешгирӣ намояд. Вале мамлакат маҳкуми завол буд. Аслан Парвона, ки волии султон буд, дигар чи кор аз дасташ меомад.

Мавлоно, гӯё бо худ гап мезада бошад, паст сухан кард:

— Шахси сазовори аъмолро ба ман бинамой! Ку он родмард, ки мо ба ӯ тарзи амалро нишон диҳем. Куҷост ӯ? Илмро дар муқоиса бо илм, абрро бо абр ва рӯҳро бо рӯҳ мешиносанд. Ту дар тариқати мо нестӣ, аз аъмоли мо низ огоҳ наӣ.

Баногоҳ қудрате Ҷалолиддинро бардошт ва ӯ аз ҷой бархост:

—Аъмол, чи тавре авом мепиндоранд, чизи зоҳирӣ нест, шахсеро, ки ботин бо зоҳир пайванд набошад, ба суҳулат ҷониби аъмол меравад, вале оқибат ба манзил намерасад. – Вай овозашро баланд кард.—Ту суханшинос наӣ, аз ин хотир ба қадри сухан намерасӣ. Ҳол ки матлаби умда аст сухан. Самараи дарахти аъмол. Самара низ аъмоли тоза пеш меорад. Инак, Муиниддин, кунун гӯшу ҳуш шудаӣ, то чизе аз ман бишунавӣ. Агар ман нагӯям, меранҷӣ.—Шоир

андешамандона бо овози паст гуфт: —Пайдост, ки сухани ман бароят аъмол аст. Ту суханро оҷиз хондӣ. Агар сухан оҷиз бошад, пас гуфтаи ту низ оҷиз аст.

Дар овози Ҷалолиддин он чунон эътиқод ва қатъият буд, ки Парвона муассир гашт, ба гавраш ғӯта нахӯрд ва чӣ дараҷа густох будани онро низ пай набурда, хомӯшона давомашро интизор буд. Аммо Мавлоно сукут варзид.

Шогирдони Ҷалолиддин ба ҳаяҷон омаданд, сиришк ба ришашон мебориданд, вале онҳо низ ҳис намекарданд. Аъмоли онҳо низ сухан буд, лек кунун сухан намеёфтанд. Дарвешон чунон ба ваҷд, ки дар тасаввуф ҳол гӯянд, омада арғушт рафта буданд, ки бӯи араки танашон бо сӯхтаи шамъ, мусаллас , равғани думба махлут гашта, хонаро бадҳаво гардонда буд ва Ҷалолиддин мехост зудтар онро тарк намояд, берун барояд, зери осмону истораҳо рӯзи навро истиқбол намояд.

Ӯ ба ақиб баргашта, мулозимони амирро, ки аз дунболаш рафтанӣ буданд, бо ишора боздошту аз дар баромад.

Вай ба ҳақ будани хеш итминони комил дошт: фақат сухан қодир аст, ки моҳияти кулли аъмол, чи гузашта ва чи ояндаро дар худ ғунҷонад ва ҳамчун қосид мунтазиронро огоҳ созад. Бале ҳар қадар Ҷалолиддин бо водии дар пеши назараш густариш ёфта менигарист, ҳамон қадар бовар ҳосил мекард, ки ин ҳақиқат ба ӯ шодмонӣ не, балки андӯҳ хоҳад овард.

Оре, сухан меваи аъмол аст. Аммо ӯ таманно дорад, ки на фақат самар, инчунин решаи муғаззои тан, тани дарахти пурнавдае бошад, ки мардум дар сояи баргҳои он битавонанд фароғат кунанд.

Ҳама чизро дарк куниву чизеро тағйир дода натавонӣ! Дарեғо, саодате, ки насиби мардони бузург мешавад, тапиши дилашон ба тапиши ҷаҳон якмаром аст, ҳанӯз муяссараш нагашта. Аз бозе худро ёд дорад, хилофашро мебинад. Ба андозае ӯ ба ниҳонхонаи дили инсон ворид шуда асрори шигифтангези онро мекушояд, дар рӯи Замин, чун собиқ,

таҷовузгарон беш аз пеш шармандавор камар баста, ҷуйборҳои хун равон мекунанд. Ҳар қадар ба сухани аслии умри худ наздик равад, ҳамон қадар ҳис мекунад, ки ҳама чизи дар рӯҳи инсон бударо сухан ҳам ифода кардан наметавонад. Хиради зиёд андӯҳи бузург меорад.

Абрҳои лоҷувардӣ аз уфуқ баромада, дар фазо шино мекарданд. Қофилаи уштурҳо – яке ба дигаре бо маҳор марбут – манзараи фаъолияти ӯро дар ҷустуҷӯи сухан, эҳтироси тағйири қазою қадар. аъмолеро, ки зиндагии ӯро ташкил медиҳад, ба хотир меорад.

Хуршед аз паси абрҳо, амсоли чашм аз паси ниқоб, талҳои ҳамвори Қазанваронро нурпош буд. Рӯзи наҳси шанбеи охирини моҳи зулҳиҷҷаи соли 654 аз ҳиҷрати пайғамбар, як умр дар хотираш нақш баст.

## МӮЪҶИЗА

Он сол султон Иззиддин бо муғул боз як бор ҳарб кард. Ва, бешубҳа, боз барқосо торумор шуд, қисми зиёди сипоҳашро дар набардгоҳ талаф дода, боқимондааш парешон гашт.

Одатан муғулҳо гурезагонро таъқибкунон ба шаҳр медаромаданд! Вале сипоҳиёни ҳаросхӯрдаи султон, на паси деворҳои бораи Қуния, бал ба талҳои ҷангалпӯш паноҳ бурданд. Пас аз зуҳр, вақте ки саворагони талиъаи муғул дар атрофи шаҳр пайдо шуданд, дарвозаҳоро ба рӯи худ баста диданд. Ва чи хеле ки ногаҳон замин кафиду сар заданд, дар атрофи девор каме давр гашта, ҳамон тавр паси талҳо нопадид шуданд.

Издиҳоми шаҳриён, ки қабл аз ҳуҷуми муғул диёрро тарк менамуданд, дарвозаҳоро аз дарун муҳосира карданд. Посдорон барои аз издиҳоми музтариб раҳо шудан силоҳро истифода бурданд. Фиғони занон, нолаи маъюбону

зерипомондагон ва наърaи ҳайвоноти ёбу бо садои калима гардондани мурандагон бо ҳам омехта гардид.

Ба кӯмаки посдорон фавҷҳои бо ханҷару шамшер мусаллаҳи ҳунармандон, ахиҳо, ки мудофиаи шаҳрро дар ӯҳда доштанд, расиданд. Онҳо таълими ҷанг надида, сипоҳсолорҳояшон бетаҷриба буданд ва медонистанд, ки бо ҳамдастии посдорони қасру шаҳрдорон дар ҷанги муғул дер намепоянд, дар ҷанг бо шамшери муғулҳо шаҳид гардиданро афзалтар шумориданд.

Гашти рӯз дар масҷидҳо даҳҳо ҳазор одамон ҷамъ омаданд ва бо ҳамдигар ва хешу табор видоъ мегуфтанд, калима мегардонданд. Гиряву нола шаҳрро ба ларза овард. Ҳама медонистанд, ки агар муғулҳо ба як ҳуҷум шаҳрро бигиранд, занҳоро фасод ва ғуломӣ, мардонро марг, ҳунармандонро то марг заҳмати ҷонфарсои аз орзую умед тиҳӣ дар биёбонҳои дур насиб хоҳад шуд.

Дар назди хонақои Мавлоно ва муридонаш вақеаи ҷонхароше рух дод. Бозаргоне ният дошт, ки бо ҳамсараш шаҳрро тарк гӯяд. Дар шаҳр овоза афтод, ки дарвозаҳо банд шуданд. Занак пардаи шарму ҳаёро дарида, худро ба пои шавҳар андохт ва тавалло кард, ки «маро бикуш, вагарна муғул бадномам хоҳад кард». Бозаргон аз камар ханҷарро баркашида дасташро боло кард. Ва ҳамон тавр гӯё касе дасташро дошта бошад, шах шуд, сипас ханҷарро партофт, аз нотавонии хеш гирист. Зани хушгил ба муҳаббати шавҳар ва заъфи ӯ лаънат хонду ханҷарро ба синааш халонд.

Агар муғулҳо шаҳрро маҳкуми ҳалокат намекарданд, ба риҷоли дин кордор намешуданд. Сипоҳиёнро якояк аз байни замин бармечиданд, ҳокиму авлодашро нобуд сохта, занон ва ҳунармандонро ба ғуломӣ мебурданду бо руҳониён муросоро муносиб медиданд. Албатта, дар сурате, ки мардумро нашӯронанд. Дар мамлакатҳои исломӣ, ҳам дар мамолики масеҳӣ, дар Форс, Гурҷистон ва Фаранг чунин расм

шуда буд. Ба ҳар оин Мавлоно ва муридонаш, гарчанд мансабҳои динӣ надоштанд, имкон буд аз марг наҷот ёбанд. Аммо аз балои ба шаҳр нозилу азоби мардумро дидан, мурдан авлотар буд.

Ҳоло чашмони ба Ҷалолиддин дӯхта сухани ӯро маътал буданд. Сухани наҷотбахши ҳақиқат. Сухан, яъне аъмолро. Аммо вай чизе гуфта наметавонист. Аниқтараш, чизи бисёре гуфтан мехост, лекин фикрҳояш ба ҳам печида ба лабонаш мерасиданду маҳв мешуданд. Ва гӯш ба ҳарфи дил дода дарк кард, ки туғён ва тӯфони ботинашро бо сухан ифода нашояд кард.

Вақти гаронбаҳо вақфи дақиқаҳои хомӯшӣ мешуд. Зулмот шаҳрро печонд.

Мавлоно таъзимкунон аз бари шогирдонаш мурур менамуд, дуру-дароз нигоҳкунон бо онҳо видоъ мекард.

Сипас ба манзили худ рафта, бо зану фарзандонаш хайрбод намуд.

Валаду Алоуддини Сирёнушро гирифта аз хонакоҳ баромад, аз байни шаҳри пурғавго гузашта, ба самти шарқ-ҷониби дарвозаи Ҳалқабугӯш гашт.

Човуш, сардори посдорони дарвоза, ки рӯзи дароз издиҳомро пас мегардонд, хаста шуда, ҳоло Азроилвор хашмин менамуд, се сиёҳиро, ки чароғ дар даст ба дарвоза наздик меомаданд, дид. Ба маъмуронаш фармуд, ки онҳоро гарданӣ зада дафъ кунад, лекин даҳбоши ихвонуссафо Ҷалолиддинро шинохта, аз остини сардор кашид. Сардор хиҷолат кашида, ба шоир монеъ нашуд.

Дарвозабонон panҷараи пӯлодинро ғиҷиросзанон боло бурданд. Чаҳор посбон, дукаса аз ду тараф истода дарвозаи бадҳайбатро, ки даричаҳои оҳанаш бо оҳанҳо ба пӯкидонҳо андохта шуда буд, кашиданд.

Ҷалолиддин ба Валад ва Сирёнуш амр кард, ки дар ҳамин ҷо ӯро то субҳ мунтазир шаванд ва худ барҷасту дар торикӣ ғайб зад.

Дар осмон абрҳои тикаву пора, ки гоҳ-гоҳ аз нури хираи чашми моҳ равшан мешуданд, тез дар шино буданд. Ситораҳо аҳён-аҳён аз даридаҳои абр ғамза мекарданд. Боди шадид, ки бӯи алафи даштро оварда буд, дар боғот чарх мезад, баргҳоро шилдирос мезанонд, садои ҷанговарони даруни бора рӯзи мудҳишро ба дуриҳо мебурд.

Танҳо буд он шаб. Вай бо пайраҳаи шиноси байни боғот ҷониби тали Қазанварон, ки саворагони мӯл дар пасаш паноҳ шудаанд, мерафт ва ҳис мекард, ки дар замираш сухан тавлид меёбад.

Тӯфони укёнусро боздоштан амри муҳол аст. Лекин ба он тоб овардан мумкин. Бо муғул низ ончунон: мубориза бурдан зидди онҳо корест беҳуда, вале чуноне халқҳо тоб оварданд, устувор будан мумкин аст. Касе ки чизе надорад, ӯро ҳаросе нест. Бигузор дороён рахт банданд. Бигузор ҳуккоми худком, ки барои ба мақсад расидан аз ягон ифлосӣ рӯ наметобанд, ба таҳлука афтанд. Бигузор уламо ва фуқаро, ки аз номи Худо дурӯғ мегӯянд, биларзанд. Барои мардуми нодир бандагӣ бандагист. Азбаски ҳар чизи нав ғайриоддист, андак даҳшат меорад. Аз марг ҷои гурез нест. Аҷаб нест, пас аз ҳалокату заволи низоми қадима шояд мардуми нав ва мазҳаби тоза тавлид ёбад.

Оҳиста-оҳиста ба тори тал баромад. Дар поён, дар дуродур қароргоҳи сипоҳи муғул ҷойгир буд. Гирдогирд гулханҳо месӯхтанд. Шатраи сипаҳсолор Бойҷу дар миёнҷо буд. Шӯълаи оташ дар намадҳои сафед, дар сипару шамшерҳои посбонон акс меандохт. Аз чап ва рост шатраҳои хурдтар ба чашм мерасид. Сипоҳиён дар гирди гулханҳо сиёҳ мехобиданд.

Муғулон дар ҷангҳои ҷаҳонгиронаашон мардуми гуногун – туркон, тоҷикон, хуросониён ва хоразмиёнро ба ҷанг кашиданд. Ҳама халқҳо ба онҳо хуну аскар дод. Ҷӣ боке, муғул, ки бо мурури замон бо мардуми маглуб омезиш меёбанд, боз ҳамон ду чиз – хун ва сипоҳ хоҳанд дод.

Сипоҳи муғул ҳатто дар хоб қоидаҳои ҷорикардаи Чингизро риоят мекард. Дар тарафи рости шатраи Бойҷу маймана ва дар тарафи чап майсара мехуфт. Дар байни туманҳо барои саворагон, байни ҳазорҳо роҳравҳои тангтар байни садҳо пайраҳаҳо, ки аз баландӣ аён ба чашм мерасид гузаргоҳ гузошта буданд.

Атроф сокит буд. Агар шамол ҷарангоси аслиҳаи болои аспонбударо ба гӯш намеоворд (посбонони гирди оташ шабонаҳо ҳам зини аспҳои пасту дарозмӯйро намегирифтанд) ва назораи шӯълаи гулханҳо намебуд, гумон мекардем, ки сипоҳи муғул якмарг шудааст. Вале зафар барои муғул таъмин буд, фардо ба ин муносибат ид барпо хоҳад шуд. Аз ин сабаб ҳам сарлашкарон пас аз адои муҳиммашон ва ҳам сипоҳиён дилпурона хуфта буданд.

Муғулҳо на аз он сабаб шаҳрҳоро валангор ва мазраъҳоро поймол карданд, ки табиатан ваҳшисириштанд, балки ба хидмати ҳайвоноти худ камар баста, ҷарогоҳ омода намуданд, — фикр мекард Ҷалолиддин. Ин, бешубҳа, ваҳшоният аст ва ваҳшоният ҳолатест гузаранда.

Дар тӯли чиҳил сол, аз рӯзи тохти нахустини муғулҳо, аз рӯзи Балхро тарк кардани оилаашон, он ваҳшиён хеле тағйир ёфта буданд. Чингиз кайҳо дафъи мӯъминон шуд, авлодаш ҳоло на фақат ҳайвонот, инчунин гами заминҳои ғасбро мехӯрданд, ки фоидаи зиёд меоварinternal ворд. Аз ин рӯ, яксон валангор намудани шаҳр, қатли оми аҳолӣ, ки сарчашмаи ғано аст, маънӣе надошт. Ва агар ин одамон на танҳо миқдоран зиёд, балки рӯҳан муқтадир мебуданд, бо гузашти айём маълум мешуд, ки кӣ асири кӣ буд ва аз номи Бойҷуву ҳатто Элхон Хулагу чӣ боқӣ хоҳад монд?

То субҳдам сари тал истод. Ва ҳар қадар ба қароргоҳи муғул менигарист, ҳамон қадар аён мефаҳмид, ки фардо ба Қуния осебе нахоҳад расид. Ҳатто ҳини дамидани субҳ ҳам дар қароргоҳи адув оромӣ буд, ба ҷанг омода намешуданд.

Зотан, шаҳре ин сон бо оғӯши боз дар пеши пои аспон хуфтааст, ҳамла чӣ лозим?

Ҷалолиддин саҳв накард. Ҳамон шаб дар яке аз шатраҳои дасти чапи Бойчу, Рукниддин-султони оянда и давлати салҷуқ дар болои намад бехобӣ мекашид. Элхони муғул амр дод, ки ӯро дар ҷои бародари саркашаш ба тахт нишонанд. Дар паҳлуяш Муиниддини Парвона, ҳамон Парвонае, ки солиёне бо Ҷалолиддин баҳс мекунад, ки сухан ва аъмол чист, низ буд. Чи хеле як замон падараш бо муғулҳо сулҳ баст, он сол писар ҷонхариди сокинони Қуния шуд ва ҳокими мутлақи мамлакат гашт.

Аммо Ҷалолиддин дар тал меистоду ҳолдон набуд. Андешаҳояшро таҳлилу таркиб мекард. Офтобзард ба хулоса омад: шаҳр ин дафъа низ эмин мемонад. Вай саре ба водӣ фаромад. Водиро хониши парандагон танинандоз буд. Ҷалолиддин сарнишеб ҷониби бораи Қуния равон шуд.

Дар назди дарвозаи Ҳалқабагӯш издиҳоми дарвешон, посдорон, ихвонуссафо, фуқаро, муллоён ва шаҳриён гирд омада буданд. Мавлоноро солим дида ғирев карданд, ки дарвоза ларзид. Маҳшар буд он. Мугулҳои голиб ва шикастнопазир солҳо дар дили мардум тарсу руъб ва воҳима ҷой карда буданд. Баъзан сарбози муғул дар миёни даҳҳо мусулмон пайдо шуда фармон медод, ки рӯи сангҳо бихобед, то ман боз баргардаму саратонро аз тан ҷудо кунам ва одамон, мисле ки аждаҳо афсун кардааст, фирорро фаромӯш намуда мехобиданд, то ки ӯ баргардаду сарашонро бигирад.

Мавлоно танҳо рафт ва солим баргашт! Сароғози мӯъҷиза буд ва бояд мӯъҷизоти дигар рух медоданд.

Ҷалолиддин ин матлабро дар чашмони анбӯҳ, ки аз умеду ноумедӣ фурӯзон буд, бархонд ва бараъло худро нотавон дарёфт.

Вай ба ҷуз мӯъҷизаи қалби инсон ба дигараш амин набуд, ҳис кард, ки баъд аз сари ӯ аз ҳодисаи шаби гузашта ононе, ки танҳо суханашро шунида, вале аз ғавраш бехабаранд

(худро соликони тариқати Мавлоно мешуморанд ин зумра) афсона хоҳанд бофт.

Пас аз шаст соли он шабе, ки шоир дар сари тали Қазанварон гузаронд, бо фармони набераи Ҷалолиддин шайхи мӯҳтарам Афлокӣ, ки муршидии маслаки Мавлавиро дар ӯҳда дошт, дар китоби худ «Тӯҳфатулорифин» «бо шарофати авлиё Мавлоно» наҷот ёфтани шаҳри Кунияро ривоят мекунад. Бими шоир рӯй зад: бо суханони музахрафу пучу дарунхолӣ ифода ёфт он ҳодиса.

Анбӯҳи ҳаросон дастони худро мисли гуруснагон сӯи Ҷалолиддин дароз карданд. Онҳо умедворӣ металабиданд. Вай хомӯш буд.

Ҳар фард олами нотакрор ва ягона аст, ки яксон мардуманд. Вай худшинос буд ва аз ҳамин назар эҳсосот, тафаккур ва ҳавою ҳаваси дигаронро низ мефаҳмид. Дӯзахашон дӯзахаш буд ва биҳишташон биҳишташ. Аз ин сабаб ӯ ҳар чизе одамон аз сар мегузаронданд, аз сар мегузаронд. Аслан ҳамин тавр аст, вале агар ғайричашмдошт, дар вуҷуди Бойҷӯ эҳсоси инсонии (ба ҳар ҳол ӯ низ инс аст) ғазаб, ранҷиш, нафрат рӯ занаду вай тасодуфан мартабаи хеш ва хон Хулагуро фаромӯш созад. Он вақт... Дар он сурат хато кардан мумкин. Вале ӯ, Ҷалолиддин набояд хато кунад, ҳақ надорад. На аз вузаро, аъёну ашроф ва султон Изиддин, ки пойтахтро ба ҳоли худ гузошта аз майдони ҳарб гурехтанд, вобаста аст шаҳрро тарк кардан ё накардан, балки аз теғи адув мурдан ё зистани фуқаро дар ихтиёри Ҷалолиддин аст. Аз як даҳон гапи ӯ. Ҷалолиддин аз ҳамин сабаб хомӯш буд. Аммо ҳар қадар душвор бошад ҳам, вай бояд сухане бигӯяд.

— Натарсед. Давраи ҳарос ва фирор аз муғулҳо гузашт. Шаҳр эмин хоҳад монд.

Дарвеши баландболои лоғар, ки чашмонаш ба рӯи азиятдидааш фурӯ рафта буд, нахуст фарёд зад, ки:

— Мӯъҷиза! Мавлоно каромот карданд!

Нафрати шоир омад. Мӯъҷиза? Кадом мӯъҷиза?Наход мушоҳида кардан ва андеша рондан, дидаю шунидаатро муҳокима кардан мӯъҷиза бошад?

Ҷалолиддин ҳамроҳи Сирёнус ва Валад издиҳомро даронда, сареъ сӯи хона ҳаракат кард. Аз ақибаш садоҳои: «Мӯъҷиза! Мӯъҷиза! Мӯъҷиза!» ҳамчун равғани чароғи сиёҳ лапида-лапида шаҳрро пур кард.

Базӯр худдорӣ мекард, ки гӯшҳояшро дорад.

Ҷалолиддин вориди ҳавлӣ гашта ҳамсар ва навбаюгашро дид, ки баробари даромадани онҳо панаҳ шуданд. Шитобон ба ҳуҷраи ҷомеъи мадраса дохил шуд. Шогирдон ва дӯстон, ки ӯро маътал буданд, бо саҷда истиқболаш гирифтанд.

Ва ҳамин дам аз пушт пичирроси баланде ба гӯшаш расид:

— Чӣ ҷасорате зоҳир карданд Мавлоно! Натарсидан аз сипоҳиёни Бойҷу! Мӯъҷиза!

Ҷасорат?! Аҷаб ғапи бемавриде!

Вай аз марг не, аз кӯрии чашму дил метарсид. Эй гумроҳони ғафлатзада!Аз ҳароси хеш, аз сарсупурдагии хеш, аз шаҳвати хеш битарсед! Муҳит лабрез аз ҷаҳолат, мардум ба ҷаҳолат ғӯтидаанд, ки ҳадду канор надорад. На бо сухан ва на бо аъмол онро метавон ислоҳ кард...

Бехудона рӯ ба тарафи садо овард. Дастонаш болвор боло шуданд:

*Ман ин айвони нуҳтуро намедонам, намедонам.*
*Ман ин наққоши ҷодуро намедонам, намедонам.*
*Маро гӯяд марав ҳар сӯ, ту устодӣ, биё ин сӯ,*
*Ки ман он сӯи бесӯро намедонам, намедонам.*
*Ҳамегирад гиребонам, ҳамедорад парешонам,*
*Ман ин хушхӯи бадхӯро намедонам, намедонам.*
*Маро ҷони тарабпеша-ст, ки бе мутриб наёромад*
*Ман ин ҷони тарабҷӯро намедонам, намедонам.*
*Яке шере ҳамебинам, ҷаҳон пешаш галай оҳу,*
*Ки ман ин шеру оҳуро намедонам, намедонам.*

*Маро селоб бидбурда, маро ҷӯеи ҷӯ карда,*
*Ки ин селобу в-ин ҷӯро намедонам, намедонам.*
*Чу тифле гумшудастам ман миёни кӯю бозоре,*
*Ки ин бозору в-ин кӯро намедонам, намедонам.*
*Маро гӯяд яке мушфиқ бадат гӯянд бадгӯён,*
*Накӯгӯрову бадгӯро намедонам, намедонам.*
*Замин чун зан, фалак чун шӯ, хурад фарзанд чун гурба,*
*Ман ин занрову ин шӯро намедонам, намедонам.*
*Маро он сурати ғайбӣ ба абрӯ нукта мегӯяд,*
*Ки ғамзай чашму абрӯро намедонам, намедонам.*
*Манам Яъқубу ӯ Юсуф, ки чашмам рӯшан аз бӯяш,*
*Агарчи асли ин бӯро намедонам, намедонам.*
*Ҷаҳон гар рӯ туруш дорад, чу моҳ дар рӯи ман хандад,*
*Ки ман ҷуз мири маҳрӯро намедонам, намедонам.*
*Зи дасту бозуи қудрат ба ҳар дам тир мепаррад,*
*Ки ман он дасту бозӯро намедонам, намедонам.*
*Дар он матбах дарафтодам, ки ҷону дил кабоб омад,*
*Ман ин гандида тазгуро намедонам, намедонам.*
*Дукони нонбро дидам, ки қурсаш қурси маҳ омад,*
*Ман ин нону тарозуро намедонам, намедонам.*
*Чу мардон саф шикастам ман, ба тифлӣ бозрастам ман,*
*Ки ин лолои лӯълӯро намедонам, намедонам.*
*Ту гӯӣ шаш ҷиҳат мангар, ба сӯи бесӯӣ барпар,*
*Биё ин сӯ, ман он сӯро намедонам, намедонам.*
*Хамуш кун, чанд мегӯӣ, чӣ қилу қол меҷӯӣ,*
*Ки қилу қолу қолуро намедонам, намедонам.*
*Ба дастам ярлиғе омад аз он қони ҳама қонон,*
*Ки ман Боҷуву Ботуро намедонам, намедонам.*
*Маро дардесту доруе, ки Ҷолинус мегӯяд,*
*Ки ман ин дарду доруро намедонам намедонам.*
*Давое дорам, охир, ман, зи Ҷолинус пинҳонӣ,*
*Ки ман ин дарди паҳлуро намедонам, намедонам.*
*Бирав, эй шаб, зи пеши ман, мапечон зулфу гесӯро,*
*Ки ҷуз он ҷаъду гесӯро намедонам, намедонам.*

*Бирав, эй рӯзи гулчеҳра, ки хуршедат чӣ гулгун аст*
*Ки ман ҷуз нури ё ҳуро намедонам, намедонам.*
*Бирав, эй боғ, бо нуқлат, бирав, эй шира, бо шират,*
*Ки ҷуз он нуқлу тазгӯро намедонам, намедонам.*
*Агар сад манҷаниқ ояд зи бурҷи осмон бар ман,*
*Ба ҷуз он бурҷу боруро намедонам, намедонам.*
*Чи румичеҳрагон дорам, чи туркони ниҳон дорам,*
*Чӣ айб аст ар ҳаловуро намедонам, намедонам.*
*Ҳаловуро бипурс, охир, аз он туркони ҳайронкун,*
*К-аз он ҳайрон ҳаловуро намедонам, намедонам.*
*Дилам чун тир мепаррад, камони тан ҳамегуррад,*
*Агар он дасту бозуро намедонам, намедонам.*
*Раҳо кун ҳарфи ҳиндуро, бубин туркони маъниро,*
*Ман он туркам, ки ҳиндуро намедонам, намедонам.*
*Биё, эй Шамси Табрезӣ, макун сангиндилӣ бо ман,*
*Ки бо ту сангу лӯълӯро намедонам, намедонам.*

Хушо, ки вай он вақт ғалат накард. Ӯрдуи Бойҷу ба шаҳр надаромад: фурсат надошт. Хулагу омодаи ба Бағдод лашкар кашидан буд.

Аъёну ашроф, бозаргонон, ҳунармандон – тамоми шаҳр бо маслиҳати Парвона бочи зиёде, аз қабили ҳайвон, нақдина, ҷавоҳир ва маснуоти нодири аҳли ҳирфаро гирд овардаанд, ки сарлашкарони муғул бо мамнуният пазируфтанд.

Бойҷу султон Рукниддинро ба тахт нишонд, фармон дод борои гирдогирдии шаҳрҳои давлати Салҷуқро яксар бикананд, ки минбаъд ба муғул муқобилат накунанд ва бо ҳамин қаноат кард.

Ба таври истисно, бо ғарази ба назари бекҳои бенуфуз хор накардан танҳо ба Қуния даст нарасонд. Чуноне бори нахуст Ҷалолиддин он бораро мустаҳкам, беосеб, бо тамоми шукӯҳу ҳашамат дида буд, ҳоло низ дар зери қадамҳои бефалаҳи пиронааш барҷоанд.

## БОРАҲО

Тахмин панҷоҳ сол муқаддам, субҳи моҳи ҷавзо, ҳангоми уштурсавор аз ақиби падар ба шаҳр ворид гаштанаш бори аввал бораҳоро дар дувоздаҳсолагӣ дида буд, ки дар болои оби зулоли чоҳҳо қад афрохта буданд, дар мармари манораҳо шуои хуршед медурахшиданд. Суратҳои мунаққаши аҷиб: шери одамсар, уқоб, фариштаҳои болдор, ки оҳанги парвоз мекарданд, номҳои ашхоси доро, ки дар иморати бора ҳисса гузоштаанд, байтҳо аз «Шоҳнома»-и Фардавсӣ, ки салотини салҷуқ бағоят қадр мекарданд, бурҷу бораҳои Қунияро аз қалъа ё тилисми ислом, ки тасвири инс ва ҷинсро манъ менамуд, бештар ба сароби пуршукӯҳи афсонавӣ ташбеҳ медод.

Ҷалолиддин дар солҳои оворагиҳо ба чӣ тавр падарашро истиқбол гирифтани уламо одат карда буд. Лекин дар ин ҷо дар байни пешвозгирандагон, ки намадкулоҳи баланду ҷуббаҳои сиёҳ доштанд, сафҳои мавзуне сипоҳиёнро, ки ҳалқаҳои зарини сипарҳояшон дар шуъои хуршед ҷило медод, мушоҳида кард. Султон навкаронро аз рӯи китоби «Сиёсатнома»-и вазири аъзам Низомулмулк аз аҷнабиён: гурҷиҳо, русҳо, курдҳо, афғонҳо, дайламиҳо интихоб карда буд. Ҷалолиддин андар анбӯҳи пешвозгирандагон соябони султонро дида, дастпоча шуд. Наход худи Султонулумаро Алоуддин Кайқубод пиёда ба истиқболи Султонululамо баромада бошад?!

Ҳашамати султони Салҷуқ бо шӯҳрату ҷалоли дарбораш мувофиқ буд.

Ӯ ба номи арабӣ (ё худ мусулмони)-яш Кайқубодро, ки дар «Шоҳнома» тараннум мешавад, зам намуд ва расму русуми шоҳони Эрони қадимро дар дарбораш пос медошт.

Дар девон, ки корҳои давлатӣ идора мешуд, султон дар саропарда менишаст ва ба дидори ӯ мушарраф гаштан

шарафи бузурге буд. Дар атрофи тахт ҷондорони бо даствонаҳоюю чаккуши найза мусаллаҳ меистоданд, мудом мурофиқи султон буданд, хоинонро ба қонуни ҷазо мекашиданд. Посдорони дарбон, ҷондорон ва силоҳбардорон ба қонуни султонӣ, азму иродаи ӯ риоя мекарданд. Мулозимон ва ходимони дарбор ҷомадорон, дарборон, пардадорон, саисон, сайёдон, ошпазон, нонпазон, соқиён, чошнигирҳо, пизишкҳо ва шӯъбадабозонро амири хоссаи дарбор раёсат мекард. Ӯ дар базмҳо меҳмононро аз рӯи нуфуз ва мартаба нишонда, ишора медод, ки кай кабоби мурғ ва тазарв, кай гӯшти гӯсфанд, кафтар, кабк, ғизол меоваранд ва ҷавонони хубрӯйи ҷомаҳои симин дар бар дар кӯзаҳо гулоб, май, айрон ва қимиз пешкаш мекарданд.

Мутантанӣ ва пуршукӯҳии маросимҳои дарбор аз Руми ҳамсоя низ ғизо мегирифт, зеро одатан валиаҳдони салҷуқӣ аз хавфи нифоқи падар ва бародарони дар тахт ҷулускардаашон, то замони ба тахт нишастан, муддати мадиде дар Рум мезистанд.

Ин сарнавишт насиби Алоуддин Кайқубод низ гашт, ӯ зиёда аз даҳ сол дар Қустантания, дар паноҳи императури Рум ба воя расид. Маросимҳои бошукӯҳи қабул ва намоиши техникаи онрӯза, масалан бо кӯмаки асбобҳои гидравлик императорро бо тахташ то сақф баровардан мӯъҷизае буд, ки дар рӯзҳои аввал ба султони оянда, умуман ба ҳамаи салҷуқиён, авлодони мардуми кӯчӣ таасуроти азиме мегузошт. Ҳар рӯз ин корҳо бо усули маълум такрор мешуданд, вай ҳар рӯз бузургманшагии сохтаи султонро медид, аз ҳаёти пур аз фисқуфуҷур воқиф мегашт, хавсалааш пир шуда нафрат мепарварид.

Машғулияти ягонаи дилпазири султони оянда қироати «Огузнома» буд, ки аз урфу одати аҷдодаш нақл мекард ва бо тавсияи мураббиаш атобак Бадриддини Гавҳартош мехонд. Дар китоб ҳаёти хуби кӯчиҳо, шикору базмҳо, зафарҳо, тартиботи содаю басо марғуб тавсиф меёфт.

Алоуддин Кайқубод пас аз ҷулус дар Қуния, аз назари сиёсат маҷбур буд, ки қоидаҳои то ӯ ҷоришударо риоя кунад. Вале ҳамин ки фурсат даст медод, аз қаср фирор мекард. Агар тохту тоз набошад, ба пойтахти дуюм, ба Қайсария манзил мегузид ва бо расидани баҳор ба ҷануб, ба лаби баҳр мерафт.

Дар фароғат султон корд ва камон месохт, полон медӯхт, наҷҷорӣ мекард. Шатранҷро дӯст медошт ва дар шоҳмотбозӣ ангуштнамо буд. Ба тақлиди шоҳони Эрон баъзан рубоиҳои хуб менавишт. Вай соле ду маротиба бо мансабдорони мӯътабар, бекҳо, ноибонаш, навкарони шуҷоъ ва ҳашам ба расми бобоӣ ба шикор мебаромад, табъи дил кайфу сафо мекард.

Шикор понздаҳ рӯз тӯл мекашид. Парандагону дарандагонро дар ҷойҳои васеъ таъқиб карда, гирд оварда, ба дом меафтонданд. Аз рӯи одати оғузҳо тири нахустро ба сайд султон меандохт, пас аз ӯ ағниён ва баъд амалдорони миёна ва аз ҳама охир ҷавонон. Ҳадафи асосии шикор зӯри бозу ва тезии чашми бекҳову ноибон буд. Шояд вақти он расида, ки дар ҷои онҳо ҷавонони лоиқ нишинанд? Чунки мансабҳо меросӣ набуданд, онҳо бояд идора мешуданд, аз ин хотир ба ивази набардҳо дода мешуданд.

Агар касе мурғе меафканд, султон ӯро бо паре сарфароз менамуд, ки ба сар занад, агар паланг афканад, қутос[1] медод, ки дар бозуяш биовезад.

Шикор бо базми гӯсфандкушон интиҳо меёфт. Ба ҳар кас аз рӯи нуфуз ва синну солу хешовандияш бо султон буридаи гӯшт насиб мешуд. Вай луқмаро фурӯ мебурд, гӯё бори дигар садоқаташро ба султон иброз медошт, яъне савганди садоқат буд он. Борҳо султон бо пораи гӯшт сипоҳии ҷавонеро мартабаи баланд додааст ва омили пиреро маъзул кардааст.

Алоуддин Кайқубод ҳанӯз рӯҳан огузи кӯчӣ буд. Лекин бо ҷиддияти тамоми ҳамтои навмусулмоне ба аъмоли риҷоли дин мудохила мекард. Аҷдоди ӯ ба хати Мусҳафе, ки замоне

---

[1] Қутос – зару зеваре, ки ёл ё думи асп бо он зинат дода шуда..

муллоён оварда ҷорӣ карда буданд, ба мисли тӯмор бо ҳароси хурофӣ менигаристанд. Ҳатто дар оғози асри бист деҳқони бесаводи турк коғазпораи навиштаро аз замин мебардошт. ки шояд дар он каломи шариф навишта шудааст.

Султон Алоуддин Кайқубод ҳар як нома ва ҳар фармонро, ки бо бисмиллоҳ оғоз мешуд, муқаддас медонист. Пеш аз имзои фармон, ҳамчун пеш аз намоз, вузӯъ мегирифт, тоҳир мешуд. Зоҳир аст, ки султон ба риҷоли дин эҳтироми хосса дошт. Бародари марҳумаш чун салтанат дошт, шайхи аъзам Ибн ал—Арабиро, ки дар Андалус таваллуд шуда овозадор буд, ба Қуния даъват кард. Вай сӯфии хирадмандро ҳодии маънавии хеш мехонд, гӯш ба панди ӯ медод, бо асҳоби салиб, ки дар як муҳит мезист, ҳамчунин масоили сиёсӣ ва маънавиро таҳлил мекард.

Ба ҷои бародари худ ба тахт нишаста, солҳои тохтутози муғул дар дарбор ситорагони маърифати муслиминро гирд овард. Лекин ташрифи воизи Балхӣ, мулаққаб ба Султонулуламо ҳодисаи фавқулъоддае буд, аз ин сабаб худаш ба истиқбол баромад.

Вақте корвон ба бора наздик шуд, падари шоир аз уштур фаромад. Аҳли рикоби Султонулумаро — аъёни дар бар либосу аслиҳаи мафохир ва гурӯҳи сӯфиёни камшумор дар бар хилъатҳои оддию гулобиву сиёҳ, оҳиста ба истиқболи ҳамдигар қадам мезаданд. Падар аз изату икроме, ки Султон раво дид, истифода бурд. Фосила се қадам буд, Султонулуламо таваққуф намуд ва таъзим овард. Султонулумаро гоме пеш гузошта хам шуд, ки дасти мӯйсафеди арҷмандро бардошта бибӯсад. Вале пири мағрур ба ҷои даст даствораашро дароз кард.

Дар чашмони зарроқи Султон Алоуддини Кайқубод хашм дурахшид ва ӯ саросема гашт: «Аноиро бубин!»

Роҳи вопас набуд. Султон ғазабашро фурӯ бурда дастворaро фишурд.

Ва ҳамин ҳин шайх чун одат кароматашро, ки ба

содадилон таассуроти амиқе мегузошт, зоҳир кард:

— Дар дилат маро беҳуда мутакаббир машумор, султон! Фурӯтанӣ хоси уламои бенавост, ба султони дин намезебад, зеро моҳияти ашёро дарёфтааст!

Алоуддин Кайқубод аз ин суханон моту маҳбут гашт. Меҳмон андешаҳои ӯро ҳадс зад! Ба шайх муаддабона таклиф кард, ки дар қаср маъво гирад.

Аммо ба Султонулуламо аз кох беш мадрасаи Олтинпа хуш омад. Ҳадоёе ки ба шарафи баофият ба пойтахт ташриф овардан ато шуда буд, ба бенавоён бахшид. Султону дарбориён бори дигар имон ҳосил карданд, ки воизи балхӣ ба лақаби Султонулуламо сазовор аст ва воизии масҷиди ҷомеъро арзонӣ доштанд.

Минбаъд ҳаёти онҳо дар Қуния, дар пойтахти муборакӣ мамлакат, макони хушбоду ҳаво, ки иморатҳои хуштарҳ ва ҷуйбору боғоту токистонҳои зиёд дошт, маҷро гирифт.

Бозори бешуморе дошт Қуния: бозори асп, ғалла ва суқулбарда. Дар маҳаллаи яҳудиён мусаллас ва дар маҳаллаи румиён ҳашиш мефурӯхтанд. Нон, ангубин, равган, гӯшти гӯсфанд арзон буд, зеро ранҷи кишоварз қиммате надошт.

Қуния аз дӯкон ва растаҳои мисгарон, заргарон, бофандагон, силоҳсозон, баққолон, колою матоъфурӯшон пур буд. Ҳар дӯкон, ҳар маҳалла аз ҳам бо девор ҷудо буда, шабҳо дарвозаҳояшро мебастанд.

Мардуми аз чор ҳадди замин омада, дар корвонсаро, мадраса ва хонақоҳҳо, ки аз пули вақфи ҳунармандон, аҳли тиҷорат ва амалдорони ғанӣ бунёд гардида буданд, ҷой мегирифтанд. Дар Қуния дахмаю мақбараҳо, ки сарбозу ходим доштанд, навкархонаҳои пураскар, девонҳои хаттотони мирзо ва муншиён зиёд буд. Шаҳри донишварон, майхонаҳои сергавғо, тарабхонаҳои пурканизак буд Қуния.

Акнун умри Султонулуламо офтоби сари бомро мемонд. Баръало ҳис мекард, ки Қуния охирин сурури туфайлӣ ва охирин манзилаш дар дунёи фонист.

Султонулуламо ва Ҷалолиддин боре ба бора, сӣ газ онсӯтар, дар ҷое, ки кунун худ аз падараш солхӯрдатар меистад, шаҳрро назора мекарданд. Қиблагоҳ ба қасру кӯшкҳои султонӣ, гунбази мадорис ва масҷидҳо нигариста, бо даст ишоракунон гуфт:

— Бингар, писарам, ҳазорҳо иморат! Дар ин шаҳр ту, наберагони ман ва абераҳоям хоҳанд зист.

Ва Султонулуламо ду соли вопасинро дар амалӣ намудани орзуи он, ки шаҷарааш дар ин сарзамин реша давонад, сарф намуд.

Тани Ҷалолиддин аз насими серуни сабоҳ дурса хӯрд. Дар айёми шубоб аз ин насим рӯҳ мегирифт, илҳомаш меомад, фароғат мекард. Ғунча шуда худро ба ҷомае, ки дирӯз Парвона дода буд, печонд.

Мавлоно сӯи манораи бурҷ ҳаракат карда ба посбонон аҳамияте надода паси он панаҳ шуд, пушт ба боди сард ва рӯяшро ҷониби шаҳр гардонд.

Нигоҳаш ба қасри султон бархӯрд. Дар қарибии арк хонақояшро ҷуст, ки гумбазаш дар шуъои офтоби навтулуъ хира метофт.

Ин мадраса, ки то кунун сарпаноҳи ӯю шогирдонаш аст, боз гувоҳи дигари кароматӣ Султонулуламост.

Он рӯзи ҷумъа барои шунидани хутбаи Султонулуламо асилзодагони Қуния ҷамъ омада буданд. Султон ба масҷиди ҷомеъи нав, мӯъҷизаи санъати меъморию боҳунари шомӣ, ки дар зери гунбазаш ҳазорҳо одам меғунҷид, низ бо хонаводааш ташриф оварда буд. Мавкаби султонро умаро ва аъён мурофиқ буданд: соҳиби девонҳо, сипаҳсолор, ноибуссултон, амири ҷанг, амири пардадор, шаҳрдор, атобек-мураббии султон, амир туғро-мӯҳрдор, муншиҳо, қозӣ, фақеҳон, муллоҳо, руасои аҳли тиҷорат ва ҳунарпешагон.

Султонулуламо ба минбари аз чӯби сиёҳ сохта, ки

нигораҳои қадима дошт, баромад, ба номи султон Алоуддин Кайқубод хутба хонд, ба ҳозирон чашм дӯхта хомӯш монд ва баъд, гӯё ба сухани худ гӯш медода бошад, гуфт:

— Ва мо тадрӣ нафсун тоза таксибу ғадан ва матадри нафсун биаййи арзун тамут, инналуҳа алимунхабир.[2]

Ин ояд аз сураи «Луқмон» буд. Одатан ваъз аз қироати сураи Қуръон сурат мегирифт. Лекин падар андар он чунон афкори хешро ворид менамуд, ки сомеъон ҳушу гӯш мешуданд.

Одатан чун ҳарвақта ӯ аз он нақл мекард, ки пайғамбар оят ё сураро дар кадом ҳолат гуфтааст, сипас онро шарҳ медод. Султонулуламо ҳофизи Қуръон буд. Ҳарчанд пир бошад, ҳам ҷилд-ҷилд шарҳу тафсир, масалу ашъори фаровон аз лавҳи хотираш сутурда намешуд. Тафсири як сура тафсири сураи дигарро тақозо мекард, пур аз ривоят ва пораҳои шеърӣ буд, бо ақлу идрок донистани чизеро бесуд мехонад, талқин менамояд, ки танҳо бо дилу ҷон, дар натиҷаи хуб гӯш додан ба маърифати он ноил шудан имкон дорад.

Ваъзҳои ӯ ҳам аз лиҳози шаклу ҳам аз лиҳози маънӣ як чизро ифода мекарданд. Вай на ба мантиқ ва на ба ақл, балки ба эҳсосот такя менамуд. Нутқи худро бо тамсилу ташбеҳот оро дода, бо анбӯҳи одамон ҳамчун якка бо якка сӯҳбат карда метавонист.

Гоҳ-гоҳ сомеъеро таги чашм намуда, ба ӯ мурочиат мекарду ҳарф мезад ва аз ифодаи чеҳраи ӯ таъсири суханони худро месанҷид.

Бадриддини Гавҳартош, мураббии собиқи султон ва амири дарбори кунунӣ дар сафи дуюм нишаста, минҷумла ваъзро гӯш медод. Аммо андешааш хилофи андешаи ҳозирон буд. Вай бо султон дар Қустантания дар табъид буд ва мӯъҷизоту каромоти бисёреро шоҳид гашт. Дар ботини он ҳодисаҳои аҷоибу ғароиб мудом маҳорати комил ниҳон буд. Аз ин рӯ ҳайраташ дараҷае истеҳзоолуд менамуд. «Уламо бало!— фикр мекард ӯ, — Худо ҳофизаи қавис додааст. Чӣ

---

[2] Рӯҳ намедонад, ки пагоҳ чӣ касб мекунад ва рӯҳ намедонад, ки дар кадом замин мемирад.

қадар тафсиру тамсил ва чӣ қадар таҳлил таркиб? Яқин, соатҳо ваъз мегӯям гуфта китобҳоро мутолаъа кардааст. Кӣ медонад, чанд китобро!»

Ҳамон лаҳза ҳис кард, ки Султонулуламо ба ӯ менигарад. Ва овози ӯро шунид:

— Амир Бадриддин, сураи Қуръонро бигӯ!

Воиз ба шахси доро ва бонуфузи дарбор, ки бо виқору ҳайбат менишаст, нигариста дар чеҳраи ӯ шаку шубҳаро хонд ва моҳияти онро дарк кард.

Атобек, марди фарбеҳи калонҷусса ва серриш, мисли кӯдак, ки болои гуноҳ дастгир шуд, аз ҷояш барҷаст ва аз изтироб, ҷуз ояти аввали сураи «ал-Мӯъминун», чизе ба хотираш наомад.

— Қад афлаҳан-мӯъминуналладина ҳум фи салотиқим хошиуъна[3]

— Бишнав, амир Бадриддин,— қатъ намуд сухани ӯро воиз,— ман лафзи «афлаҳа»-ро бидуни омодагие чӣ қадар хоҳӣ тафсир хоҳам кард.

Атобек тозон бо зинапоя ба минбар баромад. Ба дасти Султонулуламо дарафтод, онро бӯсон бо овози баланд шубҳаашро изҳор кард. Баъд вақте ҷамоат офарин мехонданд, чӯби минбарро низ бӯсида ба зер омад. Яъне ӯ Султонулуламоро пири хеш хонд.

— Пас агар чунин аст, — баланд гуфт воиз,— Худоро шукр бифармой, ки ба роҳи ҳақ бозгаштӣ ва барои ман мадрасае бунёд бикун!

...Ана он мадраса, мадрасаи Гавҳартош. Тӯҳфаи Атобек, деҳаи Қараарслон низ вақфи ӯст, вале Атобек кайҳо дунёро падруд гуфтааст, ӯро муғулон бо фитнаи Парвона бугӣ карда куштанд. Устухонҳои Султонулуламо низ кайҳо хок шудааст. Фақат хотираашон зиндааст, раҳмати Худой бод бар эшон!

Магар қиблагоҳ нафармуда, ки «аз кирдори нек бунёд бикун борае ки дар ҷаҳон пойдортар аз он чизе нест».

Султонулуламо ин суханонро дар ҳамин ҷо, дар назди бурҷи Дарвозаи Султон ба Алоуддини Кайқубод, вақте вай ифтихори таърифи қалъаи нав ба итмом расондаашро мекард ва онро аз назари фақеҳони балхӣ гузаронда, бетоқатона ситоиши шайхро интизор мекашид, гуфта.

— Қалъаи азим ва олиҷанобе бунёд кардаӣ, шоҳо, — гуфт Султонулуламо. — Аз сели баҳорон ва ҳуҷуми адув наҷотбахш! Лекин аз нолаву афғони мустамандон ба куҷо паноҳ мебарӣ? Манора, сипар ва тан садди тири фиғон шуда наметавонад! Дар бунёди дизҳои адолат ва кирдори нек Худо ёрат бод, ки мустаҳкамтар аз ҳазор-ҳазор қалъаҳои сангин аст, зеро мардум танҳо андар он амин ва боофият хоҳанд буд!

*Қорун ба хок рафт, ар дусад хона ганҷ дошт,*
*Нӯшервон намурд, ки номи накӯ гузошт.*

Аз ҷамеъи салотини салҷуқи Осиёи Хурд танҳо Алоуддин Кайқубоди аввал аз худ нақши кироие гузошт ва шояд то дергоҳ аз хотири мардум фаромӯш нагардад. То ӯ ва пас аз ӯ заминҳои инҷо ин сон ҳосилхез ва роҳҳо бехатар набуданд. Ҳунармандон шӯҳрати босазо доштанд, қурби сиккаҳои Қуния паст намешуд, шаҳр маъмур гашта буд.

Алоуддин Кайқубод набард мекард, марзи мамлакатро фарох менамуд, лекин мазраъаро поймол намекард. Сари куффорро намебурид ва онҳоро барои пойдории мамлакат истифода мебурд.

Фарзанди фавқулодда шуҷоъи Муҳаммад Хоразмшоҳ Ҷалолиддин пас аз мурдани Чингизхон дарёфт, ки дар Хуросон шӯришу исён бархоста, бо нияти идома додани муҳориба бо муғул ба ватан баргашт, аз таъқиби туманҳои муғул наҳаросида, бо ҳамдастии ашхоси бонуфузи хоразмӣ боз лашкар гирд овард. Шервонро мақир карда, Гурҷистонро ишғол намуд, ба марзи давлати салҷуқиён ҳуҷум овард ва дар дизи Ахлати канори баҳри Ван ҷой гирифт. Султон Алоуддин

ҷанги ногузири душмани муштарак, муғулро ба эътибор гирифта, ба ӯ таклифи иттифоқ кард. Ҷалолиддин падарвор дар сар васвасаи бузургманишӣ дошт ва ҷангро баргузид. Муҳориба дар мавзеи Яссичемени қурби Эрзинҷон ба вуқӯъ пайваста, дар бадали чанд рӯз бо ҳазимати Ҷалолиддин анҷом ёфт. Алоуддин Кайқубод ба душмани мағлуб марҳамат раво дид. Ба ағниё ва қабилаҳо ва сипоҳиёни хоразмӣ зимни давлати худ замин ҷудо кард.

Вақте султони Миср аз ҷануб бо сипоҳи садҳазорае ба Қуния ҳамла овард, султон Алоуддин Кайқубод онро дарҳам шикаста, дар Ҳорпут таъқибро қатъ намуд, чунки амни мамлакат таъмин шуда буд.

Агар ҳадафи султон нафъи мамлакат буда, аз забткориҳо шӯҳрат хоҳад, пас ӯ харест,— фикр мекард шоир, — ки аз тарси халачӯб чорхез мезанад ва намедонад, ки чӣ бораш кардаанд ва ё аспи ҷувозест, ки чарх мегардонаду намедонад, ки об ё равғани кунҷит мекашад.

Ҳар касе ки худком аст, аз паси манфиати худ меравад, аз ҷони худ метарсад ва ғами дунё надорад, инсон нест ӯ,— силоҳесту бас. Ку Парвона «ғинг» гӯяду бинад! Эҳтиёҷи ин гуна шоҳаншоҳ мисли ниёзи хар ба халачӯб. Гузашти айём нишон медиҳад, ки инҳо бар дӯш чӣ бурдаанд, аъмолашон чӣ моҳият дорад.

Султон Алоуддин Кайқубод аз он панди Султонулуламоро пазируфт, ки шӯҳрати худро на фақат дар муҳорибаҳо, бал дар ободӣ ва гул-гулшукуфии мамлакат медид, ҳамчун ҳукмрони одил ном баровардан мехост.

Ҳатто султон Алоуддин ҳам, ки базмҳои айши нӯшро дӯст медошт, харчанд аз он нафраташ меомад, панду насиҳати шайхро ба ҷо намеовард. Вай дар идораи давлат танҳо аз ҳокимият истифода мекард.

Дар лабони Ҷалолиддин тамасхур дамид. Агар султон аз ҳокимият истифода накунад, ҳокимият дар навбати худ аз ӯ истифода хоҳад кард. Ба андозае ҳокимият пуриқтидор

бошад, ба ҳамон дараҷа ба султон махуфтар. Ҳокимият пеш аз ҳама пул металабад. Ва барои ин аз мустамандон боҷу хироҷ бояд ситонд. Агар шӯҳрату адолат бихоҳӣ, боядат бекҳои бонуфузро танг кард. Вале ин хатарнок аст, зеро бекҳо на танҳо доро, инчунин тавоноянд. Онҳо султонро интихоб мекунанд, ба тахт мешинонанд ва низ метавонанд ӯро сарнагун созанд.

Алоуддин Кайқубод бо мақсади ба додгустарӣ ном баровардан ба кори махсусе даст зад. Анқариб аъёну ашрофе, ки қасди ҳалоки ӯ карда буданд, бояд ба қатл мерасонд.

Дар байни онҳо дӯсти деринааш амир Сайфиддин, шахсе ки баъди марги бародараш ангуштари султониро ба Алоуддин дода буд, ҳамон амир , ки султон пас аз пазируфтани ангуштар бо дастони худ савганд навишта, ба Қуръон қасам ёд карда буд, ки ҳаргиз ба ҷону мулкаш кордор нахоҳад шуд.

Амир ки ҳамсоли падараш буд, беҳуда пеши пои султон афтида бахшиш металабид. Беҳуда астари ҷомаашро даронда, бо дастони ларзон аз он ҷо варақаи савгандро мебаровард. Навкарон ӯро чун халтаи ҷав кашолакунон burданд.

Агар султон Сайфиддинро амон медод, хилофи қонун рафтор мекард, ки мувофиқи он шахси қасди ҷони султон кардаро мекуштанд ва дар айни замон муросо бо фитнагарони боқимонда буд.

Аз афташ, зориву таваллои дӯсти деринааш дар гӯши султони худотарс чанг мезад, ки минбаъд ситонидани хироҷ ва саркубии хоинонро ба вазир Кобак вогузор намуд, фикр мекард Ҷалолиддин. Султон бо ин амалаш, мисли баъзе султонҳои оқил, дар оянда бахшоиш ва марҳаматро ба худ гузошт. Кобак марди кӯтоҳқад, вале хунхору золим буд ва мардум аз ӯ чун аз Азроил метарсиданд. Вале ҳама медонистанд, ки вай бо нишондоди султон Алоуддини Кайқубод, ки номи худро бо корҳои ифлос олудан намехост, амал мекунад!

Ҳамин тавр, султон Алоуддин бар хилофи нияти худ амал карда, ба харе монанд буд, ки аз тарси халачӯб чи burданашро

намедонист. Оре, Иброҳим ибни Аҳмади бадавӣ беҳуда нагуфтааст, ки дар тахт нишаста ҳақиқатро, мисли дар боми қаср уштурро ҷустан аст. Муиниддини Парвона дар базм лаб во кунаду бинад!

Чӣ ҳадаф дошт султон Алоуддин? Баҳри чӣ ин қадар саъй мекард?! Наход, барои он ки Кобаки хабис қувват гирифта, пайт ёфта, фарзанду валиаҳдаш Ғиёсиддинро шерак кунад, ки ӯро заҳр ошомонад. Барои он ки падаркуш ба тахт нишаста, ба фармонҳое, ки падар пас аз пок шудан ба даст мегирифт, мастомаст имзо гузорад? Барои он ки фарзанди нохалаф сипоҳи ҳаштодҳазораи падарро ӯҳда накарда, аз лашкари сиҳазораи муғул ӯ рӯ ба гурез бинихад ва номи неку кори неки падар — Алоуддин Кайқубоди Аввалро барбод бидиҳад? Бигузор, Муиниддини Парвона, ки аз аъмол мулоҳиза меронад, бори дигар даҳон накушояд!

Ҳокимияти ҳақиқӣ аз болои раъият не, аз болои дили онҳост. Беҳуда нагуфтаанд, ки «бигузор ба ту борҳо фатво диҳанд, дар зераш мӯҳри касе набошад, аввало бо дили худ машварат намо!»

Ошноӣ бо ҳокимон пурхатар ва маргбор аст. На аз он ки сар мебозӣ, не, мо ҳамагон маҳкуми маргем. Балки аз он ки подшоҳ дар худбинӣ аждаҳоро мемонад. Ба тарафи ӯ гузашта, аз рӯи гуфтаи ӯ амал хоҳӣ кард. Сафедро сиёҳ мегӯиву сиёҳро сафед. Эҳтиромашро ба ҷо оварда, ақидаҳои зишти ӯро дастгирӣ хоҳӣ кард. Оҳиста-оҳиста имон ва эътиқодро аз даст хоҳӣ дод. Ва ҳар қадар ба султон наздик шавӣ, ҳамон қадар аз худ, аз Ҳақиқат дур хоҳӣ шуд. Ғуломи бомаърифати дил гаштан ҳазору як маротиба аз нури чашми одилтарини подшоҳон будан авлотар.

Чунин меандешид Ҷалолиддин, бомдоди тобистони соли 1270. Мамнун буд, ки саривақт ҳуҷраи Парвонаи тавонoро тарк кард. Ба девори яке аз манораҳои ҳаштодметраи мураббаъ такя намуда, ба шаҳр нигарист. Панҷоҳ сол пеш бо

падараш айнан дар ҳамин ҷо истода буданд. Кӯшкҳои аъёну ашроф, ҳарчанд аз тохти муғул осеби ночизе дида буд, бо вуҷуди ин ҳашаматашон чун пештара ба хонаҳои бозаргонон соя меандохт. Сарпаноҳи аввомуннос нисбат ба хонаҳои туҷҷор боз ҳақиртар ба чашм мерасид. Ӯ худро рӯҳан, бо ҳар сокини шаҳр яксон медид ва дар айни замон садди яхосои узлат онҳоро аз ҳамдигар ҷудо мекард.

Андешаи ӯро ҷарангоси филизот бурид. Посбонони рӯз посбонони ниммасти шаби дарвозаҳои шаҳрро иваз мекарданд. Ва ин ҷарангос, ки як ҷузъи ҳокимият буд, ғунгоси занбӯрро ба хотир меовард, ӯро ба гӯшаи нимтори манора бурд.

Боэҳтиёт аз зинапояи пурпечутоб фуромад, ҷониби манораи масҷиди хурди Синҷарӣ, ки шамъро мемонд, роҳ пеш гирифт.

Дар шаҳр ҳаёт табиӣ ва якмаром ҷорӣ буд. Он ҳаёте, ки муғул ва хидматгоронаш аз он ҳузуру ҳаловат мебаранд, ҳаёте. ки пагоҳ чӣ сурат гирифтанашро Парвона намедонад.

Аробакашҳо бо аробаҳои пуркунҷит, ҷуволҳои ҷав, шогирдпешагони паи иҷрои супориш дар такудав ва кӯдакони асоро асп карда савор шуда ба ӯ салом медоданд. Вай бо сар алек гирифта роҳи худро давом медод.

*Аз ошиқи бадном, биё, нанг мадор,*
*В-арна, бирав, ин мастабаро танг мадор.*

Ушшоқ ва Ҳисомиддини «котиби асрор» — ба чашм наменамуданд. Аммо вай медонист, ки онҳо ба андешаи ӯ халал надода, назорат мекунанд ва омодаанд ҳар лаҳза ба хонааш хабаре баранд, ба кӯмакаш расанд ва гуфтаҳои ӯро бинависанд. Вай ба ин хӯ гирифта буд. Онҳо ба ӯ лозим буданд, лекин на ҳозир.

Аз тангкӯчае ба истиқболаш кашиши сиёҳпӯше меомад. Ҷалолиддин ӯро шинохт. Вай ҳазрати Димитри аз дайри Афлотуни Хирадманд, воқеъ дар Силла буд, ки Ҷалолиддин

чанд шабонарӯз бо ӯ муҳовараи дилнишин оростааст.

Кашиш таъзим кард. Рӯҳониёни масеҳ ва яҳуд бо уламои ислом чунин салом медоданду онҳо бо ишораи сар ҷавоб мегардонданд.

Ҷалолиддин низ хам шуда салом кард. Кашиш инро дида, ду маротиба таъзим овард, эҳтимол чизе гуфтан мехост. Аммо Ҷалолиддин хуши сӯҳбат надошт ва ба кашиш паиҳам ду бор таъзим намуда, аз ин рафтори худ роҳгузаронро дар ҳайрат мононда, роҳашро давом дод.

Вай дар мавзӯъҳои ҷузъӣ гап задан намехост. Ҳис мекард. ки умраш ба поён мерасад, вақт ғанимат. Панҷ ҷилди асосии «Маснави»-ро навишт. Ҷилди шашум боқист. Ва чун одат қабл аз китоби нав бо худ мемонд.

Масҷиди куҳани Синҷарӣ ба ин кор созгор буд. Дар ҳуҷраи матруки он мувофиқи табъ бо дил танҳо мешуд. Муҳим, ки аз ҳамин ҷо, аз масҷиди Синҷарӣ буд, ки чил сол қабл Сайидбурҳониддин, устози асил, чунон ки дар Балх ба маърифати илмҳои зоҳирӣ ҳидоят карда буд, дар айни мадраса мар ӯро бахри таоруфи асрор муршид гашт.

Ба қадре ки пойҳои пирона имкон медод, ӯ шитоб мекард, аз Арк, бозори ғалла, ки аз паҳлӯи маҳаллаи пешаварон мегузашт, худро ба сояи айвонҳои болохонаҳо мекашид, ки аз офтоб паноҳ барад. Кӯча танг буд. Бағал кушоӣ, ба девори шафат мерасад. Ҷалолиддин ҳар ҳавлӣ ва ҳар пастию баландии кӯчаро медонад. Дар пеши назари вай солҳои пурмашаққати ҳаёташ дар Қуния ҷилвагар гашт. Пас аз қазои падар муршиди муридони ӯ шуд, пайгири воизи мадрасаи Гавҳартош гашт ва бори нахуст инони ихтиёрро дар дасти худ дарёфт.

## ЛАРЗА

Ҳоло бистучорсола буд. Ришу мӯйлабаш хурмогун, аз чеҳрааш акси мутафакиронаю хаёлолуде ҳувайдо, гомҳояш

мисли ҳолӣ сангин набуданд, сабуку чобук ҳаракат мекард.

Сарфи назар аз ҷавонӣ олими машҳур буд. Дар Балх Қуръонро ҳифз намуд, ҳадис ва шарҳу тафсири зиёдро медонист. Таърихи шоҳони Эронро омӯхт. Аз сухан ва амали сӯфиёни машҳур ва муосир – Боязиди Бастомии матин, Ҷунайди хирадманд, Ҳаллоҷи ошуфта огоҳӣ дошт, аз ташбеҳу истиороти аҳли тасаввуф ва шуъаро воқиф гашт.

Дар мадрасаҳои машҳури Димишқ ва Ҳалаб аз сӯҳбатҳои олимони барҷаста ва машоихи маъруф баҳра бардошт, илмҳои нуҷум, кимиё, ал-ҷабр, ҳандаса ва тиброомӯхт. Ғайр аз забони модарӣ, арабӣ ва юнониро медонист.

Султонулуламо писарро аз асрори таълифи фатво ва санъати ваъз гуфтан огоҳ намуд. Ҷалолиддин дар бистучаҳорсолагӣ ҷамеъи чизе, ки ба воиз зарурат дошт, молик буд: дониши мукаммал, ҳофизаи қавӣ, тахайюл ва нутқи равон. Тамсилҳои бешумори халқӣ, ривоят, таронаю шеърҳои ошиқонаро азбар медонист, ки дар мавриди лузумӣ оро медод. Аз ашъори шоирони бузурги сӯфӣ Робияи пуршӯр, қосиюлқалб Саноӣ, Фаридаддини Аттори маҳбуб бадеҳатан мехонд. Аз таъсири достонҳои ибратангез эшонро гаштаю баргашта замзама мекард, аз ҳаяҷон ба ларза меомад, ҳамдами онон ба сафари олами рӯҳ мебаромад, тафаккур ва тимсоли суханони онҳоро аз худ мепиндошт. Билохира, агар ҳоҷат афтад, баҳри таскини рӯҳаш худ ба шеъргӯӣ мепардохт.

Мусалламан, дар бистучорсолагӣ донишҳоеро, ки донишмандони замон доштанд, азбар карда, бо маълумотҳои лозимӣ бо фақеҳон ва муфтиён ва аҳли тасаввуф мусаллаҳ буд.

Аммо дониш дигару таҷриба дигар. Шогирду ҷӯянда будан аз муаллиму раҳбар фарқ дорад. Ба замми ин, ба ҷуз муридони падар, ки эҳтиромаш мекарданд, дар Қуния шахсоне пайдо мешуданд, ки аз ҳасад ба иқтидори олими ҷавон шубҳа доштанд, ҳарчанд ӯ фарзанд ва вориси Султонулуламо буд, далел меоварданд, ки шаҳодатнома аз

шайхони кабирро дар даст надорад.

Аз ин рӯчили падарро гузаронд, чанд маротиба ба хотири ӯ дар масҷиди ҷомеъ вазъ хонда, сипас омодаи роҳ шуд. Савдои сафари шаҳрҳои мукаррамаи Димишқ ва Ҳалаб дар сараш буд. Ниёзманд буд, ки бори дигар дар мусоҳабати хирадмандони замон дониши худро бисанҷад.

Дар мадрасаи машҳури Ҳалавияи Ҳалаб бо олими бузурги араб, қозӣ ва вазир Камолиддин Ибни Адим мулоқот намуд, роҷеъ ба нӯҳ фалак ва аносири чаҳоргона-оташ, бод, хок ва об, ки ҷаҳон аз онҳо мураккаб аст, сӯҳбат орост. Боз аз хусуси аз лаҳзаҳо ба вуҷуд омадани вақту замон ва аз қатарот ба ҳам омадани наҳрҳо ҳарф заданд.Оби анҳор ҳамеша меравад, қатраҳо бебозгашт гузаронанд, ба ҷои онҳо қатраҳои дигар меоянд. Лекин мо пай намебарем, зеро ҷараёни об гувоҳи ҳаёт аст.

Ал-Адим мӯътақид буд, ки офаридгор – ақли кулл ҳамчун зот ва фазо, ҳамчун воҳид вуҷуд надорад, фазо ҷилваи вуҷуди ақли кулл ва ё Ҳақиқат аст, чунон ки мавҷҳо таҷаллии укёнусанд.

Дар мадрасаи Мақдисияи дар олами илми гетӣ машҳури Димишқ Ҷалолиддин бо фарзонагон доир ба ваҳдати мутлақ мунокиша кард. Дар донаи дарахт, ки як дарахти комил бо тамоми ҷузъиёташ: реша, тан, шох ва самар... маъво гузидааст, рамзи воҳиди мутлақ ниҳон мебошад, яъне маҷмаъро андар худ фаро гирифта.

Ҷалолиддин бо уламои маъруф масъалаҳои басо мураккаби фалсафа, мантиқ ва илоҳиётро мавриди баррасӣ қарор дода, итминон ҳосил кард, дар ақли ӯ дигар чизе торик нест. Уламо ва машоих аз заковати ҳайратафзои олими ҷавон бар хилофи анъана пас аз чанд моҳ ба ӯ шаҳодатномаи иҷозат доданд, яъне эътироф намуданд ки минбаъд Ҷалолиддин, писари Баҳоваддин Валади Балхии мулаққаб ба Султонулуламо, ҷамъи улумро фаро гирифтааст.

Ҷалолиддин тирамоҳи соли 1231 бо рафоқати ду муриди падар ба Қуния баргашт. Реги равони биёбони хористони Шом мисли кундамавҷҳои баҳр ба ақиб тела медод. Бадавиён ба расми бобоён аз бими рег ба ҷуз чашм, аъзои баданашонро низ маҳкам карда аз дунболи сафинаи саҳро – уштурҳои поборик мерафтанд, дар дуриҳо дар доманаи талҳои сӯхта рамаҳои гӯсфандон мечариданд. Аз пеш кӯҳҳои баланди сурх ба назар мерасид.

Гашти рӯз нисфи осмонро абр фаро гирифт. Он паст шино мекард, дар дил даҳшат меангехт, мегуфтӣ, ки ҳамин замон ҷаҳонро зулмот фаро мегирад. Аммо абр осмонро дунима карда, ба шимол шитоб дошт, ҷануб чун пештара равшану офтобӣ буд. Ва ҳаракати абр ба назари Ҷалолиддин тохти муғулро овард, ки ватани ӯро поймол карда ба шимол мерафтанд ва танҳо дар мамлакати салҷуқиён рӯшноӣ буд.

Даҳ сол пеш бо падараш аз ин роҳ гузашта буд ва ҳоло нисбатан роҳҳо ором. Аз Хуросони ду бор тороҷ шуда кӣ гурезад? Муғул шаҳрҳои осиёнро ба хок яксон намуд. Сипоҳиёнаш ҳамаи роҳҳоро посбонӣ мекард. Писари Муҳаммад Хоразмшоҳ, ки аз Алоуддин Кайқубод дар Яссичаман шикаст хӯрд, дере нагузашта дунёро падруд гуфт, сипоҳиён ва аъёну ашрофи Хоразм аз барқарор кардани мулки худ умедашонро канда, бо тарсу ҳарос дар заминҳои ҷудокардаи салҷуқиён мезистанд.

Иҷозат—лӯлавараке, ки дар почаи хӯрҷин буд ва онро машоихи аъзам дода буданд, гувоҳ аз ақлу идроки равшан, ҳофизаи ганҷинаи хирад аст, вале андешаҳои мубҳаме дилашро мағшуш нигаҳ медошт.

Ҷалолиддин хомӯшона роҳ мепаймуд.

Чаро инсон бо ранҷ зода мешавад, бо тарс мезияд ва бо таассуфи зиёд мемирад? Барои чӣ аз одамони боақлу хирад порай нонро дареғ медорад ва ба мардумони коно молу давлати фаровон медиҳад?

Посухи уламо ва фуқаҳоро нақӯ медонад, бархе аз онро

ақлан пазируфтааст, вале қалбан қобили қабул нест ҳаргиз.

Хуфтан ба ғоре дар тани шахканда шитофтанд. Он ҷо ҳамон сӯфиёну зоҳидони риёзаткаш, ки даҳ сол пеш бо падараш дида буд, мезистанд. Ҷалолиддин хоксорона таклиф кард, ки қути ӯро бо ҳам бинанд.

Зоҳидон ва дарвешон фақеҳон ва дигар риҷоли динро, ки мансаб доштанд, мунофиқ шуморида, ба онҳо бо танаффур менигаристанд. Аммо таклифи Ҷалолиддинро пазируфтанд. Эҳтимол, писари Султонулуламо будани ӯро шинохтанд, чунки падараш даҳ сол муқаддам ба онҳо сухани хуб гуфта, маблағе дода буд. Пас аз тановул, чӣ тавре ки хоси мардони Худост, изҳори миннатдорӣ накарданд. Ҳам Султонулуламо, ҳам писари ӯ ва бигузор касе бошад, барои онҳо василае буду халос, атои ризқ аз Парвардигор ва танҳо ӯ сазовори сипос аст.

Торик шуд. Ғор аз шӯълаи ду шамъ мунаввар гашт. Зоҳидон ба намоз бархоста мавҷудияти роҳгузарон, ҳастии худ ва дунёи фониро фаромӯш карданд.

Ҳастии ягона барои онҳо Эзиди Парвардигор буд, фикру зикрашон банди он, умед мекашиданд, ки дар оне пеши назарашон ҷилвагар шавад.

Ҷалолиддин аз машаққати роҳ хаста буд, пас аз адои се ракаат намоз чашмонашро хоб зер кард.

Чашм кушод, ки субҳ дамидааст. Аз қазо, зоҳидон аз намози бомдод бархоста буданд. Ҷалолиддин бо чеҳраи ҷиддӣ ва мутафаккиронаи онҳо нигариста, дар дилаш хоҳиши суол кардан пайдо шуд: шояд ин зотҳо, ки ба камолоти рӯҳӣ расидаанд, ба суолҳои ӯ посух гӯянд. Нигоҳаш ба зоҳиди пири жандаи чиркинпӯшида бархӯрд, ки тахмин дар дил аҳд карда буд фикрашро бо аъмоли беҳуда: муйсартарошӣ, ришу мӯйлаб задан, шустушӯ, банду баст машғул намедорад, то аз Худо бегона нашавад.

— Суоле дорам, эй ориф! Бигӯй, аз чӣ дил андӯҳгин аст?

Мӯйсафед бо таҳайюр ба ӯ нигарист. Худаш кист, ки

андешаи ӯро халалдор кард? Вай хомӯш буд. Ба назари Ҷалолиддин чунин намуд, ки мӯйсафед ба акси садои хеш гӯш дода, сипас бо овози хирросӣ, аз афташ, солиёни дароз ҳарфе ба забон наовардааст, ба гап даромад:

— Аз дили аксари одамон нолаи андӯҳ меояду аз дили баъзеҳо садои даф. Чи қадаре ба замири худ бингарам, андӯҳро мебинаму аз садои даф асаре нест.

— Магар аз саъю кӯшиши бандаи Худо чизе ҳосил мешавад? – пурсид дубора Ҷалолиддин ва бим дошт, ки андешаи зоҳид ба дарёи тафаккур ғарқ нашавад.

— Не! Лек бе саъю кӯшиш низ чизе ба каф овардан амри муҳол! Агар соле дар дари хонаи касе биистӣ, худованди он ноилоҷ хоҳад гуфт: «Дарою бигир, чизеро талабгорӣ!» Агар панҷоҳ сол дар дари ӯ биистӣ – ман кафилам!

Зоҳид лаб фурӯ баст. Ҷалолиддин дастони сип-сиёҳи ӯро бӯсид. Саховати гадо будан аст, ки ба кафолат бору бисот, бал хештанро бахшид. Мармуз буданд суханони зоҳид. Лекин Ҷалолиддин дар гуфтаҳои ӯ инъикоси талошҳои худро дид. Бояд садои босурур ва саодатбахши даф дар дили ӯ, чи тавре, ки дар айёми туфулият ва баъдтар дар Ларанда садо дод, эҳё гардад. Панҷоҳ сол чӣ бошад, сад сол мунтазир мешавад. Аммо ку он дарҳо? Чӣ тавр воқеанд?

Ҷалолиддин ба Қуния баргашт ва фаҳмид, ки дар ғайбати ӯ Гавҳар, чи хеле бурдборона зисту шиква намекард, ҳамон тавр оромона чашм дар роҳи ӯ аз ҷаҳон рафтааст. Дури якдонаи ӯ, нури дилаш, Гавҳар, Гавҳаре, ки симои ӯро ба фарзандаш илқо карда. Ҳамсар ба марди маҳбубаш аз ин зиёд боз чӣ диҳад? Гавҳаре, ки бо шарофати ӯ дар Ларанда бо дунё ваҳдат ёфта, бори нахуст як лаҳза дар дилаш садои хурраму саиди даф нағма дода буд.

Аз идроки хатои пӯзишнопазир дилашро андӯҳи гароне фаро гирифт ва касе ки панду ваъзи ӯро мешунид, инро ба хубӣ пай мебурд. Хирадмандон мегӯянд: «Дил баҳр асту забон

соҳил. Вақте баҳр мавҷхез мешавад, чизи дар қаъраш бударо ба соҳил меандозад».

Уламои ҳасуд муваққат лаб фурӯ баста буданд, аз Димишқу Ҳалаб иҷозати Ҷалолиддин овардаро дида, аз нав афъивор фашшос заданд. Дар мотами бандаи Худо сӯхтан, ба хосса аврате, аслан парвардигор худ медиҳаду худ мегирад, ба иродати раббилоламин шак овардан ба шаъни фақеҳ раво нест. Ва ворисн Султонулуламо ҳанӯз ба камол нарасидааст. Андӯҳ рӯзмарра ба дилаш сангинтар фишор меоварад. Бале, ӯ ҳанӯз камол наёфтааст, худро нашинохта бо дигарон сарукор дошта наметавонад.

Хоке, ки гавҳарашро паноҳ кардааст, пояшро месӯзонд. Дар шаҳр тоқати истодан надошт, пиёда ба ҷое ки замоне хушбахт буд, равона гашт. Бирафт, то ба андӯҳи худ ғарқ шавад ва ё дар оби сарди дарёчаҳои Лоранда аз нав эҳё гардад.

Дар ҳамин ҷо, дар сари чашмаи зулоли Қарадоғ дарвеше ба ӯ мактуби лӯлавор печондаро расонд.

Номаи бенуқтаву зеру забар ва бошитоб навишташуда айёми кайҳо фаромӯшгаштаро ба хотираш оварад. Наход мураббии сахтгираш Сайидбурҳониддин бошад? Зиёда аз даҳ сол ин котибаро надида буд... Чӣ тавр аз Тирмиз, аз он лаби дунё, ки зери асорати муғулҳо буд, ба ин сарзамин расида?.. Оё Сайид барҳаёт аст? Ё худ нури ситораи мурда аст?

Сайидбурҳониддин навишта буд ки хабари марги Султонулуламоро дар Тирмиз шунида, зор-зор бигирист, Қуръонро хатм кард, чил рӯз мотам гирифта, оши худоӣ дод ва шабонаҳо дар чашмаш хоб нест. Фарзанди Султонулуламо, шогирд ва парвардаи худаш худро танҳою бекас ҳис накунад, Сайид дар ҷои падар, чунки устоз ӯро ворис хонда буд. Бо ҳар роҳ бояд Ҷалолиддинро биёбад, ки дар роҳи пурмашаққат ва душвори Ҳақиқат мадору мутакко бошад. Лекин то биёбону кӯҳу дарёҳоро паймуда ба Қуния расид, соле гузашт ва ҳоло Сайид муриди худро дар пойтахт, дар масҷиди Синҷарӣ интизор аст.

Ҷалолиддин номаро ба чашмонаш молида, ба пешониаш соид. Ба ростӣ беҳуда ӯро Сирдон наномидаанд. Эҳтиёҷи Ҷалолиддинро, ки худаш хаёле сарфаҳм мерафт, чӣ тавр дар дилаш андохтааст? Сайид дар олами равшан шахсе буд, ки ӯ матлабашро изҳор карда тасаллӣ меёфт. Дарҳол бидуни таъхир аз асари дарвеши пайғамбар ба Ларанда фуромад. Асбоб муҳайё буд. Шабона сӯи Қуния шитофтанд.

Сайид ба истиқболи ӯ аз масҷид берун омад. Фақеҳи ҷавону, хушсимову маҳзун ва сӯфии пири жандапӯш ҳамдигарро ба оғӯш кашиданд. Ҷалолиддин лоғарии мӯйсафедро аз болои ҷома ҳис карда ба чеҳрааш нигарист: пӯсту устухон, бинии чангакмонандаш теғ дода, рухсораҳояш фурӯ рафта, дар даҳонаш дандон намонда буд. Аммо чашмонаш зери абрувони сафед аз пештара ҳам дурахшонтар буданд.

Ҷалолиддин бо эҳтиром, падарвор Сайидро ба мадрасаи Гавҳартош оварда ҳуҷраи худро ба ӯ дод.

Сайид ҳамон замон оғоз кард: аз ҷавоб не, аз савол. Аз шариат ва тафсири ҳадисҳо,аз илми нуҷум ва тиб, — Сайид дар илми тиб беҳамто буда табобатро аз шогирди шогирди Абуалӣ ибни Сино омӯхта буд.

Сахттарин имтиҳон буд, ки Ҷалолиддин дар тӯли умр гузаштааст.

Баъд аз ҳар ҷавоб чеҳраи ҷиддии Сайид равшан мешуд. Дар охир ӯ аз ҷояш ҷаста хесту ба фақеҳи ҷавон таъзим намуд:

— Дар илмҳои имон ва улуми зоҳирӣ,— изҳор намуд Сайид,— ту аз падар гузаштӣ. Аммо он бузургвор соҳиби илми асрор низ буд. Ман ба шарофати он оличаноб ин фанро омӯхтаам ва ҳоло мехоҳам туро бо ин роҳ бубарам, то аз илми асрор огоҳӣ ёфта ворисн арзандаи падар гардӣ.

Ҷалолиддин бо камоли мамнуният зону зад, тавба кард ва бо нияти солики тариқати камол даст ба пираш дод.

Роҳ ба сӯи худ аз ҳамин ҷо шурӯъ шуд.

## РИЁЗАТ

Ҷалолиддин ба по хест. Сайид ба ӯ дасташро, ки хирқа дошт дароз кард. Онро ба фақеҳи ҷавон пӯшонд ва аз рӯ бо зуннор баст. Дарҳол, мӯйсар ва риши муҷаъъади хурмогунашро тарошиданд ва абрувонашро чиданд. Ва Сайид кулоҳи дарвешонро сарпӯш ниҳод.

Аз ҳамин рӯз эътиборан Ҷалолиддин олим, воиз ва мударрис не, балки яке аз муридони сершумори Сайидбурҳониддини Сирдон ба шумор мерафт.

Тақдири мурид дар дасти худаш набуд. Мурид бояд ба шайх бечунучаро итоат кунад, супориш ва нишондодҳои ӯро, сарфи назар, аз он ки заруранд ё мувофиқи табъ, ба ҷо орад.

Озмоиш, одатан, аз имтиҳони тобеияти иродати мурид ба муршид оғоз мегардад. Шайх медонист, ки Ҷалолиддин аз падар гурур мерос гирифтааст, ба маҳви он шурӯъ намуд. Ва писари Султонулуламо, фақеҳи дар олами ислом маъруф, воизи масҷиди ҷомеъи пойтахт ва мударриси мадраса мабраз тоза мекард. Амри шайх буд. Сабукие намедод, баръакс, нисбат ба муридони дигар ба ӯ , ки худкомтар буд, сахтгирӣ менамуд. Ҷалолиддин одилона онро ҳамчун эҳтироми хосса ба худ пазируфт.

Арафаи баҳор ҷӯйборҳо аз оби барф лабрез гашта буданд. Ҷалолиддин даҳону биниашро бо як пора латтаи сафед баста ҳанӯз ҳам бо сатилҳои чарм наҷосат мекашид. Чоҳи бадбӯй ба назараш бетаг менамуд. Тимсоли ҳақиқат буд он чоҳ: рӯз тоза мекард, то саҳар пур мешуд. Шабонгоҳ се маротиба таҳорат карда, то хурӯсбонг маҷмӯаи мулоқотҳои падар, китоби «Маориф»-ро мутоила мекард. Шайх фармуда буд, ки онро саду як маротиба гардон ба гардон хонад.

Ҷалолиддин сабақҳоро бо ҷаҳди тамом азбар мекард. Риёзати тан ва маҳрумиятҳо он оташи фурӯзонеро, ки аз рӯзи

вафоти Гавҳар дар дилаш забона мезад, фурӯ менишонд. Ва дар таи дилаш мунтазири «кифоя» гуфтани шайх буд. Сайид лаб во намекард.

Гуруснагии мудом Ҷалолиддинро азият медод. Лекин аз бӯи бад чизе ба даҳон бурда натавонист. Танаш лоғар, чашмони аз бехобӣ тафсонаш ба фарқи сараш рафтанд.

Вақте об паст шуд, маълум гашт, ки ӯ вазифаашро иҷро кардааст. Аммо шайх чизе намегуфт ва ӯ ҳар саҳар оби шаб ҷамъшударо берун мекашид. Сайид сабук шудани корро мушоҳида кард, супориши дигар дод: бояд ҳамроҳи ду мурид ба хонақонишинон дарюза ҷамъ оваранд.

Аз ҳоҷатхонаро тоза кардан бадтар буд он. Дар назди одамони худӣ сабақеро иҷро кардан осонтар аст, чунки онон ҳолдон буданд, лекин аз одамони ношинос ва мухлисони собиқаш садақа пурсидан барояш душвор буд.

Ба хосса аз фуқаҳо, уламо ва хофизони қуръон чизе талбидан барояш ногувор буд. Чунин менамуд, ки онҳо бо тамасхури ниҳоние ба ӯ дарюза медиҳанд. Дар айни ҳол, на ҳама писари Султонуламо будани дарвеши лоғари беришро медонистанд.

Ғаризаи аз шабзиндадориҳо ва риёзати ҷисмонӣ ҳосилшуда пайваста имкон медод, ки ӯ аз сухане, нигоҳе, ё ҳаракати ҷузъие нияту майл, табиати одамонро бифаҳмад. Итминон пайдо мекард, ки одамон бандаи ҳавою ҳавасанд, манҷаникеро мемонанд, ки баробари ресмонро кашидан чун санг мепаранд. Ҳар гуна таъсири маълум натиҷаи матлуб медод.

Ба маҳаллоте гузар кард, ки пеш аз мавҷудияти онҳо ҳатто хабар надошт. Дар майхонаҳо айёшон ба кашкӯли ӯ, чи хеле ба саг устухон медиҳанд, танга мепартофтанд. Қабеҳаҳои фарбеҳи ҳиномолидаи қиморхонаҳо садақа медоданд, ки гуноҳашонро шӯянд. Дар корвонсаройҳо ва растаҳои тиҷоратӣ дарюзаро пешакӣ ҷудо мекарданд. Аз рӯи шариат тоҷирон бояд даҳяки дахли худро сарфи корҳои хайр мекарданд. Ҷалолиддин ҳам дар рӯзҳои зиён ва ҳам дар

рӯзхое меомад, ки садақаро бурдаанд. Бозоргарон ба ҳар ҳол аз судхӯрон ва харидуфурӯшкунандагон сахитар буданд. Умед доштанд, ки кори хайр ва дуои дарвешон балои дар сафарҳо ва сарашон меомадаро дафъ месозад.

Дили бенавоён бештар диққати ӯро ҷалб мекард. Онҳо низ баъзан дар ин дунё надидем, дар он дунё бинем, гӯён хайр мекарданд. Аксаран қути лоямути худро, масалан, мушти биринҷро бо хиҷолат бо дарвешони логар ва одами гурусна қисмат мекарданд, бо меҳр ба ҳам медиданд, ки табиӣ ва содалавҳона буд. Кашиши онҳое, ки дар кулбаҳои гилин дар кӯрпаҳои дарида печида мехобиданд, дар харобот умр ба сар мебурданд, кӯча чӣ бошад, дар захбурҳои баҳору тирамоҳ пур аз наҷосат мезистанд, ӯро ҳар бор ба канори шаҳр меовард. Ба маҳаллаҳои ҳунармандон бо майли том мерафт. Шогирдпешагоне, ки ҳамеша дастҷамъона тановул мекарданд, дарвеши фақирро низ бенасиб намемонданд.

Дар корҳои аъёну ашроф чизи дигарро мушоҳида мекард. Чӣ қадаре хоҷа сарватманд ва мартабааш баланд бошад, худдом ҳамон қадар мутакаббирона муомила мекарданд. Чи хеле хоҷасароҳо узви мардинаи хоҷагонашонро васф мекунанд, онҳо аз андозаи садақаи хӯҷаинашон ҳарф мезаданд. Ҷалолиддин аз ин хушнуд нашуда, дар таҳайюр мемонд.

Дар як баҳор ва тобистон мардуми шаҳрро чунон омӯхт, ки тайи солиёни пешин намедонист. Баъзан дар як рӯз чунон ҳодисаҳоеро медид, ки аз ҳоҷатхонатозакунии худ таассуф мехӯрд. Агар дар он ҷо боз ягон кор мемонд ба баромадан аз шаҳр маҳрум мешуд.

Лекин Сайидро беҳуда Сирдон наномидаанд. Ҳамин ки Ҷалолиддин ин фикрро аз дилаш гузаронд, ӯ тозакунии ҳоҷатхонаро манъ кард.

— Ту муҳимматро адо кардӣ. Лек дар хотир дор, ки нисбат аз пок кардани чоҳҳои мурдор рӯҳро пок нигоҳ доштан душвортар аст.

Муршиди ӯ мисли дигар сӯфиён гуруснагиро мифтоҳи ҳикмат медонист. Дар рӯи замин мардуме нест, ки рӯза надорад. Аммо касе, ки барои худшиносӣ мекӯшад, бояд ҳар рӯз соим бошад, ақида дошт Сайид.

— Чи хеле ки бел заминро кофта обро мебарорад, гуруснагӣ низ сарпӯши сарчашмаи идроку эҳтиросро мебардорад, — мегуфт шайх. – Гуруснагӣ мисли асп аст, ки ҷӯяндаро ба мақсад мерасонад. Лекин аспсавориро оҳиста-оҳиста меомӯзанд.

Ҷалолиддин аз бӯи бади шаборӯзӣ халос шуда, худро мисли гурги гуруснаи саҳари зимистон аз хафолаш баромада ҳис кард. Лекин панди шайхро ба хотир оварда се – чор рӯз гайр аз об, порае нон, баъзан шалғам, чизе ба даҳан намегирифт. Шайх итминон дошт, ки шалғам нигоҳро равшан мекунад.

Азоби ҷӯъ рӯз то рӯз тоқатфарсо мешуд. Ва рӯзе муршид ӯро бо худ ба шаҳр бурд.

Онҳо аз паҳлуи тал ва қасри султону гузари калон убур карда ба дасти рост, сӯи бозор гаштанд, дар растаи қассобон, назди каллаю почафурӯше қарор гирифтанд. Дар айвони дӯкон дар чангакҳо калла, дил, ҷигар ва дигар узвҳои гӯсфанд овезон, корсони калоне пур аз рӯдаву ишкамбаи хунолуд буд.

Қассоби ҳайратзада муаддабона ба шайх наздик омад. Ашхоси бонуфуз ин ҷо намеомаданд, танҳо қозӣ Сироҷиддин ва шайх Садриддини Қуниявӣ хидматгорони худро мефиристоданд.

Сайид бо ишораи даст ӯро боздошт. Ва ба корсон, ки рӯдаву ишкамба дошт, магасу пашша зер карда буд, ишоракунон ба Ҷалолиддин рӯ овард:

— Ҳангоме ки аз гуруснагӣ бемадор мешудам, ба ин ҷо меомадам ва ба худ мегуфтам: «Эй нафси нобинои худпараст! Чизе ҷуз ин хӯроки саг ба ту дода наметавонам, агар хоҳӣ, бихӯр!».

Ҷалолиддин ҳамон замон тасаввур кард, ки чаҳорпоя ва хунолуд байни сагони ғуррон хуни манфуру часпакро мелесад.

Ва аз танаффур муддате се рӯз луқмаеро фурӯ бурда натавонист.

Тирамоҳ ба ҷӯъ ба дараҷае одат кард, ки бо маслиҳати муршид дар миёнаш санг баста мегашт.

Ва он вақт муршид супориши дигар дод. Пеш аз он китоби мулоқотҳои падарро саду як бор хонда буд. Сайид фармуд, ки соатҳои дароз бехобу хӯр дар ҳолатҳои пурмашаққат, гоҳ миёнро дуто карда, гоҳи дигар як пойро зери худ ғундошта, дигарашро дароз карда, сураҳои Қуръонро бихонад. Сураҳоро то даме такрор кунад, ки оҳанги шеър ва дар тахайюлаш сурату тамсилҳо пайдо шаванд.

Шайх иродаи муридро варзида гардонда, ӯро аз худ бегона сохта, ба таълими мутамарказ намудани фикр пардохт.

Боре ҳангоми сӯҳбат муриде суол кард:

— Кист ӯ, ки зиндагии худро ба Худо бахшидааст?

— Оне ки ҳар бор ҳини нафас баровардан «Оллоҳ! Оллоҳ!» - мегӯяд, - посух дод шайх.

Ва баъд маънои ниҳонии номи Оллоҳро баён кард: дар ибтидо «алифломи» - и маъруф. Баъд «оҳ» - и нафас кашидану нафас баровардан.

Машоихи тасаввуф мӯътақид буданд, ки тамаркузи чандинрӯзаи фикр ба як чиз ва як тасаввур одамро дар муҳити мутлақ гарқ месозад. Муршидон ба муридон, аз ҷумла, идора кардани танаффус – амали бешууронаи инсонро меомӯзонданд.

Суханони пир рӯз то рӯз мубҳам мешуд. Ӯ қувваҳои дар сиришти одам буда ва марҳилаҳои тай кардаи онро мустамиру мармуз баён мекард, ки муридон рӯи он масъалаҳо шабу рӯз андеша меронданд. Ба мисли Вергилий,

ки ҳаштод сол Дантеро дар табақоти дӯзах саргардон мекунад, Сайиди Сирдон шоири бузурги ояндаро андар олами аносир, набот ва ҳайвон ба сӯи ақл ва маҳфили Ҳақиқат мебурд. Олами наботро ба алафе ташбеҳ мекард, ки аз нашвунамуъ саодатманд аст ва олами ҳайвонро зайли Сангой дар достони «Сайрулибод» ба хотир меовард: шаҳри афсонавие аз дур оличаноб ва дарун пур аз разолат. Одамон, ки барои худ мезистанд, низ мансуби ин олам буданд. Моҳияти вуҷуди онон ҷаҳди бақои худ ва насл аст ва аз ин рӯ фониянд, зеро ҳаёт дар адолат идома меёбад. Шаҳр ду хоҷа дорад, зулмот ва оташ, рӯҳи онҳо зулмот ва ҳавою ҳавасро инъикос менамояд. Ду асп – сафед ва сиёҳ, рӯз ва шаб. Хоҷагони шаҳр дар фикри манфиати худанд, аспҳо саворагони хешро мехӯранд.

Ҷалолиддин мушоҳида кард, ки шайх дар тақвияти афкораш бештар тамсилоти Аттор ва Саноиро ба кор мебарад. Дар ҳайрат намемонд, азбас осори онҳоро тақрибан азбар медонист, ба осонӣ асрор кашф мешуд.

Аммо Сайидбурҳониддини Сирдонро тутии сухангӯй хондан хато буд. Ӯ ва машоихи дигар рамзу истиораҳоро ҳамтои мусталаҳоти фалсафӣ дар илми имрӯзаи Аврупо истифода мекарданд: баъди истифодаи истилоҳи маъруфе ба муаллиф ишора кардан шарт нест.

Иллати ягонаи шаҳр - ҳирсу озро шайх ҳамчун махлуқи зиште нишон медод, ки як чашму ҳафт рӯй ва чаҳор даҳон дошт. Ҳасуд девест, ки чашмаш дар гардану забонаш дар дил аст: иштиёқи ҳайвониро ба шакли офариниши ваҳшие, ки дар санглох, дар ҳалқаи дуд монда, сар пур аз чашму пур аз даст аст ва доимо дилу қалб пурташвиш тасвир кардааст.

Шайх тафаккури муридонашро ба фаҳмиши ташбеҳот равон сохт. Муридон тамоми ҳолатеро, ки ба сари инсон меомад, аз сар гузаронданд. Муршид онҳоро маҷбур кард, ки худро рустанӣ ва ҳайвони саршори иштиёқ ва эҳтирос тасаввур намоянд. Ва Ҷалолиддин бо тахайюли беандоза

дар ин ҷода пешдаст буд.

Зимистон гузашт, тобистон сипарӣ шуду баҳор даромад. Мӯйсари Ҷалолиддин боз расид – риш акнун муҷаъад не, бал белвор паҳну сахт. Баландболову логарандом, пойбанди афкори хеш, гуё аз атрофиён хабаре надошт. Баъзан шабонаҳо ногоҳ ба рӯи ҳавлӣ мебаромад, ба осмони торики пурситора менигарист, боди сабо баданашро мелесид ва ё сари сангҳои бора дар нури хуршеди саҳаргоҳ гарм мешуд. Худоё, аз ҳарос ё худ аз ҳаяҷон вуҷудаш меларзид. Аз чӣ?

Ин гуна эҳсосот дар арафаи мақомҳои аввал: зӯҳд, факр ва сабр сар мекашид. Дар марҳилаи дуюми тариқат, дар мақомҳои таваккул ва ризо осоиши рӯҳӣ ва мушоҳидакориро ҳис кард, дар назараш симоҳои булаҷаб: гоҳ манзараи табиат, гоҳ баҳри пурталотум, аҳён оташи фурӯзон ва ашхоси ношинос намудор мешуд. Аммо ҳеҷ гоҳ мӯйсафеди нурониеро, ки муридони дигар нақл мекунанд, надидааст.

Муршид мушоҳида мекард, ки шогирдаш бо қобилияти фавқулоддае аз мақом ба мақом меравад ва бо камоли маҳорат мураккабтарин эҳсосот ва ҳолатро дар лавҳи тасаввур мегунҷонад.

Шомҳангоме пас аз сӯҳбат шайх ва муридонаш ғӯтавари андеша буданд. Дар берун шамоли сард мевазид. Шӯълаҳои оташ дар гӯшаи манқал бозӣ мекард. Сайид нигоҳашро аз оташ наканда, сарашро набардошта ногаҳон гуфт:

— Ба Зиё кабоб диҳед!

Зиё, муриди ҷавон, ки дар ақиб менишаст, гӯё дар сари ҷиноят дастгир шуда бошад, парӯ ба замин афтид. Шайх чи гуна аз афкори ӯ, ки ба оташ чашм медӯхт ва мардона андешаҳоро тасаллут карда наметавонист, огоҳ шуда бошад?

Дарвеше, ки аз Миср буд, дар мадраса хуфту хез ва дар сӯҳбатҳои Сирдон иштирок мекард, бо бетакаллуфии аҷнабиёна аз шайх сирри инро ҷӯё шуд.

— Ба суҳулат, — ҷавоб дод Сайид. – Тайи бист сол андар

ман хоҳише пайдо нашудааст. Дили ман ойинаи беғуборро мемонад ва агар дар он хоҳише пайдо шавад, пас он инъикоси рағбати шахси дигар аст, ки муайян кардани он шахс душвор нест. Инҳо, охир, муридони мананд!

Фақат рафтори Ҷалолиддин ӯро ба ҳайрат мегузошт. Ҷараёни афкор ва рӯҳияи ӯ аксар барои Сайид муаммо буд. Неруи тахайюли писари Султонулуламо ба ҳадде қавӣ буд, чунон тимсолҳоро меғунҷонид, ки дар гӯшаи хотири устод набуд. Яъне ин тариқате ки Ҷалолиддинро ба он роҳбалад аст, ба қарибӣ ба поён мерасад. Ҳисоб кард, ҳақиқатуламро пас аз чанде ҳазору як рӯз, муддати озмоиш ба охир мерасад.

Баҳори соли савум Сайид Ҷалолиддинро даъват кард.

— Умри ман дар арафаи гуруб, — изҳор кард ӯ. – Мехоҳам, ки дар зиндагии ман аз риёзати узлат низ бигзарӣ, ба ҳаюло расӣ, аз дурдонаҳои илҳом барчинӣ.

Агар Ҷалолиддин ин суханро соле муқаддам мешунид, беандоза масрур мешуд. Охир, узлат риёзати ниҳояти солик буд. Аммо яқин он ду солу чанд моҳ дареғ нагузаштааст: ҳувайдост тариқат анҷому ниҳоят надорад. Ҳақиқати маънавиро ҷустуҷӯ мекунӣ, намедонӣ, кай ноил мешавӣ ва умуман ноил шудан имкон дорад ё на. Руҷӯъ ба ҳолати аввал бошад, мутлақ имконнопазир аст.

Ӯ хомӯш бо ишораи сар мутеона ризоият дод. Сайид амр кард, ҳуҷрае омода карданд, гилемча андохтанд, кӯзаи об ва нони ҷав биовარданд. Сабоҳи дигар ӯ Ҷалолиддинро ба ҳуҷра даровард, фотиҳа дод ва дарро лой кард.

Чила идома дошт. Дар ин муддат муршид ду маротиба даромада кӯзаи холиро иваз кард ва ба Ҷалолиддин нигариста бадар омад. Ҷалолиддин омаду рафти шайхро пайхас намекард.

Бори аввал вай дар кунҷаки хаёл менишаст, ё ба таъбири сӯфиён, сар ба гиребони таҳайюр зада буд. «Шумо худ ибратед, вале худ ноогоҳ» — беихтиё ба хотири шайх сураи Қуръон омад.

Бори дувум Ҷалолиддинро сиришк мерехт. Вай рӯ ба девор гардонда мегирист ва аз шиддати он овоз бароварда наметавонист. Шайх халалгор нашуд: агар Худо оҳу нолаи андӯҳзадагонро мешунид, замину осмон хунбор мешуд.

Чила баромад. Шаби охиринро шайх аз изтироб ба бехобӣ рӯз кард. Бомдод амр кард дарро шикастанд ва пеш аз ҳама вориди ҳуҷра гашт.

Ҷалолиддин дар мобайни хона рост меистод. Ҳуҷраро нури хира, ки аз равғани гумбаз медаромад, равшан мекард. Дар лабони Ҷалолиддин табассуми дардолуде дамид:

*— Онон, ки талабгори Худоед, Худоед!*
*Берун зи шумо нест, шумоед, шумоед!*

Ин суханони Ҷалолиддин пас аз чиҳил рӯз муршидро моту мабҳут сохт. Дастони Сайид чун пораҳои осиёи бодӣ боло шуданд, фаши дастори сабзаш аз дӯш ба оғӯшаш мефаромад ва аз оғӯш ба дӯш мерафт. Ӯ фарёде дардод ва Ҷалолиддинро канор гирифт. Чун шайх бори нахуст ба чилагоҳ даромад, ояте аз Қуръон аз хотираш гузашта буд ва ҳоло Ҷалолиддин ҷавоб гуфт. Муриде, ки афкори шайхро мехонад, ориф ба эътибор меравад.

— Ту кулли улумро, чи зоҳиру чи ниҳон, фаро гирифтӣ, — изҳор кард шайх, вақте ба сухан омад. – Сипоси беҳад мар раббилоламинро, ки бандаро ба чунин рӯзи фархунда, инсони комил шудани ту расонд. Бирав, ба номи ӯ иқдом ва роҳи башарро мунаввар намо, қалби онҳоро ба шукӯҳу ҳаловат ҳидояташон бикун.....

Ҳамон рӯз шайх ба Ҷалолиддин дастори уламоро баста, фашашро ба китфи рост овезон кард ва либоси хоси орифон – хирқа пӯшонд. Сипас ба муридонаш мурочиат карда гуфт, ки аз имрӯз эътиборан пири онҳо писари сазовори Султонулуламо Ҷалолиддин аст ва худ ба ҳуҷрае, ки Ҷалолиддин ҳангоми ба Қуния омаданаш дода буд, баргашт.

Ҷалолиддин боз мударриси мадрасаи Гавҳартош таъин шуд ва пирии хонаҷоҳи дарвешонро ба ӯҳда гирифт. Боз бо муридҳо сӯҳбат меорост, ваъз мехонд, ба шогирдон панду насиҳат медод, дар баҳсҳои факеҳон ширкат меварзид, маҷлисе меорост, ки хурду калон ҳузур доштанд.

Мардумро беш аз пеш мефаҳмид. Чи хеле китобро мехонд, ҳамон тавр аз вазъи мардум огоҳӣ дошт: ҳар баду неке бар дӯши инсон меояд паси сар кард ва дар тасаввури худ роҳи такомули то одамро паймуд. Кӯтоҳбаён ва муассир буд каломаш ва муҳиммаш бо сеҳри сухан дили мардумро тасхир мекард. Суханонаш ҳамеша ба ҳадаф мерасиданд. Маҳфилҳояш серодам шуда, муридони хонақоҳ меафзуд.

## САДОИ АНДӮҲ

Боз як сол гузашт. Рӯзҳои аввал Ҷалолиддин чун пештара ҳар бегоҳ бо муршид сӯҳбат меорост, масъалаҳои рӯзро мулоҳиза меронд. Баъдтар кам мулоқот мекарданд. Сайид машғули ибодат ва намоз буд. Рӯзҳои охир сӯҳбат ҳам қатъ гардид.

Сайид андешид, ки чӯҷа нав паронҷак шуд, ҳузури муршид халал мерасонад, чанд бор аз нияти ба Қайсария рафтан гап кушод. Аммо Ҷалолиддин розӣ набуд. Ҳузури шайх имконият медод, ки аз таҷриба ва ҳикмати ӯ баҳра бардорад, бо ӯ рози дил бигӯяд ва чунон ки бе оина дидан мушкил аст, дар ӯ худро бубинад ва бо чашми худ нигарад. Аз ҳузури шайх, чи тавре сарбоз аз шамшери камараш, ҳарчанд онро истифода набарад, шерак мешавад, неру мегирифт.

Боре гармои тобистон муридон оҳанг карданд, ки мӯйсафедро ба хачир савор карда, беруни шаҳр ба ҷои хушҳавое баранд. Аз дарвозаи Ҳалқабагӯш, аз дарвозае, ки ҳабдаҳ сол пас Ҷалолиддин ба истиқболи муғул мебарояд, берун омаданд.

Роҳ ба пойтахти дуюм, ба шаҳри Қайсария мебурд ва дар тасаввури Сайид шаҳре, ки ба таври расмӣ Дорулфатҳаш меномиданд, зеро сипоҳи султон доим қабл аз ҷанг дар он ҷо ғун мешуд, намудор гашт. Ғарқи андеша буд, ки шаҳри Қайсария чӣ тавр умр ба сар мебарад ва бероҳа шудану ҷониби алафи канори роҳ рафтани хачирро рай набурд. Баногоҳ хачир аз обканди канори роҳ хез зад, Сайид ба паҳлу афтиду беҳуш шуд.

Муридон бо азобе ӯро ба ҳуш оварда ба ҳайвони якрав савор карданд ва ба боғи Сипаҳсолори султон оварданд. Дар масофаи нимфарсах аз девори бора маҷбур шуданд ба замин гузоранд, зеро роҳ ноҳамвор ва қадами хачир дарди ӯро садчанд мекард.

Ҷалолиддин хабари нохушро шунида сӯи боғ шитофт. Бо корд маҳсиро бурида, пои муйсафедро шикаста дид. Марҳами таскинкунанда молид, сипас устухонҳоро ҷобаҷо карда аз гиёҳи давоӣ марҳам сиришт ва аз тахтачаҳо маъҷарак сохта онро баст.

Сайид ин шикастабандиро беоҳубой тоқат кард ва пас аз анҷоми он норозиёна изҳор намуд:

— Боракалло, мурид! Нахуст хоҳиши шайхро рад кардӣ, ҳоло онро амалӣ накунад, гӯён пояшро шикастӣ!

Ҷалолиддин хиҷолат кашид: модом дили шайх озодӣ мекашид, пас чаро монеъ шуд?

Ҳангоме ки пои Сайид гирифт ва асобадаст мебаромад, Ҷалолиддин пурсид:

— Чаро ҳазратам ният доранд, ки маро аз устоз ва дӯст маҳрум созанд? Наход ҳамдамии ман ба пирам хуш наояд?

— Дар як беша ду шер намезияд, - посух дод Сайид. - Анқариб дӯст хоҳӣ ёфт!

Ҷалолиддин бо эҳсоси нохуше мӯйсафедро гусел кард. Дилаш гувоҳ медод, ки ба дидори якдигар намерасанд. Сайид пири ҳариф буд.

Ва дар ҳақиқат ба зудӣ аз Қайсария хабари талхе расид:

Сайидбурҳониддини Сирдон аз дорулфано ба дорулбақо реҳлат кард.

Ҷалолиддин ҳамон рӯз бо заргар Салоҳиддин ба Қайсария равон шуд. Салоҳиддин бо Ҷалолиддин дар тасарруфи шайх риёзат кашида, муриди Сайид буд.

«Аз шайх Султонулуламо, — мегуфт Сайид, — ба ман ду ганҷи бебаҳо мерос монд: фасоҳат ва илҳом. Фасоҳатро ба Ҷалолиддин бахшидам, зеро ӯ илҳоми худодод дорад ва илҳомро ба Салоҳиддин, ки орӣ аз ин буд».

Ҳоло, ки дар дунё на Гавҳар ва на Султонулуламо буданду Сайид низ онро тарк кардааст, Ҷалолиддини сиюсесолаи бармаҳал дар ришаш сафедӣ даромада, худро бекасу ятим ҳис кард. Мисли кӯдаке буд, ки дар чорсӯи зиндагӣ роҳгум задааст.

Зимистон фаро мерасид. Дар ағбаҳо барф хобида. Дар пеш роҳи пурпечутоби пурмашаққат. Аз он ки дар ин роҳ чун шамъ аз шамол хомӯш нагардад, Салоҳиддини босуботро ҳамдам гирифт.

Ин ду савора ҷуфти аҷибе буданд, ки дар саҳрои урёни Қуния ба шиддати бодҳои боронолуд эътибор надода, роҳ мепаймуданд. Ҷалолиддини лоғар танашро ба ҷомаи гарм печонида, таваҷҷӯҳашро ба ботини худ ниғаронида буд. Салоҳиддини панҷоҳсола бо риши сафеду қомати баланд, пайкараи пойдору устуворе ро мемонд, ки қатраҳои борон ба сару рӯю баданаш бархӯрда, ба замин мешорид. Чашмонаш мисли чашмони кӯдакон орому рӯшан буд ва аз зери абрувони анбӯҳ пайваста ба пеш менигарист.

Гашти рӯз деҳаи ба кӯҳдоман часпида намоён гашт. Ҳар хона ҳамчун қалъаи хурде буд. Аз чап кӯли найзор ба чашм мерасид. Атрофи деҳаро токистонҳо, палҳои тарбуз ва ягон-ягон дарахти зайтун печонида буданд.

Деҳаи Камил зодгоҳи Салоҳиддини заргар буд. Вай дар ҳамин ҷо ба воя расид. Бо падараш сайди моҳӣ мекард, тӯр

мебофт. Пас аз марги падар ба шаҳр рафт ва ба ихвонуссафо бупайваст, ба саррофе шогирд истод. Кайҳо буд ҳамаи ин.

Ба машом бӯи хуши нони дар равғани зайтун пухта мерасид. Сагҳо аҳён – аҳён аккос мезаданд. Онҳо аз байни деҳа гузаштанд. Дар тори тал ситораи шом пайдо шуд, дар назди дарвозаи раиси ахӣ, ки деҳа милки ӯ буд, таваққуф карданд.

Аз афташ, онҳоро мунтазир буданд, ки баробари расиданашон дарвозаҳо во шуданд. Ду нафар хидматгор таъзимкунон онҳоро ба меҳмонхона бурданд. Дохили ҳавлӣ бо девор ба хоначаҳои алоҳида тақсим мешуд. Дарёчаи аз кӯҳ ҷорӣ аз даруни ҳавлӣ гузашта, аз обмӯрии панҷарадор баромада ба кӯл мерехт.

Салоҳиддин соҳибхонаро хуб мешинохт. Дар ҳамин ҷо шайх ӯро ба ҷамоати ихвон қабул карда буд.

Пас аз шустушӯ хидматгор онҳоро ба матъам бурд. Ошпаз, занаки араби фарбеҳ Салоҳиддинро шинохта, табассуми бомеҳр карда, пешашон нон ва таом гузошт.

Баъд аз таоми шом ва фароғати андак шайх онҳоро даъват кард. Хидматгор онҳоро аз назди ҳавзе, ки атрофашро садаҳо иҳота карда буданд, гузаронда дареро нишон дод ва худ қафо рафт. Онҳо кафшҳоро кашида нарм – нармак вориди хона шуданд ва даст пеши бар таъзим карданд.

Шайхи Салоҳиддин ба ҷамъияти ихвон пазируфта кайҳо вафот карда буд. Шайхи ҳозира чунон ба ӯ монанд буд, ки Салоҳиддини заргар гумон кард солҳои зиёде сипарӣ нашудаанд. Шайх бархилофи пирони Қуниё, ки ҷуббаи сиёҳ доштанд, ҷуббааш сабзу ҳошияаш пӯсти самур дошт, дар рӯи пӯстаки буз нишаста буд. Таклифи нишастан кард ва ришашро молида нахуст ҳамдардӣ изҳор намуд:

— Бандагӣ, кори Худо аст. Дунёи фонӣ! Сабру тоқат диҳад.

Аз вафоти шайхи онҳо Сайиди Сирдон ин ҷо огоҳ буданд. Қосидони ихвонуссафо аз қосидони султон камӣ надоштанд.

Хидматтор нарм қадам монда, косаҳои нуқра ва кӯзаи шарбати биҳӣ овард.

— Марҳамат! – таклиф намуд шайх косаро ба даст гирифта. Чун хидматтор берун шуд, давом дод: — Имрӯз мо ба ҷамъият деҳқонеро қабул мекунем. Агар лутф фармоед, сарфарозем!

— Ё аҷабо, оё деҳқон сазовор аст? – боэҳтиёт пурсон шуд Салоҳиддин.

Шайх табассум кард:

— Устои мӯҳтарам, шумо низ як вақтҳо деҳқон будед, Тарбузкор моҳӣ мегирад, зимистон тӯр мебофад.

Шайх аз ҳама чиз огоҳ буд.

Ҷалолиддин имшаб танҳо будан мехост, вале таклифи шайхро, ки эҳтиромашонро баҷо овардан шарт буд, қабул кард.

Ҳангоме аз ҳавлӣ баромаданд, мардум гирд омаданд. Ихвонуссафо ба шакли нимдоира пои росташонро ба пеш бароварда менишастанд, машъали фурӯзон андоми онҳоро равшан мекард. Дар дари ҳавлӣ дастҳо пеши бар ду мунодӣ меистоданд. Шайх аз зина баромада меҳмононро аз ду паҳлӯш шинонд. Мунодиён косаи об ва намакдони чармин дар даст сӯи бузургвор, раиси ихвонуссафо давиданд. Вай намакро ба об андохта, косаро бардошт.

— Ассалому алайкум, солики роҳи ҳақиқат! Ассалому алайкум ихвони камарбаста!

— Ваалайкум ассалом! – шайх посух дод.

— Арвоҳи орифону зоҳидон, ояндагону равандагон, ҷумла мӯъмини мусулмононро Худо раҳмат кунад!

Сарвари ахиҳо аз шайхҳо сар карда косаро ба дасти ҳозирин медод ва онҳо онро дудаста дошта, ба лаб мебурданд. Вақте ки коса боз ба дасти раис расид, вай онро ба мунодӣ дода, ба миён даромад:

— Пирам, нафаре аз наздикони мо нияти ба роҳ баромадан дорад.

— Номаш чист?

— Алӣ, писари Муҳаммад.

— Муршидаш кист?

— Бародар Фахрӣ.

— Ҳамсафаронаш киҳоанд?

— Бародарон Фаррух ва Камол!

— Сазовор аст! Ҳамроҳ бароянд.

Се нафар аз ҳавлӣ бадар рафтанд. Мунодиён дар поини суфа ду гилемча партофта, ба яке зуннори сурх ва ба дигаре корд гузоштанд.

Дарро се маротиба кӯфтанд.

— Дароянд – нидо кард шайх.

Дар оҳиста кушода шуд ва аз паси муршид ҷавони болобаланду лоғаре ворид гашт. Бародарони ҳамсафар аз бари доманаш медоштанд.

Муршид ба зина наздик омада, дастҳояшро мисли мунодиён ба сари китф гузошт ва таъзим карду гуфт:

— Бародарамон Алӣ пойбӯсии шайхи ихвон ва пиронро ба ҷо оварда, аз шумо марҳамат металабад. Ният дорад, ки бо корвони мо раҳсипор шавад, бо тариқати орифон солик ва ба камарбанди бародарон сазовор бошад. Амри шумо чист?

— Мувофиқи қоида биозмоедаш!

Муршид зону зад. Бародарони ҳамсафар деҳқони ҳаросонро ба гилемчаи дигар шинонданд ва доманашро раҳо накарда, дар паҳлуяш нишастанд.

Сарвари бародарон эълон кард:

— Аён шуд, ки хоҳиши паймудани роҳ дорӣ. Худованд гӯши дилатро кушояд. Бидон, ки роҳи ҳақиқат пурпечутоб ва пурмашаққат аст. Касе, ки ба азми дил ва неруи дастони худ бовар надорад, бо ин роҳ рафта наметавонад. Тариқати мо роҳи риоят, имон ва ирфон аст. Оё ба садои дили худ гӯш додаӣ? Ақоидро риоят карда метавонӣ?

Деҳқон аз ҳаяҷон бо мушт бинӣ молид, ки ихвонуссафоро ноҳоҳат сохт.

— Бас! – изҳор кард бо овози хиррӣ.

— Ба риёзат розӣ ҳастӣ?

— Розӣ!

— Худат ризоият додӣ. Мо аз гуноҳ соқит. Ба ҳаққи Худо, бигӯй, ки дар назди ихвон чизи маҳкам ҳаст.

— Се!

— Баршумор!

— Забон, камар ва чашм.

— Чаро чашмаш баста аст?

— Ҷурм ва шарми дигаронро набояд бубинад.

— Чанд узви кушода доранд?

— Чаҳор!

— Баршумор!

— Даст, чеҳра, хӯрдхон ва дил.

— Қоидаҳои таомхурӣ чанд аст?

— Дувоздаҳ!

— Баршумор!

— Пои чапро зери худ кашида, зонуи ростро каме хам карда нишастан. Кам хӯрдан. Хӯрокро бо ҷоғи рост хоидан. Дастро олуда насохтан... Туф накардан.... Ба луқмаи дигарон нанигаристан. Сар нахоридан... Луқмаи беҳтаринро ба меҳмон гузоштан. Пас аз таом даст шустан.

— Дуруст. Қоидаи роҳгардӣ чанд аст?

— Панҷ!

— Номбар бикун!

— Бо ғурур қадам назадан. Ба атроф нанигаристан... Дунболи касе нарафтан. Аз кӯҳансолон пеш нагузаштан... Ҳамсафарро маътал накардан....

Муршид рӯ ба шайх овард:

— Давом диҳем?

— Кифоя.

— Сазовор! Сазовор! – нидо карданд аз давра.

Шайх аз ҷой бархост. Муршид рӯи дастони Алӣ рӯймолро партофт. Ҳамсафарон домани Алиро раҳо карда,

кафи дасти худро рӯи руймол гузоштанд.

— Писари азизамон! Ҳурмат кардӣ, ҳурмат бинӣ. Худованд ба суханат фурӯғ диҳад! Алҳол ва минбаъд ҳасад, такаббур, дасиса, танбеҳ, нафрат аз ту бегона аст. Ҳаққи кас хӯрдан ва ба қавл вафо нанамудан айбу шармандагӣ аст. Шарафи камареро, ки ба миёнат мебанданд, ҳифз кун! Аз шамшери пайғамбар шамшери бурро ва аз ақли орифон ақли бурро нест. Ба камоли онҳо бирасӣ! Бархез!

Алӣ бархост. Дар рӯшноии оташи пурдуд чеҳраи аз ҳаяҷон сурхшудаашро дидан мумкин буд.

— Чӣ мегӯед бародарон, Алӣ сазовори камарбанд аст? – пурсид шайх.

— Сазовор! Сазовор!

Муршид аз рӯи гилемча камарбандро гирифта, сураи фотиҳаро хонда суф кард.

Ва ҳамин дам Алӣ қариб буд маросимро вайрон кунад. Аз рӯи одат даст сӯи бинӣ бурд, вале нигоҳи муршидро ҳис намуда, онро поин кард.

Муршид ӯро дар ҷояш давр занонда, камарашро баст ва ханҷарро халонд.

— Ба роҳи ҳақ фаромадӣ, бародар, Алӣ Муҳаммад! – эълон дошт пири ихвон, — Илоҳо, саъю ҳаракатат қабул ёбад! Ба муродат расӣ, парвардигор! Шараф ёру орифон мададгорат бошад!

— Ҳу – у- в! – якбора нидо баровარданд бародарон, ки Оллоҳро чунин хитоб мекарданд.

Ҷалолиддин ихвонро дар растаҳои ҳунармандони Қуния дида буд. Ахлоқи пок ва адолати онҳоро мепарастид. Аммо дар маросими муқаддаси эшон бори аввал иштирок мекард ва сабабгори ин Салоҳиддини заргар буд, ки бародарони босафо эҳтиромаш мекарданд.

Суханони он шаб дар гирди машъал шунидааш дар дили пураламу мотамзадаи Ҷалолиддин таъсири аҷибе кард. Дар иҳотаи тӯрбофону моҳигирони бесавод, аммо бародарвор

муттаҳид, дар ҳузури Салоҳиддини соҳибирода ва адолатпараст худро чун пештара ятим ва танҳо ҳис намекард.

Саҳаргоҳ, пас аз роҳ баромадан, вақте ки ёлаҳои деҳаи Камил ва хонақоҳи ихвон аз чашм ниҳон гардиданд, Ҷалолиддин аз дил гузаронд, ки савораи паҳлуяш, Салоҳиддини заргар ҳамон буттаест, ки ӯро аз ғарқ шудан наҷот медиҳад. Ва фикр кард: онҳо ба зиёрати қабри Сайид мерафтанд, аммо маълум мешавад, ки ба сӯи худ равонаанд.

Гумони шоир рост баромад. Вай пирашро гум карда бошад ҳам, дар роҳ дӯст пайдо кард, ки то рӯзи марг ба ӯ содиқ хоҳад буд. Ва дар шахси ӯ пайравони бешуморе аз бародарони ахӣ хоҳад ёфт. Лекин барои ин роҳи дарозеро паймудан лозим.

Валиаҳди Қайсария Шамсиддин соҳиб шахсан дар маросими дафни Сайид иштирок намуда, назорат мекард ва расмияти беҳударо, ки Сайид муқобили он буд, сарфи назар карда, шайхро бо камоли эҳтиром, ки сазовор буд, ба хок супоранд.

Ҷалолиддин ба валиаҳд, ки дар рӯзҳои охирини умри Сайид ба ӯ ғамхорӣ зоҳир карда буд, китобе чанд ба ёдгор гузошта, боқимондаашро бо худ гирифт ва ҳамроҳи Салоҳиддин ба Қуния баргашт.

Марги Сайидбурҳониддин такони сахте шуд ба Ҷалолиддин. Он қалъае, ки аз ранҷи фаровон дар роҳи тариқат бунёд карда буд ва аз ягон зилзила газанд намеёфт, дар они воҳид ба хоки сиёҳ яксон гашт. Деворҳои осоиши дил фурӯ рехтанд: маълум мешавад, ки дили ӯ оромиро намепазирад.

Сайид борҳо гуфта буд: Ман девонаавзоъам. Аммо ту дар хотир дор, ки ислом муҷаррадиро намепазирад.

Барои андаке тасалло ёфтан ва хоҳиши пирро ба ҷо овардан зан гирифт. Кирахотун, беваи тоҷир Муҳаммадро хуш кард, бо як коса об никоҳ карда ӯро ба хона овард ва фарзанди панҷсолааш Яҳёро писар хонд.

Кирахотуни хушрӯю хушахлоқ Мавлоноро иззату икром

мекард, ҳалолии хонааш буд. Ду фарзанд – писар ва духтар таваллуд кард.

Аммо Ҷалолиддин аз ин издивоҷ айёмеро, ки бо Гавҳар дар Лоранда дида буд, ҳис накард. Зани нав ботини ӯро фаҳмида наметавонист, чунки ӯ басо дур рафта буд. Ҷалолиддин шабҳои дарозро дар пеши шамъи чени қади одам ба хондани мулоқотҳои падар ва насиҳатҳои Сайид рӯз мекард. Рӯзона ба мутоилаи девони Саноӣ ва Аттор, ашъори шоири араб Мутаннабӣ, ки «умри одам, фонӣ, ба кору бори ҷузъӣ машғул нашавед» гуфтанҳоро масхара мекард, машғул мешуд. Вале на бехобиҳо, на риёзат, на никох ва на китоб андӯҳро дар дили ӯ хомӯш карда наметавонист.

Фақат вақте ки аввал садҳо, баъд ҳазорҳо одам ба масҷиди ҷомеъ меомаданд, ваъз гӯш мекарданд, вақте ки хонакоҳ ба муридон ва шогирдон тангӣ кард, банохост пай бурд, ки мардум андӯҳи қалби ӯро пазируфтаанд ва фаҳмид, ки солҳое, ки ӯ бо худ машғул буда ва воқеаҳое, ки дар беруни хонакоҳ рӯй дод, ба дили раияти мамлакати салчуқ ҳисси навмедиро илқо кардааст.

Султон Алоуддини Кайқубоди аввал кайҳо дунёро падруд гуфтааст. Ҳама медонистанд, ки ӯро писараш Ғиёсуддин заҳр дода куштааст, лекин инро links мармуз мегуфтанд. Тарс ҳамчун абри заҳрогин шаҳрро печонда буд, вазир Кобак, ки султони нав барои ӯ бозичае буд, бо ҷаҳди фавқулодда муқаррабон ва навкарони султон Алоуддин ва умуман ҳар касеро, ки душману хавфнок мепиндошт, бо ҳар васила саркӯб менамуд. Баъзеро дар кӯшкҳояшон зинда сӯхтанд, бархеро мунофиқона бар базмҳо таклиф карда куштанд, дигаронро ба хоинӣ муттаҳам карда сар заданд. Султони нав машғули айшу нӯш, шикор ва канизакон буду Кобак бо ҳамдастони худ бешармона молу мулки кушташудагонро ғасб мекард, аз туҷҷор андоз мегундошт ва ҳунармандонро ба танг меовард.

Мардумро дар кӯча ва бозор дастгир мекарданд, бо иғвои хабарчинҳо аз хонаашон рост ба сари кундаи ҷаллод

меоварданд. Уламое ёфт мешуданд, ки бо фатво ҳар гуна бетартибии Кобакро раво мешумурданд. Ва бенасиб намемонданд.

Пас аз ду соли марги Сайид гӯё ҳамчун сазои бешарафӣ ва бадкирдориҳо дар кишвари куффор ҳодисае рӯй дод, ки аҳолии Қуния солҳо бо тарсу ларз интизораш буданд.

Сипоҳи сиҳазораи муғул бо сарбозони зархариди гурҷӣ ва арманӣ бори аввал ба марзи давлати салҷуқиён ҳамла оварда, шаҳри Эрзурумро ишғол карданд ва қатли ом гузаронданд.

Султон Алоуддини Кайқубод дар тӯли ҳукмронии худ барои ин соат тайёрӣ медид: вай ба писари падаркушаш қалъаҳои мустаҳкам, сипоҳӣ чандҳазораи мусаллаҳи даҳсолаҳо мағлубият надидаро, ки Чинғизхон аз он меҳаросид, мерос гузошта буд.

Сипоҳи ҳафтодҳазораи султон дар наздикии Сивос роҳи душманро баст. Сипаҳсолорон ба султони ҷавон Ғиёсуддин маслиҳат доданд, ки дар бағали кӯҳҳо ҷойгир шуда, душманро ба дом бигиранд ва аз ҳама муҳим ба неруи асосии адув – саворагон роҳ надиҳанд. Аммо ’иёсуддин напазируфт. Ашхоси бо кӯмаки Кобак ба дарбор роҳ ёфта аз улуми ҳарбия хабаре надоштанд, лекин ниятҳои ниҳонии султонро ба хубӣ мефаҳмиданд: медонистанд, ки ӯ на танҳо айшу нӯш, балки шӯҳрати ҷангӣ пайдо карданро низ дӯст медошт. Онҳо ба султон чизҳоеро пешниҳод мекарданд, ки дили ӯ мехост. Гӯё ба султони ислом мисли курдон дар кӯҳҳо дом гузоштану муғулро интизор шудан намезебида бошад. Душманро дар майдон торумор сохтан даркор аст, талқин мекарданд онҳо.

Хушомадгӯёне, ки султони золимро иҳота карда буданд, гапи худро гузаронданд. Тақдири давлати салҷуқиён ҳал шуд.

Бисту шашуми июли соли 1243 дар водии Косадоғ ду лашкар ҳарб карданд. Зери ливои сиёҳ салҷуқиёни аббосӣ, зери ливои сурх муғул.

Муғул анъанаи ҳарбии худро риоят карда, дар маймана сарбозони зархарид – паҳлавонони гурҷӣ ва арманиро гузошт. Салчуқиён низ чунин фавҷҳо доштанд. Ба гурҷиён Дарлан Шарванидзе ва ба арманиҳо шоҳзода Ван сардорӣ мекарданд. Аммо паҳлавони гурҷӣ, ки нахуст ба ҷанг даромад, кушта шуд ва сарбозонаш парешон гаштанд.

Чи тавре ки хоси ашхоси тарсу аст, худписандии султон Ғиёсуддин дар як он ба ҳарос табдил ёфт. Парешонии сафҳои аввали сипоҳро мағлубият пиндошта, дар либоси аскари оддӣ ба Тоқат фирор намуд.

Сипоҳиёнро даҳшат зер кард ва рӯ ба гурез ниҳоданд. Муғул аз дунболи гурезагон ба мақарри онҳо дохил шуда, нозу неъмати фаровон – силоҳ, гилемҳои мунаққаш ва шатраҳои гаронбаҳоро ганимат гирифтанд. Хаймаи султон бо ҳашамати хоссае ороста буд. Дар дари хайма рамзи ҳокимият ва тавоноӣ – шер, бабр ва палангро баста буданд. Агар дили султон чун дили харгӯш бошад, аз он нишонаҳо чӣ суд?

Ба ҳар ҳол муғул аз камин гирифтану дом гузоштани атрок тарсида, се рӯз пеш ҳаракат накарданд. Қозӣ Наҷмиддин, шахси бадавлат, ки дар паҳлуи қалъаи Сивос мезист, замоне дар Хоразм аз муғулҳо пайдза – лавҳаи тиллоӣ гирифта буд, ҳоло онҳоро бо пешкашу тӯҳфаҳои зиёд пешвоз гирифт. Пайдза ва пешкаш дили нойони муғулро нарм кард. Аҳолиро амон дода, се рӯз шаҳрро ғорат карданд.

Дар давоми тохти чорякасра муғул фаҳмида буд, ки ба дили мардум тарсро ҷой кардан кифоя аст, ки таслим шаванд. Аммо Қайсария – Дорул – Фатҳ таслим нашуд. Ва тақдираш ҳам дигар хел ҳал шуд. Мардонро сар бурида, занону кӯдакон ва ҳунармандонро ғулом гардонданд.

Муғул дар се моҳ салчуқиёнро торумор карда ба қароргоҳи зимистонии худ, ба Қафқоз баргаштанд. Дар сартосари мамлакати салчуқиён ливои хунолуди муғул барафрошта буд.

Шаҳрҳоро валангор намуда, ҳунармандонро ба Осиёи Миёна бурданд. Ба аҳолии боқимонда андози зиёд муқаррар карданд. Боғистону токистонҳо бенигоҳубин монданд. Дар мамлакати як вақтҳо серу пур гуруснагӣ ҳукмрон гашт.

Понздаҳ соли дигар лозим буд, ки истилогарон худро хоҷаи ин сарзамин шуморанд ва Ҷалолиддин дар тори тали Қазонварон истода осудагии мардуми Қунияро башорат диҳад.

Он сол, пас аз тохти нахустини муғул мардуми аз гуруснагӣ варамкарда ба ғарб, ба Рум фирор карданд, — Роҳҳо аз собиқ хоразмиён ва хуросониён пур буд. Ғанои туркон – зар, нуқра, матоъ ва ҷавоҳирот ройгон ба кисаи румиён медаромад. Як каф гандумро ба нархи гарон мехариданд.

Давраи пурошӯб фаро расид. Барои муқобилияти ояндаро барҳам додан, муғул мамлакатро пора – пора карда, байни ҳокимони маҳал иғво меандохтанд. Дар Қуния дар як вақт се султон – писарони ноболиғи Ғиёсуддин ҳукмронӣ мекарданд ва ҳамаашон мутеъи мугул буданд. Дастаи роҳзанони туркман худро писари султон Алоуддин эълон карда атрофи шаҳрро ғорат мекарданд.

Додрас ва паноҳгоҳ набуд.

Мардуми бечора чун ҳарвақта рӯ ба ниёз овард. Онҳо на аз уламо, бал аз шайхони сӯфӣ таскин меҷустанд. Уламо ва фақеҳон ҳам дар салтанати султон ва ҳам дар давраи ҳукмронии муғул серу пур мезистанд, сӯфиён чӣ будани гуруснагиро медонистанд. Солҳои пурошӯб онҳо мардумро ба дӯстӣ даъват мекарданд, мекӯшиданд, ки ҳаётро ҳеҷ набошад, муносибатҳои одамиро барқарор намоянд.

Ҳадафи сӯфиён мардумро ба олами дигар мебурд. Онҳо ғаное доштанд, ки касе рабуда наметавонист.

Ҷалолиддин махсусан дар ҳамин солҳо яке аз шайхони маъруф ва воизони машҳур шуд.

Ақлаш ҳама чизро фаро гирифта буд, аммо ба ҳаяҷони қалбӣ коре карда наметавонист.

Вай хешро, мардумро шинохт, лекин қонеъ набуд.

Ориф мушобеҳи парандаест, ки ба суроғи хӯрдание баромада, онро пайдо накардааст ва дар бозгашт лонаашро низ наёфтааст. Ва ошуфтагиаш аз ҳамин ҷиҳат аст.

Аксар зоҳиди роҳи Димишқ ба хотираш мерасид ва дилаш аз андӯҳ лабрез мегашт. Садои дафро намешунид. Ва то он рӯзе, ки офтоб аз Табрез ба Қуния тулӯъ кард, то рӯзе, ки Сайиди Сирдон башорат дод: «анқариб дӯст пайдо хоҳӣ кард», нашунид. Бале вай ба ин рӯз мисли чароғи пилтаяш равғанзада, ки баробари гӯгирд задан фурӯзон мешавад, омода буд. Ва он рӯз фурӯзон шуд, ки дигар хомӯш нагардад.

Он рӯз он мулоқот ӯро ба ин мартаба расонд. Агар он рӯз намерасид, вай кӣ буд? Яке аз ҳазорон, даҳҳо ҳазор шайх амсоли Султонулуламо, хирадманд, савдоӣ, олиму ҷоҳил, ошуфтаю ботамкин дар олами мусулмонон.

Дар он рӯз ӯ ваъз, ибодату риёзат ва илмро тарк кард. Ҳамаро тарк кард, ба ҷуз муҳаббат ба одамон.

*Дар даст ҳамеша Мусҳафам буд,*
*Аз ишқ гирифтаам чағона.*
*Андар даҳоне, ки буд тасбеҳ,*
*Шеър асту дубайтиву тарона.*

Ҷалолиддин бархост. Гӯё биступанҷ сол нагузашта бошад. Он рӯз бо тамоми ҷузъиёт пеши назараш омад.

Бо овози ҷарангосӣ хидматгорро фарёд кард:

— Ҳисомуддини Чалабиро биёвар!

Ӯ барои ба шарафи офтоби ишқ ба итмом расонидани китоби самараи умраш омода буд. Ҳангоме ки Ҳисомиддини «котиби асрор» ва хидматгор аз масҷиди Синҷорӣ бармегаштанд, шаҳрро пардаи торикӣ фаро гирифта, қурси моҳи ғура оҳиста – оҳиста баланд мешуд.

Ҳисомиддин вориди масҷид шуда, ба ҷои салом нидои Ҷалолиддинро шунид:

— Эй Ҳисомиддини ҳаётбахш! Чӣ муддате ту дар орзуи оғози дафтари шашум ҳастӣ?...

Иншои ҷилди хотимаи «Маснавӣ» сар шуд.

# БОБИ V

# МУЛОҚОТ

***Оваҳ, басо мурдагоне дар рӯи замин ҳастанд, ки мо эшонро зиндаашон мешуморем ва басо зиндагоне дар батни замин, ки мурдаашон мехонем.***

Абулҳасан ал Ҳароқонӣ

## МАРДИ РОҲ

Биступанҷуми моҳи ҷумодиюлохири соли 642 ҳиҷрӣ, мувофиқ ба биступанҷуми ноябри соли 1244, мусофире савори маркабе хокистарӣ байни Қайсария ва Қуния роҳ мепаймуд. Савора ба ҳавои қадампартоии маркаб алвонҷ хӯрда, водиро назоракунон сайр мекард. Офтоби тирамоҳ мӯътадил буд.

Аз ҳар шаҳри мамлакати салчуқ мегузашт, ҷуз хароба чизе намедид. Канори роҳҳои беодам пур аз устухон буда, зоғҳои фарбеҳ аз дидани мусофири танҳо наҳаросида, дилу бедилон худро ба заминҳои нокишта мегирифтанд. Дар фазо чӯҷабарак ва каргасҳо давр мезаданд. Аҳён – аҳён дар иҳотаи камонварон қосиди чашмтанги хон, ки кокули дарозе дошт, мегузашт. Худо гувоҳ, аз куҷо сирри махфӣ меовард, шояд аз Пекин, ё аз даштҳои Қароқум, аз Мароғаи қадим, ё аз шаҳрҳои дар ҷангалзор воқеъи Русия?

Боми корвонсаройҳо фурӯ рехта, шабонгоҳ аз кӯҳҳо муттасил уллоси гургон ба гӯш мерасид, ки гӯё зафари муғулонро табрик мегуфтанд.

Мусофир соле чанд дар Эрзурум зиста, ба бачаҳо хату савод омӯхт, вале шиносеро дучор наомада буд. Сояҳои логару ҳаросон байни харобаҳо ҷунбуҷӯл мекарданд, шомгоҳ аз шатраҳои майдони шаҳр сурудхонии уллоси гургмонанди сипоҳиёни муғул шунида мешуд.

Агар ихвоннусафо, маслиҳат ва фотиҳаи онҳо намебуд, дар ин водӣ расидани мусофир гумон буд. Ахӣ аз худи Табрез то ин ҷо ӯро даст ба даст мегузаронданд.

Дар атрофи Қуния, ҳарчанд ҷо-ҷо дарахтҳоро буридаву мазраъҳоро поймол карда бошанд ҳам, боғчаҳои серҳосил ба чашм бармехӯрданд. Деҳқонон лоғар, вале устувор чун пештара полезҳоро нигоҳубин мекарданд, ҷав мекӯфтанд ва мавиз меғундоштанд.Дар талу ёлаҳо рамаҳои бешумори гӯсфандон мечариданд. Роҳҳо аз равуои ҳайвоноти ёбу сумхӯрда шуда буд.

Баъди зӯҳр аввал манораҳо, сипас бораи Қуния намудор шуд. Гунбазҳои мармарие, ки шеру фариштаҳо нақшу нигор шуда, ба чашм мехӯрд. Осмони мусаффо дар оби хандақҳои атрофи қалъа мунъакис буд. Ва пулҳои занҷирбанди болои хандақҳо аз ҳаводис осеб надида, чун ҳамеша устувор буданд. Кадом қувва шаҳрро аз тӯфони хунбори мамлакатро фарогирифта эмин гардонида бошад?

Мусофир дар сояи чанори куҳансоле маркабро нигоҳ дошт. Мехост пеш аз вуруд ба шаҳр либосашро ба тартиб ва афкорашро ҷамъ биёварад. Анбони ба зини хар бастаро кушода, бӯрёро гирифтанӣ буд, ки чашмаш ба деҳқоне афтод. Деҳқон аз нӯхтаи хари мисли хари ӯ пастак дошта меомад. Пояҳои хӯрҷин ба замин мерасид. Мусофир нигоҳашро аз ӯканда, дар полизи он тарафи чанорзор хирмани тарбузҳои алоро дид ва сари харро ба ҳамон тараф гардонд.

Деҳқон садои наълро шунида, ҳаросон ба қафо нигарист

ва ба ношинос чашм дӯхт. Роҳгузар фӯтаи сурх дар миён баста, чеҳраи гандумгун, андоми лоғар ва дар рухсораи росташ холи калон дошт.

— Тарбузе бифурӯш, — наздик шуда гуфт мусофир.

Деҳқон ба ҷои ҷавоб ду дона тарбузи азимро ҷудо карда бо дастонаш баркашид, ду-се бор кафи даст зад ва аз санҷиши хеш қаноъатманд ба мусофир дароз кард. Ҳамчун бандаи мӯъмин аз меҳмон, ки аз роҳи дур омадааст, пул гирифтанро раво надонист.

Мусофир миннатдорӣ изҳор карду харро ба чанор баст ва бӯрёро дар соя паҳн карда, аз анбон пони ҷав, кӯзача ва качкорди яманиро баровард.

— Тарбуз гарм! Ба оби чоҳ гузоштан даркор! – шунид аз пас. Деҳқон тарбузҳоро ба почаи хӯрҷин ҷой карда, ҳаракатҳои ӯро пинҳонӣ назорат мекард. – Фақат чӣ тавр ба об андозем? Сатил чаппа мешавад, — суханашро идома дод деҳқон.

— Осон! – посух дод мусофир ва аз халта ресмони дарозе баровардa чолокона тарбузҳоро тӯрбофӣ намуд ва аз нӯки дигар ресмон дошта онҳоро бардошту ба деҳқон дод.

— Офарин! – аз таъриф худдорӣ карда натавонист деҳқон.

Мусофир хомӯш буд. То хунук шудани тарбузҳо ба тани чинор такя дода нишасту чашмонашро пӯшид, аён буд, ки хаста шудааст.

Чиҳил ё панҷоҳсола буданашро муайян кардан душвор буд. Чеҳраи гандумгуну риши тор – тор дошт. Хилъати рангаи бухорӣ ба бадани офтобхӯрдааш шинам афтода буд. Мӯкиаш аз чарми хом, даври каллапӯши гирдаш саллаи кӯтоҳе печондааст. Аз рӯи либос бозаргони миёнаҳолро мемонд. Лекин нигоҳаш нигоҳи туҷҷор барин набуд. Ғайр аз ин ҳангоми ресмонро аз анбон берун овардани мусофир чашми деҳқон ба асою кулоҳи даруни хӯрҷин афтид. Шояд дарвеш аст?

Не, дастонаш заҳматдида, ба дарвеш монанд нест: нохунҳо ғафсу паҳн. Тарбузҳоро чолокона тӯрбофӣ намуд!... Ҳоло дар роҳҳо ҳар гуна одамро дучор меой!

Мусофир чашмонашро пӯшида менишаст. Симоҳои гуногун дар лавҳи хотираш ҷилвагар мешуданд: серриш, айёр, ҷоҳил, содадил, кундзеҳн. Кӯчаҳои шаҳрҳо, қасрҳо ва хонаҳои вайрона, роҳҳо, - хаста шудааст аз афташ. Ҳарчанд зарур буд, саъй наменамуд, ки афкорашро ба маҷрои муайяне даровадрад. Хуб медонист, ки дар чунин ҳолат сухани лозимӣ, симои лозимӣ худ рӯ мезанад. Борҳо итминон ҳосил кардааст, ки рӯҳи инсон мисли аспи саворист, агар тарбияи хуб бинад, ба манзил мерасонад.

Кӯчаҳои Табрез пеши назараш омад. Он Табрези хон Хулагу тасарруф карда андар он қароргоҳ сохта не, бал Табрези айёми кӯдакиаш, Табрези пурсуруру пурғавғо. Падари сабадбофашро, ки соли вабо бо модараш дар як вақт вафот карда буд, баръало дид.

Инак , ӯ ҳафтсола, бо падараш дар лаби кӯл нишаста аст. Ба ҷои эзор энтори – куртаи барқад дар танаш, ки ҷароҳати нав озор наёбад. Парерӯз ӯро хатна карда буданд. Оҳу воҳ нагуфта тоқат кард ва ҳоло мағрурона худро мард ҳисобида паҳлӯи падараш нишастааст.

Дар кӯл ҷӯҷаҳои мурғобӣ шино мекунанд, мокиёни бечора лаб – лаби соҳил дар давуғеҷ, бол меафшонад, ҷеғ мезанад...

Инак, он рӯъё падидор шуд. Мусофир дар мӯю ришаш сафедӣ даромада бошад ҳам, умре худро ҷӯҷаи зери боли мокиён ҳис мекард. Падараш, ки ҳаёт бахшидааст ва шайх Абубакр, ки ӯро бо роҳи маърифат бурдааст. Дар соҳили дур монданд. Абӯбакр ҳам бо сабадбофӣ рӯз мегузаронид. Лекин ӯ устои оддӣ набуда, солории бародарони ҳунарманди ахиро ба ӯҳда дошт, Шайх Абӯбакр ӯро чизи бисёре, чизе ки худ медонист ва бар замми он дигар чизҳоро аз рӯи анъана омӯзонд. Аз ҷумла ахлоқи хамида, моҳияти дунё ва адолат,

накӯкорӣ ва ҳақиқат. Сабадбофиро, ки ҳоло деҳқони сода дар ҳайрат монд, низ аз ӯ омӯхтааст.

Аммо дар ботини ӯ чизе буд, ки Абӯбакр намедид ва намефаҳмид. На танҳо Абӯбакр? Касе то ҳол оташи дар ниҳоди ӯ бударо пайхас накардааст, афкори ӯро ба тамом нафаҳмидааст. Кабке буд дар миёни зоғу заған уфтода.

Бо ҳамин минвол ӯ шайх Абӯбакр ва Табрезро тарк кард, ки муршиде, дӯсте биёбад, то ӯро бифаҳмад. Роҳи дуру дарозеро паймуд, бо уламо ва шайхони бисёре сӯҳбат орост. Ва ҳеҷ кас ба суолҳои ӯ ҷавоб нагуфт, рӯҳи исёнпарасти ӯро идрок накард, ба ҳарорати суханонаш тоб наовард,. Ҳатто дониши Ибни ал Арабии хирадманд, ки мусофир аз сӯҳбатҳои ӯ баҳраи зиёде бардоштааст, маҳдуд буд. Аз доираи дониш ва фаҳмиши худ набаромад. Агар илм аз восила ба матлаб табдил ёбад, пардае дар роҳи ҳақ мегардад. Вақте ин нуктаро ба Ибн ал Арабӣ арз намуд, вай сарашро хам кард:

— Суханонат таъсири тозиёна дорад, писарам!

Дар Бағдод аз шайхи маъруф Авҳаддидини Кирмонӣ суол кард:

— Чи амале дорӣ?

— Ман дар тағорае, ки об дорад, моҳ мебинам!

Тарзи ифодаи афкори орифон ба мусофир шинос буд. Шайх мегуфт: ҷамоли ҳақро, ҷамоли ваҳдатро дар ҳар қатраи об, дар ҳар зарраи хок мебинам, инъикоси ҷамолро...

— Агар дар гарданат захм набаромада бошад, — гуфт мусофир, — Саратро боло куну ба осмон нигар. Магар моҳро намебинӣ?

Агар ал-Арабӣ ӯро нафаҳмад, агар Кирмонӣ ба гуфтораш тоб наёрад, пас аз дигарон чӣ ҷои гила?! Эҳтимол, дар дунё каси дигаре ҳаст, ки ӯро мефаҳмад ва оинаи ботини ӯ мешавад. Шояд, дар ҳамин шаҳр, ки деворҳояш то тохти муғул чи хеле буданд, ҳамон тавр боқиянд. Хилофи ақл аст, ки дунё холӣ бошад. То кай ӯ сарсон мегардад ва мисли чӯҷаи аз мокиён ҷудошуда шабеҳи худ мекобад? Дар он сурат ҳақиқате, ки

қалби ӯро ба туғён овардааст, аз ҷаҳониён пинҳон хоҳад монд...

— Марҳамат!

Дар болои сараш деҳқон, ки ӯро фаромӯш сохта буд, меистод.

Аз тарбузҳои дасташ об мечакид.

— Бародар, бо ман чизе бихӯр! – таклиф кард мусофир ба нони ҷав ва ибрик ишора карда.

Деҳқон зуд аз канори бӯрё нишаст. Як пояшро ба зер гирифта, зонуи пои дигарашро пеш баровард ва бо дасташ ба он, ҳамчун ба миз такя зад. Пораи нонро боэҳтиёт ба даст гирифта, мунтазири нон ба даҳон бурдани мусофир шуд. Баъд, хиҷолатмандона ва боҳавсала нонро хойид.

Деҳқон пеш аз ӯ хӯрданро сар накард ва луқмаро аввал бо ҷоғи рост хоид, мусофир узви ихвонуссафо буданашро пай бурд. Мусофир тарбузро чолокона кушт, ду тақсим кард ва баъд карч намуда, рӯи бӯрё гузошт. Деҳқон аз паҳлӯи росташ кордро кашид,теғашро ба шалвораш пок кард ва тарбузро бурида – бурида ба даҳон мегузошту бо нон мехӯрд.

Хомӯшона тановул мекарданд. Деҳқон таомулро ба ҷо оварда пурсид:

— Аз афташ хоҷа аз роҳи дур меоянд. Чи гапест дар дунё?

— Дар дунё сабру бардошт намонд. – Ҷавоб дод мусофир. Магар дар олами шумо инчунин нест? – бо дасташ сӯи водӣ ишора кард.

— Ду сол паи ҳам гуруснагӣ омад, — изҳор кард деҳқон аз рӯи одоб ба меҳмон нигариста. – Дар деҳаи Камил дувоздаҳ нафар зинда мондаанд, дигарон фавтидаанд. Шукр Худойро, ки имсол хуб аст.

— Худо меҳрубон, мардумон кӯрнамак!

Деҳқон аз шеваи ҳамсӯҳбаташ бовар ҳосил кард, ки ӯ сӯфии либосивазкарда аст, чунки эшон маъқул ҳарф мезананд ва бо ҳамон оҳанг давом дод:

— Бале, кӯранд, лек на ҳама. Дар Қуния шуюх ва

зохидони бешумори худшинос ҳастанд!

Шуюх! Нахустин бор мусофир заҳрханд кард. Вай шайхони бисёреро дидааст, мисли реги биёбон. Чун мунодиёни бозор ҷор мезананд: «Аз паси ман оед, мӯйсару ришро тарошед ва аз дасти ман хирқаи порсоиро бигиред1» Ҷумла ҷӯёи шӯҳрат ва манфиати хешанд! Зоҳидон! Парвои дунё надоранд. Фақат ғами худ ва ғами тозагии худро мехӯранд. Аз тақводории хеш меғурранд. Иллати гаронест тақвои тақводор!

— Шайхону сӯфиён роҳзанони мазҳабанд! – тунд шуд мусофир, - Ҷуръае май бихӯр!

Деҳқон табассумкунон бо мушт биниашро молид. Чунин суханҳо бар ҳаққи шайхон! Дарвеши аҷоибе! Боз май муроот мекунад...

Наход сарбози ахӣ бошад? Онҳо ҳам май менӯшанду сӯфиёнро чашми дидан надоранд. Дар он сурат чаро сари зону нишаста намехӯрад, луқмаро бо ҷоғи рост намехояд?

— Намедонам.. Лекин Салоҳиддини Заркӯби мо шайхи тақводор аст. Аз вай одами хуберо надидаам. Агар ӯ намебуд, ман аз гуруснагӣ ҷон медодам. Мо ҳамдеҳаем...

Салоҳиддини Заркӯб, эҳтимол шайхи ахист. Эҳ, дӯстам, дӯстам! Шайхҳо ва дарвешон фақат зоҳирро мебинанду ба ботин корашон нест. Ҳатто ихвонуссафо, ки тарки дунё накардаанду андар он зиндагӣ мекунанд, худро аз мардум канора нагирифта якҷоя бо онҳо заҳмат мекашанд, бародарони ахӣ,пуштибони ягонаи ҳунармандон аз аъёну ашроф ва ҳомии онҳо, муғулҳо, анъана, китоб муқаддасот ва урфу одатро ба матлаб табдил дода, ҷамъияти худро ба пардае монанд карданд, ки ҳақиқатро аз онҳо мепӯшонад. Аз ҳамин ҷиҳат ӯ аз онҳо ҷудо шуд.

— Писари Султонулуламо мавлоно Ҷалолиддин низ шайхи ҳақдон аст, - пас аз хомӯшӣ илова намуд кишоварз.

Дили мусофир ба тапиш даромад. Барои ҳаяҷони худро ошкор насохтан, ибриқро дар дасташ тоб дода ба болои сар бардошт.

— Ту онҳоро беҳтар медонӣ! Мо аз ин оби замзам меошомем, филфавр табъамон ба ҷо меояд. Ба мо хун, оби тарбуз ва мусаллас яксон аст!

Вай сарашро поин андохт.

Деҳқон умулхабоисро обвор ҷуръа – ҷуръа нӯшидани мусофирро нигариста, банохост ба қароре омад, ки ӯ на базоргон, на сӯфӣ ва на ахӣ, балки муриди аз қатл амонёфтаи Бобо Исҳоқ аст.

Панҷ сол қалб аз ҳуҷуми муғул Бобо Исҳоқ, деҳқонзодаи тақводор худро расулуллоҳ эълон карда, алайҳи султони падаркуш исён бардошт. Ба аъёну ашроф ва мамлакат шикасти зиёде овард. ҳарчанд мунодиён дар кӯчаву бозор мегуфтанд, ки Бобо Исҳоқи муртад ва бидъаткорро дар қалъаи Амас ба дор кашидаанд, касе бовар намекард. Охир, пайғамбари Худо намирандааст!

Фикри дигаре низ деҳқонро ором намегузошт. Нафрати мусофир нисбат ба шайхон ва хуну май рамз аст. Ҳамсӯҳбати ӯ хабарчини туркманҳост, ки дар атрофи пойтахт роҳзанӣ мекунанд ва даъво доранд: «Султони асил, писари Алоуддини Кайқубод бо мост!»

Деҳқон аз фаросати худ ба ваҷд омад, гунаҳояш сурх шуданд. Даст сӯи қумқума бурд.

— Касе ки бо мост, дар ғанимат саҳмдор аст!

Ин гуфтаҳо рамзи шӯришгарони Бобо Исҳоқ буд ва бо ин суханон онҳо шаҳрҳои Малат, Сивос, Тоқат, Амасро забт карда, сипоҳи Ғиёсуддинро торумор сохтанд ва парчамашро ба даст оварданд. Агар султон, чи хеле ки ҳоло бо муғулҳост, он вақт бо фарангиҳо муттаҳид намешуд, зинда монданаш дар гумон буд. Сипоҳи танхохон низ аз деҳқалонон иборат буд ва онҳо бо Бобо Исҳоқ як шуданд. Дар муҳорибаи назди Қиршаҳр, ки занон бо мардон паҳлу ба паҳлу меҷангиданд, Ғиёсуддин бо кӯмаки фарангиёни зархарид ғолиб омад, деҳқононро, ба истиснои кӯдакон, якояк сар бориданд. Панҷяки моликияташонро, гӯё онҳо кофир бошанд, ба хазина

супориданду боқимондаашро бо занон байни сарбозон қисмат карданд.

Ҳамон вақт ахӣ ба ёрии деҳқонон наштофтанд. Ва хато карданд. Ҳоло бошад, ҳарчи зудтар шайхро огоҳ кардан лозим аст. Агар деҳқонони Бобо Исҳоқ ва султони асил (на оне ки мулкро ба бегонагон фурӯхтааст) ва бародарони ахӣ ҳамдаст шаванд, ҷанги муғул ба ҳаво мебарояд.

Мусофир, гӯё чизе нашуда бошад, қумқумаро ба деҳқон дод. Деҳқони сода яқин ӯро хуфияи роҳзанон ва ё фиристодаи махфии ягон дастаи деҳқонон пиндошт. Мусофир, аслан, фиристодаи дили худ буд.

Ва ҳини майнӯшӣ мусофир дид, ки деҳқон аз май лабаш каҷ шуд, аз афташ мусалласи хурмо ба деҳқони хӯ нагирифта зӯрӣ менамуд, ки илова кард:

— Ғанимати инсони комил дили ӯст. Ва дар ин ғанимат шарик нахоҳад буд, билкулл моли худаш аст.

Вай бархост. Маълум буд, ки сӯҳбатро давом додан намехоҳад. Бурёро ғундошта дар оби чоҳ либосашро тоза кард. Дасту рӯяшро об гардонд. Ва аз деҳқон корвонсаройҳоро пурсида, ба истиқболи тақдири худ, ҷониби дарвозаи Ҳалқабагӯш равон шуд.

## МАРҶАЛБАҲРАЙН

Мусофир вақте аз хоб бедор шуд, нурҳои хуршед аз равзанаи сақф ҳуҷраи ӯро дар корвонсарои Биринҷфурӯшон равшан сохта буд. Аз ҳавлӣ шалаппоси об, шарфаи кафшҳои чӯбӣ ва овози саррофон ба гӯш мерасид. Ҳарчанд рӯзи шанбе, огози ҳафта буд, корвонсарой ором, нисфи ҳуҷраҳо холӣ, меҳмонҳо башумор буданд.

Вай кайҳо дар хонақоҳҳои дарвешон ва мадрасаҳо манзил намегирифт. Дар хонақоҳ тартиботи шайхро риоят кардан, дар маҷлисҳо иштирок намудан лозим меомад. Вай озодии

хешро маҳдуд кардан намехост, ғайр аз он ба ягон равияи сӯфия мансуб набуд.

Дар мадрасаҳо савол медоданд, ба баҳс мекашиданд. Вай намехост ва наметавонист ба ҳар суол ҷавоби китобӣ диҳад. Мабодо ақидаашро изҳор кунад, яқин бидъат мешуморанд. Аз таҷриба медонист. Шаҳрҳои бешумори мусулмониро дид, вале дар ҳеҷ яке муддати мадиде наистод. Беҳуда ӯро Паранда наменоманд.

Дар хонақоҳ ва мадрасаҳо шинохтанашон аниқ буд ва ӯ аз ин хушаш намеомад. Ҳуриятро аз даст додан намехост. Аз шӯҳрат, анъана ва қоидаҳо, аз гуфтори пуч ва баҳсҳои саргиҷкунанда худро канора мегирифт. Вай аз аҳли сафар буд ва мусофиронро манзил корвонсарост.

Нишасту ришашро шона зад, фӯтаро ба миён баст. Бурёро, ки дастурхону ҳам ҷойхоб буд, ғундошт. Аз анбон хилъати димишқиро бароварда ба бар кард.

Даст ба анбон бурда, дар паҳлӯи қуббаи нуқракӯби асо, ки номи Худо сабт буд, кулоҳ ва дар дохили он мактуби шайхи ахиро аз Табрез, ки ба номи солори ахии Қуния навишта шудааст, палмосид. Ӯ фақат дар лаҳзаҳои зарурӣ ба ахӣ муроҷиат мекард.

Чун итминон ҳосил кард, ки ҳама чиз дар ҷояш аст, аз ҷайб алоии тилло ва дирҳамеро бароварда ба камарбанд хаст. Ресмони дарози аз риштаҳои заррин ва нуқрафом бофтаро ба даст гирифта, рӯи ҳавлӣ баромад. Дар оби фаввора таҳорат кард. Сипас ҷониби ҳуҷраи соҳиби корвонсарой равон шуд, то қулфе харида дари ҳуҷраро бубандад. Соҳиби корвонсарой хилъати гаронбаҳои димишқиро дида, аз сандуқ қулфҳои устоҳои Ҳалаб, Генуа, Арманистон, Гурҷистон, Самарқанд ва Бухороро баровард.

Мусофир қулфи семадангаи мушкилкушоро интихоб карда, тангаи тиллоро рӯи пештахта ҳаво дод ва ба боқимондаи пул бӯрё пурсид. Калидро ба ресмон баста ба гардан овехт.

Акнун байни ӯ ва бозаргони шомӣ фарқе набуд. Кӣ мегуфт, ки дар ҳуҷраи зоҳидонаи ӯ фақат анбон, кашкул, Қуръон, бӯрё ва хилъат асту халос?!

Назди дарвоза саррофон нишаста буданд. Онҳо ҳамеша омода буданд окчаи султониро бо мангири мис, динори тилло, юсуфи ҳалабӣ ё мисрӣ, флоринаи генуагӣ, дукати румӣ ва дирҳами нуқра иваз бикунанд.

Саррофони судхӯр миёнараву ҷаллоб ҳам буданд. Аз онҳо бо суд қарз гирифтан мумкин буд. Ба ҷои пул чармпораеро бо катибаи номафҳум, ки танҳо ҳамкасбонашон хонда метавонистад, медоданд. Бо ин пораи чарм аз саррофони Қоҳира, Бухоро, Дарбанд ва ё Генуя ҳамон миқдор пулро гирифтан мумкин буд.

Мусофир дирҳами нуқраро ба гилемчаи сарроф партофта, ба ивазаш даҳ окча гирифт. Сипас бӯрёро дар сояи девори корвонсаройи Биринҷфурӯшон паҳн карду пояшро ба зер кашида нишаст.

Шитоб надошт. Солҳои мусофирӣ одат карда буд, ки қабл аз оғози коре рӯзи аввал дар кӯча нишинад ва рӯзи дувумро дар бозор гузаронад. Муддати ду рӯз авзоъи шаҳрро ба мушоҳида мегирифт. Ва дар ин муддат ҳатман вохӯрии муҳимме ба вуқӯъ мепайваст.

Корвонсарои Биринҷфурӯшон бо нақдинаи бозаргонон сохта шуда, дар сари ду кӯчаи калон ҷойгир ва ҳамеша серодам буд.

Ба зудӣ, пас аз намози аср кӯча аз шогирдони мадраса пур шуд. Баъзе ба ошпазхонаҳои бозор мешитофтанд, ки чизе бихӯранд, бархе мударрисонро гусел менамуданд.

Дӯкондорон мамнунона аз бозор бармегаштанд, аз афташ, саҳари нахусти ҳафта савдояшон барор гирифтааст. Хидматгорон, ҷаллобон, сорбонҳо бо саррофон бегаразона хархаша мекарданд. Дарвешон тангаҳоро дар кашкӯл ҷарангосзанон ба саррофон наздик омада ва бо асо таҳдидкунон ақиб мегаштанд.

Дар байни анбӯҳ ягон – ягон харҳои ҳезум, сабад ва саночҳои оби нӯшокӣ ба чашм мерасид. Машкобон, шарбатфурӯшон, майдафурӯшон баланд – баланд садо мекарданд. Ба истисноИ ҳақирӣ ва рӯҳафтодагии издиҳом ҳаёт дар шаҳр чун пештара дар ҷӯшу хурӯш буд.

Овози фурӯшандагон баланд, вале хурсандона не, саррофон мамнун нестанд, балки аз рӯи одат дастҳояшонро молиш медоданд. Ва дар чеҳраи роҳгузарон, ҳамин ки танҳо мемонданд, андӯҳ ва андешамандиро хондан мумкин буд.

Ҳамин вақт анбӯҳ ба ҷунбиш омад. Ҳама ба як тараф рӯ оварданд. Мусофир тахмин кард, ки нойони муғул ва ё султон меояд. Садое баланд шуд:

— Мавлоно Ҷалолиддин меояд!

Ӯ ин номро нахустин бор даҳ сол пеш дар Димишқ шунида буд. Баъд дар Ҳабал, Эрзурум, Қайсария мешунид. Ва ҳамин ном ӯро ба роҳ ҳидоят кард.

Аз бӯрё бархосту дар байни роҳ истод.

Муллое савори хачири тезтак дар иҳотаи муридон ва шогирдон наздик меомад. Риши паҳни дарозаш сари синаашро пӯшонда, фаши салла аз китфи росташ овезон буд. Остинҳои дарози хирқа дасти лаҷомдорашро паноҳ мекард. Чеҳрааш гандумгун, чашмонаш фурӯрафта, гӯё чизе ва касеро намебинад ва намешунавад. Ё воқеан ба худ фурӯ рафтааст, ё тоби муоширати мардум надорад.

Мусофир анбӯҳро даронда пеш баромад ва аз лаҷоми хачир дошт, дастони серрангу паяш аз ҳаракати тез то китф аз остин берун омаданд.

Он рӯзи ҷумъа Ҷалолиддин ба мадрасаи Пунбафӯрушон, ки аз маблағи пахтаҷаллобон бино ёфта буд, барои идомати баҳс мерафт.

Ду ҳадисро мавзӯи баҳс қарор дода буданд. Муҳаммад пайғамбар гуфтааст: «Худо аввал гавҳари сафедро офарид». Ва боз гуфтааст: Худо аввал ақлро офарид». Баҳс он буд, ки

оё гавҳари сафед ва ақли кулл, ки арабҳо «ал – ақлул – аввал» мегӯянд, ҳаммаъноянд? Ва мутлақият, тавоноӣ ва донишмандӣ се ҷиҳати хоси ақли кулл аст ва ё падидаи он?

Ҳафтаи дувум буд, ки баҳс идома дошт. Ҷалолиддин аз баҳсҳо дигар дилгир буд. Гӯё донишмандон барои ҳамдигарро фаҳмидан ҷамъ нашуда бошанд, ҳар яке пайт меҷуст, ки аз суханони дигарӣ истифода бурда, ӯро шарманда созад. Ҷустуҷӯи фидокоронаи ҳақиқат не, балки маҷлиси худбинон буд, ки ҳар кас худнамоӣ кардан мехост.

Баҳс нафрати Ҷалолиддинро меовард. Азбаски онро рақиби деринааш шайх Сайфиддин, ки ҳоло Ҷалолиддинро эътироф накардааст, ташкил карда буд, таклифи ӯро рад кардан кин доштанро ифода менамуд.

Раҳорах Ҷалолиддинро шарм зер кард. Магар ҳоло вақти ҳалли ҳаммаъноии гавҳари сафед ва ақли кулл аст? Ҳазорон нафар ба донишмандон бо чашми умед менигаранд, ки барои зиндагии оянда такягоҳе биёбанд. Ӯ умри кӯтоҳи худро сарфи чӣ кардааст? Он рӯзи офтобии тирамоҳ дар иҳотаи шогирдон аз мадрасаи Пунбафурӯшон баромада инро амиқтар фаҳмид. Ва ҳар қадар ба дуроҳаи серодам наздик меомад, зиёдтар сараш поин мешуд.

Бистушашуми ноябри соли 1244 буд. Рӯзи муқаррарии офтобии тирамоҳ. Сипоҳи ҷарире барои ҳал кардани тақдири мамлакате ҳарб накардаанд. Султони наве, ки ҳазор – ҳазоронро дар тасарруф дошта, бар тахт ҷулус накарда. Қитъаеро, ё қудратеро кашф накардаанд. Воқеаи чашмрасу хотирнишини фавқулоддае рӯй надодааст, ки дар ёди дили мардум нақш бандад. Фақат ду шахс мулоқот карданд.

Ва он рӯз ҳарчӣ бештар дар қаъри зулмоти асрҳои дур бимонад, ҳамон сон самари он мулоқот ғариб метобад.

Агар ду шахс мулоқот кунанд, яке худро андар дигар бубинад, бифаҳмад, ҳамдигарро дӯст доранд, мӯъҷиза, эҳтимол мӯъҷизаи беназире бошад. Аммо рӯзи мулоқот, он

рӯзи фархунда танҳо дар хотири он ду тан ҳамчун рӯзи муборак боқӣ мемонад.

Ҳафтсаду чанд сол муқаддам ду шахс дар Қуния висол ёфтанд, на танҳо яке дигареро кашф намуд, балки боз кашфи бузурге намуданд: Инсонро ба Инсоният муаррифӣ сохтанд. Мулоқоти мазкур рух намедод, одамон дар шимол - Осиёи Миёна, дар мағриб – Арабистон, дар шарқ – Индонезия то Африқои Шимолӣ тарзи дигар эҳсос намуда тафаккур меронданд.

Он рӯз дар олами «маданият», ки табиати дуюми инсон аст, мулоқоти Суқрот бо Афлотун, Гуте бо Шиллерро ба хотир меорад. Дар он рӯз Ҷалолиддини Румӣ, шоири бузурги ҷаҳонӣ, ки эътиқод, эҳсосот ва панду ҳикматҳои мардуми сарзамини беканорро ба риштаи назм кашида, бузургии рӯҳи инсонро, ки сӯи такомул саъй дорад, ситоиш кардааст, зода шуд. Аз он овон то кунун асмои бисёр ашхоси барҷаста ва воқеоти таърих фаромӯш шудааст. Аз газанди рӯзгор сангҳо ва дизҳою бораҳо осеб доранд. Мо ҳатто намедонем, ки мадрасаи Пунбафурӯшон, ки Ҷалолиддин то зӯҳр он ҷо буд, дар куҷост ва корвонсарои Биринҷфурӯшон, ки дӯсти ояндааш шаби пеш аз мулоқотро ба сар бурд, кадом аст. Аммо маконе, ки Ҷалолиддини Румӣ ва Шамси Табрезӣ висол ёфтанд дар лавҳи хотири мардум чун нақше бар санг боқист.

Агар гузоратон ба Қуния афтад, бинои меҳмонхонаи «Салчуқ»-ро, ки аз марказ дур нест, ёфта дар кунҷи он биистед – рӯбарӯ шумо бинои Вазорати маорифро мебинед. «Марҷ ул бахрайн» - Мулоқоти ду уқёнус, чунин номидаанд ин мавзеъро мардум. Бистушашуми ноябри соли 1244.

Инсон дар ойина, хоҳ филизи суфта ва хоҳ сатҳи об бошад, чеҳраи хешро нахоҳад дид. Инсон низ бе инсони дигар худро нахоҳад дарёфт, зеро инсон худро бо худ не, бал ба василаи дигарон хоҳад шинохт.

Аммо инсон ойина нест. Ӯ худ нурафкан асту худ

инъикосгар офаридгор ҳам худу офариниш ҳам. Ва аз ин назар дидори ду тан ҳамчун Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва дӯсти нави ӯ мураккабтарин ҷараёни равоншиносист, ки ғоят аз он худшиносист.

Сайъ дар роҳи касби айнияти мутлақ бо дӯст ва худро андар ӯ ёфтани шоир, кӯшиши дарёфти ҳақиқати мавҷудияти худӣ ё худ ба таъбири ӯ кашфи ҳақиқати иллоҳӣ буд. Азбаски ҳаюло ёфтани айнияти мутлақ «ман» бо шахси дигар имконнопазир аст, пас фаро гирифтани ҳақиқат низ нисбист. Дар миёни айният ва ноайният тазоддест, бинобар бартараф намудани ин тазод имкон нопазир аст.

Садоқат бо мусофири аҷоибхислат, ки аз лаҷоми хачири ӯ дошт, моҳияти аслии ақидаҳои диалектикаи инсонпарваронаи Ҷалолиддин Румӣ гардид.

Аҷобат дар он ки баъзан мо дар сухане ё калимаи шахси дигар, идомати хешро ё ба таъбири анъанавӣ, рӯҳи тавъамро мебинем. Он аксар аломатест, ки аз дур ба чашм ҳамчун ҳадафе менамояд. «Сухан. – мегуфт Ҷалолиддин Румӣ, - либос ва асрори зери он ниҳон маънист».

Бистушашуми ноябри соли 1244 онҳо дарҳол дар масъалаи раисӣ гап заданд. Он чизе, ки багоят ба онҳо, инчунин ба мо низ муҳим аст, саволи эшон дар либосе адо гашт, ки бо мурури ҳафт аср обшуста гашта ҳоло аз маънӣ орианд. Барои дарки асрори замири онҳо лоақал аз тарзи тафаккури он замон андаке тасаввур доштан лозим аст.

Марди роҳ ҷилавро раҳо накарда, ба Ҷалолиддин чашм дӯхта пурсид:

— Эй саррофи маъною моҳияти ду дунё, бигӯй, ки пайғамбар Муҳаммад волост ё Боязиди Бастомӣ ?

Сӯфӣ Боязиди Бастомӣ аз алломаҳои тасаввуфи қарни IX буд. Ӯ фармуда, ки агар шахс дар хусуси ваҳдатул иллоҳӣ амиқ ба хаёл ғӯта гардад, чуноне «ман»-и ошиқ ба «ман» -и маъшуқ ҳулул ёбад, аз худ бехабар гашт. «Чуноне мор пӯст мепартояд ман худро тарк намудам. Замоне ба асли хеш

нигаристам овах... дарк кардам, ки мар ӯям!» Боязид ин ҳолатро «фано» номид, ки минбаъд аҳли тасаввуф ҳамчун яке мароҳили тариқат эътироф намуданд. Риҷоли дини мутаассиб суханони Боязидро чунон таъбир карданд, ки даъвои худоӣ кардааст ва ӯро кофир хонда, аз зодгоҳаш ронданд. Боязиди Бастомӣ дар миёни сӯфиён соҳибнуфуз буд, ва ӯро «Султонулорифин» мехонданд.

Аз ин лиҳоз суоле, ки мусофир ба мардум дод, густохии бузурге буд, фарзан, шайхи сӯфӣ, султонулорифин куҷою расули Худо Муҳаммад куҷо? Ва Ҷалолиддин амсоли шуюхи тақводор посух дод, ки

— Сафсата мегӯӣ! Албатта, Муҳаммад пеш!

Шамсиддин, бешубҳа, чунин ҷавобро мунтазир буд, ки дар лабонаш табассум дамид.

— Дуруст, - давом дод ӯ. – Дар он сурат чаро Муҳаммад гуфтааст, ки «Дилам занг бастааст, ҳар рӯз ҳафтод маротиба тавба мекунам!» Боязид мегӯяд, ки «ман аз ҷамеъи хӯи бади хеш пок шудаам ва дар тани ман ба ҷуз Худо чизе нест. Бузургам ман, бузургам ман! Чи сон бузургам ман!».

Ҷалолиддин, гӯё зарбае хӯрд, қоматашро рост кард. Ноошно на танҳо густох, балки боҳуш низ метобад. Эҳтимол, ӯ ҳам дар сари андешаи Ҷалолиддинро дорад: яъне мутлақияти ҳақиқату нисбияти маърифати он.

Ҷалолиддин пеш аз ҷавоб бо ҳаяҷони ошкоро дурудароз ба жарфнои чашми ношинос нигарист. Мусофир ҳаяҷони ӯро эҳсос кард. Баъдҳо Шамсиддин ёдовар мешавад: «Вай балоғати каломи маро филфавр дарк кард, ман ҳанӯз суханамро адо накарда пай бурдам, ки дили ӯ мусаффост ва сармаст шудам».

— Муҳаммад ҳар рӯз ҳафтод мақомро тай менамуд, - ҷавоб дод Ҷалолиддин. – Ва ҳангоми фатҳи пояи нав аз ноқисии дониши хеш тавбаю надомат мекард. Боязид зинаи аввалро тай намуда, аз чунин мартабаи баланд ба ваҷд омадааст ва саргарми он чунин ҳарфҳо гуфтааст....

Кӣ воло, Муҳаммад ё Боязид? Агар ба маънии ниҳонии

савол сарфаҳм наравед, пас ин савол мунозираи рӯҳониёни масеҳиро дар хусуси дар сари сӯзан маъво гирифтани чанд фаришта ва ё баҳси гавҳари сафед ва ал – ақлул – аввалро, ки Ҷалолиддин дар он иштирок дошт, ба хотир меорад. Дар асл Шамсиддин дигар чизро пурсида буд: даъвои ҳақиқати мутлақ саҳеҳ аст, ё идроки нисбӣ буда, ҳар марҳилаи нав инкори собиқаш мебошад? Мазмуни савол ба таъбири муосир чунин буд ва Шамсиддин то мулоқот бо Ҷалолиддин аз ҷавоби касе қонеъ нагашта буд.

Шамсиддин ҷавобро шунида, оҳ кашиду ба замин афтода беҳуш шуд.

Ба ҳар ҳол аз забони ҳоли шоҳидон дар тазкираҳо чунин аст. Одатан, ибораи «афтода беҳуш шуд» муболиғаест аз таъсири беандозаи қувваи рӯҳи шоир. Бо вуҷуди ин имон овардан мумкин, ки ҳақиқати возеҳ аст. Мардум он замон ҳам ошиқ мешуданд, ба дарди ишқ гирифтор шуда мемурданд. Ҳафтаҳо аз дидори дӯсте, сер намешуданд. Сухани пурмаъно ё ҳикматеро мешуниданд, мегиристанд ва ё аз ҳаяҷон мехурӯшиданд. Аз калимаи таҳқир, ки мо имрӯз ағлаб эътибораш намедиҳем, ба хашм омада гӯяндаро мекуштанд. Аз ҳаводиси фавқулодда аз тарс меларзиданд ва саҷда меоварданд. Нукоти мазбурро муболиға хондан нашояд.

Тамаддун инсониятро, эҳсосоти ӯро карахт кардааст. Лекин шаклу мазмун ҷудонопазиранд. Бешак, мо нисбат ба одамони асри сенздаҳ маърифати зиёд дорем, доираи тафаккурамон низ васеъ аст, аммо эҳтиросамон он неруро қобил аст ё на. «Ҳар маҳрумият бозёфт ва ҳар бозёфт маҳрумият аст», — мегуфт Ҷалолиддин.

Ҷалолиддин аз хачир ҷаста фаромада ба болои мусофир хам шуд. Банди дасташро молид, чанд бор алвонҷ дод ва ба рӯи синааш гузошт. Шамсиддин ба худ омада аз ҷой бархост. Ҳамдигарро ба оғӯш гирифтанд. Анбӯҳи одамон, муридон ва шогирдони Ҷалолиддин чизе нафаҳмидаву бо таҳайюр ба онҳо менигаристанд.

Ӯ аз зери бағали мусофир гирифта, ҷониби хонаи Салоҳиддини Заркӯб рафт ва ҳарду он ҷо хилват гузиданд.

## ИНСОНИ КОМИЛ

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва Шамси Табрезӣ се моҳ пайваста мусоҳабат карданд. Баҳор омад ва касоне, ки Ҷалолиддинро дар Қуния мешинохтанд, гумон бурданд, ки мурдаасту дар симояш шахси дигаре таваллуд ёфтааст.

«Ногаҳон Шамсиддин падид омад, - ёдовар мешавад фарзанди шоир Валад, - ва бо Мавлоно як шуд. Дар партави нури ӯ сояи Мавлоно нопадид гашт. Бо дидани ҷамоли Шамс асрораш ҳувайдо мегашт. Шамсро пеши худ хонд ва гуфт: «Гӯш дор, подшоҳам, дарвеш чӣ мегӯяд. Хонаи ман лоиқи ту нест, аммо ба ту сахт дил бастам. Чизе ки дар бисоти ман ҳаст, азони туст, зеро барда бо доройяш мулки хоҷааш аст. Аз имрӯз эътибор хонаи ман хонаи туст».

... Мавлоно мафтуни сиришт, тафсили пурсафои саҳли мумтанеъаш, асроре, ки аз садафи маънӣ берун оварда буд, сухани пурэъҷоз ва ҷонбахши ӯ гашт. Ҳама ҷо бо ӯ мерафт, агар ӯро намедид, ҷаҳон ба назараш тор буд. Бе ӯ буда наметавонист. Гӯё Шамсиддин баҳр шуду ӯ моҳӣ. Шамсиддин мар ӯро ҷаҳоне офарид, ки на ба хаёли турк меомаду на ба хаёли тозӣ. Ҳар рӯз аз ӯ сабақ мегирифт ва донишашро меафзуд. Аслан, Мавлоно ҷавҳари улумро аз бар карда буд, вале чизе ки Шамсиддин меомӯхт, ирфони тамоман нав буд...»

Чӣ ҷаҳоне буд, ки дӯсти сирдон Ҷалолиддинро роҳбаладӣ мекард ва чӣ донише буд, ки Ҷалолиддинро ато гардонд?

Касе намедонад, онҳо дар хуфия чӣ гуфтанду чӣ шуниданд. Писари шоир низ аз рӯи гуфтаҳои мазкур бармеояд, ки огоҳ набудааст. Аммо муддати зиёдтар аз як сол бо амри Ҷалолиддин котибони асрор ривояту ҳикоёт, ҳар сухану ҳарфашро, ки дар

ҳузури ҷамъият гуфтааст навиштаанд, баъд бар китоби «Мақолот» ворид шуд. Мусаввадаи китоб душворқироъат аст. Шамсиддин бо рамзу истиора сухан мегуфт ва худ ба ин иқрор аст: «Муқаллид қодир нест сухани маро такрор кунад, ё худ пайравӣ, — мегуфт ӯ. — Сухани ман муғлақ ва мураккаб аст. Метавонам сад бор такрор кунам, ҳар дафъа мазмуни дигаре падид меояд. Вале маъно бикр ва мусаффо боқист».

То дараҷае муғлақ будани каломи ӯ изборӣ ва аз бими ақоиди ислом ва таъқиби риҷоли мутаассиби дин будааст.

Бо вуҷуди ин аз ҳикматҳои Шамсиддини Табрезӣ ва шаҳодати Ҷалолиддини Румӣ дар ашъораш хулосаи маълум баровардан имконият медиҳад.

Шамсиддин донишмандони замонро ба лаҳни истеҳзо мекашад. Илми аз китоб андӯхтаи уламо гувоҳи оҷизии эшон аст. (Дар ёд доред гуфтаи Ҷалолиддинро: «Донишмандони мо мӯеро дар илм чил пора намуда шарҳ медиҳанд, вале чизеро, ки барои худ муҳим аст, намедонанд!») Шамс дар ҳаққи уламову фақеҳон, ки динро пешаи худ қарор додаанд, инчунин сӯфиёну шайххо ҳамин ақидаро дошт. «Шайххо ва сӯфиён роҳзанони мазҳабанд», — мегуфт ӯ. Уламо фарҳангро ва шуюх эътиқодро ба матлаб табдил додаанд.

Илм ва дин дар дасти уламо ва донишмандон пардае буд, ки ҳақиқат паси он ниҳон аст, зеро илм ва дин на матлаб, балки василаанд.

Матлаб чист? «Дар дунё ҳама чиз қурбони инсон аст ва танҳо инсон қурбони худаш», — мегӯяд Шамсиддин. Ва ҳамчун одами замони худ барои тасдиқи фикраш ба Қуръон рӯ меоварад, ки дар сураи ҳабдаҳуми он омадааст: «Ва лақад каррамно бани Одама».[4] «Худованди карим – давом медод Шамс, - нагуфтааст, ки тахту осмонро парастиш кунед. Ҳамин тавр нест, магар? Гар осмонро бардарӣ ва ё қаъри ҳафт қабат замин фурӯ равӣ, суде нест. Ошиқи инсони соҳибдил бояд

[4] Мо авлоди одамро аз дигар махлуқот зиёд офаридем.

буд, ки мадағораш бошӣ. Инсоне, ки худро шинохтааст, ҳамаро мешиносад». (Ёд доред, Ҷалолиддин гуфта буд: «Эй он ки арзиши ду ҷаҳонро дорӣ, афсӯс, ки худ инро намедонӣ?»)

Ва боз Шамсиддин изҳор мекард, ки «ҷамъи мардум рӯ ба Каъба овардаанд. Агар Каъбаро аз миён бардорем, маълум мешавад, ки онҳо ба дили якдигар саҷда мекунанд. Қалби яке саҷдагоҳи дигарест».

Матлаб инсон аст. Вале на ҳар инсон. Касе, ки пойбанди ғами ризқу рӯзӣ ва рафоқати худ аст, пардаест байни худ ва асли худ. (Гуфтаи Ҷалолиддинро ба ёд оред: «Ту метавонӣ тамоми чизро фаромӯш созӣ, ба ҷуз аз он ки: омаданат дар ин дунё баҳри чист: худро арзон мафурӯш, ки қимматат гарон аст.)

Матлаб инсони комил аст. Аммо инсони комил ба назари Шамсиддин кист? Боз ба Қуръон рӯ меорад: «Тоату ибодати расули Худо аз худ гузаштан аст». Ба пиндошти Шамсиддин инсони аз худгузар карда ва фидокор Инсони Комил аст.

Шамсиддин мисли сӯфиёни мутаффакир ба ваҳдати олам имон дошт, лекин бар хилофи он хулосаи қатъӣ баровард. Аз ҳамин сабаб бо равия ва мактабҳои гуногуни тасаввуф ошно шуда, ҳеҷ кадомеро аз онҳо напазируфт. «Дигарон аз рӯи гуфтаи шайхи худ амал мекунанд, — мегуфт ӯ, — Ман аз чашма об менӯшам. Хулоса, агар сирри ботинамро ошкор кунам, дунё якранг хоҳад шуд, на шамшер мемонад ва на андӯҳ».

Ҷумлаи олам тазоҳури қудрати парвардигор аст. Инсони комил матлаб, тоҷи сари олам аст. Ва хулоса инсоне, ки хештанро шинохтааст, инсоне, ки аз худ гузаштааст ва бо олам ваҳдат ёфтааст, Худост. (Ёд оред: «Онҳо, ки талабгори Худоед, Худоед! Берун зи шумо нест, шумоед, шумоед!»)

Агар инсони Комил мусовии Худо бошад, пас ҳар гуна сидқу садоқат дар заҳмат ва муҳаббат низ муқаддас аст. Шамсиддин таснифоти одамонро аз лиҳози дороӣ, аслу насаб, мартаба ва ҳатто дину мазҳаб ошкоро нафрин дорад. Барои

ӯ ҳама яксон, одам аст. «Кофирро ба ман бинамой! – нидо мекунад ӯ. – Ба ӯ саҷда хоҳам кард. Кофирам бихон, ман туро тавоф хоҳам кард. Куфр аз имон ва имон аз куфр». Пеши ӯ шебу фароз яке буд, - мегӯяд Валад дар бораи падараш ва онро ба ҳамин маънӣ бояд фаҳмид.

Мухтасар ҳамин аст донише, ки Шамсиддини Табрезӣ ба гарави ҷон ба Ҷалолиддин омӯхт. Ақоиди пантеистӣ ва инсондӯстии Шамсиддин бешубҳа қабл аз ҳама рӯҳияи мардуми заҳматкаш ва манфиати ҳунармандони ихвонуссафоро фаро гирифтааст. Аммо доираи амали ахӣ низ ба Шамсиддин тангӣ мекард. Ҷамъияти онҳо, ба гуфтаи ӯ, садди ваҳдати инсоният буд. Маҳз маҳдудияти низомӣ ва анъанавии эшон сабаби шикасти шӯриши Бобо Исҳоқ гардид.

Аз ҳамин минвол Шамсиддин Шайх Абӯбакри сабадбофро тарк кард, лекин аз ахӣ алоқаашро наканд ва лаҳазоти зарурӣ аз онҳо кӯмак мепурсид, ҳарчанд медонист, ки ақидаҳои ӯро онҳо намефаҳманд. Ахӣ ӯро то охир нафаҳмиданд. Аслан, то ҳол дар дунё шахси ҳамфикри ӯ набуд. «Дар ҷустуҷӯи чунин одам будам, — мегуфт Шамсиддин, - ва дар шахси Мавлоно ёфтам».

Шамсиддин қувваи ниҳонии ботини Ҷалолиддинро ошкор сохт. «Дарҳо баста буданд. Подшоҳи бузург дар либоси дарвеш онро во кард ва дар остона падид гашт».

Ин қудрат ба ҳадде пурзӯр буд, ки истибдоди сетарафа: симоҳои фуқаҳое, ки Султонулуламо талқин мекард: иҷоза – шаҳодатномае, ки шайхҳои Димишқу Ҳалаб доданд ва он гувоҳи аллома буданро дошт: инчунин таҳти назари Сайидбурҳониддин мароҳили тариқати тасаввуфро тай намудан ҳам бо он қудрат муқовимат нанамуд. Бархилоф, дегеро мемонд, ки сарпӯш дошт ва дар болои сарпӯш санг монда буданд, бо вуҷуди ин буғи дарун онро дур партофт.

Шамсиддин аввалин шуда онро дарк кард ва он дам садои даф, ки солиёни дароз мунтазир буд, дар дили Ҷалолиддин аз нав баланд шуд.

Ҷои ашку ноларо ифтихори босурури инсон будан ва ситоиши бузургию тавоноии инсон гирифт.

Пеш аз ин Ҷалолиддин машғули қироати китобҳои муқаддас, рисолаҳои илоҳиёт ва ашъори сӯфиён буд.

Шамсиддини аз ирфон баҳравар медид, ки дӯсташ кулли донишҳои заруриро аз бар кардааст. Китоб мисли донишмандони дигар фикру зикри Ҷалолиддинро банд карда, ҳаётро ба назараш тор сохтааст. Маърифат аз маҷмӯи қавоиде иборат гаштааст. Чун дар дасти ӯ маҷмӯаи мулоқотҳои падар, ё девони шоири араб Мутаннабиро медид, девонавор фарёд мезад, ки

— Нахон! Нахон гуфтам. Нахон!

Шамс диққати ӯро аз мушоҳидаи акси моҳ андар тағора ба назораи моҳи осмон ҷалб менамуд.

Шамсиддин аз саҷдаи уламо дар ҳазрати симоҳои мӯътабар, кӯрона муносибат кардан бо ҳаёт, ҳарос аз афкори тозаи эшон безор шуда буд. «Худои набуда чӣ ҷӯем, модом ки зиндааш ҳаст»,

Агар дар он замон калимаи нигилист (шаккок) маъмул мешуд, Шамсиддинро бешубҳа олимони хунасо чунин ном мебурданд. «Ҷоҳили густох» мехонданд ӯро. Мар ӯро ҳафт қарну чанд сол боз аз китобе ба китобе ҷоҳил таъбир мекунанд, вале касе аз хайли муҳаққиқон то кунун камари ҳиммат набаст, ки ғаври ин тӯҳматро аз нусхаҳои асил дарёбад.

Шамсиддин дар сӯҳбатҳои сӯфиён дар кунҷаке хомӯш менишаст. Вай медонист, ки агар ақидаашро баён созад, муртадаш мехонанд. Боре мешунид, ки аз ҳадисҳо иснодҳои фаровон ва аз гуфтаҳои шайхони гузашта далелҳо ва аз мӯъҷизоти авлиёҳо кароматҳо меоранд, тоқат накарда фиғон кард:

— То кай шумо умратонро фалон чунин фармуду чунин овард гӯён зоеъ мекунед!? Ку сухани худатон?!

Сукути ҳайратангезе хонақоҳро фаро гирифт. Ва ин воқеа ба ҳозирон таассуроти амиқе гузошт, ки дар аксар маъхазҳо

ва тазкираҳо сабт намудаанд.

Ҷалолиддин дӯсти худро беҳуда Султони гадоён наномида буд. Уламои муосири ӯ рӯҳ ва қиёфаи пуртакаллуфи мустаор доштанд, замирашон аз дағдағаи шӯҳратпарастӣ лабрез буд ва дар ваҷоҳаташон назокати саропо заҳролуд нақш гузошта, ки аз ҷамеъи он Шамсиддин орӣ буд. Шахси солеҳ, ҳақгӯй, сириишташ авомона буд. Ба рӯи Ҷалолиддин дари дунёи наву фарохеро кушод.

Ҷалолиддин муридонро насиҳат менамуд, ба мардум фатво медод, ваъз мехонд, бо уламо мубоҳиса мекард. Ҳоло ҷои тоату ибодатро шеъру мусиқа, ҷои риёзатро рақсу тарона гирифт. Пештар андӯҳгин ва сархам мегашт, ҳоло мамнун ва хушбахт буд. Китобро қариб фаромӯш сохта, наю рубобро аз даст намегузошт. Дигар насиҳат намекард, фатво намедод, ба баҳс намерафт.

Ромиш, суруд ва самоъ бо дӯстонро аз он корҳо афзалтар медонист.

Авроқи деворҳои мадрасаву тоату ибодат, ки солиёни дароз рангу бӯй, одамон ва шуғлу эҳтироси онҳоро ба рӯи Ҷамолиддин баста медошт, ба якбор аз миён бардошта шуд. Шабона аз хона баромадани шаҳриён манъ ва кӯчаҳои шаҳр гарқи зулмоту сокит. Ситораҳо ғамза мекунанд, раъд мегуррад. Боғҳо пуршукуфа. Қуллаҳои кӯҳ барҷой. Бозорҳо серғавғо. Кисабурҳо машғули кори хеш. Садои чакуши заркӯбон баланд. Аз манораҳои бора сарҳои бурида овезон. Ағниё бурутҳояшонро бо виқор тоб медиҳанд. Подшоҳ пешкаш талаб мекунад. Деҳаҳои муғул ситонда месӯзад. Канизакон аз панҷараҳои ҳарам менигаранд. Ғуломон ба пешонии худ алифдоғ мезананд. Найқалами мирзоёни девон сафир мебарорад. Бозҳои шикорӣ аз паи сайд мепаранд. Дарвешони бадахлоқ бо фиреб кӯдаконро ба хонақоҳ меоранд. Шайххо нифоқ мекунанд. Ушшоқ хорро аз пой накашида ба мулоқот мешитобанд. Фуқаҳо даҳонашонро амсоли хардаллолон кафк кунонда, харҳаша мекунанд. Ҳама

як мақсад доранд – бизоати хешро қимматтар фурӯшанд. Сӯфиён, дар хилват пушт ба офтоб дода, ба хаёл рафтаанд. Сарбозон дар майхонаҳо ишрат менамоянд. Айёшон дар кӯча чанг доранд. Аз сурхонаҳо садои нақораву нолаи най мебарояд. Бозаргонон шоҳмот ва бучулбозӣ доранд. Атторҳо мушку анбарро таъриф мекунанд. Тӯтиён банди такрори ҳикмати хирадмандон. Фоҳишаҳо дарҳоро боз мондаанд. Осиёҳои бодӣ ва обӣ гардон. Чавгонбозон аз паси гӯй медаванд. Деҳқонон аз гуруснагӣ мемиранд. Бодбонҳои сафинаҳои пурбор алвонч мехуранд. Бачаҳо савори аспи чӯбин метозанд. Кабӯтарони пайғомбари султонӣ дар парвоз. Ливои хаймаҳои сарони сипоҳ парафшон. Девонагон дар бозор ахлотро мекобанд. Бенавоён нону ҳулбӯ мехӯранд. Мардум зери пои издиҳоми ҳаросон. Дар масчид мурдашӯ мурда мешӯяд. Мударрисон дар мадрасаҳо кафи пои шогирдониро дарра мезананд. Сангдил дӯстро, маътали панаҳ шудан, фаромӯш кардааст. Забони мастон ба гап намегардад. Чоҳилон чун кафки баҳр дар чӯш. Орифон мисли баҳр хомӯшӣ гузидаанд: аблаҳонро ба роҳи рост ҳидоят кардан заҳматест ройгон. Баъзе аз ақл маст, бархе аз талвоса….

Ашъори ӯ муҳит ва ҳаёти онзамонаро фаро гирифтааст. Ва чи тавре баҳр мавчудоти миллионҳо сол қабл зистаро ба шакли каҳрабо ба соҳил мепартояд, осори ӯ он ҳаётро бо тамоми чузъиёташ ба мо менамояд.

Бо вучуди ин, ӯ саргарми тафсилоти чузъ нест, ҳадафи ӯ дигар, – Инсони Комил аст.

Инсонҳои Комил худовандони чаҳонанд. Агар онҳо омодаи сафар шаванд, моҳу хуршед болинашон аст. Агар онҳо савори асп гарданд, осмони ҳафтум майдони ҳарбашон хоҳад буд. Онҳо аз чоми ситорагон май менӯшанд. Адолатро яксон мефаҳманд. Чеҳраашон аз гул ҳам хандонтар аст. Онҳо аз сарв ҳам озодтаранд. Дар амвочи хун ғарқа мешаванд, вале дар пероҳанашон нишоне аз қатраи хун нест. Пайваста озори хорро мебинанд, вале рухсори нурафшон доранд. Бандиёнанд,

вале чун май дар хум ҷӯшону хурӯшон. Сӯзанда дар оташи дӯзаханд, вале бо табассум биҳиштро ба эҳтиёҷмандон эҳдо мекунанд. Ҳукмрони мутлақанд, ба касе сари итоат надоранд ва саҷдаи касе намекунанд. Султонҳову парчамҳояшон дар пеши онон ҳеҷ аст. Кафзаниро ҳам хуш надоранд. Ҳазор дар як ва як дар ҳазоранд. Дар осмон як моҳу офтоб бошад, дар самои онҳо моҳу офтоби аз шумор берун вуҷуд дорад. Ҳар кишвареро подшоҳе бошад, дар мулки онҳо ҳар кас бар сари худ подшоҳ аст. Он ҷо аз қозиву мӯҳтасибу миршабу ҷаллод нишоне нест. Саҷда фақат ба якдигар мекунанд. Аз ғурури нафрат бегонаанд. Дар он шаҳр як ҳоким аст, ки ҷо дар дилҳо дорад ва он ишқ аст.

Чунин мепиндошт шоир тимсоли озодмардро ва ин бофта набуд. Ин орзуи мубҳам, биҳишти гумшуда, ё ҷаннати дастнораси фардо низ нест.

Модом ки ҳар инсон таъоло меёбад, пас муқаддас аст. Эҳтимол он гадои дар сояи девор хобида бошад, ё ана он мӯзадӯз ва шояд ана он ғуломи дар ҷабинаш алифдоғзада. Ин гуна одамон дар ҳар замон ҳастанд ва қалби дунёро ба таҳаррук меоваранд. Аммо таолои онҳоро на ҳама дарк мекунад. Ба дарки он шахси бинодил, яъне инсони маҳкум ба такомул қодир аст.

Шамсиддин, ки дунёро дубора кашф кард, бо чашми дигар ба ҳаёт назар андохтанро омӯхт, бадеҳист, нахустин таҷассуми инсони мисолии ӯ буд. Шамси тозӣ маънои хуршед дорад. Ва шоир дӯсти худро «ӯ худ саркарда ва ҳам сипоҳ – сипоҳи хуршеду анвори он» мехонад.

«Вақте хуршеди Шамс тулӯъ мекунад, сояҳо нопадид мегарданд, вақте Шамс сухан мегӯяд, нури офтоб хира метобад».

Шоир Шамсиддинро сирри рӯҳу асрори ҳаёт медонад. Мутаносибан Ҷалолиддин низ дар назари Шамсиддин инсони мутаолиест, ки дунёро ҷон мебахшад.

Ҷалолиддин андар дӯсташ он чизеро, ки дигарон надиданд, дарёфт, сирри нуҳуфтаро ошкор намуд.

Ҷалолиддин иқтидори ҳар нуқтаро аёну баён кардан дошт, ки Шамси Табрезӣ надошт. Ва онҳо мисли сухану маънӣ ва моҳияту ҳодиса ҷудонопазир буданд. Аз ин айём эшон – танҳо будан натавонистанд.

Ҷалолиддин пас аз марги дӯсташ боре гуфта буд: «Ваҳдати мо дар тасаввури касе намеғунҷад ва ҳеҷ кас онро қодир нест бифаҳмад. Ман «ӯ» мегӯям, вале ҷудоии мо танҳо дар сухан, аслан ӯ ҳам нест, ман ҳам нестам. Мо гавҳари ягонаи ду дунёем. Инсон агар тавофи Замин кунаду ба осмони ҳафтум барояд ҳам, аз хеш ҷудо нахоҳад шуд. Ягона муофи ягона аст».

Шамсиддин Ҷалолиддинро дар маслаки худ даровард, ӯро бо роҳи дигар ба ботини хеш чашм андохтанро омӯхт, ки дар айни замон табаҳҳури асли худи Шамсиддин буд. Ин роҳ симоъ буд. Наво ва рақс Ҷалолиддинро чунон илҳоме ато мекард, ки ашъор бехудона худ аз худ метаровид. Шамсиддини Табрезӣ ӯро ба шоирӣ ҳидоят намуд.

Дӯст Ҷалолиддинро аз неруи асорати мудоми маънавӣ озод карда, аз ҳар гуна мудохилот дур медошт. Дар дари мадраса нишаста зоирони Ҷалолиддинро рухсат намедод, ки ғанимати гаронбаҳои ӯ - вақташро талаф диҳад.

— Мавлоно ба ту хайру баракат меорад, — мегуфт Шамс, — лекин ту подоши он чӣ овардӣ?

Шайх аз бетакаллуфии Шамс хашмгин шуда наъра кашид:

— Мепурсӣ, чӣ овардаем? Худи ту чӣ додӣ?

— Ман ба ӯ худамро овардам, - ҷавоб дод Шамс бо овози паст. – Барои ӯ сарамро фидо кардам.

Суханони мазкур башорати ҳақ гаштанд.

## ФИРОҚ ВА ВИСОЛ

Таҳаввулоте, ки дар ҳаёти шайхи ҷавон, вале мӯҳтарам, мударриси мадраса ва воизи парҳезгор ба амал омад, беназир

буд. Рафтори ӯ ба ҷамъи тақводорон иснод овард. На танҳо уламо ва фуқаҳо, бал суфиён ки сабру тоқаташон маъруф буд, хашмолуд шуданд. Ва бештар муридон шиква мекарданд. Сабаб чист, ки шайх аз мо рӯй гардондааст? Охир мо бандагонем, ки аз хурдсолӣ дар суроғи Ҳақ ҳастем. «Он чизе ки мо аз шайх шунидем, ягон бандаи Худо нашунидааст, — менолиданд онҳо. Ва суханони ӯ дуруст аён ҳам нест. Мо бандаи ӯ будем. Ӯ моро шоҳинвор ба дом овард. Мо ба ӯ ғанимати бисёр овардем. Шӯҳрати ӯ аз мост, дӯстони ӯро мо афзудем, душманони ӯро мо маҳв кардем. Ва он Шамс, ки ба сари мо бало овард, кист? Дарвеши бекасукӯй. Аз қазо ҷодугар аст, ки Мавлоноро тилисм кардааст. Авом бе ваъз, мо бе сабақ мондем. Ҳамагон аз замири хеш ҷудо шуданд. Ин ҷоҳили густох мисли саг, чун валиаҳди муғул бар дари ӯ нишаста, барои дидори Мавлоно пайзада мепурсад!».

Шамсиддин ҳамаи инро медид ва мешунид. Лекин дӯсти наваш масти дунё ба ҳамаи ин бепарво буд.

Зимистон амалдори олимартаба Қаротой бо маблағи худ мадрасаи хайрия бино кард ва дар маросим уламо ва фузалои Қунияро даъват намуд. Юнони собиқ ғулом, гарчанд ба мартабаи Валиаҳди тахт расид, вале мисли ағлаби навмазҳабон мутаассиб ва тақводор буд. Султонулуламо ва писари ӯро ҳурмат мекард. Ӯ буд, ки вақте уламо ворисӣ падар гаштанашро рад карданд, таъйид намуд. Даъватро рад намудан носипоси ба ҳаққи хоҷа буд. Дар айни ҳол мавриди гуворое буд, ки Шамс ба аъёну ашрофи Қуния муаррифӣ шавад.

Ҳардувон ба мадраса омаданд. Ҷалолиддинро ба садорат гузаронида, паҳлӯи қозӣ Садриддин ва Қаротой нишонданд, Шамси Табрезиро қатори мардум дар кафшгоҳ.

Маъмулан, дар чунин маҷолис саволе ба миён мегузоштанд, ки муллоён ва машоих мубоҳиса намуда, хираду ирфони худро намоиш диҳанд. Ин дафъа саволи ҷои нишаст ва мартабаи он дар маҳфил матраҳ гашт. Саволе, ки дар

назари аввал лоиқи таваҷҷӯҳ нест.

Мо медонем, ки барои ҷой дар думаи боярии Рус кор то дастбагиребон ва кушокушӣ мерасид. «На ҷой дархӯрди сар, балки сар дархӯрди ҷой» — дар ин андарз ба боди истеҳзо кашидани маҳалпарастӣ аз ҷониби халқ баён ёфтааст. Номус, шарафи авлод ва мавқеи иҷтимоии ҳар шахс аз мартабаи кадом ҷойро ишғол кардани ӯ вобаста буд.

Уламо ва шуюх ягон – ягон бархоста, аз Қурьон ояту аз ҳадис ривоят меоварданд, сайру сирати набиро далел мекарданд, фармудаҳои ашхоси маъруфро зӯр зада мантиқан исбот менамуданд, ки кадомин афзал аст. Хулоса сураи Қуръон ба сураи дигараш тазодд меомад, ривоят ва гуфтаҳо мухталиф мебаромаданд.

Баҳс тӯл кашид. Шоир ҷониби дар, ки Шамсиддин нишаста буд, бо дарду алами сӯзон менигарист ва мунтазири навбати худ, сир бой намедод. Билохира навбат расид:

— Ҷои дархӯрди уламо суфаи миёни масҷид аст, зеро мударрисон он ҷоменишастанд. Ҷои орифон кунҷи хонақоҳ аст, ки маърифат он ҷост. Сӯфиёнро кафшгоҳ мезебад, зеро талабгори ҳақро хоксорӣ мебояд. Ҷои ошиқ паҳлӯи маъшуқ аст.

Инро гуфту сӯи дар равон шуд. Анбӯҳ роҳ кушод. Ва ҳама диданд, ки писари Султонулуламо шайхи шинохта, алломаи мӯътабар дар паҳлуи каси наслу насабаш маҷҳул, як омадаю обовардае зону зад.

Дақиқае пас писараш Валад, Салоҳиддини Заркӯб, Ҳисомиддини «марҳами роз» ва иддае аз муридон бархоста паҳлӯи онҳо саф оростанд.

Дар саҳни мадраса ғавғо хест. Нахуст шогирди шайх Садриддин овоз баровард:

— Ку маъшуқ? Пурсид, ӯ бо тамасхур.

— Маъшуқ худи ту ҳастӣ, аз пой то сар. Чашм, ки надорӣ,

намебинӣ! – хитоб намуд Ҷалолиддин ва маҷлисро тарк гуфт.

Овозаи баҳс то кӯшкҳои аъён ва тахти султон расид. Агниён дар ғазаб буданд. Ғарибе шайхи машҳурро бероҳа карда, ҳардувон шабу рӯз биайни ҷарияҳои зархарид месуруданду мерақсиданд, обрӯи риҷоли динро ба хоки сиёҳ рехтанд, айбу шармро барҳам мешикананд. Анъанаҳои муборакн ниёгонро, фармудаҳои Худовандро табоҳ карданд. Агар ин кирдори зишт идома ёбад, қиёмат қоим мешавад, ё аллакай дунё чаппа шудааст. Худовандо, моро бубахш ба ин густохӣ, бенавоён ба тахт менишинаду дороён дар остона. Оё кирдори Бобо Исҳоқи роҳзан кифоя набуд, ки дар шаҳр ғавғо ангехт ва ҳоло дар пойтахт чунин шӯр мебинем?

Қаротой бардареғ мекӯшид, ки пархошро басанда кунад. Орифон мардуместанд, ки ба ҳиссу ҳаяҷон дода шудаанд, чун ба эшон ваҷду ҳол даст диҳад, чиҳое намегӯянд? Дунё аз сиришт чӣ гунае буд, ҳамон сон то абад боқӣ хоҳад монд. Барабас нагуфтаанд, ки «Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад».

Кор ба дараҷае расид, ки Шамсро ошкоро таҳқир медоданд, сипоҳиён дар кӯчаҳо ӯро дидан замон даҳон ба дашном мекушоданду даст ба шамшер мебурданд.

Ҷалолиддин умедвори фарҷоми Саъид буд. Қаратой яке аз ду тани қавитарини рукни давлат ба шумор меомад ва мушкиле набуд, ки ӯ осон намояд.

Вале Шамси Табрезӣ пешомадро аз дӯсташ, ки тоза аз мадрасаи нимторик ба дунёи равшан мебаромад, ғайр аз он аз файзи нури дарёфтааш маст буд, возеҳтар медид. Дар ин олам, ки ваҳдат самари муборизаи тазодҳост, муҳаббат аз нафрат ломутаҷазост. Ба мартабае муҳаббат беғаш бошад, кароҳати ҳасудон ҳамон қадар бештар мегардад, ӯ инро аз худу таҷрибаи рӯзгор медонист.

Солиёне баъд ҳунармандон, уламо, муғанниён аз бедодиҳо ва тангдастӣ шикоят мекарданд, аз Мавлоно кӯмак металабиданд ва ӯ кӯшиши зиёде ба харҷ дод, ки роҳи салоҳ

ёбад ва сиюнуҳсола буду хомхаёл панди қадимаи халқиро доиман вирди забон мекард. «Расми сарои куҳан чунин аст, ки дарахти борвар ҳамеша санг мехӯрад».

Талафоти гароне бор овард ин суханон: ҳаёти дӯсти бузург ва фарзанди худ, ки худ ӯро радди маъракa хонд, номашро аз ҷаридаи мурдагону зиндагон батлон сохт.

Шамсиддин мефаҳмид, ки оташи танаффурро вақт хомӯш мекунад ва тасмим гирифт Қунияро тарк бикунад.

Ҷалолиддин фирокро дар гӯшаи хаёлаш тасаввур намекард. Танҳо хаёлаш азоби алим буд:

*Хуш хиромон меравӣ, эй ҷони ҷон, бе ман марав,*
*Эй ҳаёти дӯстон, дар бӯстон бе ман марав.*
*Эй фалак бе ман магарду в-эй қамар бе ман матоб,*
*Эй замин бе ман мабошу в-эй замон бе ман марав.*
*Ин ҷаҳон бо ту хуш асту он ҷаҳон бо ту хуш аст,*
*Ин ҷаҳон бе ман мабошу он ҷаҳон бе ман марав.*
*Эй аён бе ман мадону в-эй забон бе ман махон,*
*Эй назар бе ман мабину в-эй равон бе ман марав.*
*Шаб зи нури моҳ рӯи хешро бинад сапед,*
*Ман шабам, ту моҳи ман, бар осмон бе ман марав.*
*Хор эмин гашт з-оташ дар паноҳи лутфи гул,*
*Ту гулӣ, ман хори ту, дар гулситон бе ман марав.*
*Дар хами чавгон – т метозам, чу чашмат бо ман аст,*
*Ҳамчунон дар ман нигар, бе ман марон, бе ман марав.*
*Чун ҳарифи шоҳ бошӣ, эй тараб, бе ман манӯш,*
*Чун ба боми шаҳ равӣ, эй посбон, бе ман марав.*
*Вои он кас, к-ӯ дар ин раҳ бе нишони ту равад,*
*Чун нишони ман туӣ, эй бенишон, бе ман марав.*
*Вои он к-ӯ андар ин роҳ меравад бе донише,*
*Дониши роҳам туӣ, эй роҳдон бе ман марав.*
*Дигаронат ишқ мехонанду ман султони ишқ,*
*Эй ту болотар зи ваҳми ину он, бе ман марав.*

Мо огоҳ нестем, ки Шамс ба Ҷалолиддин чӣ гуфт, чӣ бурҳону далел овард ва чӣ тавр ӯро розӣ намуд. Фақат ҳаминаш равшан, ки барои Ҷалолиддин дубора ҳамдами худ, он саодати осмоние, ки барояш нозил шуд, аз даст додан аз марг гаронтар буд. Шояд ақлу хирадаш мувофиқат дода бошад, аммо ҳаргиз замираш онро намепазируфт:

*Азми рафтан кардаӣ чун умри ширин, ёд дор.*
*Кардаӣ аспи ҷудоӣ рағми мо зин, ёд дор*
*З-ин замину чарх рӯяд мар туро ёрони соф,*
*Лек аҳде кардаӣ бо ёри пешин ёд дор.*
*Кардаам тақсирҳо, к-он мар туро кин оварад,*
*Лек шабҳои маро, эй ёри пуркин, ёд дор.*
*Қурси маҳро ҳар шабе чун бар сари болин ниҳӣ,*
*Он ки кардӣ зонуи моро ту болин, ёд дор.*
*Ҳамчу Фарҳод аз ҳавоят кӯҳи ҳиҷрон меканам,*
*Эй, туро Хусрав ғулому сад чу Ширин, ёд дор.*
*Бар лаби дарёи чашмам дидаӣ саҳрои ишқ,*
*Пур зи шохи заъфарону пур зи насрин, ёд дор.*
*Илтимоси оташинам сӯи гардун меравад,*
*Ҷабраил аз арш гӯяд: «ё раб, омин», ёд дор.*
*Шамси Табрезӣ, аз он рӯзе, ки дидам рӯи ту,*
*Дини ман шуд ишқи рӯят, мафхари дин, ёд дор.*

Боре, бомдод, бо ҳеҷ кас хайрбод нагуфта, ки дӯстонро гирёну душманонро шод насозад ва онҳо аз асараш наафтанд, пинҳонӣ, чи хеле ки омад, ҳамон тавр ғайб зад. Яке аз «котибони асрор» тибқи гуфтаҳои худи шоир менависад, ки Шамс бистуякуми шавволи соли 643 ҳиҷрӣ – понздаҳуми феврали соли 1246 тарки Қуния кард. Онҳо ҳамагӣ понздаҳ моҳу биступанҷ рӯз бо ҳам буданд. Аз гуфтаи Ҷалолиддин бармеояд, ки онҳо дар ниҳоят видоъ накардаанд. Шоир умедвор буд, ки Шамс ҳарчанд ба касе, ҳатто ба дӯсти худ нагуфта, ки ба куҷо оҳанги сафар дорад, мужда хоҳад дод.

Беш аз моҳе дӯсту душман, ба вижа душманони зери ниқоб, асар ҷустанд, вале дареғ. Шамсиддин дар тӯли солҳои зиёди мусофират ва таоруф бо аҳзоби мазҳабӣ, гурӯҳҳои мутасаввифин, ҷараёнҳои халқӣ ва ихвонуссафо сирдор гашт. Гумони уламо, дарвешон ва ағниё, ки ғайб задани Шамсро фоли нек мепиндоштанд, ва гӯё Мавлоно аз ин пас ба худ меояд, ботил баромад.

Ҷалолиддин ҷуз чанд тан муридон, ки бо Шамс ихлос доштанд ба хосса ихвон, касеро напазируфт. Вай аз матои ҳиндубараи сиёҳ, ки дар азо мепӯшанд, фараҷ дӯхт. Кулоҳи мисгуни баланд дӯзонид ва саллаи кӯтоҳеро даври он чилликбанд кард, мисли Шамс мӯзаи сабуки ба арғушт мувофиқ пӯшид. Аз андӯҳ гиребони пероҳанашро чок кард. Пас аз марги шоир писараш Валад маслаки мавлавия ташкил дод ва ин малобисро анъанавӣ эълон кард.

Ҷалолиддин дигар ба суфаи мадрасаву минбари масҷид набаромад. Базмҳои арғушту самоъ минбари мазҳаби беунвони ӯ гашт. Баъдҳо мардуми олимартаба диданд, ки меҳру муҳаббати Ҷалолиддин дар дили мардум зӯр аст, иқтидори шеъри ӯро эътироф карда, борҳо ба дарбору кӯшкҳои худ даъват намуданд. Ҷалолиддин баъзан таклифи онҳоро мепазируфт. Лекин на мисли муосираш Қоъонӣ, ки бо мутоибот подшоҳ ва атрофиёни ӯро бо тамаъ сано мегуфт. Боре Қоъонӣ дар ҳаққи шоир Саноӣ суханони густох зад, мар – ӯро мусулмони комил нест гӯён наҳ зад. Мавлоно Саноиро муршиди маънавӣ хонда буд, эътироз кард:

— Даҳонатро пӯш! Агар мусулмонон пояи баланди исломи Саноиро дарк мекарданд, даҳонашон воз мешуд! Ту ва ҳазорҳо амсолат куҷою мусулмонӣ куҷо, мусулмонтарошҳо!

Ҷалолиддин ба кӯмаки бечорагон ва соликони тангдасти худ ба дарбориён муроҷиат мекард. Инчунин мегуфт: ба хотир оранд, ки подшоҳон низ мирандаанд; ҳарчанд Қоъониҳои беадад гирдашонро тавқ банданд, одаманд, ба ҳукми мусалламӣ наслҳо гирифтор мешаванд.

Ҷалолиддин ҳикмати қадимаи «Агар хоҳӣ забардаст бошӣ, инсониятро фаромӯш кун» - ро медонист. Боз медонист, ки ҳатто нокаси аз одамият дур ва мутанаффир ба бани одам аз одамият холӣ нест. Аз ин рӯ ба мардумияти ағниё, на бал ба заъфи умумибашарӣ, ба орзуи абаддудаҳр ҷовид дар хотири ояндагон мондани онҳо муроҷиат мекард.

Моҳҳо сипарӣ мешуданд. Маҷлисҳои Ҷалолиддин сернуфус буд. Фаридун Салоҳиддини Заркӯб, ҳамоне ки дар деҳаи Камил таваллуд ёфтааст, ҳамоне ки деҳқон дар полез дар бораи ӯ ба Шамс гуфт, ҳамоне, ки бо Ҷалолиддин ба зиёрати мақбараи Сайид рафт, ҳамоне ки дар хонаи ӯ Ҷалолиддин бо Шамс хилват гузид, заргаронро меовард. Ҳисомиддин Чалабӣ, писари солори ахии Қуния аз вазифаи худ даст кашида, «марҳами роз»-и Ҷалолиддин гашт ва дар когази самарқандию багдодӣ навиштани ашъори устозро афзал донист. Бародарони ихвонуссафо, ки аз «косаи садоқат» намакоб хӯрда буданд, дар маҷлис ширкат меварзиданд. Онҳо на дарвешу на сӯфӣ, балки машғули кори рӯзмарраи худ буданд. Агар мадади онҳо намебуд, шояд шоире ҳамчун Ҷалолиддин Румӣ арзи ҳастӣ намекард: бе онҳо аз ташвиши рӯзгор ва ӯҳдаи таъминни муридон намебаромад.

*Ҷалолиддин аз фироқ дилтанг буд.*
*Биё, биё, ки зи ҳаҷрат на ақл монду на дин.*
*Қарору сабр бирафтаст з-ин дили мискин.*
*Зи рӯи зарду дили дарду сӯзи сина мапурс,*
*Ки он ба шарҳ нагунҷад, биё, ба чашм бубин.*
*Чу нони пухта зи тоби ту сурхрӯ будам,*
*Чу нонреза кунунам, зи хоки раҳ барчин.*
*Чу оина зи ҷамолат хаёли Чин будам,*
*Кунун ту чеҳраи ман бин зи дард чин ба чин.*
*Мисоли обам дар ҷӯй, каҷравон чапу рост,*
*Фироқ аз чапу аз рост баркушода камин.*
*Ба рӯзу шаб чу замин рӯ бар осмон дорам,*

*Зи рӯи ту, ки нагунҷад дар осмону замин.*
*Саҳар зи дард нависам нома пеши сабо,*
*Ки, аз барои Худо, раҳ суи сафар бигзин.*
*Агар сари ту ба гил дарбувад, машӯю биё,*
*В-агар ба хор бувад по, ба канданаш манишин.*
*Расидаӣ ту ба олам, ба чархи оинаранг,*
*Куҷост гӯши намозе, ки бишнавад омин.*
*Биё, биёву халосам деҳ аз биёву бирав,*
*Биё, чун ки раҳад ҷонам аз чунону чунин.*

«Шариатпаноҳони кӯрдил ва худбинони ҷоҳил, - навиштааст ним аср пас аз Ҷалолиддин муаррих Афлокӣ, — овозае паҳн кардаанд, ки гӯё донишманди ҳассос, писари Султонулуламо аз рақсу суруд ақлашро хӯрдааст ва сабагори ин табрезии шум аст».

Ҷалолиддин ба онҳо бо шеър ҷавоб мегуфт:

*Бархезу бизан яке навое*
*Бар ёди висоли дилрабое.*
*Ҳин, вақти сабӯҳ шуд, футӯҳе,*
*Ҳин, вақти дуост, ассалое.*
*Бикшо сари хунби хусравонӣ,*
*То халқ зананд дасту пое.*
*Садгун гиреҳ аст бар дилу нест*
*Ҷуз бодаи ҷон гиреҳкушое.*
*Аз ҷой бубар ба як қинина*
*Онро, ки қарор нест ҷое.*
*Ҷуз дашти адам қароргаҳ нест,*
*Чун нест вуҷудро вафое.*
*Бар суффаи хок таррае нест,*
*Ҳарсӯй зи чист жожхое?*
*Олам мурдору омма чун саг*
*Кӣ дид зи дасти саг сахое?*
*Соқӣ, дардеҳ сало, ки чун ту*

*Ҷонро бинадид ҷонфазое.*
*Мо чун мису оҳанем собит*
*Дар ҳайрати чун ту кимиёе.*
*Дар магз фикан ту ҳӯй – ҳӯе,*
*В-аз халқ барор ҳой – ҳойе.*
*То рӯҳ зи мастиву харобӣ*
*Нашносад ҳаҷв аз саное.*
*З-ин бода чу маст шуд Фалотун,*
*Нашносад дард аз давое.*
*Дурдӣ деҳу ақлро чунон кун,*
*К-ӯ дурд надонад аз сафое.*
*Бар нотиқи мантиқӣ фурӯ рез*
*Аз ҷоми сабӯҳиён атое.*
*То дам назанад, дигар наҷӯяд*
*Занбили фатири ҳар гадое.*
*Хомуш, ки туро мусаллам омад*
*Бархостан аз адам бақое.*

Дар айни ҳол муридоне, ки аз эътиқоди навини Ҷалолиддин ва садоқати шайху Шамс норозӣ буданд, диданд, ки авом ҳамраъйи шоир аст ва соликони нав пайдо мегардад, онҳо худро канора гирифтанд. Баъдҳо бо маслиҳати амалдорони султон ва вазири бузург Соҳибато аз бими он ки Ҷалолиддинро тамоман аз даст надиҳанд, бо тазарруъ аз ӯ узр пурсиданд.

Воаҷабо, шоирон ва ҳунарварон, ки асрори дили инсонро медонанд, олимон, ки қонунҳои коинотро кашф мекунанд, дар назди макру ҳиял ва иғво лоилоҷ мемонанд. Касоне, ки саргарми кушодани асрори азаланд, манфиатҳои ҷузъӣ ва ночизи ашхоси каммояро, ки шуғлашон макру нифоқ аст, тасаввур карда наметавонистанд. Ин зумра инсонҳо ба макру ҳиял, риё, иғво чун обу ҳаво ниёз доранд. Эшон дар ҳамон муҳит набард доранд, дар ҳамин соҳат маҳорати онон зоҳир мегардад.

Ҷалолиддин аз сидқи соф ҳамагонро авф намуд. Вале руҷӯъи дӯстони дерина андӯҳи ӯро сабук накард:

*Ҳавасест дар сари ман, ки сари башар надорам,*
*Ман аз ин ҳавас чунонам, ки худ хабар надорам.*
*Ду ҳазор мулк бахшад шаҳди ишқ ҳар замоне,*
*Ман аз ӯ ба ҷуз ҷамолаш тамаъе дигар надорам.*
*Камару кулоҳи ишқаш ба ду кавн мар маро бас,*
*Чӣ шуд ар кал(л)а бияфтад, чӣ ғам ар камар надорам.*
*Саҳаре бибурд ишқаш дили хастаро ба ҷое,*
*Ки зи рӯзу шаб гузаштам, хабар аз саҳар надорам.*
*Сафаре фитод ҷонро ба вилояти маъноӣ,*
*Ки сипеҳру моҳ гӯяд, ки чунин сафар надорам.*
*Зи фироқи ҷони ман гар зи ду дида ҷон фишонад.*
*Ту гумон мабар, ки аз вай дили пургуҳар надорам.*
*Чи шакарфурӯш дорам, ки ба ман шакар фурӯшад,*
*Ки нагуфт узр рӯзе, ки бар ӯ шакар надорам.*
*Бинамудаме нишоне зи ҷамоли ӯ, валекин*
*Ду ҷаҳон ба ам бароянд, сари шӯру шар надорам.*
*Таб (а) рез аҳд кардам, ки чу Шамсиддин наёяд,*
*Биниҳам бу шукр ин сар, ки ба ғайри сар надорам.*

Аз ғайбати Шамс як сол пурра гузашт. Бомдоди сарди чилаи зимистон буд, дарвеше дари хонаи шоирро кӯфта таъзимкунон лӯлаваракро дароз кард. Аз ҷандаи чиркин, ҷазбаи чеҳрааш ҳувайдо буд, қаландар аст.

— Хотун! Хотун! – фарёд зад Ҷалолиддин. – Муждагонӣ! Чизе дар хона ҳаст, биёред! Муждагонӣ! – Вай чунин ҳарф мезаду қаборо аз тан, маҳсиро аз пой мебаровард.

Нидои ӯ дудмонро ба по хезонд. Сарнахуст писархондаш Яҳё баромад. Кирахотун Маликаи навтавлиди гирён дар даст ба меҳмонхона гузашт. Олими чорсола аз бари домони модар медошт. Дастпарвардаи шоир, духтари хона Кимиё бо шигифт аз дар менигарист. Менигаристу манзараи аҷиберо

дида, чашмонаш аз таҳайюр гирда гашта буданд. Мавлоно пои патак, таги эзору курта бо дасти худ малобисашро ба сару тани дарвеш мепӯшонд.

Барои меҳмон дастархон густурданд. Меҳмон нонро бо ордоба ва палав бо завқ тановул мекард, ки гувоҳи гуруснагиаш буд. Гӯё дар ҳузури Ҷалолиддин инсони азизу меҳрубоне нишаста бошад, ӯ бо меҳру муҳаббат ба меҳмон менигарист.

Дарвеш ба қавлаш аз Димишқ меомад. Боисрор такрор менамуд, ки Шамсро бо чашми худ надидааст. Ҷалолиддин имон намеовард. Аз афташ, савганд хӯрдааст, ки ҷои Шамсро ошкор насозад, меандешид Ҷалолиддин.

Димишқ! Ана, дар куҷо паноҳ бурдааст ҷони ҷони ӯ?!

Ҷалолиддин филфавр посух навишт.

Бомдод, пас аз таҳорати мусофир мактубро бо пули ҷамъ оварда ба вай супурда хоҳиш намуд, ки айни ҳол ба роҳ бароянд ва саръътар номаро ба Офтоби Ҳаёти ӯ расонад.

Мусофирро ба хачир савор карда, то дарвозаи шаҳр гусел намуд ва то назар ғойиб шуданаш нигоҳ кард.

Паиҳам боз ду рисола фиристод. Номаи аввалро ба тоҷири даббоғе, ки ба Димишқ сафар дошт, супурда тақозо намуд, ки ба шайхи ахиҳо расонад. Қосиди дуюм муридаш буд.

Ҳарду мактуб беҷавоб монд.

Он вақт писарашро назди худ хонд. Мактуб ва ҳамёни пулро, ки Салоҳиддини заргар ва Ҳисомиддини «марҳами роз» гирд оварда буданд, ба ӯ таслим намуд:

— Ту сафири манӣ. Пулро пеши поящ нисор мекунӣ ва аз номи ман мерасонӣ, ки аъдоят тавба кардаанд, лутф, баргард.

Валад мактубро ба чашм ва сари сина молида таъзим овард ва омодаи сафар шуд.

Дар мактуби Валад омадааст:

«Савганд ба номи Худой, аз лаҳзае, ки ту маро тарк гуфтӣ, шабҳои дароз мисли шамъ месӯзам. Дур аз ту танам харобаву рӯҳам бумро мемонад. Чеҳраи худро ба мо бинамой ва аз ҷамоли худ дили моро шод гардон. Ин ҷо бе ту хушбахтонро чун шаётин насиб сангборон аст. Бе ту ҳарфи хуше аз даҳонам намебарояд. Танҳо пас аз хондани номаи ту ғазале чанд гуфтаму халос. Офтобо, бо ту Арманистон, Рум ва Димишқ ифтихор доранд. Боз ой ва субҳосо шаби тори маро равшанӣ бахшо».

Валад бо бист нафари боэътимод ба роҳ даромад. « Бе эҳсоси хастагӣ аз водиҳо убур мекардам,—— ёдовар шудааст ӯ дар пиронсолӣ,— Кӯҳҳо гӯё ғарами коҳ буданд. Хори роҳ ба назарам гул менамуд. Аз машаққате ҳазор манфиат дидам.Сардии зимистон чун шакар ширину гармои тобистон чун шарбати шафтолу рӯҳафзо! »

Валад дар Димишқ Шамсиддинро пайдо накард. Ӯ на дар мадраса ва хонакоҳҳои атрофи Аббосиён буд ва на дар корвонсаройҳои бозори машҳури Димишқ.

Пас аз суроғи тӯлонӣ, шайхи ахӣ, ки Валадро аз солҳои дар Димишқ таҳсил карданаш мешинохт, ваъда дод, мактуби Мавлоноро ба Шамс мерасонад.

Маълум шуд, ки Шамсиддин аз хавфи бадхоҳонаш дар хонақои устоҳои ҳалабӣ, дар Ҳалабе, ки Валад ҳафтае қалб бидуни таваққуф гузашт, пинҳон шудааст.

Вақте Шамс хилъати сафарии бухорӣ ба бар ва дастори кӯтоҳ ба сар аз дари мадраса намоён шуд. Валад бо муридону меҳмонони қуниявӣ замин бӯсиданд.

Валад динорҳои Мавлоноро ба пеши пояш пошид. Ӯ Валадро дида табассум кард:

— Наход Мавлоно, ки одами бетамаъ аст, бо нуқраву тилло моро ба худ моил карданӣ бошад? Агар ба ман мегуфтанд, ки падарат аз гӯр бархоста ба деҳаи Тали Башири

Ҳалаб омадааст, то туро бубинаду боз бимирад, ҷавоб медодам, ки илоҷ нест, бигузор бимирад! Ва аз ҷоям намеҷунбидам. Аммо ба мулоқоти Мавлоно ҳозирам!...

Мавлоно аз писар хоҳиш карда буд, ки дили Шамсро бо «сухани ширин ва созу сано» ба кор орад, ки алҳол ба ниёзе набуд. Валад самоъи чандрӯзае барпо намуд.

Мавлоно дар Қуния сабру тоқатро бохт.

Ахиран Валаду Шамсиддин ба роҳ афтоданд. Валад ба амру хоҳиши Шамс нигоҳ накарда, ба асп савор нашуд. «Ман куҷою ба шумо баробар шудан куҷо?! Подшоҳ савора аст ва ғулом савора? Чи коногие! Ту маъшуқӣ, ман ошиқам. Ту подшоҳӣ, ман ғуломам. Ту ҷону ман танам! Маро на пиёда дар рикоби ту рафтан, балки ба сар давидан мебояд!»

Бо сар давидан!

Валад то охири умр аз таъсири падар натавонист барояд, ҳарчанд донишманд, боистеъдод ва боҳуш буд. Ҳамчун асосгузори назми турк асарҳои манзуму мансури зиёде мерос гузоштааст ва агар шеърҳояш аз ашъори падар ба дараҷоте паст бошад, чӣ илоҷ. Нобиға дар сад сол як бор таваллуд мешавад ва касе қудрати ба ӯ баробар шудан надорад. Мусибати Валад дар он буд, ки ӯ рӯҳан мурид боқӣ монд.

Эҳсосоти қалбии мусбақи Мавлоно роҷеъ ба писараш, ки муқаллид мешавад, вале давомат не, ҳақ баромад. Аз маргаш даҳ сол нагузашта Валад ҷараёни Мавлавияро таъсис намуд, ки то имрӯз арзи ҳастӣ мекунад.

Пас аз моҳе ба Қуния расиданд, Шамсиддин савораву Валаду аҳли рикобаш пиёда.

Валад аз Ларанда ба падараш пайғом фиристод.

Ҷалолиддин ба қосид чизе дар хона буд, ҳатто дасторашро шодиёна бахшид ва пиёда дар иҳотаи муридону солорони ахӣ ба истиқболи Шамсиддин шитофт.

Шамсиддин Мавлоноро дида аз асп фаромад. Онҳо ҳамдигарро ба канор гирифтанд. Сипас ақиб рафта ба якдигар таъзим оварданд.

*Шамсу қамарам омад, самъу басарам омад,*
*В-он симбарам омад, в-он кони зарам омад.*
*Мастии сарам омад, нури назарам омад,*
*Чизе дигар ар хоҳӣ, чизи дигарам омад.*
*Он роҳзанам омад, тавбашиканам омад,*
*В-он Юсуфи симинбар ногоҳ ба барам омад.*
*Имрӯз беҳ аз дина, эй мӯниси дерина,*
*Дӣ маст бад – он будам к-аз вай хабарам омад.*
*Он кас ки ҳамеҷустам дӣ ман ба чароғ ӯро,*
*Имрӯз чу тунги гул пур раҳгузарам омад.*
*Ду даст камар кард ӯ, бигрифт маро дар бар,*
*З-он тоҷи накӯрӯён нодиркамарам омад.*
*Он боғу баҳораш бин, в-он хамру хумораш бин,*
*В-он ҳазму гувораш бин, чун гулшакарам омад,*
*Аз марг чаро тарсам, к-ӯ оби ҳаёт омад.*
*В-аз таъна чаро тарсам, чун ӯ сипарам омад.*
*Имрӯз Сулаймонам, к-ангуштариям додӣ,*
*В-он тоҷи мулукона бар фарқи сарам омад.*
*Аз ҳад чу бишуд дардам, дар ишқ сафар кардам,*
*Ё раб чӣ саодатҳо ки з-ин сафарам омад.*
*Вақт аст, ки менӯшам, то барқ занад ҳушам,*
*Вақт аст, ки барпаррам, чун болу парам омад.*
*Вақт аст, ки дартобам чун субҳ дар ин олам,*
*Вақт аст, ки баргуррам чун шери нарам омад.*
*Байте ду бимонд аммо, бурданд маро, ҷоно,*
*Ҷое, ки ҷаҳон онҷо бас мухтасарам омад.*

Шамсиддин ҳаштуми маи соли 1247 ба Қуния баргашт. Шахсоне, ки пештар ӯро чашми дидан надоштанд, маъзарат талабиданд. Ҳарчанд медонист, ки душмани тавбакарда хавфноктар аст, бо табассум гуноҳи ҳамаро бахшид. Аксари ба дидорбинӣ омадагон на дӯст буданду на душман, худ намедонистанд киянду чикора.

Ҳаёти пештара, ҳаёти пурҷӯшу хурӯш оғоз шуд. Ҳар бегоҳ

маҷлиси рақсу суруд барпо мегашт ва то субҳ давом мекард. Самоъ диққати мардумро ҷалб кард ва онҳо гурӯҳ – гурӯҳ меомаданд.

Самоъ дар пойтахти султония анъана шуд. Агар ҳар бозаргон, беке, амалдоре барои икроми худ дар кӯшк, боғ, токистон маҷолиси мумасиле барпо мекард ва агар Шамсиддину Мавлоно дар базм иштирок накунанд, онҳо худро муҳаққар меҳисобиданд.

Самоъ баҳри эшон василаи дилхушӣ шуд. Онҳо кӯшиш мекарданд бо ҳамин роҳ аз афкори нангини заволи давлати Салчуқ аз урдуи муғул эмин бошанд, вале баҳри Ҷалолиддин маърази ифодаи мазҳаби навинаш гашт. Вай бори нахуст чунин имкон ба даст овард.

Аҳёнан ӯ ақоидаеро, ки Шамс метарсид ба наздиктарин дӯстонаш ифшо намоянд, баён месохт.

Дар шаби ҷаҳолат, мегуфт шоир, эътиқод шамъ аст, лекин вақте хуршеди муҳаббати инсонӣ тулӯъ мекунад, мафҳумҳо аз маонӣ фориғ мешаванд.

Барои ин суханҳо, ки ишқро аз мазҳаб боло гузошта, Инсони Комил, забармардро ҳақ мешиносад, агар Ҷалолиддини Румӣ дар Аврупо, ватани инсонпарварӣ мезист, чормех мекарданд, ё худ дар оташ месӯхтанд.

Гуманизми Ҷалолиддин умумибашарист ва мавҳуми муҷаррад нест Шарафи Инсони Комил дар ашъори ӯ аз шарафи шахсияти инсон ҷудо нест.

Дӯсти шоир одамест бо номи Шамсиддини Табрезӣ. Аммо сифоти ӯ аз рӯи шариат ва ақоиди хоси Худо ва пайғамбари ӯст. Вай дӯсти содиқашро «хуршеди оламтоб, машъали Ҳақиқат, ҷони ҷаҳон» тавсиф мекунад. Ҷамеъи ин мувассафот аз лиҳози шариат илҳоди махз аст.

Арафаи тирамоҳ, дар маҷлисе, ки дар сарманзили Салоҳиддини Заркӯб идома дошт, фурсате мусиқорон аз навозиш бозмонданд, дарвеши ҷавоне муддабона ба Шамс наздик омад.

— Устод, шумо авлиёед?

Дар чашмони дарвеши ҷавон эътиқод ва содагӣ ҳувайдо буд. Агар ба чунин савол ҷуръат кард, пас барояш шунидани посух басо муҳим. Шамс пай бурд, ки дар паси содалавҳии ҷавон макру фитнае, таҷрибае, коре нуҳуфта аст. Савол талвосаангез буд. Дар он давр аз назари тафаккури динӣ авлиё будан, яъне шакку шубҳа ба ҳаққонияти нуфузи парвардигор ба эътибор мерафт, мисле ки минбаъд хирад, инсондӯстӣ, ё маърифатпарварӣ ба он мубтало гашт. Агар одами оддӣ фикре баён намояд, маҳз ба худи ӯ мутааллиқ аст. Вале ба исми Худою пайғамбар сухане гуфта гардад ва фикре баён ёбад, гапи дигар. Овардани оёт, тафсири он, ривоят, ё ҳадисе аз сирати набӣ, риҷоли мӯътабари дин, ки ба зумраи авлиё мансубанд, силоҳи набарди гоявию сиёсист.

Агар Шамс «не» мегуфт, ба мағлубият дучор меомад, «не» гуфтан низ хавфнок буд. Аз авлиё каромот интизор мешуданд.

Шамсиддин ҳикоятеро дар бораи Ҷуҳӣ овард:

Рӯзе ҳамсоягон ба Ҷӯҳӣ гуфтанд: «Ба кӯча нигар, нуқлу наво мебаранд!» — «Ба ман чӣ?» — посух додааст Ҷӯҳӣ. «Нигоҳ кун, ба хонаи ту меоранд» — гуфтаанд боз. «Ба шумо чӣ?» — буридааст сухани онҳоро Ҷӯҳӣ.

— Авлиёям ё на, — хулоса кардааст Шамсиддин, — ба шумо чӣ?

Шамс, ки аз аввомуннос буд, каломашро на танҳо бо оёти Қуръон, балки бо тамсилу ҳикоёт ва нукот низ оро медод. Ӯ диққати Ҷалолиддинро аз дониши китоб сӯи фарҳанги шифоҳӣ ҳидоят намуд. Ашъори Ҷалолиддин, махсусан дар «Маснавӣ» - и ӯ на фақат маҷмӯи донишҳои асру моқабли он, инчунин ганҷинаи бебаҳои фолклор мебошад, ки саҳми бузурги Шамси Табрезист. Аксари ҳикоятҳои он маҳсули сӯҳбатҳо бо Шамсиддини Табрезӣ мебошад, ки онҳоро «марҳамони роз» рӯи қоғаз овардаанд.

Ҷавоби Шамсиддин агарчи бадеҳӣ буд, пеши ошӯби дар шаҳр хестаро гирифта натавонист. Мардуми сода Шамсро

авлиё мепиндоштанд ва ин табиӣ буд, зеро Мавлоно ӯро мепарастид.

«Ҳаргиз» ! – эътироз менамуданд уламо ва муридони тавбакарда. – Мавлоно чӣ гуфтанашро намедонад. Агар Шамс авлиё мебуд, кайҳо каромот мекард!»

## ҚАТЛ

Боз мунокиша шуд, сухани Шамсро бо саволҳо ва оёти Мусҳафи карим дар мулоқоте густохона қатъ карданд ва ӯ дар дилаш бо Валад чунин норизоият кард:

— Дидӣ, онҳо чӣ мекунанд ва чӣ ният доранд? Мехоҳанд бори дувум маро аз Мавлоно дур бикунанд. Бигузор, шод бошанд. Дигар ҳаргиз касе асари маро нахоҳад ёфт. Ман меравам!

Ҷалолиддин фоли бад гирифт, лекин фироқро дар хаёл роҳ намедод. Шамси Паранда будан кифоя, дӯстам. Вай бояд дар Қуния сокин шуда, реша давонад.

Дастпарварди шоир Кимиёи шонздаҳсола дер боз ба ин одами ғариб, ки Мавлоно эҳтиромаш мекард, бо таваҷҷӯҳ менигарист. Шамс дар ҳақиқат аҷоиб буд. Шамс ба ҳар таассуроти амиқе мегузошт. Ҳар ишора ва ҳар ҳаракати ӯ қатъӣ ва устувор зоҳир мешуд, аз тақвои шуюх ва таассуби зоҳидон орӣ буд. Мудом дар лабонаш лабханди киноялуд, дар жарфнои дидагонаш андӯҳи ҳарифе, ки ноҳангом ба ғазаб табдил меёфт, таҷассум буд. Ришаш сап – сафед, барноёна сабук гом мезад. Ҷозибаи сухан ва чашмонаш шахсро тасхир менамуд.

Тирамоҳ суру арӯсии хоксорона карданд. Кимиё аз риояти Кирохотун баромада, ба гӯшаи дигари мадраса, ба ҳуҷраи Шамсиддин гузашт.

Шамс ба Кимиё ҳамчун ба кӯдак ё худ фариштае меҳр баст. Тараҳҳум менамуд ба ӯ, аз афташ, ҳис мекард, ки

зиндагиашон дер давом нахоҳад кард, дар гирди арӯсаш парвонавор чархак мезад. Шафқат нишонаи муҳаббат аст.

Бархилофи раъйи Ҷалолиддин издивоҷи Шамсиддин фалокатро бартараф накард, бал онро тезонд.

Ҳоло лозим омад шахсеро, ки Ҷалолиддин то охири умр номашро дар хаёл овардан намехост, гӯшзад кунем. Ӯ писари дувуми аз Гавҳар дар Ларанда таваллудёфта ва ба шарифи бародари шодравон Алоуддин ном монда буд.

Шахси бадхӯе буд ва ҳама корро, пеш аз ҳама, баръакси бародари бузурги худ Валад иҷро мекард. Валад мутавозеъ, боодоб ва хушрафтор буд, Алоуддин худсар, бадхашм ва нооро м. Боре динори тиллои Валад гум шуд. Вай хонаро тагурӯ сохта, тасодуф аз даруни китоби Алоуддин ёфт ва ӯро коҳиш кард. Алоуддин писхандзанон иддао кард, ки:

— Ту авлиёӣ, пул ба ту чӣ даркор!

Ҷалолиддин бо азобе онҳоро оштӣ дод. Ӯ мепиндошт, ки писар ният дорад аз зулми падар раҳо ёбад ва ҷодаи худро дар зиндагӣ ҷӯён аст, умедвор буд, ки рӯзе ақлаш медарояд. Вале ҳайҳот.

Алоуддини фавқулодда қобилиятнок мадрасаро базӯр хатм кард. Ба ҳурмати падар мударрис таъин намуданд, лекин кирдораш гувоҳ буд, ки парвои вазифа, муридон, муҳит ва шарафи падар надорад. Дудмон бисёрҳо тагдастӣ мекашид, ӯ ҳафтаҳо дар токзорон ишрат мекард, бо ашхоси махуф қаробат баста, бо канизаку ҷӯриҳо айш менамуд.

«Аз барои Худо, аз барои Худо, аз барои Худо, — навишт ба ӯ падар, — агар хотири падари хешро парешон кардан нахоҳӣ, аҳёлу аёли худро фаромӯш манамо. Чашми туро парда гирифтааст, чунки сӯе, ки ҷилави аспатро гардондай, сароб аст. Одами бисёре ба он тараф асп давондаанд, вале аз об нишоне наёфтанд. Лозим нест, лозим нест, лозим нест, тамом, вассалом! Мо ба мардӣ, некӯкорӣ ва одамияти ту бовар дорем ва умедворем, ки дили падари худро захмин намекунӣ. Падари нотавони ту чанд бор бо амир Сайфиддин ва одамони ӯ

вохӯрда, даст пеши бар дар даҳлез паҳлӯи кафшҳо истод, ҳарчанд, ту медонӣ, ки ман одати ба он ҷо рафтан надорам. Аз барои Худо, аз хонаи худ, аз дӯстони худ дур машав.... Дили падарро ором кун, то дигар мактуб нанавишта, дуои хайри туро бикунад!»

Гӯшмолу навозиш ройгон буд. Худбинӣ бо мурури солҳо дар вуҷуди Алоуддин тақвия мееёфт. Вай, ки мустақил ва озод будан мехост, дар асл ғуломи ғурур, заъф ва хӯи бади хеш буд. Ҳурият куҷо? Мисли лӯъбатак ҳар як ҳаракати падар ва бародарро фақат баръакс такрор мекард.

Бо Қуния омадани Шамсу бо Ҷалолиддин садоқат бастан, устоди Валадро ба зимма гирифтан, ба Кимиё издивоҷ кардан нафрати Алоуддинро зиёд намуд.

Кимиё хушрӯй буд. Вақте чаҳордаҳро пур кард, Алоуддин бо ӯ хонадор шуданӣ буд. Аммо Мавлоно дастпарварди худро беҳад дӯст медошт ва ба Алоуддин ҳамчун зани сейӯм додан нахост. Ва ҳоло Кимиё ҳамсари табрезии шум аст!

Навхонадорон дар мадраса манзил гирифтанд. Тирамоҳ хунук омад, ҳуҷраи мадраса мисли гӯр намнок буд. Оташдони ягона дар даҳлез буд, Шамсиддину Кимиё аз нимаи он пардаи моҳутӣ кашида ба гармӣ наздиктар омаданд.

Ҳар гоҳ, ки Алоуддин ба зиёрати падар меомад, ҳатман аз даҳлез мегузашт, гӯё ба Кимиё вуҷуд доштани худро таъкид мекард.

Рафтори ӯ ба Шамсиддин хуш наомад. Дафъаи дигар, вақте Алоуддин аз даҳлез, «ҷуббаам мондааст» гӯён мегузашт, роҳ надод:

— Ба ин ҷо омадан ва ба андешаам халал расониданро манъ карда будам. Ман ин ҷойро хуфия интихоб намудаам. Фаҳмо!

Алоуддин девонавор бадар рафт ва дигар назди падар наомад. Ҳамнишинонаш, ки ба онҳо ин воқеаро нақл кард, рӯз аз рӯз ӯро тез мекарданд. «Дар куҷо дидаед, ки одам дар хонаи бегонае манзил гираду писари соҳибхонаро аз он ҷо

биронад! Танҳо занак ба ин тоқат мекунад». Дӯстони Алоуддин душманони пинҳону ошкори Шамсу Мавлоно буданд.

Вақте ки Ҷалолидин аз кирдори писар огоҳ шуд, номаи охиринро ба ӯ навишт: «Агар касе аз бефаросатӣ ва ноогоҳӣ писари моро ба роҳи бад кашида бошад, ӯ мулоҳиза кунад ва шитобкорона он роҳро напазирад. Бигзор дунё дар пеши чашмат чаппа шавад, бигузор ҳама ба ту хиёнат кунанд. Ту бо роҳи худ бирав ва ба худ хиёнат макун... Пиндор, ки дар он ҳуҷра падари ту мезияд. Одамони аблаҳе ёфт мешаванд, ки бадкирдории дигаронро дида ба он роҳ меравад. Агар касе аҳвал ё якчашма бошад, магар одами боақл як чашми худро канда мепартояд?»

Шоир ба хислатҳои ҳамидаи инсонӣ: покизарӯҳӣ ва мардии писараш муроҷиат мекунад, даъват менамояд ки «сар аз панҷараи ифлосӣ берун кунад ва аз сафолат озод гардад».

Кӯшиши шоир барҳадар меравад. Худкомӣ, рашк ва хашм дар ниҳоди писари ӯ реша давонда буд.

Алоуддини ғуломи рағбат бозичаи дасти амалдороне буд ки инсониятро бад медиданд ва аз вазъҳои Шамсиддину Мавлоно, таъсири эшон ба раоё меҳаросиданд.

Аввали зимистон Салоҳиддини Заркӯб дар қатори солорони ҳунармандон Мавлоно ва Шамсиддинро ба самоъ даъват менамуд. Шоир шеъргӯён аргушт мерафт. Ромишгарон хаста шуда, бо навбат менавохтаанд. Вале Мавлоно хастагӣ ва гузашти вақтро ҳис намекунад. Базм ду шабонарӯз идомат меёбад.

Кимиё танҳо шабро бо Кирахотун гузаронд. Субҳи рӯзи савум барои дар оташдон оташ гирондан ба ҳуҷра меояд ва он ҷо табақи рӯйпӯшидаву тарбузи азимро мебинад.

Зани ҷавон гул – гул мешукуфад, Офтоби ӯ, шавҳари ӯ дар куҷое бошад, ӯро фаромӯш намекунад. Дар табақ таоми маҳбуби ӯ паҳлава буд, ки аз хамиру ангубин ва равган пухта мешуд.

Маътали бозгашти Шамсиддин паҳлаваро покиза

мехӯрад ва тарбузро барои ӯ мемонад, ки баъди риёзат ташнагиашро бишканад. Пахлава ширин будааст, нӯшидан мехоҳад.

Агар карче тарбуз бихӯрад, Шамс албатта, чизе нахоҳад гуфт. Тарбуз гарм, ҳаво хунук – айни муддао. Гашти рӯз аст, ҳамин замон аз хонаи Салоҳиддин бояд биёяд.

Анбонеро, ки ҳамеша зери сари шавҳараш аст, мекушояд. Кулоҳ, қуббаи сари асо, ки исми аъзам ҳаккокӣ шудааст, вай одатан онҳоро дар маҷлисҳо ва самоъ бо худ мегирад.

Кимиё качкорди яманиро ба даст мегирад. Пасу пеши тарбузро мебурад ва табассумкунон тарбузпоракунии шавҳаршро ба хотир оварда, порае ба даҳон мебарад.

Вақте Шамс пас аз зуҳр ба хона меояд, Кимиё ӯро истиқбол намегирад. Пардаро мебардораду занашро рӯи бистар лӯнда мебинад. Чӣ шудааст ба ӯ?

— Бону! Кимиё! Кабки ман!

Вай барнамехезад, ҷавоб намедиҳад. Чашмонаш калон кушода, дар онҳо андӯҳу азоб нақш бастааст. Нафасаш якка. Шамс ба болои сараш хам мешавад ва мебинад, ки занаш ба сар ишора дорад. Ба тарафи ишора нигариста, тарбузи куштаро мебинад. Занаш эҳтимол, нӯшидан мехоҳад.

Ҷаста мехезаду тарбузу кордро ба даст мегирад.

Занаш хирроси ҷонгудозе мезанад.

Тарбуз аз дасташ ба фарши хона меафтад ва мисли лахтаҳои хуни шахшуда пош мехӯрад.

Аз рӯи анъана ӯро рӯзи дигар мегӯронанд. Шамсиддин сархаму хомӯш, ба ҳамдардӣ ва дилбардорӣ эҳтиёҷ надорад. Ҳамчунон хомӯшона аз паси тобут меравад. Садои гиря ва осӣ Қуръон танинандоз.

Раҳораҳ аз пушт нигоҳи нафратомези мардумро ҳис мекунад, гӯё ӯ гунаҳкори марги Кимиё бошад «Лаънатии шумқадам», — пичиросс мезананд одамон. Ҳалқаи оҳанине диладшро мефишорад.

Мадрасабудагон мотам гирифтанд. Шамсиддин худро нишон намедиҳад, касеро дидан намехоҳад. Дар ҳақиқат ӯ ба шахсони дӯстдоштааш бадбахтӣ ва марг меорад. Худо накарда, осебе ба Мавлоно бирасад, то қиёмат худро нахоҳад бахшид.

Ҷалолиддин мисли ғаввос ба ботини ӯ фурӯ рафта,гавҳари бебаҳоро даст овардааст. Ва ин гавҳар сухани худи Ҷалолиддин аст. Вай ин дороиро муҳофизат ва мукаммал кунад. Шамс ғайб мезанад. Ин даъфа пешакӣ нақшаи фирорро кашидааст. Дарвешони қаландар ӯро ба паси кӯҳи Қоф хоҳанд бурд. Онҳо рӯзи панҷшанбе меоянд.

Панҷшанбеи панҷуми декабри соли 1247 – ро Шамсиддин дар ҳуҷраи худ гузаронд. Шомгоҳ ӯро фарёд карданд. Вай бешитоб сӯи дар қадам гузошт ва он қадамҳои охирини ӯ дар рӯи замин буд.

Бомдод Ҷалолиддин ба хонаи Валад зада даромад:

— Бархез! Чаро хобидаӣ? Шайхи худро биҷӯ! Боз бӯи муаттари ӯ ба машом намерасад.

Валад аз бистар парида хесту ҳайратзада ба падараш нигарист,

— Раву ҷустуҷӯяш бикун! Мардумро ба по хезон! Зудтар!

Валад саросема либос пӯшида аз ҳуҷра бадар рафт. Шамсиддин дар ҳеҷ ҷой набуд. На дар мадраса, на дар хонаи ахӣ, на дар масҷиду хонақоҳу корвонсаройҳо. Посдорони шабона ва рӯзона шахсе монанди ӯро надидаанд, ки аз дарвоза берун рафта бошад.

Мавлоно хобу хӯрро фаромӯш карда буд.

«Вай аз фироқ ақл бохта буд, — ёдбуд мекунад Валад. – Сарро аз по фарқ намекард. Шайхе, ки фатво медод, шоире, ки аз ишқ маст буд, зоҳиди майфурӯш шуд. Вале на майдухтари разро мехӯрду онро мефурӯхт. Нуреро, ки аз қалбаш мебаромад, нӯш мекард».

Ҷалолиддин боз фараҷи мотам ба бар ва кулоҳи зард ба

сар кард. Гиребони худ дарида, мӯзаи сабук пӯшид. Рубоби чаҳоргӯшаи арабиро ба рубоби шашгӯша иваз намуд. Шаш гӯшаи рубоб рамзи Машрику Мағриб, Шимолу Ҷануб ва Биҳишту Дӯзах буд. Садои рубоби ӯ ба гӯши Шамс, дар куҷое бошад, бояд бирасад.

Валад дар айни замон овозаҳои ҳархела ва даҳшатнокро мешунид Ду нафар сипоҳии маст дар маҳаллаи яҳудиён писханд мезананд: « Офтоб ба қаъри замин рафтааст, дигар барнамегардад ». Яке аз одамони Алоуддин ҳини пурсиш мегӯяд: «Шамолро дар ҳомун ва оби ҳайвонро дар чоҳ ҷӯй »

Алоуддин дар куҷост? Ӯро дар Қайсария меёбанд, ки рӯзона ба тоату ибодат ва шабона ба майнӯши машғул аст.

Не! Не! Набояд ин хел бошад. Валад гумонҳои бадро аз сараш дур кардан мехоҳад.

Канизаки фарроши мадраса обро аз фаввораи мадраса не, балки аз чоҳе, ки ҳайвонот об мехӯранд, мегирад ва дар роҳ доши хунро мебинад.

Валад шабона дар хобаш дод мезанад ва мегиряд. Ин ҳол чандин сол давом мекунад. Афкореро ки мо то ниҳоят таҳлил карда наметавонем, ё худ дар тафаккури хеш роҳ намедиҳем, аглаб дар рӯъё мебинем, зеро хирад дар хоб низ амал мекунад, гӯшонаю киноя, аломатҳо, эҳсосоти маҷмаъ мегардонад.

Валад мисли дигар рӯҳониёни замонаш рӯъёро чун ваҳй мепиндошт. Лекин ин дафъа то ҳақиқати ҳолро равшан насохт, бовар накард.

Шаби дигар Валад се нафари боэътимодро бо худ гирифта, аз мадраса мебарояд. Дуздвор, бечарог ба сари чоҳ меояд. Шаб торик, ситораҳо хомӯшона чашмак мезананд.

Сарпӯши чоҳро бардошта, ресмони дарози чангак бастаро ба даруни чоҳ меафканад.

Шалапоси об. Ресмонро се оршин дароз менамояд.

Ресмонро меҷунбонад, боло мекашанд. Таранг мешавад. Чаҳоркаса мекашанд, кафи дастҳо хуншор мешавад. Валад аз ҳар зарбаи ба девор бархӯрда як қад мепарад.

Баробари намоён шудани ҷасад онҳо Шамсиддинро мешиносанд. Чангакҳо либосҳояшро даронда ба баданаш фурӯ рафтаанд. Валад чангакҳоро аз танаи ӯ мекашад, хун намебарояд.

Азбаски Валад то дақиқаҳои охирин бовар надошт, бо ҷасад чӣ кор карданашро намедонист. Ҷуз онҳо, ки савганд хӯрдаанд, касе набояд Шамсро мурда бубинад.

Ҳамин вақт дахмаи холии Бадриддини Гавҳартош ба хотираш мерасад.Дар он ҷо, фақат дар он ҷо онҳо метавонанд Шамсиддини Табрезиро пинҳонӣ ба хок биспуранд.

Пас аз даҳ сол зани ҷавони Валад, Фотимахотун шабонгоҳ бедор шуда ҳаросон ба шавҳараш менигарад.То ҳол шавҳарашро гирёну ошуфтаҳол надида буд. Чи шудааст ба ӯ. Валад аз занаш дилпур аст,вале ӯ бояд савганд ёд кунад ва ба касе ин сирро накушояд.

Фотима ним аср хомӯш буд.Ҳангоми пирӣ, пас аз вафоти Ҷалолиддин ва Валад, он сирро бо худ ба гӯр бурдан нахоста, ба писараш ошкор кард. Ва пас аз панҷоҳ соли вафоти Ҷалолиддин « марҳами роз » - и набераи ӯ шайх Аҳмади Афлокӣ ҳикояти ӯро рӯи коғаз овард.

Шамсро қаландарон даъват накарда буданд. Ҳафт нафар ӯро маътал, Алоуддин низ бо онҳо. Шамс намоён шуду ҳафт корд ба баданаш халид.

«Валад чоҳеро, ки Шамсиддинро партофта буданд, дар хоб дид ва бо ёронаш ҷасадро аз он ҷо бароварда гӯронид», — нақл мекардФотимахотун. Аммо ҷое, ки ӯро ба хок супурда буданд, ҳафт аср номаълум буд.

Ҳафт аср сипарӣ шуд. Аз паси девори ғафси замонҳо на дард аён аст ва на садои дарду ҳасрат шунида мешавад. Аздусар ӯ кайҳо чашм аз дунё мепӯшид ва устухонҳояш хок мешуданд.

Дар тӯли ҳафт аср ашхоси машҳуру номаълуми бешуморе дунёро тарк карданд ва куштору ҷиноятҳои бисёре рӯй дод. Ҳафт корди қассобӣ. Бо машк об оварда хунро шустаанд. Чоҳ. Ба гуфтан осон.

Фочиа, пас аз пурра моҳияти онро дарк кардан, моро ба ҳаячон меорад.

Ҷалолиддин Румӣ моҳияти фочиаи маъшуми панҷуми декабри соли 1247 дар Қуния рӯйдодаро ба башарият ошкор намуд. Ба ҳамин васила ин моҷаро анӯшаю абадӣ гашт.

Мақтул ва падари қотил дар шахси ҳамдигар он Инсони Комилро медиданд, ки дар худ одам ва башариятро шинохта, гирифтори ишқи ӯ шуда, худро фаромӯш карда буд. Ҳар кас метавонад таъоло ёбад.

Шамсро куштани Алоуддин сӯиқасд ба башарият буд. Вай дар айни ҳол худро кушт ва номашро аз қатори мурдаҳо ва зиндаҳо баровард.

Ёд доред: « Касе, ки одамеро кушт, ҳамаро кушт. Касе, ки одамеро ҳаёт бахшид, ҳамаро наҷот дод».

Ҷалолиддин пас аз фаҳмидани ҳақиқати ҳол писари худро дигар надид. Ба дафнаш низ нарафт.Авлоди писараш аз ҷаридаи олам беному нишон шуд.

Панҷоҳ сол пас писари Алоуддин ба писари Валад муроҷиат намуд: «Мо низ аз шаҷараи Мавлоноем,- гуфт ӯ.— Писар ҷавобгари кирдори падар нест». «Шумо шохаед, ки кайҳо буридаанд», - посух дод писари Валад.

Валад ягона шахсе буд, ки асли воқеаро медонист. Чи бояд кард?-меандешид ӯ.Яке аз қотилон бародараш, лекин падари қотил падари ӯ низ буд.

«Фиғони Мавлоно ба осмони ҳафтум мерасид, - ёдовар шудааст Валад,—навҳаи ӯро аз ҳафт то ҳафтодсола мешунид. Тиллову нуқраи ба дастовардаашро нисори ромишгарон менамуд. Рӯзе бе мусиқа ва рақс зиста наметавонист, оромиро фаромӯш карда буд. Ҷумла беҳол, гуё маст бошад. Агар мастии эшон аз май мебуд, пас аз ҳушёр шудан ба худ меомаданд. Лекин онҳо аз суруд нолиш ва бехобӣ бехуд буданд. Аз хастаги ҷон аз танашон мебаромад, аз оташи бешӯъла қалбашон ба хокистар табдил меёфт.Тамоми шаҳр ошуфта шуда буд. Шаҳр чӣ? Ҷаҳон мехурӯшид. Сари забони

ҳама як сухан буд: « Пешвои ислом, шайхи ду ҷаҳон мисли девона дар хурӯш аст. Аз асари ӯ мардум шариатро фаромӯш кардаанд. Шеъру ғазал ҷои дуоро гирифтааст. Касе на намоз мехонаду на анъанаҳоро риоя мекунад. Ишқ дину мазҳаб шудаасту мастиву худфаромӯшӣ шуғли ягона. Подшоҳи подшоҳонашон Шамси Табрезист»

Ҷалолиддин барҳақ аз худ бегона шуда буд. Магар Валад метавонист дар чунин ҳолат хабари ҳалокати Шамсро ба ӯ бирасонад?

Овозаҳои ҳалоки Шамс ба гӯши Ҷалолиддин ҳам мерасиданд. Вале ӯ майли бовар кардан надошт:

*Кӣ гуфт, ки он зидаи ҷовид бимурд?*
*Кӣ гуфт, ки офтоби уммед бимурд?*

*Он душмани хуршед баромад бом,*
*Ду чашм бубасту гуфт Хуршед бимурд.*

Шахсе дар кӯча ба Ҷалоилиддин гуфт, ки Шамсро дидааст. Шоир дарзамон ҷомаашро кашида ба ӯ дод. Вақте ба ӯ гуфтанд, ки он одам дурӯғ мегӯяд, Ҷалолиддин андӯҳгин посух дод:

— Барои дурӯғ гуфтанаш ҷомаамро додам. Агар рост мегуфт, ҷонамро медодам!

Валад, ҳангоме падараш тасмим гирифт ба Димишқ ба ҷустуҷӯи Шамс меравад, низ чизе нагуфт.

«Мавлоно дар Димишқ Шамсро пайдо накард, - ёдовар мешавад Валад. – Ӯ мегуфт: «Тану ҷони мо аз ҳамдигар ҷудост, вале мо нури ягонаем. Хоҳӣ, ба ман нигоҳ кун, хоҳӣ ба ӯ. Ман ӯ ҳастам, ӯ ман аст...».Кабквор ба Димишқ рафт ва аз онҷо уқоби кӯҳӣ баргашт.

Баъд аз он Ҷалолиддин ғазалиёти худро бо тахаллуси Шамсиддини Табрезӣ месуруд. Ӯст, ки шеърро ба Ҷалолиддин илқо мекунад, шоир ровӣ ва ё наққол асту халос.

Ҷалолиддин бо шогирдону муридон бори дувум ба

Димишқ рафт. Ин дафъа ҳам Валад садди роҳи шоир нашуд. Ин бор Ҷалолиддин Шамсро дар кӯчаву бозор, масҷиду хонақоҳ наҷуста, бо ҷамъи ёрон ба маҳфили самоъ нишаст. Умедвор буд, ки агар Шамс дар Димишқ бошад, ба маҳфили онон мепайвандад. Димишқи сарсабз, ки боғи исломаш меномиданд, ғарқи рақсу суруд буд, вале аз Шамс сару садое нашуниданд.

Ҷалолиддин боз ба Қуния баргашт. Мисли пештара пуршӯру шааф не, хомӯшу андешаманд бо ёрону шогирдони нав вориди Қуния шуд.

Бигузор маҳбубашро надид, ба оғӯш накашид, овозашро нашунид, вале оё ин маънои онро дорад, ки Офтоби ҳақиқати ӯ ғуруб кардааст? «Агар ӯ ман бошам, пас чиро ҷӯёнам? Ҷамолу камоли ӯ дар ман аст. Дар ҷустуҷӯи худ мисли май дар хум меҷӯшаму кафк мекунам!»

Бори савум азми сафари Димишқ кард.

*Мо ошиқи саргаштаву шайдои Димишқем,*
*Ҷондодаву дилбастаи савдои Димишқем.*
*З-он субҳи саодат, ки битобид аз он сӯ*
*Ҳар шому саҳар масти саҳарҳои Димишқем.*
*Бар боб баридем, ки аз ёр буридем*
*З-он ҷомеъи ушшоқ ба ҳазрои Димишқем.*
*Аз чашмаи Бунвос магар об нахӯрдӣ,*
*Мо ошиқи он соиди саққои Димишқем.*
*Бар мусҳафи Усмон биниҳам даст ба савганд,*
*К-аз лӯълӯи он дилбари лолои Димишқем.*
*Аз боби фараҷ дуриву аз боби фародис,*
*Кӣ донад к-андар чӣ тамошои Димишқем.*
*Бар рабва бароем, чу дар маҳди Масеҳем,*
*Чун роҳиби сармаст зи ҳумрои Димишқем.*
*Дар найраби шоҳона бидидем дарахте*
*Дар сояи он шиставу дар вои Димишқем.*
*Ахзар шуда майдону бигалтем чу гӯйе*
*Аз зулфи чу чавгон, ки ба саҳрои Димишқем.*

*Кай бемаза монем, чу дар мазза дароем,*
*Дарвозаи шарқии сувайдои Димишқем.*
*Андар ҷабали солеҳи конест зи гавҳар*
*З-он гавҳар мо ғарқаи дарёи Димишқем.*
*Чун ҷаннати дунёст Димишқ аз паи дидор*
*Мо мунтазири рӯъяти ҳусноы Димишқем.*
*Аз Рум битозем савум бор суи Шом,*
*К-аз турраи чун шоми мутаррои Димишқем.*
*Махдумии Шамсиддини Табрез гар онҷост,*
*Мавлои Димишқему чи мавлои Димишқем.*

Ва ё шояд Шамсиддин дар зодгоҳаш Табрез пинҳон шуда бошад? Ӯ омода аст, ки ба онҷо ҳам биравад, то бори дигар ӯро зиндаву саломат дар рӯи замин бо чашмони худ бубинад. «Дилам нигарони дидори Шамс аст ва ҳар замон ба гӯшам мегӯяд, «Ба Табрез бирав! Табрезро шонавор наддофӣ кун!».

Ин вақт Валад дигар тоқат накард, тасмим гирифт ҳақиқати ҳолро ба падараш бигӯяд. Ошкор не, бо рамзу киноя: ҳақиқати талх метавонад сабаби марги Ҷалолиддин гардад.

*Дарего, к-аз миён, эй ёр рафтӣ,*
*Ба дарду ҳасрати бисёр рафтӣ.*
*Басе зинҳор гуфтӣ, лоба кардӣ,*
*Чӣ суд, аз ҳукми безинҳор рафтӣ.*
*Ба ҳарсӯ чора ҷустӣ, ҳила кардӣ,*
*Надида чораву ночор рафтӣ.*
*Канори пургули рӯи чу моҳат*
*Чӣ шуд? Чун дар замини хор рафтӣ?*
*Зи ҳалқа(й) дӯстону ҳамнишинон*
*Миёни хоку мӯру мор рафтӣ.*
*Чӣ шуд он нуктаҳову он суханҳо?*
*Чӣ шуд ақле, ки дар асрор рафтӣ?*
*Чӣ шуд дасте, ки дасти мо гирифтӣ?*
*Чӣ шуд пое, ки дар гулзор рафтӣ?*
*Латифу хубу мардумдор будӣ,*

*Даруни хоки мардумхор рафтӣ.*
*Чӣ андеша, ки мекардиву ногаҳ*
*Ба роҳи дуру ноҳамвор рафтӣ.*
*Фалак бигристу маҳро рӯ харошид*
*Дар он соат ки зори зор рафтӣ.*
*Дилам хун шуд, чӣ пурсам ман, чӣ донам,*
*Бигӯ боре, аҷаб бедор рафтӣ.*
*Ҷавобакҳои ширинат куҷо шуд,*
*Хамуш кардиву аз гуфтор, рафтӣ.*
*Зиҳӣ догу зиҳӣ асрат, ки ногаҳ*
*Сафар кардӣ, мусофирвор рафтӣ.*
*Куҷо рафтӣ, ки пайдо нест гардат*
*Зиҳӣ пурхун раҳе, к-ин бор рафтӣ.*

Мурури замон дардҳоро таскин бахшида, ангиштро ба хокистар ва сангро ба рег табдил медиҳад. Вале ин дарди ҷонсӯз ҳеҷ гоҳ Ҷалолиддинро аз қабзаи худ раҳо нахоҳад кард.

Даҳ сол мегузараду Ҳисомиддини «маҳрами асрор» ҳангоми таҳрири «Маснавӣ» аз шоир ба хотири садоқати чандинсолаашон хоҳиш мекунад, ки қиссаи ғайбати Шамсиддинро ба оламиён рӯшан созад. Шоир дар посух мегӯяд: «Маро ранҷ мадеҳ! Аз ин муҳокимаи хунбор суол макун! Дигар - бора аз Шамсиддини Табрезӣ магӯй!»

Ва то охири умри шоир дӯстон ҷуръати аз ин хусус суол карданро надоштанд. Ҳатто номи ӯро бо эҳтиёт ба забон мегирифтанд, то ба захми носури Ҷалолиддин намак напошанд. Ба ҳамин сабаб китоби сӯҳбатҳои Шамсу Ҷалолиддин дар дастнавис боқӣ монд.

Ғайбати мармузи Шамсиддини Табрезӣ, ғазалҳои шоири бузург, ки ҳеҷ ба ҳалокати ӯ қоил намешуд, бо мурури замон афкору ақоидро оид ба ҷовидонии Шамсиддин замина гардид. Мисле ки ногаҳон ба Куния омада буд, як рӯз чун мунодии замони нав дари хонақоҳи дарвешони тариқати мавлавияро хоҳад кӯфт.

# БОБИ VI

## ДАРАВ

*Онон, ки асири ақлу тамйиз шуданд,*
*Дар ҳасрати ҳасту нест ночиз шуданд.*
*Рав, бехабаро, ту оби ангур гузин,*
*К-он бехабарон ба ғӯра майвиз шуданд.*

Умари Хайём

## САДОИ ДАФ

Ҷалолиддин аз растаи пешаварон оҳиста ва маҳзун мегузашт. Дӯкондорон дар сояҳо чорзону зада, чойнӯшон бо харидорон доду гирифт мекарданд ва Ҷалолиддин он тимҳоро паси сар гузошта, аз растаи пойафзол баромад. Бо вуҷуди он ки баъди зӯҳр офтоби аввали баҳорро шасташ гашта бошад ҳам, китфҳоро месӯзонд, аз шифт то замини дӯконҳо ҳамелҳои сандалҳои гуногунранг – зард, сурх, сабзу кабуди пешонааш кушоду нӯгаш мӯкивор боло овезон буданд. Ҳалвофурӯшон дар иҳотаи бачагон доду фиғон мекарданд. Хараке дар пушт буртуқол аз мобайни бозор гузашт. Аз дунболи он ҳаммоле мушти курсиҳоро пуштора карда буд, почаҳои курсиро мисли сихи чайра метофтанд, ки аз вазни бор заминро бо бинияш хат кашида мерафт.

Издиҳом Ҷалолиддинро дида сокит шуд. Бо эъзоз аз макон бархост. Ва таъзим овард. Шоир бо сари хам андешамандона мерафт. Дар гирду пеш одамони бисёр ва ӯ

яке аз эшон. Вале чӣ андоза яккаю танҳо!

Вай ба кунче расиду тоб хӯрд. Дар бехгоҳи устохонаҳо лаълиҳои мис, ки ба девор рост карда мондаанд, инчунин кӯзаҳои мунаққаш ва гарданашон ба сурати гардани қу дар шуои гуруб шаъшаъа мепошиданд. Ҷараси оҳану мис бо сару садои мардум омехта мешуд.

Умраш аз чиҳил гузашт. Замонҳое боло мерафт ва оламу одамро дар худ фаро мегирифт, вале умр даргузаштааст. Бубин боз ӯ танҳост, гӯё аз сиришт дар тақдираш навишта бошад, ки ҷону дил шавад, одамонро дарёбад, худро дар ин талошҳо аз даст бидиҳад, ки боз аз нав худро ҷӯяд.

Замин баҳор надорад. Талҳо сарсабз гаштаанд. Барги сафедорон танга ва гунчаҳои буттаҳои садбарг во шудаанд.

Рӯҳи ӯ хуршедро мемонад. Ба ҳама ҷо медарояд ва аз ҳаёт баҳравар мегардад. Оре, хуршед ҳам аз қудрат ва ҳам аз иртифоъ беназир аст. Кӣ қодир аст мижжа таҳ накарда рост ба чашми офтоб бинигарад?

Офтоб низ агар худро иродати дидан дошта бошад, ба акси худ ниёзманд аст.

Чӣ басо одамон дар гирду пешанд! Аммо дидаи дили онҳо бо пардаи худкомӣ ниқобпӯш аст. Худписанданд онҳо? Ишқи онҳо хӯрдан, ошомидан ва ашёст, ки кайфу сафо орад, нақдина аст, ки василаи ба даст овардани ашёст, салтанат аст, ки бо одамои чун ба коло муомилат кунанд. Рӯҳи онон анбонеро мемонад, ки аз ашёу лашулуш пур аст, дарҳаму барҳам мехобад ва ӯ худ дар миёни ашё чизи бемаъно ва беҷон аст.

Пас бояд аз ашё ва рагбат рӯй тофт? На, даст кашидан ҳоҷат надорад, танҳо бояд миёни онҳо иртиботе андохт. Бояд анборро ба манзили хеш табдил дод, ки андар он ҳар чиз мавқеъ ва мантиқ дошта, бо рӯҳи ягона бо одам муттасил гардад.

Аммо рӯҳ чист? На хирад ва на дил. Шояд он саъю кӯшиш ваҳдати ягона бо ягона, кашфи ягона андар ягона бошад? Кашфу идроки хеш андар ҷаҳон, пайваста ба дуриҳо ва

жарфтар рафтан, офоқҳои тоза ба тозаро дарёфтан,то ки олами зоҳирӣ, олами худӣ ба олами ботинӣ яксон гардад ва олами худро ба олами хориҷ пайванд диҳад.

Инсони аз маънавият маҳрум, ҳамон анборе, ки пури ашёу лашу луш аст, ба назараш коинот метобад. Банӣ одам метавонад ба воситаи маънавиёт коинотро хонаи худ созад...

Дар буттаи сабз, дар сайёраи осмон, дар ҷунбиши фикр дар мағз, дар ҳаракати тифл андар раҳими модар моҳияти ягона ва умумро дидан, бо тамоми ҳастии хеш онро эҳсос намудан лозим аст. Мабдаи рӯҳонияти инсон низ дар ҳамин макон аст, дар муҳити одамон, ки мудом аз эҳтиёҷ барӣ нестанд, ононе ки ҳаргиз серу пур нагаштаанд, ҳар рӯз худро ба дигарон инъом менамоянд, ҳар зарби табар ва ҳар теғи сӯзанашон дар ашёи беҷон ҷон меофарад, ба рӯҳи худ либоси тоза мепӯшонад, дар ҳамин ҷост мабдаи рӯҳонияти инсонҳо.

Дар гӯшаш оҳанги нафису мавзуне танин андохт. Ба амсоли заработи чакуш ё худ заработи қалб, ки гоҳ паст мешуду гоҳе баланд. Ва рез шуд. Ногоҳ сокит гашт ва аз нав хуруҷ намуд.

Ин оҳанги мавзун андӯҳи дили ӯро бипароканд. Сурури ошно ва анис дилашро фаро гирифт ва сипас ба тамоми вуҷудаш мисли оташак давид, саропо фарояш гирифт.

Тавақкуф намуду гӯш дод. Дастонаш беихтиёр яке ба бари фараҷ дароз шуду дигари бар ҳаво барафрохта шуд. Як қадам партофт. Сарро ба болои китфи рост ҳамоил намуда, аввал оҳиста ва пайваста сареъ дар кӯчаи пурхалоиқ ба арғушт даромад.

*Самоъ омад, ҳало, эй ёр, барҷаҳ,*
*Мусобиқ бошу вақти кор барҷаҳ.*
*Ҳазорон бор хуфтӣ ҳамчу лангар,*
*Мисоли бодбон ин бор барҷаҳ.*
*Басе хуфтӣ ту маст аз саргаронӣ,*
*Чу кардандат кунун бедор, барҷаҳ.*

*Ҳало фикрати тайёр, барпар,*
*Ту низ, эй қолаби сайёр, барҷаҳ.*
*Ҳало, сӯфӣ чу ибнулвақт бошад,*
*Гузар аз пору аз перор, барҷаҳ.*
*Ба ишқ андар нагунҷад шарму номус,*
*Раҳо кун шарму истиқбор, барҷаҳ.*
*В-агар коҳил бувад қаввол ориф,*
*Бад – ӯ деҳ хирқаву дастар, барҷаҳ.*
*Ба ишқ инак фариштӣ гавҳар омад,*
*Чу мавҷи қулзуму заххор барҷаҳ.*
*Чу зулфайн ар фурӯ сӯ мекашандат,*
*Чу ҳамчун ҷаъди он дилдор барҷаҳ.*
*Салое аз хаёли ёр мад,*
*Хаёлона ту ҳам з-асрор барҷаҳ.*
*Басе баҳри қавофӣ барҷаҳидӣ,*
*Хамӯшӣ гиру бе гуфтор барҷаҳ.*

Мардум ҳайратзада ба шоири дар миёни кӯчаи пурчанг рақсон менигаристанд.

Шогирди сарроф, ки назди дар менишаст, чакуш дар даст шах шуд ва Салоҳиддин сар бардошта бидид, ки Ҷалолиддин арғушт меравад. Шоғирдони дигар ғарқи амал, аз дунё бехабар буданд. Заргар дарёфт, ки маҳз нағамоти чакушҳои эшон ба кӯча баромада, шоирро ба ваҷд овардааст.

Табассум дар чеҳраи ороми Салоҳиддин равшаноӣ кард. Ӯ ба шогирдон ишора намуду худ чакушро бигирифт ва дар рӯи лавҳаи тилло кӯфтан гирифт. Шогирдон низ ба таҳсуби вай ба кор оғоз намуданд. Чӣ шӯре! Сари Салоҳиддин бехудона ба пас, ба тарафи дар тоб мехӯрд, ки дар он ҷо издиҳоме шоирро печонда буд ва шоир шеърхонон мерақсид ва садои чакушҳо ба сӯи мақсуд не, балки ба кучҳои дигар мерафтанд. Воқеан, зарғар низ нодид чакуш мекӯфт.

Гӯши шогирдон аз садои ғайриоддии зарби пирашон дарёфт, ки файзе ба ӯ расидааст, корро тарк карданд.

— Кӯбед! Боз кӯбед! Наистед! – фармон медод усто.

Боз чакушҳо садо баровrouted. Оҳанг то рафт рез мешуду қудрат мегирифт. Ҷалолиддин бо шавқ дар назди дӯкон чарх мезад.

Пойҳо худ Салоҳиддинро боло бардоштанд ва ба кӯча бурданд. Аз дар ба шогирдон боз амр медод, ки:

— Кӯбед, наистед! Сахт кӯбед!

Онҳо ҳамдам ба чарх задан даромаданд. Бо як ҳаво! Бо таронаи ягона! Бо шавқ! Ва ҳамҷоя бо олам ҳаюло ёфтанд!

Вале Салоҳиддин пир буд. Ба зудӣ бозистод, таъзим овард, аз нотавонӣ таъзим овард.

Шоир ӯро аз китф оғӯш намуду бӯсид. Ва худ танҳо ба рақс идома дод.

*Яке ганҷе падид омад дар он дӯкони заркӯбӣ,*
*Зиҳӣ сурат, зиҳӣ маънӣ, зиҳӣ хубӣ, зиҳӣ хубӣ!*
*Зиҳӣ бозори заркӯбон, зиҳӣ асрори Яъқубон,*
*Ки ҷони Юсуф аз ишқаш барорад шӯри яъқубӣ.*
*Зи ишқи ӯ дусад Лайлӣ чу Маҷнун банд медаррад,*
*К-аз ин оташ забун ояд, сабуриҳои айюбӣ.*
*Шуда заркӯбу ҳақ монда, танаш чун варақ монда,*
*Ҷавоҳир бар табақ монда, чӣ заркӯбии каррубӣ.*
*Биё, бинвоз ошиқро, ки ту ҷонӣ ҳақоиқро,*
*Бизан гардан мунофиқро, агар аз вай биёшӯбӣ.*

Асри ҳамон рӯз Салоҳиддин дӯкон ва асбобу ускунаташро бо суду сармоя ба шогирдон инъом намуда, бо шоир бипайваст, ки дигар ҳаргиз то марг ҷудо нашавад.

*Он сурхқабое, ки чу маҳ пор баромад,*
*Имсол дар ин хирқаи зангор баромад.*
*Он турк, ки он сол ба ягмош бидидӣ,*
*Онаст, ки имсол арабвор баромад.*
*Он ёр ҳамон аст, агар ҷома дигар шуд,*

*Он ҷома бадар карду дигар бор баромад.*
*Он бода ҳамон аст, агар шиша бадал шуд,*
*Бингар, ки чи хуш бар сари хаммор баромад.*
*Эй қавми гумонбурда, ки он машъалаҳо мурд,*
*Он машъала з-ин равзани асрор баромад.*
*Ин нест таносули сухан, ваҳдати маҳз аст,*
*К-аз ҷӯшиши он қулзуми заххор баромад.*
*Як қатра аз он баҳр ҷудо шуд, ки ҷудо нест*
*Корам зи таки салсали фаххор баромад.*
*Румӣ пинаҳон гашт, чу даврони ҳабаш дид,*
*Имрӯз дар ин лашкари ҷаррор баромад.*
*Гар Шамс фурӯ шуд ба гуруб, ӯ на фано шуд,*
*Аз бурҷи дигар он маҳи анвор баромад.*
*Гуфтор раҳо кун, бинигар оинаи ъайн,*
*К-он шубҳаву ишкол зи гуфтор баромад.*
*Шамсулҳақи Табрез расидаст магӯед,*
*К-аз чархи сафо он маҳи асрор баромад.*

Пас аз он шоир эълон намуд, ки дар ойинаи заргар Салоҳиддин тимсоли Шамс ва симои хешро дидааст.

Салоҳиддин ба амсоли Пири Сирдон ба жарфнои зӯҳду тақво ғӯта хӯрд, то даме ки тариқатро тай намуд, лайлу наҳор намоз мегузошт, ҳафтаҳо рӯза медошт ва моҳҳо узлат мегузид.

Вай, бархилофи Сайид, марди ошуфтаю парешон не, балки одами ботамкин ва хотирҷамъ буд.

Шоир бо Салоҳиддин даҳ сол ҳамдам буд. Дар радифи Шамс исми ӯро дар ашъораш басо вирд карда умри ҷовид додааст.

«Ман дар Салоҳиддин фазилати Шамсро дидам, — ба писар талқин карда буд Ҷалолиддин, — Ман бо шуюх коре надорам. Минбаъд ба азму иродаи Салоҳиддин гӯш диҳед, солики роҳи ӯ бошед. Валад боз хотирнишон мекунад, ки падар баъдтар маро ба ҳузураш хонд: «Ба чеҳраи Салоҳиддин накӯ бинигар, ҷаҳд бинамо, ки андар он подшоҳи Ҳақиқатро

бубинӣ. Шоҳаншоҳи олами рӯҳро, фазо ва хокаш беҳудуд аст. Чунин аст Салоҳиддин. Минбаъд ту низ ба ӯ мусаллам бош».

Ҷалолиддин дигар рағбати ваъз гуфтан надошт. Вале бо дархости Салоҳиддин, «бори охирин», — гуфта боз як бор ба минбар баромад. Вай аз муридон дархост намуд, ки ҳаргиз дар ҳузури Салоҳиддин номи Шамсро ба забон наоред. «Миёни онҳо тафовуте намебинам. Лекин дили орифон низ аз ғубори рашку ҳасуд пок нест».

Тасаввур кардан душвор нест, муридоне, ки то поёни умр ҳақиқати аъзами рӯҳро дарк накарданд, дилашон аз рашку ҳасади нопок барӣ нашуд. Аз ғоиб хӯрдани Шамс шод гаштанд ва пиндоштанд, ки дер ё зуд шоир ором мегирад ва зиндагӣ ба маҷрои хеш хоҳад рафт. Садоқати Салоҳиддин ба шоир умеди охирини онҳоро барбод дод.

Ғайр аз он Салоҳиддин фарзанди деҳқони хокпош ва ҳунарпешае буд, ки дар қатори онҳо мезист. Рӯҳи шахсе, ки ба дигарон монанд аст, мисли ҳама мехӯраду мехобад, заҳмат мекашад ва ҳар соати замон бо мосту зиндагияш ба чашм намехӯрад, кашфи он низ осон нест. Авомуннос танҳо он чизҳоро дар бузургон мебинанд, ки андар худ мебинанд ва он хусусияте, ки умдаю мутамайиз аст, чашми дидан надоранд ва ба эътибор низ гирифтан наметавонанд. Дуруст фармудаанд, ки «шахс дар ватани худ пайғамбар намешавад». Шахсе, ки бузургию азамат надорад, даъвогар аст, маросими мудабдаб барпо мекунад, бо шамшеру посбону девори қаср меболад,дар симои худ ҷиддият ва такаббури маснӯъе мегирад, худро аз ҳамнажодони хеш як парда боло медорад, аз ҳамон зумрааст.

Боз миёни муридон ва дарвешон оташи иғво афрӯхта гашт:

Аз яке базӯр раҳо ёфтем, дигараш ба сарамон бор шуд. Моро боз гӯл мезананд. Нахуст оташ буд, инаш ахгар. Аввала соҳибсухану маслак дошт, амири боҳиммат буду аллома. Кош ҳамонаш дӯсти пири мо мебуд.

Ба унвони мурдагон ағлаб чунон ҳамду сано мегӯем, ки ба шаъни зиндагон иснод орем.

«Ба ҳароин ӯ аз соҳибдилони Табрез буд, на аз нотарошидагони Қуния, - ба хотир меорад Валад, - Ин на хондан метавонад ва на навиштан. Ду калимаро ба ҳам чанг андохта наметавонад. Баду некро, сиёҳу сафедро фарқ намекунад . Чаро ӯ аз мо баландмартаба будаст? Аз субҳ то шом дар дукон нишаста чакуш мезанад, ҳама ҳамсояҳо безор гаштанд. Сураи фотиҳаро саҳеҳ хонда наметавонад. Савол диҳем, хачирвор якравӣ менамояд. Чӣ шуд, ки олими бузургу доно Мавлавӣ бо вай оғишта шуд?»

Бале, Салоҳиддин бесавод буд. Малакаи қироат малакаи андешаро истисно намекунад, дар бораи тафаккури ҳиссию мантиқӣ на, балки дар бораи тафаккури ҳиссию тамсил, он «хираде, ки дар банди дил ҷӯш мезанад», гуфта шудааст. Бесаводро беақл гуфтан норавост.

Салоҳиддин аз абнои мардуми савод буд, зеҳн ва идроки мардумро дар худ ва эҳсосоти худ муҷассам кардааст.

Салоҳиддин чизеро ки ағлаб дар муддати дур дароз, дар асари заҳмату машаққати афзун ноил мешаванд, дар як лаҳза аз бар мекард. Ӯ устодони машҳуре аз қабили Сайид, Шамс ва билохира Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дошт. «Оваҳ, ман худ сарчашмаи нур будааму худ ноогоҳ, – боре башорат додааст ба Ҷалолиддин, — Ту онро кашф намудӣ, бо як пуф ба оташи оламсӯз бадал сохтӣ!»

Усто Салоҳиддин ҷоҳил набуд, бал уламои аъдои муҳити ӯ бехирад буданд. Салоҳиддин худ пеши худ чунон дар худ иродаи матине парварид, ки ҳатто аз устодаш воло омад ва таъсири он беш аз сеҳр буд. «Ӯ бо истеъдодаш аз ҳама чира омад, — менависад Валад, — Орифон он илмеро, ки дар солиёни дарозе меомӯхтанд, ба вай дар як нафас ваҳӣ мегашт. Бидуни ҳарфе, лабу даҳонаш наҷунбида асрор мекушояд, ба гаври маъонӣ фурӯ меравад. Сухани ӯ аз диле ба диле парвоз мекунад.»

Ҷалолиддин, шахси фарзонаи даврон ашхосеро, ки ба шарафи хотираи қавӣ доштан он луқмаи омодаро фурӯ мебурданд, чашми дидан надошт. Салоҳиддин ақлак набуд, хирадро аз бегонагон ба орият намегирифт, онро дар бисоти хеш меҷуст, бо дастони хеш аз оҳани сахту беҷон ихроҷ мекард, ба зари беҷон ҷон медамид. Шоир амин буд, ки ҳар кас, бигузор ҳақиқати андак ба даст орад, минбаъд онро такомул диҳад, ба бузургаш комёб мешавад. Салоҳиддини пури кишоварзи хокпош, Салоҳиддини Заргар зоҳирбину музахрафпараст набуд, ҷавҳари таълимоти Шамсро дарёфт, мазҳаби таълимоти тозаи Мавлои Булхро, ки ишқи инсон, роҳат дар заҳмат буд, то мағзи ҷонаш дарк кард. Ҷалолиддин дар ойинаи дили ӯ, мисле як замон Шамси Табрезӣ буд, даҳ сол мутассил ҳар қадами худро дар миқёси ҳақиқат чен мекард, меҷуст.

Аз қазо, шоир дар маҳалли «хум» дар мусоҳибае «хумб»-ро ба забон овард. Маҷлисиён мар ӯро ислоҳ намуданд. «Ман огоҳам, — эрод гирифт пири хирад, — Аммо шайх Салоҳиддин чунин таъбир менамояд. Мар ӯро солик будани мо воҷиб. Ҳар чизе ӯ гӯяд, ҳақиқати сирф аст».

Аглаб одамон гоҳ ба ин дараҷа ва гоҳи дигар ба дараҷаи дигар ба ғафлат фурӯ мераванд, ки ҳасби зуруф гоҳ фазилат ва гоҳ иллат ба эътибор меравад. Аммо иллати аз ҳама шар гумроҳиест, ки худро аз ҳама ашё огоҳ мешуморанд.

Усто Салоҳиддин бар ағниё аз Шамс махуфтар буд. Вай ба табақоти сулфаи маҷтамаъ нисбат дошт. Яъне вазъи Ҷалолиддин ба дилу ҷони он табоқат ҳам нуфуз кардааст, онро фаро гирифтааст ва эшонро ба эҳтимоли тақозо ба амале вомедорад. Биме, ки ағёниро фаро гирифта, ба ғубори ҳасуди муридон ва дарвешон ки худро ҳабиби содиқи шоир метарошиданд, мусоидат мекарданд.

Бидуни мушоҳидаи возеҳ ягон муҳаббат ва накӯкорие вуҷуд надорад. «Ҳақиқат – сухани Шамсро тақвият дод шоир, - аз некӯ бад боло аст».

Боз фитна ангехтанд. Мақсадашон қатл буд. Ин маротиба Салоҳиддин Заркӯбро нияти ҳалок кардан доштанд. Аммо аҳли савод, аз диди уламо аввомуннос, иллат ва маломат пушту паноҳи Салоҳиддини Заргар буд. Он неруе, ки Шамс Табрезӣ молик набуд.

Яке аз фитнагарон бо таввалою тазаррӯ асли воқеаро ба Ҷалолиддин парда бардошт. Шоир ба бим афтод ва тозон ба назди садиқаш рафт.

Дар андоми усто, ки ором ва моломоли қатъият буд, табассум рӯшноӣ кард:

— Натарс! Онҳо ба ман ҳеҷ коре карда наметавонанд!

Он рӯз вай дӯст ва рақибонро ба мадраса хонд. Ононро оҳиста-оҳиста аз назар гузаронд ва ба бархе муддати мадид чашм дӯхт.

— Ман медонам, ки баъзеҳо маро кароҳат доранд, чунки назари Мавлоно ба ман расид. Аммо огоҳ бошед. «Ман бас ойинаам ки ӯ худро, ҳақиқати худро дар он мебинад».

Ривоят кардаанд, ки ин калом бо чунин матонате баён ёфт, ки фитнагарон ба тавба водор шуданд. Харгӯшаконе буданд, ки ба афсуни дидагони аждаҳо дучор омаданд.

Албатта ғоят на дар ирода ва афсунсон кора шудани сухан аст. На, ин гуна сеҳру афсунро Шамс низ доро буд. Вале Шамс дар Қуния бекасу кӯ ва ғариб буд ва соҳибсухану ғояти урёни онро молик. Пешоварон ва ихвонуссафо, алалхусус, кулли Қуния пушту паноҳи усто Салоҳиддин буданд.

Пас аз ҳазимати нанговар дар муҳорибаи назди Каёсдоғ салотин ва бекҳо маҳз ба омилони боҷу хироҷ табдил ёфтанд – ҳар сол беш аз пеш онро гирд меоварданд. Вале масдари он боҷу хироҷ чӣ буд?

Алоқамандону амалдорон ва бекон муфлис гаштанд. Мазраъаҳои ононро чанг, қаҳт, ғорат ва қиёму исёни чоряккорон майит гардонд. Танҳо пешаварон боқӣ монданду халос.

Иқтоиён маблағи андаке доштанд ва онон бе кӯмаки

ҳунармандон наметавонистанд, ки лашкаре гирдиҳам оранд ва дар ҷамъ овардану мутеъ доштани раият ба кор баранд.

Иловатан, ихвонуссафо на танҳо муназзамаи иқтисодӣ, Бал чунон як замон дар Фаранги асрҳои мутавассит буд, бародарони мазҳабию ҷангӣ низ ба шумор мерафтанд.

Шогирдони ба ҳизби ихвон пайваста, гарчанд сипоҳии варзидае набуданд, аммо истифодаи силоҳро медонистанд. Аз ҷавонони ихвон фавҷе оростанд, ки онҳо дар дифои шаҳр ширкат намуданд. Ва бо мурури замон онҳо дар дохили мамлакат нерӯи азиме гаштанд.

Дарвешони муҳаққари фитнагар чӣ қурбе доранд! Аъёни доро, ки навкарони зархарид доштанд, аз ахӣ меҳаросиданд ва ин асос ҳам дошт! Сарчашмаҳои сайёҳҳони араб гувоҳанд, ки пас аз даҳсолаҳои зафари муғул дар ҷойҳое, ки ворисони салтанат набуданд, ихвон давлатро сарварӣ мекарданд. Бо машварати пирони тариқот он ҷанговарон иқтоиёни номатлуб, золимону мустабидонро бо навкару муқаррибонашон аз миён мебардоштанд.

Вазири аъзам Парвона ногузир бо ихвонуссафо созиш намуд. Замоне ҳунарварон ба Ҷалолиддин рӯи ниёз оварданд, ки боҷу хироҷ ноҳақ андохта шудааст, Мавлоно ба Парвона рисола навишт ва амри маъруф лағв шуд. Парвона ба суханони ҳақи шоир, бигузор талх буданд, самъу тоат медод, зеро аз муттакои будани пешаварон бим дошт.

Садоқат бо усто Салоҳиддин ва минбаъд бо сарвари ахиҳо Ҳисомиддин ба Ҷалолиддин ҳолати босубот илқо намуд. Халоиқ ҳомияш буд.

Аркони давлат-вузаро, умаро ва умало ба зиёрати шоир меомаданд, мар-ӯро ба маҳофил мехонданд. Бояд гӯшзад кард, ки кунун дар миёни ёрону асҳоби Мавлоно одамони дигар буданд: бозаргон Хоҷа Амир, ҳарирфурӯш Аҳмад, пунбафурӯш Насриддини котонӣ, кишоварз Муҳаммад.

Аммо аглаби содиқон собиқ пешаваронанд. Бардаи

ҳурият ёфта Сирёнус, сартарош Чобан Даллок, дуредгар Бадриддин, овозхонон Усмон Шарофиддин ва Камоли Қаввол, найнавоз Ҳамза, мусиқори рубоб Абӯбакр, суратгир Бадриддин Ёшов, наққоши юнонӣ Айнуддавла, усто Калояни арманӣ, меъмор Бадриддини Табрезӣ, гӯлахӣ ахӣ Натур, шайхурраиси ихвонуссафои кулли пойтахт Аҳмадшоҳ, муслимин, яҳуд, насоро, юнонӣ, эронӣ, тозию арману турк.

Акнун Мавлоно бо онон дар мадрасаи худ мусоҳабат менамояд. Бо онон таҷаввули дуру дароз мекунад. Ҳафтаҳои дароз дар дайри Афлотуни Ҳаким дар шаҳри Силла ба сар мебарад. Дар богот ва токистонҳои Қуния бо шеъру суруд мегузаронад.

Ҳунарварон, бозаргонон, кишоварзон ва собиқ бардаҳо, ихвонусафо ва лашкариёни ахиҳо ашъори ӯро нусха мебардоранд, ҳифз менамоянд, аз забон ба забон мебаранд. Ва онон ӯро аз ҳасаду ҷаҳлу хашми уламо, нафрини иқтоиён ҳимоят мекунанд.

Ин танаффур то рӯзи вопас хомӯш нашуд. Чанд сол баъд вазири мақтадир, валиахди султон Соҳибота ба муқаррибон чунин иброз медорад: бешак, Мавлоно шоири аъзам аст, вале мутаассифона ӯро аҳли савод иҳота кардааст. Алъон лузум дорад, ки мар ӯро аз он зумраи суфло тафриқа диҳем ва аҳли саводро яксар бикушем.

Чун ин ваъид ба самъи Мавлоно расид, ӯ низ амсоли Усто Салоҳиддин, бо тамасхур гуфт:

— Бигузор, даст расонаду қандашро хӯрад!

Ихлосу муҳаббате, ки дар симои Салоҳиддин мунъакис мешуд, пайваста дарду андӯҳи шоирро таскин медод, ғазабашро паст менамуд. Дар солиёни мибаъда вай осоиши дилхоҳ ба каф меорад, чунки ҳама кор ва дархости рӯҳӣ ба амри дил ба вуҷуд меомад.

Мардум ӯро бо ақлу хирад, балки бо дилу ҷон пазируфтанд. Аз ин лиҳоз шоир ба ҳақ будани хеш, дар саҳеҳ будани идроки олам итминон ҳосил мекард.

## СУХАН

Солҳои садоқати шоир ва Салоҳиддин айёми авҷи камолот ва футувват буданд. Ӯ ҳаёти саъид ба сар мебурд. Дар муҳити дӯстон ва пайравони хеш буд.

Шамсиддинро, ки ҳалок карда ба чоҳ андохтанд, андар худи ӯ, дар аъмолу кирдори Салоҳиддини Заринкӯб ва соликонаш зинда монд.

Дар олам зиндони аз ҳама тор он зиндоне аст, ки инсон дар мағзи худ бино кардааст. Ҷалолиддин аз ин зиндон, аз қоидаю қонунҳои майит, аз расму русуми нолозим раҳо ёфт. «Ман ба ҷон омадам аз тоату ибодат ва дасторро тарк кардам».

Ба рағми мамнӯъоти дини ислом дар миёни соликони вай занҳо низ пайдо шуданд. Ва ин табиӣ аст, зеро талқини муҳаббат, моҳияти бузургдошти қалби инсон дар канор намонд.

Тазкиранависони мутааххир ҷасорат накардаанд, ки номи он занҳоро зикр кунанд, вале лақаби баъзе расида.

Яке аз онҳо муғанния, зани овозхон ва хушлиқо Товус аст, ки аз инъоми ҳаводоронаш ғано ёфта, минбаъд худдомашро озод намуд ва аз зумраи пайравони шоир гардид.

Боз зани дигар, ки дар маҷлис мусово бо дӯсту муридони Ҷалолиддин ширкат варзидааст, Фахриннисост.

Яке аз шогирдзанони шоир ҳатто дар шаҳри Тоқат мутаваллии хонақои дарвешон гашт.

Шоир нисбат ба аъёну умаро бадмеҳр буд. Вале бо завҷаҳои онон бо латофат мусоҳарат менамуд, зеро талоши ҷоҳу мансаб ҳанӯз қалби онҳоро ба санг бадал нагардонда буд. Зани шарифаи Аминиддин Микоэл шомгоҳон занҳоро гирд оварда, маҳфили нисвон меорост ва андар он ашъори шоирро тараннум ва худи шоирро гулборону гулобафшон мекарданд. Дар ин базм духтари султон Ғиёсиддин ва маликаи Гурҷистон Тамара, қаринаи вазири кабир Парвона Гумеҷхотуни

мулаққаб ба Гурҷихонум ширкат мекард.

Гурҷихотун оҳанги сафари пойтахти дуюм Қайсария ба ҳузури шавҳарашро дошт ва тақозо намуд, ки сурати шоирро бикашад. «Агар оташи фироқ басо ногузир афтад, ман ба чеҳраи ӯ зеҳн мемонам».

Қаринаи вазир ва суратгари бокамол ва шаҳир Айнуддавла, ки дар Қустантания таълим гирифта буд, дархост, ки ин омолро ба анҷом расонад.

Айнуддавла пас аз тафаккуру табаҳҳури амиқ, чунки дар ислом нусхаи сурати одамро дуто кардан мамнӯъ буд, ба мадраса ба назди Мавлоно рафт ва бо худ шогирдон ва маҳдумоне дошт. Ҳанӯз фурсати даҳон кушодан наёфт, ки шоир нияти ӯро рамз гирифт ва:

— Оре, оре, агар аз ӯҳдааш барой, — гуфт.

Ба ҳар ойин як насли қаринаи вазир гурҷӣ буд, нимаи Айнудавла юнонии имоноварда ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ пури Султонулуламоро, даҳҳо нушт мусулмонон буданд. Танҳо дар ҳузури суратгар худнамудан аз лиҳози шариат ҷурми авфнопазир, дар радифи сангсор меистод.

Айнуддавла дарсоат ба кор шурӯъ намуд. Шогирдон як дарзинаи қуртоси Миср оварданд, мӯқаламу рангҳо муҳайё сохтанд. Сурати нахуст барқад кашида шуд. Суратгар мутаҳайиҷ буд. Корро ба сомон расонд ва дид, ки сурат нисбат аз асл хира ва ноқис аст. Дигарашро ба даст гирифт. Вале иқтидори ӯ дар тасвири ифодаи чеҳра ва олами ботин заифӣ мекард. Биайне андар Мавлоно ашхоси сершуморе ҳаюло ёфта буданд, ки ҳар онак симояш мутағайир мегашт.

Айнуддавла бист сафҳа сурат кашид. Ба андеша, маҷмаи он норасо буд. Аз дидагонаш сиришк рехт.

Айнуддавла Гурҷихонум он бист суратро дар сандуқаш гузошта ба Қайсария бурд. Он албоҳ куҷо шуданд, то ҳол ноаён. То рӯзгори мо бо вуҷуди таъқиботи зиёд, нусхаи сурати барқади шоир, ки Айнуддавла кашида буд, тақрибан расид. Ва ин сурати нодир соли ҳазору нӯҳсаду шаш дар хонақоҳи

Еникапи дар Истанбул сӯхт.

Мавлоно дар ҳимояти мардум буд ва ҳарчи иродат мекард, чӣ тавре ки мехост, ба султон иброз медошт.

Замоне Иззиддин Кайқубоди дувум ба мадраса ташриф овард ва шайх бо шогирдони хеш машғули сабақ буд, ӯро шинонд ва ба машғулияташ идома дод.

Шайх медонист, султонзода на баҳри он ташриф овардааст, ки ба носеҳи ӯ гӯш фарох дорад, бал вай толиб аст аз иззату эътибори Мавлоно дар набарди бародаркушӣ баҳри ба тахт баромадан сӯйистеъмол кунад.

Султонзода дар анҷумани наҷҷорон, сартарошон ва даббоғон андаке нишаст, бо лаҳни таҳқиркарда чунин гуфт:

— Банда аз панди андарзи Мавлоно басо сарфароз гашт.

— Ман ба ту чи гуна насиҳат гӯям? Ту бояд шубон мебудӣ, вале ба гург мубаддал гаштаӣ! Ту бояд дороиро ғиём кунӣ, вале ба талаю тороҷ пардохтаӣ! Эзиди Парвардигор туро султонзода сиришт , аммо ту аз дунболи шайтони раҷим давонӣ!»

Ривоят кардаанд, ки султонзода ин каломро шунид ва гиристу ба дар рафт.

Худо гувоҳ аст, ки ӯ дар ҳузури шогирдони Ҷалолиддин сириш рехт ё на, аммо як чиз аён: аз ҷавоби густохи шоир бармеояд, ки кулли шаҳр, ихвонуссафо ва пешаварон муқобили ӯянд. Бидуни мусоиддати эшон бар нусрат дар набарди бародаркушӣ эътимод бастан салоҳ нест.

Зотан дер напоид, ки тақдири Иззиддин ҳал шуд. Мар ӯро бародар ба тахт нишаст. Изиддин дар ғурбат сарпаноҳ ҷуст, аввал ба Қустантания ҷило намуд ва сипас ба Қирими дурдаст табъид шуд ва то охири умр залил зист. Башорати Ҷалолиддин аъмол гашт. Ӯ фармудааст: «Ман гилро ба гуҳар табдил медиҳам, ман найи ромишгаронро бо зар пур мекунам, махмуронро май мошомонам, ҳомунҳои лабташнаро бо шарбат шодоб мегардонам. Ман фарохнои заминро ба биҳишт мубаддал менамоям, аз тахти подшоҳ бо посбононаш,

бо маснаду дораш минбарҳо мебардорам!» Вай боз меафзояд: «Ман он ғуломам, ки хоҷаам хати барот додааст ва он шогирдам, ки ба устодон устод гаштаам. Ман дида ба дунё кушодаам ва ҳолӣ ба таъмири олам камар бастаам». Шояд шоир хешро мӯъҷизакор донад? Маҳдӣ бошад ӯ? На, ӯ ба каромат эътимод надорад.

— Мар маро аз мӯъҷизот ривоятҳо мекунанд, - ба шогирдон мегуфт ӯ боре, — Гӯё шаби Меъроҷро аз сар гузаронидаам, - дар шабе ба Каъба сафар доштаам. Алҳақ ба чунин каромат танҳо боди Самум қодир аст, дар оне гирди Заминро тай мезанад. Филфарз, мушти хок будӣ, ба гиёҳе бадал гаштӣ. Дар олами набот як қатраи хун шудию аз дунёи ҳайвон гузар кардӣ ва билохира аз олами дадон ба олами инсон раҳ ёфтӣ! Магар ин мӯъҷиза нест?

Инсон андар худ ҳама ҳастиро ғунҷондааст. Исонийт саропо олами ӯ гашт. Вай дар ашъораш на аз иқтидори мӯъҷизаосой, балки аз ҳастии мӯъҷизаосо дар батни Замин, Инсон ва имкониятҳои бекарони ӯ ифтихор дорад.

Умраш ба панҷоҳ расид. Садҳо ва ҳазорҳо шеър гуфт. «Маҳрамони роз» баъди сараш ашъори ӯро дар «Девони кабир» гирд оварданд, ки шомили ду ҳазору ҳафтсаду се ғазал ва як ҳазору ҳафтсаду навад рубоӣ гашт, ҷамъан қариб панҷоҳ ҳазор мисраъ шуд.

Ба истисное, ҳамаи он шеърҳо ба мавриде гуфта шудааст. Ғазви муғул, муғча дамондани маҷнунбед, лаъби атфол, саги вилгард ва афкоре, ки баногоҳ ба хотираш задааст, каломи дӯст ё душман сабаби таровиши шеъри ӯ гаштааст. Мавлоно ба ҳаяҷон меомад, ба ҷазба ноил мешуд, ҳамвор мегуфт, фиғон мекашид ва дашном медод. Аммо дар ниҳоят гуфтаҳои ӯ, аз ҷумла дашномҳояш гӯё дар деги доғи симёгарон меафтод, аз оташи он тоб меёфт, ба зари шеър бадал мегашт.

Ҳамчунон рувоти сиққот ривоят кардаанд, уламои шаҳр ки дар он аср буданд ва ҳар яке дар анвои ҳукм муттафиқ, ба иттифоқи тамом ба назди хайруланом қозӣ Сироҷиддин

Армавӣ раҳамаҳу оллоҳ ҷамъ омаданд ва аз майли мардум аз истимоъи рубоб ва рағаби халоиқ ба симоъ ва таҳрими он шикоят карданд, ки расиси уламо ва сурури фузало хидмати Мавлавӣ аст ва дар маснади шаръи нубувӣ қоиммақоми расулоллоҳ. Чаро бояд инчунин бидъате пеш равад ва ин тариқат тамшият ёбад. Умед аст, ки анқариб ин қоида мунҳадим шавад ва ин шева ба зудӣ варо афтад.

Қозӣ Сироҷиддин гуфт: Ин марди мардона миннидалоҳ аст ва дар ҳамаи улуми зоҳир низ адимулмасал аст, бо ӯ нашояд бипечид. Ӯ донаду Худои худ. Кулли шотин бириҷлиҳо сатуонту.

Боре дар сӯҳбат ба шогирдонаш гуфт, ки агар то ҳол дар Балх мезист шоир набуд, воизе буд, чаро ки дар он ҷо шеъргӯиро шармандагӣ ба ҳисоб меоварданд. Дар Осиёи Сағир мардум шеъру мусиқиро дӯст доранд.

Кӣ медонад, агар Ҷалолиддин дар Балх мемонд ,шояд аз дасти муғул кушта мешуд.

Вале як чиз мусаллам аст: шеър гуфтан барои ӯ ҳаргиз ҳадаф набуд. Ӯ ба ҳадде комил ва соҳибхирад буд, ки инсону аъмоли ӯ ва рисолати ӯро дар паси пардаҳои ҳунараш пинҳон дорад.

Ҷалолиддин аз шеър кам ҳарф мезад: «Маҳорате дорам болотар аз маҳорати шоир!»

Ба ҳар ҳол дар ин масъалаҳо дар ашъорашу гуфтораш ишораҳое дорад: «Ман баҳри қавофӣ саргардонам, вале маъшуқи ман мегӯяд: ба ҷуз аз тамошои руҳи ман аз чизе фикр накун...

Ҳарф чист? Чӯбе дар ҳотаи атрофи Токистон! Хушо, ки аз байту ғазал раҳоӣ ёфтам.» Шоирон як умр сар ба пӯчоқ задаанд»

Шуарои дарбори замони ӯ вақташонро сарфи ҷустуҷӯи қофия ва ташбеҳот мекарданд, аз камбуди қофияву калима шикоят доштанд ва аммо аз афкори ноқиси худ лаб во намекарданд. Мадҳи подшоҳ мадҳи подшоҳ асту халос!

Ҷалолидин аз чунин ашъор чун осмон аз замин дур буд.

« Аз оташи сӯзони деги дарунам кафкҳои хунин фаввора хоҳанд зад, бо як нафас ҳарфи умдаи ду оламро хоҳам гуфт!» Ӯ мегуфт: «Қофияву калимаву садоҳоро барҳам хоҳам зад, то бо ту бе ин се сӯҳбат дошта бошам!»

Ҷалолиддин ҳам аз қавофиву буҳури шеър мегуфт, вале ба ин маъно, ки онҳо афкори ӯро тангу хурд мекарданд. Ӯ, ки аз қавонини мазҳабу фирқаҳо ва зиндони бидъату хурофат раҳо гардида буд, шикастани қавонини шеър чӣ қурбе дошт.

Касе, ки ба умқи нававориҳои Ҷалолиддин фурӯ нарафтааст, чи дар гузашта ва чи имрӯз, ин ҷурмро ба гардани ӯ бор кардаанд. Онҳо нафаҳмиданд, ки афкор, шӯру шавқ ва ҳоли ӯ дар чаҳорчӯби қавонини назми дарборӣ намеғунҷид, ҷуз худи ӯ, ки чӣ кор карданашро хуб дарк мекард.

«Ин ҷаҳон ҳасту нест. Чизе нест, кам-кам фано шудааст, чизе ҳаст, ки минбаъд меояд».

Ӯ шоири даврони оянда буд. «Замони савдогарони кӯҳнаколо сипарӣ шуд. Мо матоъи нав овардем ва ин бозор аз мост!»

Тасаввури ӯ дар бораи шеър барои ҳамсаронаш даркнашаванда буд, аз ин рӯ онон ашъори ӯро дар «Девони Кабир» тибқи қоидаҳои маъмули классикии тадвини девон тартиб додаанд. Усули дигари тадвини ашъор дар гӯшаи хаёлашон ҳам наёмад. Ҳатто наздиктарин «марҳами асрор»-и шоири бузург Ҳисомиддини Чалабӣ аз ин бехабар буд.

Ҷалолиддин дар панҷоҳсолагӣ гӯё ҳамаи чизеро, ки як шоир ва мутафаккирро лозим буд, бо худ дошт. Ашъори дар боғҳо ва токзорҳои Қуния, дар дохили деворҳои мадрасаи Гавҳартарош тавлидшуда, аз даҳон ба даҳон ҳазорҳо фарсаххоро тай карда, дар дуртарин гӯшаҳои ҷаҳони ислом садо медоданд. Ва хайли мухлисону муридон аз Бухорову Самарқанд, Табрезу Қоҳира, Яману Димишқ, кордоваю малагӣ сӯи Қуния мешитофтанд, то дар шӯълаҳои ин машъали фурӯзон аз зулмати юғи муғул ва ваҳшигариҳои салибдорон раҳоӣ ёбанд.

Аммо шоир бо андӯхтаҳояш қаноат намекард. Шояд қаноат кардан аз андӯхта барояш баробар бо марги маънавӣ буд. Ӯ зистан мехост, ҳамқадами замон будан мехост:

*Имрӯз манам Аҳмад, не Аҳмади порина,*
*Имрӯз манам Симург, на мургаки ҳарчина.*
*Шоҳе, ки ҳама шоҳон харбандаи он шоҳанд,*
*Имрӯз ман он шоҳам, не шоҳи парерина.*
*Аз шарбати иллоҳӣ в-аз шурби аналҳаққӣ*
*Ҳар як ба қадаҳ хӯрданд, ман бо хуму қинина.*
*Ман қиблаи ҷонҳоям, ман Қаъбаи дилҳоям,*
*Ман масҷиди он аршам, не масҷиди одина.*
*Ман оинаи софам, не оинаи тира,*
*Ман синаи Синоям, не синаи пуркина.*
*Ман масти абад бошам, не маст зи боғу раз,*
*Ман луқмаи ҷоннӯшам, не луқмаи тархина*
*Гар бози чунон авҷӣ, ку болу пари шоҳӣ?!*
*В-ар хирс наӣ, чунӣ бо сурати бӯзина?!*
*Эй он, ки чу зар гаштӣ аз ҳасрати симинбар*
*Зар ошиқи ранги ман, ту ошиқи заррина.*
*Дар хонақаҳи олам, дар мадрасаи дунё*
*Ман сӯфии дилсофам, не сӯфии пашмина...*

Одина рӯзи муқкадаси мусулмонон аст ва якшанбе чунин рӯз барои масеҳиён ба шумор меояд. Барои шоир ҳама мазҳаб яксонанд. Рӯи сухани ӯ ба тамоми ҷомеаи ҷаҳон бидуни зикри нажод, мазҳаб, миллат ва ақшор аст. «Ба мо ваҳдат биёвар, ба ҳама баробар нӯшон, то фарқияте, ки дар байни мо ҳаст, ба якбор маҳв гардад. Мо ҳама навдаҳои як дарахтем, сарбозони як сипоҳем».

Ҷасорати гӯшношунид дар он замон – Ҷалолиддин аз ваҳдати башар ҳарф мезанад. Ва аз муридонаш низ ҳаминро тақозо дорад.

«Шунидам: хайру баракат дар анҷуман аст,бинобар ин

камар ба хидмати халқ барбастаам». Ӯ шоири мардум буд, аз ин рӯ башар ӯро шоири худ мехонад.

Ҳар истеъдоди бузург қимати худ ва арзиши офаридаҳояшро медонад, Ҷалолиддини Румӣ низ истисно набуд.

Боре ба ҳуҷраи яке аз шогирдони худ даромада, китоби ашъорашро дар зери шонаи шогирди хобида мебинад.

— Ана гап дар куҷост! – нидо мекунад ӯ. – Сухани моро пушти гӯш кардаанд! Ба Худо қасам, ки рӯҳи ашъорам аз Машриқ то Мағриб ба парвоз омада, дар фазои тамоми кишварҳои дунё садо хоҳад дод. Дар маҷлису маъбадҳо ба такрор хоҳанд хонд.

Ҷалолиддин ба абадияти башар, ки бовар дошт, ба абадияти худ низ шубҳа намекард. «Мо ҳамчун об гузаронем, вале чун май дар хуни халқ дар ҷӯшем. Бигзор дар хоки сарду хомӯш дар хобем, вале мисли киштинишинҳое, ки ба уфуқҳои дур нигариста, дар шиноянд, ҳамеша дар ҳаракатем.

Ҷалолиддин хато накарда буд. Ҳафт қарн аст ашъори ӯро дар масҷиду хонақоҳҳо, дар маҳфилҳову донишгоҳҳо мехонанд, олимон меомӯзанд, деҳқонони бесавод азёд медонанд.

Аз Ҳиндустон то Африқои Шимолӣ мутаффакири барҷастае нест, ки ашъори Ҷалолиддини Румиро нахонда ва таъсир набардошта бошад.

Дар асри нуздаҳум пешвои шӯриши мардумӣ дар Эрон Сулаймон Хон ғазали Мавлоно бар лаб бар сари дор рафт:

*Бинмой рух, ки богу гулистонам орзуст,*
*Бикшой лаб, ки қанди фаровонам орзуст.*
*Эй офтоби ҳусн бурун о даме зи абр*
*К-он чеҳраи мушаъшаъи тобонам орзуст.*
*Бишнидам аз ҳавои ту овози табл боз,*
*Боз омадам, ки соъиди султонам орзуст.*
*Гуфтӣ зи ноз беш маранҷон маро, бирав,*

*Он гуфтанат, ки беш маранҷонам орзуст.*
*В-он дафъ гуфтанат, ки бирав, шаҳ ба хона нест*
*В-он нозу бозу тундии дарбонам орзуст.*
*Дар дасти ҳар ки ҳаст зи хубӣ фарозҳост,*
*Он маъдани малоҳату в-он конам орзуст.*
*Ин нону оби чарх чу селест бевафо,*
*Ман моҳиям, наҳангаму Уммонам орзуст.*
*Яъқубвор восафоҳо ҳамезанам,*
*Дидори хуби Юсуфи Канъонам орзуст.*
*Валлоҳ, ки шаҳр бе ту маро ҳабс мешавад,*
*Оворагии кӯҳу биёбонам орзуст.*
*З-ин ҳамроҳони сустаносир дилам гирифт,*
*Шери жаёну Рустами Дастонам орзуст.*
*Ҷонам малул гашт зи Фиръавну зулми ӯ,*
*Он нури рӯи Мӯсии Имронам орзуст.*
*З-ин халқи пуршикояти гирён шудам малул,*
*Он ҳою ҳую наъраи мастонам орзуст.*
*Гӯётарам зи булбулу аммо зи рашки он*
*Мӯҳр аст бар даҳонаму афғонам орзуст.*
*Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,*
*К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.*
*Гуфтанд ёфт менашавад, ҷустаем мо,*
*Гуфт он ки ёфт менашавад, онам орзуст.*
*Ҳарчанд муфлисам, напазирам ақиқи хурд,*
*Кони ақиқи нодири арзонам орзуст.*
*Пинҳон зи дидаҳову ҳама дидаҳо аз ӯст,*
*Он ошкор санъати пинҳонам орзуст.*
*Худ кори ман гузашт зи ҳар орзуву оз,*
*Аз кону в-аз макон пайи арконам орзуст.*
*Як даст ҷоми бодаву як даст ҷаъди ёр,*
*Рақсе чунин миёнаи майдонам орзуст.*
*Мегӯяд он рубоб, ки мурдам зи интизор,*
*Дасту канору захмаи Усмонам орзуст.*
*Ман ҳам рубоби ишқаму ишқам рубобияст*

*В-он лутфҳои захмаи раҳмонам орзуст.*
*Боқии ин ғазалро эй мутриби зариф,*
*З-инсон ҳамешумор ки з-инсонам орзуст.*
*Бинмой Шамси мафхари Табрез рӯ зи шарқ,*
*Ман ҳудҳудам, ҳузури Сулаймонам орзуст.*

Ҷалолиддин ба забони форсии фасеҳи замони худ менавишт. Забони форсӣ дар асрҳои миёна дар Шарқи Наздик ва Миёна ҳамон нақши забони адабии байналмиллиро дошт, ки дар Аврупо забони лотин иҷро мекард. Ҷалолиддин ҳамчунин шеърҳое дорад, ки ба забони арабӣ- ба шеваи содаи Ҳалаб, ба забони халқии юнонӣ, ба забони туркӣ навишта шудаанд.

Ҳолӣ осори ӯ ба аксари забонҳои дунё тарҷума шудааст. Ашъори ӯ Гёте ва Гегелро мафтун карда буд. Шоири бузурги Ҳинду Покистон Муҳаммад Иқбол ӯро муаллим ва мураббии худ хондааст. Шоири барҷастаи Туркия Нозим Ҳикмат дар зиндон як силсила рубоӣ офарид, ки ду мисраъи охирини аз Ҷалолиддин Румист. Ва дар румони охирини худ аз «Маснавӣ» иқтибоси зиёд овардааст.

Ҷалолиддин худ ва муридонашро ошиқ меномид. Яке аз аввалин туркбачагони ошиқ, ки пешзамон аз соҳилҳои Баҳри Сиёҳ ба Қуния омада буд, то улуми замони худро аз бар намояд, дар охири умри Ҷалолиддин аз сӯҳбатҳояш файзёб гардид. Ва ҳангоми пирӣ ҳамаи инро дар шеърҳояш ба забони туркӣ нақл кард.

На писари Ҷалолиддин Султон Валад, ки баъди марги падар фирқаи дарвешон – мавлавияро асос гузошт ва ба туркӣ ба сурудани ашъор сар кард, бал ҳамин деҳқонбачаи узви ҷунбиши мардумии Бобо Исҳоқ меросбари афкори пешқадам ва идомадиҳандаи рӯҳияи исёнгаронаи ашъори Ҷалолиддин Румӣ гардид. Ӯ шоири бузурги турк Юнус Эмрӣ буд.

Аз ҳамон замон яъне шаш қарн аст, ки ду шохоби дарёи назми турк ҷорист. Яке аз онҳо назми ошиқона аст, ки дар

заминаи шеъри халқӣ бунёд ёфтааст ва Юнус Эмрӣ саромади он шинохта шудааст. Шохоби дуюм назми дарборист ва дар саргаҳи он Султон Валад қарор дорад. Ва ҳарду аз укёнуси бузург, ки Ҷалолиддин Румӣ ном дорад, манбаъ мегиранд.

Дар панҷоҳсолагӣ омода буд ин укёнусро дар китобе, ки ояндагон «Қуръон ба забони паҳлавӣ» ва худи ӯ «Маснавии маънавӣ» меноманд, ҷо бидиҳад.

Маснавӣ аслан шеърест, ки ҳар байти он қофияи алоҳида дорад ва дар ин жанр то кунун китобҳои зиёд таълиф шудааст. Вале вақте «Маснавӣ» мегӯянд, ҳамин китоби гаронқадри Ҷалолиддинро дар назар доранд.

«Маснавӣ» дар кӯча, ҳангоми сӯҳбат бо шогирдон, дар хона, дар ҳаммом, дар самоъ суруда шудааст. Ҳар вақте Ҷалолиддин аз ҳаяҷон ба шеъргӯи сар мекард, Ҳисомиддин аз ҷилбанд қоғаз, аз камарбанд рангдон ва аз қаламдон қаламро берун меовард ва худу дунёро фаромӯш сохта ба китобат меоғозид.

Аз умқи «Маснавӣ» на фақат садои шоир, бал сӯҳбати шогирдонро низ мешунавӣ. Онҳо суол медиҳанд, эътироз мекунанд. Суолҳои шогирдон шоирро ба сайри олами мусофиратҳояш мебарад, ба баҳс бо уламои замонаш мекашонад, ба тавтиаву дасисаҳои дарбор рӯ ба рӯ мекунад. Анъанаҳо мардумӣ, ривоятҳо, латифаҳо ва қиссаҳо, сураҳои Қуръон, ашъори Мутаннабӣ, Аттор ва Саноӣ, масалҳои падараш Султонулуламо, сӯҳбатҳои Шамсиддин, таълимоти Сайиди Сирдон – ҳамаи ин хиштҳоеанд, ки меъмори ин иморати боҳашамат озодона дар сохтмони он истифода бурдааст.

Аз муқаррабон ӯ Ҳисомиддин дар «Маснавӣ» авлавият дорад. Аз ӯ миннатдор аст, ки дасту дилашро ба навиштани «Маснавӣ» гарм нигоҳ медорад; тулӯъи хуршедро дида, аз ӯ узр мепурсад, ки шаби дароз мижа таҳ накарда навиштааст. «Ҳисомиддини ҷон бари домани маро раҳо намекунад, хоҳиш менамояд аз Шамс барояш қиссаҳо кунам».

Ҳам ҳарбу зарб, ҳам андарзҳои фалсафӣ, ҳам баҳс ва латифаҳо осон дар вазни шеър ҷойгузин гардидаанд. Шоир озод ва муназзам сухан мегӯяд, ки дар сӯҳбати одамони оддӣ на ҳама вақт муяссар мешавад, ҳарфу ҳиҷо мисли дарё аз забонаш ҷорӣ мешаванд. Ва ин озоду сода сухан гуфтан хонандаро баъд аз ҳафтсад сол ба ҳаводиси он даврон ҳамзамон месозад.

Саҳаргоҳе Ҷалолиддин эҳсос мекунад, ки кайҳо боз ба даҳон чизе набурдааст. Пас аз хӯрдани порае нон ба таассуф мегӯяд: «Ғизо ғалаёни афкорро хомӯш мекунад». Ва ба Ҳисомиддин аз таваққуф дар таҳрири «Маснавӣ» хабар медиҳад: «Аз қаноат комҳо ширин шавад».

Дар ҳамин ҷо ҷилди аввали «Маснавӣ» хатм мешавад.

Вале дафъаи дигар дер фаро расид. Аз он субҳе, ки Ҷалолиддину Ҳисомиддин баъд аз хӯрдани порае нон қаламу қоғазро ба замин гузоштанд, панҷ соли расо сипарӣ шуд.

Дар ин муддат ба сари Ҷалолиддин кулфати охирин дар ҳаёташ омад. Салоҳиддини Заркӯб дунёи фониро падруд гуфт.

«Мавлоно ва Салоҳиддин як ҷон дар ду тан буданд, - менависад Султон Валад. – Онҳо даҳ сол масти дидори якдигар буданд. Садоқатмандонашон перомуни онҳо ҷамъ. Мавлоно ва Салоҳиддин ду баҳрро мемонданду дигарон кафк буданд. Мавлоно ва Салоҳиддин ду моҳ буданду дигарон ситораҳо. Мавлоно ва Салоҳиддин ду подшоҳ буданд, дигарон чокар. Дасти имдоди онҳо ба ҳар кас мерасид».

Салоҳиддин кайҳо пир шуда буд, бар замми ин бемории ҳалокатовар рӯзҳои умри ӯро ба тадриҷ кам мекард.

Мавлоно тибқи одат ҳар рӯз ба аёдати ӯ мерафт. Вай бовар дошт, иродаи дӯсташ ин ноҷӯриро низ пушти сар хоҳад кард.

«Мавлоно мурдани ӯро намехост, - менависад Султон Валад. – Бинобар ин бемории Салоҳиддин тӯл кашид. Дар ниҳояти кор ӯ илтиҷо кард: «Иҷозат фармо, ин ҷаҳони фониро тарк гӯям, то аз азоб халос бишавам».

Мавлоно ба ягон хоҳиши Салоҳиддин бетаваҷҷӯҳ набуд. Ин бор низ ҳарчанд хеле пурдарду андӯҳбор буд, қабул кард. Агар Салоҳиддин фироқро интихоб кардааст, пас дардаш ҷонкоҳ аст.

Дуру дароз бо нигоҳ бо Салоҳиддин видоъ гуфт ва аз дар берун рафт, то дигар ӯро набинад.

Се рӯз Ҷалолиддин ба аёдати Заркӯб наомад. Салоҳиддин яқин кард: илтиҷояш пазируфта шудааст. Омодаи сафар шуд ва васият кард: «Маро на ба гиряву нола, бал бо чангу тарона ба гӯр бигузоред»

Шоир ва дӯстони ӯ хоҳишашро ба ҷо оварданд. 29 декабри соли 1258 маросими дафн баргузор гардид, ки амсолашро муслимин то ҳол надида буданд. Садои дафу доира, нолаи най ва суруди дарвешон баланд буд. Пешопеши тобут Мавлоно ба сари урён рақсону ғазалгӯён мерафт:

*Эй зи ҳиҷронат замину осмон бигриста,*
*Дил миёни хун нишаста, ақлу ҷон бигриста.*
*Чун ба олам нест як кас мар маконатро иваз,*
*Дар азои ту макону ломакон бигриста.*
*Андар ин мотам дарего тоби гуфторам намонд,*
*То мисоле вонамоям, к-он чунон бигриста.*
*Чун аз ин хона бирафтӣ, сақфи давлат даршикаст,*
*Лоҷарам давлат бар аҳли имтиҳон бигриста.*
*Дар ҳақиқат сад ҷаҳон будӣ, набудӣ як касе,*
*Дӯш дидам, он ҷаҳон бар ин ҷаҳон бигриста.*
*Чун зи дида дур гаштӣ, рафт дида аз паят,*
*Ҷон паи дида бимонда, хунчакон бигриста.*
*Ғайрати ту гар набудӣ, ашкҳо боридаме,*
*Ҳамчунин беҳ хунчакон дил дар ниҳон бигриста.*
*Машкҳо бояд, чӣ ҷои ашкҳо дар ҳарҷи ту,*
*Ҳар нафас хуноба гашта, ҳар замон бигриста.*
*Эй дарего, эй дарего, эй дарего, эй дарег,*

*Бар чунон чашми аён чашми гумон бигриста.*
*Шаҳ Салоҳиддин, бирафтӣ, эй ҳумои гармрав,*
*Аз камон ҷастӣ чу тиру он камон бигриста.*
*Бар Салоҳиддин чӣ донад ҳар касе бигристан,*
*Ҳам касе бояд, ки донад бар касон бигриста.*

Ва боз уламову муллоҳо бунёди фитна ниҳоданд: ин аҷлбохта ва кофар чиҳо мекунад? Вале касе ёро надошт бо Ҷалолиддин сару бар шавад.

Баъд аз азои Салоҳиддин шоир панҷ сол хомӯш буд. Шамсиддини Табрезӣ ки ба ҷони ӯ оташ афрӯхта буд, дар шӯълаҳои он худаш амсоли парвона сӯхт, вале Ҷалолиддинро шоир кард. Ва он оташ Ҷалолиддинро низ месӯхту хокистар мекард, агар Салоҳиддин Заркӯб зуҳур намекард. Дар ҳамнишинӣ бо Салоҳиддин шоир хираду бузургӣ омӯхт, ба кунҳи ҳама ҳаводис расид.

Акнун ҳама чиз сӯхтаву ҳама чиз гуфта шуда буд ва шояд Ҷалолиддин ба мисли мураббиаш, Сайид ба ботини хеш менигарист, агар илҳомбахши «Маснавӣ» Ҳасан Ҳисомиддин мулаққаб ба Ахи Турк набуд.

Фарзанди пири тамоми бародарони ахии Қуния Ҳисомиддин баъд аз сари падар аз вазифаи падараш даст кашида, хонақоҳе дар ихтиёр дошт ва «маҳрами асрор»-и шоир гардида буд. Ӯ касе буд, ки Шамсро эътироф карда, ба ӯ эътиқод баста буд, бо Салоҳиддин шоирро аз ҳуҷумҳои бекҳо ва уламо эмин нигоҳ медошт ва ҳамчун пири ахи амр дода буд муридонаш аз кор даст нашӯянд ва шоиру шогирдонашро кӯмаки пулӣ намоянд.

Ва вақте Салоҳиддин вафот кард, шоир ба сарварии пайравонаш «марҳами асрор»-ро баргузид. Акнун харҷи тамоми пул ва коло, ки ба номи Мавлоно ворид мешуд, дар ихтиёри Ҳисомиддин буд.

Боре Тоҷиддин Мутоз ном сарватманде аз шаҳри Оқсарой пули бисёре фиристод, то Мавлоно дар ҳақаш дуо

бикунад. Мавлоно тибқи маъмул онро ба Ҳисомиддин супорид.

— Дар хонаи худамон чизе намондаасту ту ҳамаро ба Ҳисомиддин медиҳӣ, - тоқат накарда гуфт Валад.

— Қасам ба номат, писарам, - ранҷид Ҷалолиддин. — Агар сад ҳазор сӯфию зоҳид аз гуруснагӣ бимиранд ва дар хонаи мо як табақ нон бошад, онро ҳам ба Ҳисомиддин хоҳам дод.

Касе аз дӯстон аз шоир суол кард:

— Аз се нафар – Шамс, Салоҳиддин ва Ҳисомиддин кӣ болотар аст?

— Эй бародар! – хитоб намуд шоир. – Шамс офтоб, Салоҳиддин моҳ ва Ҳисомиддин ситорааңд...

Вақте офтоб ғуруб мекунад, моҳ шабро рӯшан месозад. Ва агар моҳ дар паси абр дарояд, кӣ роҳи моро ба ҷуз ахтарон рӯшан хоҳад кард?!

Ҳисомиддин ишқи охирини ӯ буд, дар шахси ӯ ҳама гумкардаҳояшро медид, аз ин рӯ чун кӯдак дӯсташ медош ва ҳама хоҳиши ӯро иҷро мекард. Тибқи шаҳодати муосиронаш касе, ки онҳоро бори аввал медид, гумон мекард, ки Ҳисомиддин устод асту Мавлоно шогирду ӯ.

Ҳар қадар авроқи «Маснавӣ» тасниф мешуд, ҳамон қадар садоқати шоир ба Ҳисомиддин меафзуд. Ва аз саҳифа ба саҳифа тавсифи Ҳисомиддин зиётар мешавад. Ҳарчанд ба Ҳисомиддин ҳам панҷ сол лозим буд, то шавқи шоирро ба идомаи таълиф бедор созад.

Рӯзи понздаҳуми моҳи раҷаби соли 663 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба соли 1264 тақвими мелодӣ Ҷалолиддин мисраъҳои аввали ҷилди дувуми «Маснавӣ»-ро қироъат кард:

*Муддате ин маснавӣ таъхир шуд,*
*Мӯҳлате бояст то хун шир шуд.*
*То назояд бахти ту фарзанди нав,*
*Хун нагардад шири ширин, хуш шунав.*

*Чун Зиёулҳақ Ҳисомиддин инон,*
*Бозгардонид з-авҷи осмон.*
*Чун ба меъроҷи ҳақоиқ рафта буд,*
*Бе баҳораш гунчаҳо нокафта буд.*
*Чун зи дарё сӯйи соҳил бозгашт,*
*Чанги шеъри маснавӣ босоз гашт.*
*Маснавӣ, ки сайқали арвоҳ буд,*
*Бозгашташ рӯзи истифтоҳ буд.*
*Матлаъи таърихи ин савдову суд,*
*Сол андар шашсаду шасту ду буд.*

«Маснавӣ» китобест, ки амсолашро таърихи адабиёти ҷаҳон надида ва ҳоло ҳам намедонад. Фақат зикри ҳамин як нукта кифоя аст, ки шоир онро нанавишта, аз оғоз то анҷом қироъат кардааст. Шеър барои бо овози баланд хондан эҷод мешавад. Навоварие, ки ба шоирони асри XX нисбат медиҳанд, Ҷалолиддин ҳанӯз дар қарни X111 дар амал ҷорӣ кардааст.

«Маснавӣ» офаридаи бузургтарин устод ва халлоқи сухан аст. Он бе тарҳи пешакӣ ва риояи қавонини адабӣ, ба таври озод таълиф шудааст ва озодии афкор, рӯҳ,ифодаву таъбирот дар ҳар саҳифаи он таъмин аст. Ҳарчанд аз шаш ҳилду бисту панҷ ҳазору шашсаду ҳаштод байт иборат буда, дар муддати понздаҳ сол сурудa шудааст, боз ҳам як китоб аст.

Шоири бузург соҳиби тафаккури тавонои ассотсиативӣ буд ва ин имкон медод моҳияти падидаҳоро дарк ва бозгӯ кунад. Тафаккури ассотсиативӣ муҳаррики асосии «Маснавӣ» аст, ки аз диалектикаи Ҷалолиддин об мехӯрад.

«Маснавӣ» чӣ мегӯяд? Ҳам дар бораи вахдати ҷаҳону вахдати одамон ва ҳам дар хусуси гуногунии инсону дунёву ҷудоии инсонҳо. Ҳам дар бораи бузургии инсони комил ва ҳам дар хусуси заъфи инсон. Ҳам дар бораи муҳаббат ва ҳам дар хусуси нафрат.

Барои ба суоли «Маснавӣ» чӣ мегӯяд?» ҷавоб ҷустан,

китобе чун «Маснавӣ» навиштан лозим меояд.

Китобҳоеро бо чунин вусъати эпикӣ одатан як халқ дар тӯли қарнҳо менависад. Бо вуҷуд халлоқи «Маснавӣ» як нафар аст. Ва ба ин ба душворӣ бовар мекунӣ. Шояд аз ҳамин сабаб дар асрҳои миёна онро «Қуръон бар забони паҳлавӣ» номидаанд. Баъдҳо «Маснавӣ» бо номҳои «Қомуси сӯфия» ва «Қомуси адабиёти шифоҳии он замон» низ ёд мешавад. Ва дар баробари ин онро, бидуни шубҳа, маҷмӯаи донишҳои илмӣ, кодекси қавоиди ахлоқию этикӣ, дастури равоншиносӣ номидан мумкин аст.

«Маснавӣ» симфонияи мӯҳташами рӯҳи инсон ва талоши ӯ дар шинохти худ ва тамоми ҷаҳон аст.

Ин китоби ғайриоддиро тақдири аҷиб насиб гардидааст. Баъд аз офариниши он маснавихонҳое пайдо шуданд, ки тамоми китобро аз ёд медонистанд.

Дар Эрон, Осиёи Миёна, Ҳиндустон ва махсусан дар Осиёи Сағир мактабҳои махсус бо номи «Дорулмаснавӣ» арзи вуҷуд намудаанд, ки дар онҷо ба қироъату шарҳу тафсири он шӯрӯъ карданд. То имрӯз садҳо ҷилд шарҳу тафсири «Маснавӣ» ба забонҳои форсӣ, арабӣ ва туркӣ навишта шудааст,

Фақат таҳаммулнопазирии Аврупои асримиёнагии масеҳӣ ва ҳавобаландии Аврупои буржуазӣ, ки бисёр халқҳои соҳибтамаддуни дунёро барбару ваҳшӣ меҳисобиданд, шароити мусоид фароҳам наовард, ки то асри X1X Аврупо аз мавҷудияти ин китоб бохабар гардад.

## АБАДИЯТ

Ҳукумати Қуния рӯз то рӯз заъиф мешуд. Гоҳ дар инҷову гоҳ дар онҷо мардум аз ноилоҷӣ исён мекарданд. Мухолифати бекҳо, фасоди қуззот ва ваҳшонияти омилон дар ниҳоят ба харобии мамлакат сабаб гаштанд. Роҳҳо дар ихтиёри дастаҳои роҳзанон буд, касе аз онҳо гузар намекард. Фарҷоми давлати

як замон муқтадири салҷуқиён ногузир буд.

Ҷалолиддин шоҳиди инқирози он будан намехост. Даҳ сол сипарӣ шуд аз он рӯзе, ки Ҳисомиддинро халифаи худ таъйин карда буд. Ҷилди шашуми «Маснавӣ» ҳам ба охир мерасид.Ҳисомиддин мисли ҳарвақта охирин варақаҳои сиёҳнависро хонд ва бо дастури Мавлоно ислоҳ даровард. Фақат ҳикояти се шоҳзода нотамом монда буд. Онро аз «Мақолат»-и Шамс ёфта илова кардан мумкин аст. Ин корро Валад ҳам карда метавонад.

Ӯ дигар пайвастагие ба ин дунё надорад. Рӯзаш бад шудааст.

Пайкаре, ки қариб ҳафтод сол орому қарорро намедонист, дигар ба ӯ итоат намекард.

Дар яке аз мактубҳояш ба Ҳисомиддин навишта буд: «Тани инсон аспест бо ҳазорон захм, гоҳ заиф мешавад, гоҳ палангу гоҳ хари лангро мемонад, ҳоло ба амри дили ман гӯш намениҳад. Гоҳ ба ин тараф мебараду гоҳ ба он тараф. На шифо меёбад, на фано мешавад»

Кирахотун нотавонии ӯро дида, боре хитоб намуд:

—Ҳазратам сесад – чаҳорсад сол бояд зиндагӣ бикунанд, то олам аз файзашон баҳравар гардад!

— Чӣ мегӯӣ! Чӣ мегӯӣ! – норохат шуд Ҷалолиддин. – Ман фиръавн нестам!

Рӯзҳои зиёдро хомӯшона паси сар кард. Ва баъзан ашъори ғариб дар бораи марг мехонд.

*Мургон, ки кунун аз қафаси хеш ҷудоед,*
*Рух боз намоеду бигӯед куҷоед.*
*Киштии шумо монд бар ин об шикаста,*
*Моҳисифатон як дам аз ин об бароед...*
*Имрӯз шумо ҳезуми он оташи хешед,*
*Ё оташатон мурду шумо нури Худоед.*
*Он бод вабо гашту шуморо фирусонид,*
*Ё боди сабо гашт ба ҳар ҷо, ки дароед.*

*Дар ҳар сухан аз ҷони шумо ҳаст ҷавобе*
*Ҳарчанд даҳонро ҷавобе накушоед.*
*Дар ҳовани айём, чӣ дарҳо, ки шикастед,*
*Он сурмаи дидаст, бисоед, бисоед...*

Тирамоҳи соли 1273 дар Қуния сарду боронӣ ва сершамол омад.

Як рӯзи ҷумъа, ҳангоми бозгашт ба хона, шоир зери борон монда, саропо тар шуд. Субҳдам аз бистар барнахост. Таби баланди вараҷа рухсораҳои заъфаронӣ ва чашмонашро месӯзонд.

Кирахотун табибро фарёд кард. Ҳамон замон ёрони содиқаш, табибони машҳур Акмалиддин ва Ғазанфарӣ ба сараш ҳозир шуданд. Шоир мубталои вараҷа гашта буд.

Чанд рӯзе ӯро бо гиёҳҳо табобат карданд, хун гирифтанд. Таби бемор паст шуд.

Рӯзи чаҳоршанбеи дигар шаҳриён қариби субҳидам аз гулдуроси сахт бедор шуданд. Хонаҳо ба ҷунбиш даромаданд, мардум худро ба ҳавливу кӯча заданд.

Рӯзона боз ду бори дигар замин ҷунбид. Деворҳо фурӯ рафтанд, дар маҳаллаҳои бенавоён чанд кас ба ҳалокат расид. Аҳолии Қуния, бекҳо ва ҳатто худи Парвона хайма дар саҳро заданд.

Шомгоҳон шаш шайхи ахӣ аз бозорҳои ҳунармандон ба аёдати Ҷамолиддин омаданд. Валад онҳоро пешвоз гирифта, дар суфаҳо шинонд.

Шоир дар бистар такя ба болин менишаст. Пойҳояш дар даруни тағораи оби хунук буд, дар паҳлӯяш ҳам як косаи об буд, ки ҳар замон дасташро ба он тар карда, сари синаашро memолид.

Шайхони ахӣ на фақат барои аёдати бемор омада буданд. Онҳо бовар доштанд, ки шоир аз кулли ҳаракоти зери замин, рӯи замин ва само хабардор аст. Бинобар ин, мехостанд бидонанд, ки аз заминҷунбӣ боз чи хатареро интизор бояд

шуд. Вале вазъи беморро дида, намехостанд ӯро норохат созанд.

Ҷалолиддин нияти онҳоро пай бурд. Аз китобҳои кӯҳна барояш маълум буд, ки дар Қуния фақат ду такони аввали зилзила харобиовар буда метавонад ва он ҳам аҳён-аҳён. Баъд аз изҳори сипос, оҳиставу канда-канда гуфт:

— Аз зилзила наҳаросед! Хоки сиях қурбонии дигар мехоҳад. – Ӯ табассум карда, кафи дасташро ба сари синаи фурӯхамидааш гузошт. – Ӯро ба хок биспоред, то ором бишавад…

Субҳи рӯзи дигар шайх Садриддини Қуниявӣ бо либоси фохир ва дастори сеоршин ба хидмати Мавлоно омад. Мавлоно дидор ва сӯҳбати ӯро чандон хуш надошт, чароки зиёд аз ӯ озор дида буд. Қавли машҳур ҳаст, ки шоирон на аз беморӣ, бал бештар аз асари ранҷишу озор мемиранд.

Шайх таъзим карду фармуд, ки «шафо каллоҳу шафоан аҷидан» рафъи дароҷот бошад, умед аст, ки сиҳат бошад. Хидмати Мавлоно ҷони оламиён бошад. Фармуд, ки баъд аз ин «шафокаллоҳу» шуморо бод, ҳамоно ки дар миёни ошиқу маъшуқ пироҳане аз шаър беш намондааст. Намехоҳед, ки нур ба нур пайвандад:

*Ман шудам урён зи тан, ӯ аз хаёл,*
*Мехиромам дар ниҳоёти висол.*

Шайх бо асҳоби худ гирён шуданд ва ҳазрати Мавлоно ин газал фармуд:

*Чӣ донӣ ту, ки дар ботин чӣ шоҳе ҳамнишин дорам…..*
*Руххи заррини ман мангар, ки пойи оҳанин дорам.*
*Бад-он шаҳ, ки маро овард, ба куллӣ рӯй овардам,*
*В-аз он, к-ӯ офаридастам, ҳазорон офарин дорам.*
*Гаҳе хуршедро монам, гаҳе дарёи гавҳарро*
*Даруни газ фалак дорам, буруни зулл замин дорам*

*Даруни хумраи олам чу занбӯре ҳамегардам,*
*Мабин ту нолаам танҳо, ки хона(й) ангубин дорам.*
*Дило, гар толиби моӣ, баро бар чархи хазро,*
*Чунон қасрест ҳусни ман, ки амналоламин дорам.*
*Чӣ бо ҳавл аст он обе, ки ин чарх аст аз ӯ гардон,*
*Чу ман дуллоби он обам, чунин ширин ҳамин дорам.*
*Чу деву одамиву ҷин ҳамебинӣ ба фармонам,*
*Намедонӣ, Сулаймонам, ки дар хатам нигин дорам.*
*Чаро пажмурда бошам ман, ки бишкуфтаст ҳар узвам,*
*Чаро харбанда бошам ман, Буроқе зери зин дорам,*
*Чаро аз моҳ во монам, на ақраб кӯфт бар поям,*
*Чаро з-ин чоҳ барн-оям, чу ман ҳабли матин дорам.*
*Кабӯтархонае кардам кабӯтарҳои ҷонро*
*Бупар, эй мурғи ҷон, инсӯ, ки сад бурҷи ҳасин дорам.*
*Шуъоъи офтобаи ман агар дар хонаҳо гардам,*
*Ақиқу зарру ёқутам, валодат з-обу тин дорам.*
*Ту ҳар гавҳар, ки мебинӣ, биҷӯ дурии дигар дар вай,*
*Ки гар зарра ҳамегӯяд, ки дар ботин дафин дорам.*
*Туро гар гавҳар гӯяд машав қонеъ ба ҳусни ман,*
*Ки аз шамъи замир аст он, ки нуре дар ҷабин дорам.*
*Хамуш кардам, ки он ҳуше ки дарёбад, надорӣ ту,*
*Маҷунбон гӯшу мафребон, ки гӯши ҳушбин дорам.*

Сӯҳбат бо шайх барои шоир гарон афтод. Рӯзи дароз бемадору хомӯш хобид.

Рӯзи шанбеи шонздаҳуми декабри соли 1273 софу офтобӣ буд. Шоир худро беҳтар ҳис кард, то бегоҳ бо аёдаткунандагон сӯҳбат орост. Ҳисомиддин сӯҳбатро сабт намуд.

Тамоми рӯз Валад ва писари дигар аз зани дувумаш Олим Чалабӣ бо навбат дар сари болинаш истоданд.

Валад бар асари бехобии чандшаба сиёҳу афсурда метофт. Аз сурхии рухсораш нишоне намонда буд.

Субҳӣ зуд падар ӯро ба наздаш хонд ва чашмони аз бехобӣ сурхшудааш нигариста гуфт:

— Ҳоли ман беҳ шуд... Бирав, каме хоб бикун...

Валад гирён аз дар берун шуд. Ҷалолиддин аз ақиби ӯ нигариста, зери лаб гуфт:

*Рав сар бинеҳ ба болин, танҳо маро раҳо кун,*
*Тарки мани хароби шабгарди мубтало кун.*
*Моему мавҷи савдо, шаб то ба рӯз танҳо,*
*Хоҳӣ, биё бубахшо, хоҳӣ бирав, ҷафо кун.*
*Аз ман гурез, то ту ҳам дар бало наяфтӣ,*
*Бигзин раҳи саломат, тарки раҳи бало кун.*
*Моему оби дида, дар кунҷи ғам хазида,*
*Бар оби дидаи мо сад ҷой осиё кун.*
*Хиракушест моро, дорад диле чу хоро,*
*Бикшад, касаш нагӯяд, тадбир хунбаҳо кун.*
*Бар шоҳи хубрӯён воҷиб вафо набошад,*
*Эй зардрӯй ошиқ, ту сабр кун, вафо кун.*
*Дардест ғайри мурдан к-онро даво набошад,*
*Пас ман чигуна гӯям к-он дардро даво кун.*
*Дар хоб дӯш пире дар кӯи ишқ дидам,*
*Бо даст ишоратам кард, ки азм сӯи мо кун.*
*Гар аждаҳост дар раҳ ишқ аст чун зумуррад,*
*Аз барқи он зумуррад, ҳин, дафъи аждаҳо кун.*
*Бас кун, ки бехудам ман в-ар ту ҳунарфазоӣ,*
*Таърихи Бӯалӣ гӯ, танбеҳи Булало кун.*

Ҳисомиддин на бо ранг, бал бо хуни дилу дастони ларзон ин мисраъҳои муаллимашро китобат кард. Ин ғазал охирин гувоҳи муҳаббати ҷӯшонаш ба ҷаҳон, ба дарёҳои ашки равонкардаш буд – шояд онҳо рӯзе сангҳои осиёби Ҳақиқатро ба гардиш оранд. Ва ҳам як навъ умедворӣ аз он ки Валад на фақат ворису фурӯзоннигаҳдорандаи шамъи хотираи ӯ, ҳамчунин исёнгари содиқи роҳи Ҳақ низ хоҳад буд.

Якшанбе бо хомӯшии тазйиқовар гузашт. Ҳоли Ҷалолиддин якбора бад шуд.

Овоза дар ин хусус аввал дар бозори ҳунармандон, сипас дар хонақоҳҳои дарвешон, мадрасаҳо, масҷидҳо, хонаҳои шаҳриёну давлатмандон ва маҳаллаҳои бенавоёну деҳоти атрофи шаҳр паҳн гардид. Қуния дар интизории таркише дам ба дарун дошт.

Вақте курси заррини хуршед аз тори қуллаҳои кӯҳи Теккели рӯ ба ҷануби шаҳр овард, фарёду фиғони мардум кӯчаҳои шаҳрро пур кард.

Фарзанди воизи балхӣ Султонулуламо, шавҳари Гавҳар ва Кирахотун, падари Валад ва Олим Чалабӣ, муаллими Салоҳиддини Заркӯб, Ҳисомиддини Чалабӣ ва Алоуддини Сирёнус, табааи султонҳои салҷуқӣ, шайхи сӯфия, мударриси мадрасаи Қуния Мавлоно Муҳаммад Ҷалолиддин аз дорулфано ба дорулбақо реҳлат намуд.

Аммо муаллифи «Маснавӣ» ва «Девони кабир» яке аз бузургтарин шоирон ва ҳакимон Ҷалолиддини Румӣ абадан бо башарият монд.

*Зи кори ман агар гандум барояд,*
*Аз он гар нон пазӣ, мастӣ физояд.*
*Хамиру нон бо девона гардад,*
*Танӯраш байти мастона сарояд.*
*Агар бар гӯри ман ойӣ зиёрат,*
*Туро харпуштаам рақсон намояд.*
*Маё бе даф ба гӯри ман бародар,*
*Ки дар базми Худо ғамгин нашояд.*
*Занах барбаставу дар гӯр хуфта,*
*Даҳон афюну нуқли ёр хояд.*
*Бидаррӣ з-он кафан, бар сина бандӣ*
*Хароботе зи ҷонат дар кушояд.*
*Зи ҳарсӯ бонги ҷангу чанги мастон,*
*Зи ҳар коре бало бад кор зояд.*
*Маро ҳақ аз майи ишқ офаридаст,*
*Ҳамон ишқам агар маргам бисояд.*

*Манам мастиву асли ман майи ишқ,*
*Бигӯ, аз май ба ҷуз мастӣ чӣ ояд.*
*Ба бурҷи рӯҳи Шамсиддини Табрез*
*Бипаррад рӯҳи ман, якдам напояд.*

Шабро фарзандон, дӯстон ва шогирдон гоҳ хомӯшу гоҳ шеърхонон дар сари майити шоир рӯз карданд. Субҳдам азони муаззинон мардумро ба ҷаноза хонд.

Мардум дар хонаҳо, корвонсаройҳо, хонақоҳо ва мадрасаҳои Қуния интизори азон буданд ва баробари шунидани он ба кӯча баромаданд, то чанд қадам дастаи тобутро ба сари дӯш гиранд.

Вақте барои хондани ҷаноза тобути майитро ба масҷиди ҷомеъ мебурданд, анбӯҳи мардум – туркону хуросониён, юнониёну арманиён, - мусулмонон, масеҳиён, яҳудиён ҳар яке ба таври худ ба маросими видоъ шурӯъ намуданд. Ҳофизон Қуръон, раввинҳо Инҷил, масеҳиён Забур қироъат мекарданд, ошиқҳо рубобу дафу доира менавохтанд, мерақсиданд ва аз асари сурудхонӣ беҳушу бехуд мешуданд.

Муиниддини Парвона бо ишораи даст ба посбонон фармуд анбӯҳи мардумро парешон созад. Посбонон шамшерҳоро аз наём берун оварда, ба сари мардум тохтанд.

Фақеҳи пир, ки замоне суолҳои уламои имтиҳонгирандаро ба Ҷалолиддин расонида буд, тозон ба назди Муиниддини Парвона омад ва чаҳорқад шуда таъзим карду риши тор-торашро молида арз намуд:

— Эй вазири кабир! Аркони дин аз ту мепурсанд: «Насорову яҳудӣ дар маросими дафни шайхи мусулмонон чӣ кор мекунанд? Чаро онҳо ҷуръат карда ба дафни подшоҳи ислом омадаанд? Бифармой, онҳоро аз инҷо дур созанд, то мо осуда ҷанозаи бандаи Худо Ҷалолиддин Мухаммадро бихонем!...»

— Ту ҳақ ҳастӣ, фақеҳ! – посух дод ба ӯ Парвона.

Ва фармуд рӯҳониёни насоро ва яҳудиро ба наздаш ҳозир

кунанд. Аз онҳо талаб кард, ки пайравонашро аз издиҳом берун кашанд.

— Ё амиралмуслимин! – посух дод рӯҳбони калисои насорӣ падар Стефаний. – Мавлоно амсоли офтоб роҳи башариятро ба сӯи Ҳақиқат равшан мекард. Офтоб мутааллиқ ба ҳама аст. Магар худи ӯ нагуфта буд: «Ман бо ҳафтоду се мазҳаб якеам».

— Мавлоно нонро монад, - тақвият дод суханони ӯро раввини яҳудӣ Ҳайаффа. – Нон бошад, ба ҳама зарур аст. Дар куҷо дидӣ, ки гурусна аз нон рӯй битобад?

Муиниддини Парвона ноилоҷ даст афшонд. Чӣ кор ҳам мекард? Ҳеҷ кас қодир набуд дар ин издиҳом кофарро аз мусулмон ҷудо намояд. Ҳамаи онҳо пеши Ҷалолиддин яксон буданд.

*Боз о, боз о, ҳар он чи ҳастӣ, боз о,*
*Гар кофару ҷабру будпарастӣ, боз о.*
*Ин даргаҳи мо даргаҳи навмедӣ нест,*
*Сад бор агар тавба шикастӣ боз о.*

Тобутро рӯи суфаи сангин гузоштанд. Шайх Садриддини Қуниявӣ тасбеҳ дар даст пеш баромад. Шоир хондани намози ҷанозаашро ба ӯ васият карда буд.

— Бифармо, о подшоҳи шайхон! – фарёд баровард мунодӣ. Ӯ суи тобут гом бардошт. Табиб Акмалиддин, ки чашмони шоирро бо дастони худ пӯшонида буд, тоқат накард:

— Хомӯш бош, мунодӣ! Танҳо Мавлоно подшоҳи шайхҳост!

Садриддин тасбеҳ дар даст дар ҷояш шах шуд. Хун ба сараш зад, мисле дар ҳузури тамоми мардуми шаҳр ба мунофиқӣ муттаҳам шуда буд. Рагҳои гарданаш ҷунбид ва яккад ба замин афтод.

Вақте ӯро burданд, қозӣ Сироҷиддин ҷанозаро хонд.

— Марҳум чӣ хел одам буд?

— Одами хуб! – бо як овоз ҷавоб дод издиҳом.
— Худо раҳматаш кунад?
— Раҳмат кунад!....

Ин рӯзи фаҷеъ ҳам ба охир расид. Дар паҳлӯи мақбараи Султонулуламои балхӣ ва усто Салоҳиддини Қуниявӣ теппачаи хурди хокӣ пайдо шуд. Издиҳом батадриҷ парешон гашт. Аз ҳама охир Ҳисомиддин ба тарафи шаҳри аз шафақ лолагун рӯ овард... Не, дӯсти ӯ акнун дар дили хоки сиёҳ не, дар қалби ӯ маъво гирифтааст. Муаллим рост гуфта буд:

*Баъд аз вафот турбати мо дар замин маҷӯ,*
*Дар синаҳои мардуми ориф макони мост.*

Бо гузашти ҳафтсад сол мо дар теппаи Алоуддини шаҳри Қуния истодаем. Аз деворҳои боруи як замоне боҳашамат – дарбори тавонотарин султони олами ислом асаре боқӣ намондааст. Аз ин ҷо масҷиди дар охири кӯчаи марказии шаҳр ҷойгирбуда хуб намудор аст. Гунбази сабзтобаш ранги амвоҷи баҳр ва ё осмони зимистони Қунияро ба хотир меорад.

Аз ин кӯча шашсаду наваду чор сол пеш Ҷалолиддини Румиро ба сафари охирин гуселонида буданд. «Қуббаи хазро» бо гунбази сабзаш дар болои қабр дуюним аср баъд арзи вуҷуд намуд.

Масҷид ҳоло осорхона аст. Дар инҷо ҷуббаи пахтагӣ, тоқиҳои хокистарии пашмӣ – сикке, авроқи шеърҳои аввалин ва китобҳои дастнависи муосирони шоир ба намоиш гузошта шудааст. Алам ва сарпӯши мунаққаши Шамсиддини Табрезӣ низ дар ҳамин ҷост.

Ҳангоми ворид шудан ба осорхона кафшҳоро мекашанд. Аз магнитафон садои форами мусиқии қадима – навои рубоб ва нолаи най ба гӯш мерасад. Дар витринаҳо ҳайкалчаҳои хурди ошиқон – дарвешони раққос гузошта шудаанд. Касе зери лаб сатрҳои дар коғазчаи сафеди девор сабтшудаи

ашъори Ҷалолиддинро замзама мекунад:

*Яке лаҳза аз ӯ дурӣ нашояд,*
*Ки аз дурӣ харобиҳо физояд.*
*Бар ҳар ҳоле ки бошӣ, пеши ӯ бош,*
*Ки аз наздик будан меҳр зояд.*

Деворҳои масҷидро хаттотони машҳури қарни XVI пур аз шеър кардаанд, ба пеши чашми бинанда чун гулистони шеър ҷилвагар мешавад.

Султонҳову вазирон кайҳо хоку туроб шудаанд. Касе фармону дастурҳои онҳоро низ дар хотир надорад.

Ҳафтсад сол сипарӣ шуд, вале мардум шабу рӯз ба зиёрати турбати Ҷалолиддин меоянд. Ҳар рӯз то шонздаҳ ҳазор нафар. Чаро?

Аз масҷид ба кӯча мебароем. Мисли он рӯзи дури дур шафақ дар самои Қуния лолагун месӯзад.

Хати сафеде, ки аз парвози самолёти реактивӣ барҷо монда, ба тадриҷ аз назарҳо нопадид мегардад. Хафтсад сол.

Гумон мекунам, Ҷалолиддини Румӣ аз парвози нахустин одам ба кайҳон дар шигифт намешуд. Ӯ итминон дошт, ки Инсони Комил бо нерӯи ақли худ кайҳонро тасхир хоҳад кард.

## МУНДАРИЧА

БОБИ I. НАҶОТ .......... 3
БОБИ II. ИНТИҲО ВА ИБТИДО .......... 26
БОБИ III. ГАВҲАР .......... 71
БОБИ IV. ҚАЛЪА .......... 111
БОБИ V. МУЛОҚОТ .......... 171
БОБИ VI. ДАРАВ .......... 226

**Радий Фиш**

**Ҷалолиддини Румӣ**
***(роман)***

Муҳаррири ороиш *У.Ашӯров*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*
Мусаҳҳеҳ *Р.Атоева*

Ба матбаа 28.06.2007 таҳвил гардид. Чопаш ба 20.08.07 ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 84x1081/32. Ҳуруфи адабӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 8,38. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 13,16. Адади нашр 1000 нусха. Супориши № 47.

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи ЧДММ "ЭР-граф" ба табъ расидааст.
734036, ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, 218

m10510
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

ISBN 978-99947-32-66-1